# Роҳи душвори сулҳ

## Гуфтугӯҳо бо сулҳофарон



Радиои Озодӣ

# Роҳи душвори сулҳ

*Гуфтугӯҳо бо сулҳофарон*

Душанбе 2021

ISBN 978-0-929849-23-2 (Тоҷикӣ)

Зери назари Салими Аюбзод

Таҳияи Маъсуми Муҳаммадраҷаб ва Абдуқаюми Қаюмзод
Ороиш аз Паула Вичиак-Чаваррия
Раҳбари тарҳ Люсия Кубескова
Мусаҳҳеҳ Гулбаҳори Муродӣ

## Хулоса

Эмомалӣ Раҳмон: “Саломи самимии маро ба ҳамаи кормандони Радиои Озодӣ расонед!” ....5
Сайид Абдуллоҳи Нурӣ: “Ҷанг болои мо таҳмил шуда буд” ....13
Гердт Меррем: “Ибораи “оштии миллӣ” дар навишт осон аст, аммо дар амал як озмоиши сахт” ....18
Владимир Горяев: “Сулҳ натиҷаи иродаи худи тоҷикон буд” ....24
Ҳоҷӣ Акбар Тӯраҷонзода: “Лағви парвандаҳо андешаи Нурӣ буд” ....40
Иброҳим Усмонов: “Роҳи сулҳ воқеан роҳи душворе буд” ....45
Сайид Абдуллоҳи Нурӣ: “Наҳзати исломӣ дар Тоҷикистон ҳукумати исломӣ мехост, вале...” ....66
Анатолий Адамишин: “Сулҳи тоҷикон як андоза маҷбурӣ ҳам буд” ....80
Сайид Абдуллоҳи Нурӣ: “Вақте номаш сулҳ аст, пас одилона аст” ....85
Ҷумъабой Ниёзов: “Ман аз зиндон баромадам ва паси мизи гуфтушуннид нишастам” ....116
Отахон Латифӣ: “Сулҳ бояд механизми иҷро ва назорат дошта бошад” ....125
Ливиу Бота: “Тоҷикон аҷаб рӯҳу дили шоирона доранд” ....128
Алиашраф Муҷтаҳиди Шабистарӣ: "Ман на сафир, балки як бародар будам." ....138
Мирзохӯҷа Низомов: "Протоколи Ғарм” таконе барои сулҳ буд." ....145
Акбар Тураҷонзода: “Ҳадафи асосии мо эҷоди сулҳи воқеӣ ва одилона аст” ....154
Оливер Руа: “Интизорот аз созиши сулҳ зиёда аз ҳад буд” ....162
Бурҳонуддини Раббонӣ : "Сулҳи Тоҷикистон ақибгоҳи моро мустаҳкам кард.” ....166
Иброҳим Усмонов: "Агар Тӯраҷонзода раис мешуд...” ....169
Ислом Каримов: “Ҳеч гуна неруи сеюм вуҷуд надошт” ....175
Ҷалолиддини Маҳмуд: «Ҳадафи мухолифон ҷангу ҳукумат набуд...» ....179
Рамазон Мирзоев: "Ҳарду тараф мехост, ки сулҳ шавад" ....191
Давлат Усмон: “Иҷлосияи Хуҷанд дуҳокимиятиро дар кишвар аз байн бурд” ....195

Ин китоб аз 22 суҳбате фароҳам омадааст, ки дар давраи гуфтушунидҳои сулҳи тоҷикон ва раванди баъдинаи сулофарӣ дар Тоҷикистон бо чеҳраҳои намоёни ин раванд анҷом шуда, аммо гоҳе фақат чанд банд ё ҷумлае аз онҳо дар гузоришҳо хабарӣ ё таҳлилӣ ба кор рафта, бахши умдаашон ба нашр нарасидааст. Онҳое, ки бо шеваи кори рӯзноманигорӣ ошноянд, чунин ҳолатро мефаҳманд. Гоҳе барои посух ёфтан ба як суол суҳбатҳои давомдоре ҷараён мегирад, посух дар матлаб ба кор меравад, вале як бахши бузурги гуфтаҳои дигар пас парда мемонанд.

Бахши дигаре аз мусоҳибаҳо замоне анҷом дода шудаанд, ки Радиои Озодӣ пойгоҳҳои гуногуни интернетӣ надошт ва онҳо танҳо ҳамчун садо дар радио пахш гашта, ба доираи фаротари ҷомеа дастрас набудаанд.

Гузари дигар ба сабти садои ин суҳбатҳо нишон дод, ки ин гуфтумонҳо арзиши бузурги таърихӣ доранд ва роҳи сахту сангини расидани Тоҷикистонро ба сулҳи пойдор рақам задаанд.

Радиои Озодӣ дар эҷоди сулҳи Тоҷикистон, ки ҷанги хонагии солҳои 1992 97 ро хотима дод, нақши муҳим ва созанда доштааст. Нахустин гуфтушуниди тарафҳои даргир ба шакли “дидорҳои телефонӣ” дар соли 1994 рӯйи амвоҷи ин расона садо дода, онро ба пули иртиботӣ миёни ҳукумат, мухолифон ва ҷомеа табдил дода буд. Бо оғози гуфтушунидҳо таҳти сарпарастии СММ расона дар бозтоби онҳо, шиносондани мавзеъгириҳои ду ҷониб ба ҳамдигар ва ҷомеа, наздик овардани тарафҳо, назорати расонаӣ ба иҷрои созишҳо ва ғайра ҳамаи мусоидати худро ба эҷоди сулҳ ва тафоҳум ба ҷой овардааст.

## Эмомалӣ Раҳмон: “Саломи самимии маро ба ҳамаи кормандони Радиои Озодӣ расонед!”



**Радиои Озодӣ:** Имрӯз ҳайати воломақоми Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ширкат дар мулоқоти таърихии сарони кишварҳои узви Паймони Атлантики Шимолӣ (НАТО) даъват шудааст. Ин иқдом дар ҷавоб ба нақши муҳими Тоҷикистон дар мубориза бо терроризм гирифта шудааст. Маълум аст, ки шумо дар мулоқоти шаҳри Прага на меҳмон, балки чун як узви фаъоли Эътилофи байналмилалии зидди терроризм ҳузур доред. Оё дар ҳошияи нишасти Прага ҷараёни амалиёти зиддитеррористӣ дар Афғонистон баҳс шуд? Оё Тоҷикистон кадом пешниҳоде барои пешбурди ин мубориза матраҳ намуд? Умуман, ба фикри Шумо, барои ҷавоб ба тақозоҳои асри нав НАТО чӣ гуна бояд бошад? Чӣ вазифаҳоро ба ӯҳдаи ин Паймон бояд вогузор намуд? Ва Тоҷикистон дар навбати худ дар бораи идомаи амалиёт дар Афғонистон чӣ фикру пешниҳод дорад?

**Эмомалӣ Раҳмон:** Саломат бошед. Аввало ман мехостам салому паёми худро ба ҳамаи кормандони Бахши тоҷикии Радиои Озодӣ расонам. Чунки эътиқоди ман ба кормандони махсусан Бахши тоҷикии Радиои Озодӣ хеле калон аст. Дигар он ки маълум аст, ки дар саммити Прага ҳайати давлатии ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун кишвари узви Шӯрои Ҳамкории Аврупову Атлантик ва барномаи

"Шарикӣ бахри сулҳ" ширкат меварзад. Тоҷикистон иштироки худро дар фаъолияти Шӯро ва барномаи номбурда ҳамчун яке аз самтҳои муҳими сиёсати хориҷии давлат маънидод мекунад. Тавре маълум аст, дар ин Шӯро 44 давлати ҷаҳон, аз ҷумла кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил узвият доранд. Мо ба таҷрибаи андӯхтаи Шӯрои мазкур ва механизми босамари машваратҳои сиёсӣ баҳои мусбат дода, онро чун ҷойгоҳи муҳокима ва ҷустуҷӯи ҳалли масъалаҳои мубрами замони муосир, аз ҷумла мубориза алайҳи терроризми байналхалқӣ ва гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир баррасӣ менамоем. Суханронии имрӯзаи ман дар саммити НАТО ва Шӯрои Ҳамкориии Аврупову Атлантик, ки маҷмӯи масъалаҳои марбут ба таҳкими сулҳу суботро баррасӣ менамояд, барои ман боиси ифтихору сарбаландист.

Ҳанӯз хеле пештар аз рух додани ҳодисаҳои фоҷиабори 11- уми сентябр дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико (ИМА) ба мардуми Тоҷикистон чӣ будани терроризми байналхалқӣ ва услубу амалияи он хеле хуб маълуму возеҳ буд. Ва ин тасодуфӣ нест. Зеро ки Тоҷикистон дар сафи пеши мубориза бар зидди ин ҳодисаи нангину хатарнок қарор дошт, ки таҷассумгари он низоми Толибон дар Афғонистони ҳамҷавор буд. Муносиби маврид лозим ба зикр аст, ки дар тӯли тамоми солҳои истиқлолият сиёсати ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба ин низоми террористӣ дар кишвари ҳамсоя собитқадамона, мақсаднок ва тағйирнопазир буд. Мақсади ғояи ба вуҷуд овардани минтақаи амн дар гирду атрофи Афғонистон, ки онро мо ҳанӯз дар соли 1998 аз минбари СММ пешниҳод карда будем, дар инҳисор гирифтани терроризми байналхалқӣ ва экстремизми низомии Толибон буд. Мо самимона хоҳони он мебошем, ки дар Афғонистон ҳарчӣ зудтар сулҳи пойдор ва ризояти ҷамъиятӣ пойдор гардад. Тоҷикистон мисли пештара омодааст ҷидду ҷаҳди ҷомеаи ҷаҳониро оиди эътидоли вазъ дар ин давлати ҳамсоя амалан пуштибонӣ намояд. Боиси қаноамандист, ки тибқи иттилои мавҷуда, пешниҳоди мо роҷеъ ба зарурати татбиқи ваколати нерӯҳои посдори сулҳ дар тамоми қаламрави Афғонистон имрӯз ҷанбаи амалӣ пайдо карда истодааст. Ин ақидаи худро аз рӯзи аввал иброз доштем ва пешниҳод ҳам карда будем, ки бе ҷойгир кардани қувваҳои сулҳҷӯ дар тамоми минтақаҳои Афғонистон натиҷаҳои ин амалиёт дар ин кишвар судбахш намешавад. Ва имрӯз ин назарияи мо ба инобат гирифта шудааст.

Мо муътақид ба он ҳастем, ки барои суст кардани решаҳои терроризм ва экстремизм ва паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар Афғонистон ҷомеаи ҷаҳонӣ уҳдадор аст қарорҳои конфаронси Токиоро дар бораи расонидани кӯмаки изҳоршуда дар ҳаҷми 4,5 миллиард доллари амрикоӣ бетаъхир ва пурра иҷро намоянд. Яъне, такрори хатоие, ки нисбати Тоҷикистон буд, дар мавриди Афғонистон такрор нагардад; давлатҳои қарздиҳанда дар 4 конфаронс барои барномаи барқарорсозии Тоҷикистон додани беш аз 1 миллиард долларро иброз доштанд, вале дар амал дар зарфи 5 - 6 соли охир ҳатто ҳамагӣ 1 фисади он ба Тоҷикистон пешкаш карда нашуд.

Ҷиҳати дигари масъала ин аст, ки амалиёти зиддитеррористӣ дар Афғонистон сарфи назар аз дастовардҳои низомию сиёсиаш ба инфрасохтори наркомафия дар Афғонистон халали ҷиддию назаррасе нарасонидааст. Баракс  - дар ин робита ба СММ ва умуман – ҷомеаи ҷаҳонӣ пешниҳод карда будем, ки Эътилофи васеи зидди маводи мухаддир таъсис дода шавад. Аз он ҷумла, имрӯз ин нукта дар баромади ман дар ин ҷамъомади пуршукуҳ низ буд.

Дар чорчӯби Шӯрои Ҳамкориҳои Аврупову Атлантик қабул шудану мавриди татбиқи амалӣ қарор додани нақшаи ҳамкорӣ дар мубориза бар зидди терроризмро мо ҳамчун амали саривақтӣ арзёбӣ менамоем. Иҷрои ин нақша ба ҳамкориҳои васею дарозмуддати байналхалқӣ дар бахши муқовимат ба терроризм ибтидо хоҳад гузошт. Мо итминон дорем, ки кӯмак ба кишварамон дар мавриди таъсиси нерӯҳои мусаллаҳ, таълими афсарон, рафъи офатҳои табиӣ, бунёди технологияҳои муосири иттилоотиву коммуникатсионӣ саҳми муҳими шарикони мо дар Шӯрои Ҳамкории Аврупову Атлантик дар ҷодаи фароҳам кардани минтақаи фарохи амниятӣ хоҳад буд.

**Радиои Озодӣ:** Муҳтарам Эмомалӣ Шарипович Раҳмонов, Президенти Тоҷикистон, дар пайи мулоқоти Прага шумо бо даъвати раисони ҷумҳурии Фаронсаву Иёлоти Муттаҳидаи Амрико аз ин кишварҳо боздид ба амал хоҳед овард. Аз ин вохӯриҳо чӣ интизориҳо доред?

**Эмомалӣ Раҳмон:** Боздидҳои ба нақшагирифтаи ман ба Фаронса ва ИММ аввалин боздидҳои расмии сардори давлати Тоҷикистон ба олами Ғарб маҳсуб меёбад. Мо чунин мепиндорем, ки ин боздидҳои расмӣ бояд сатҳи муносибатҳои ҷумҳурии Тоҷикистонро бо ин кишварҳои абарқудрати Ғарб ба зинаи сифатан

нав бардошта, барои ҳамкориҳои гуногун ва мутақобилан судманд ва ҷалби сармоягузорони амрикоиву фаронсавӣ ба иқтисодиёти ниёзманди Тоҷикистон роҳи фарох боз менамояд. Ба ин хотир мо зарур мешуморем, ки асоси кофию боэътимоди қарордодиву ҳуқуқии ин ҳамкориҳо зудтар эҷод гардида, равобити сиёсӣ дар сатҳҳои мухталифи байнидавлатӣ фаъол гардонида шаванд. Дигар он ки худи Фаронса яке аз аъзоёни фаъолу абарқудрати Иттиҳоди Аврупо аст. Ва дар ин ҷода муносибатҳои мо бо президенти ҷумҳурии Фаронса робитаҳоямон, ҳамкориҳои низомиву дигар дар созмонҳои байналмилалӣ хеле хуб аст. Инчунин худи президенти Фаронса – ҷаноби Жак Ширак ба мо изҳор доштанд, ки онҳо расман аз ҷониби худ дар Иттиҳоди Аврупо нисбат ба ҳамкорӣ кардани кишварҳои узви ин иттиҳод бо мо ёрӣ мерасонад ва ҷонибдорӣ мекунад. Ин бисёр муҳим аст барои мо.

**Радиои Озодӣ:** Муҳтарам Эмомалӣ Шарипович Раҳмонов, Президенти Тоҷикистон, оё дар ҳошияи нишасти Прага ҷараёни амалиёти зиддитеррористӣ дар Афғонистон баҳс шуд? Оё Тоҷикистон кадом пешниҳоде барои пешбурди ин мубориза матраҳ намуд? Ва Тоҷикистон дар навбати худ дар бораи идомаи амалиёт дар Афғонистон чӣ фикру пешниҳод дорад ?

**Эмомалӣ Раҳмон:** Ман борҳо таъкид карда будам ва ҷоиз мешуморам такрор намоям, ки бидуни ба вуҷуд овардани шароити мусоиди иқтисодӣ барои рушди Афғонистон ҳатто нисбатан ба эътидол овардани вазъи сиёсии ин кишвар ғайриимкон аст. Дар робита ба ин  мехостам таваҷҷуҳро ба як ҷанбаъ ҷалб намоям. Ман чунин меҳисобам, ки ҷомеаи ҷаҳонӣ бояд имконияти кишварҳои ҳамҷавор ба Афғонистонро афзун гардонад, то ки онҳо тавонанд ҳаҷми мадади худро ба хотири барқарорсозии иқтисодиёти ин кишвар васеъ кунанд. Дар натиҷа мо ба якчанд ҳадаф мерасем. Аввалан, ин иқдомот рӯҳияи ҳамкориву ҳамсоягии некро дар минтақа қувват мебахшад, ки аз лиҳози таъмини сулҳу субот дар Осиёи Марказӣ ва Ҷанубӣ хеле муҳим аст. Сониян, ба ҳалли проблемаҳои иқтисодиву иҷтимоии кишварҳои мо мусоидат мекунад. Ва билохира, чунин самти кор барои ҷомеаи ҷаҳонӣ хеле арзонтар мебуд. Баъзе лоиҳаҳо аз ҷониби баъзе аз кишварҳо омӯхта шуда истодаанд. Махсусан, аз ҷониби ИМА ва якчанд кишварҳои Ғарб сохтмони яке аз пулҳои калони байналмилалӣ дар Панҷи Поён, ки бояд дар оянда Тоҷикистонро бо Афғонистон пайваст намояд, ба нақша гирифта шуда истодааст. Ба наздикӣ мо як пулро дар қисмати шимолии Тоҷикистону Бадахшони

Афғонистон бо сармояи хориҷӣ ва Бунёди Оғохон ба истифода додем ва бунёди чор пули дигар низ дар ин минтақа дар нақша аст ва соли оянда пули дуюмро низ ба истифода медиҳем. Ва ин ҳам аввалин пули доиман боз байни Тоҷикистони соҳибистиқлол ва ҷумҳурии Афғонистон аст. Ва ин ҳам як воқеаи таърихӣ аст.

Албатта, лоиҳаҳои дигаре низ ҳастанд. Лекин бояд бигӯем, ки аз ҷониби Эътилофи кишварҳои мубориза бар зидди терроризми байналмилалӣ дар Афғонистон, мутаассифона, ваъдаи ҳамкориҳои ҷиддӣ ё кӯмак ба соҳаи иқтисодиёт, ки карда буданд, иҷро намешавад. Давлатҳои иштирокдори конфаронси Токио расонидани беш аз 4,5 миллиард доллар кӯмак ба Афғонистонро ваъда карда буданд, вале  расонида намешавад. Бисёр лоиҳаҳо дар арафаи омӯзиш қарор доранд. Ман фикр мекунам, ки солҳои оянда ҳама чиз ба чигунагии  вазъи амниятии Афғонистон ва Осиёи Марказӣ вобастагӣ хоҳад дошт. Ваъи амниятии Осиёи Марказӣ ҳам, пеш аз ҳама, вобастагӣ дорад ба вазъи Афғонистон.

**Озодӣ:** Оё зимни сафарҳои аврупоӣ ҳайатҳои соҳибкорон низ Шуморо ҳамроҳӣ хоҳанд кард ва дар иҷрои кадом лоиҳаҳои иқтисодӣ Тоҷикистон ба тақдими имтиёзҳо ҳозир аст. Ва агар ҳозир аст, ин чӣ имтиёзҳо ҳастанд?

**Э. Раҳмон:** Бояд гуфт, ки ин гуна лоиҳаҳо дар Тоҷикистон кам нестанд. Имрӯз барои ҷалби сармоягузориҳо ба соҳаҳои мухталиф ва қабл аз ҳама, бахши энергетика, барқи обӣ, аз худ кардани захираҳои минералӣ, саноати хӯрокворӣ ва нассоҷӣ, коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, истеҳсоли маводи тиббӣ, туризми кӯҳӣ, алпинизм ва ғайра дар Тоҷикистон фазои мусоиди инвеститсионӣ ва ҳуқуқӣ муҳайё гардидааст. Зиёда аз ин иҷрои иҷрои баъзеи онҳо, махсусан - масъалаи анҷоми сохтмони нерӯгоҳҳои барқи обии Роғун ва Сангтӯда на фақат барои ҳалли проблемаҳои тезутунди Тоҷикистон, балки тамоми минтақа аҳамияти бузург касб карда метавонанд. Он паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар кишвар, ҳалли проблемаҳои экологӣ ва таъмини иқтисодиёт ва аҳолӣ бо нерӯи барқ ва оби нӯшокии зулолро дар назар дорад. Ба пиндори мо, яке аз роҳҳои ҳалли масъалаҳои номбурда таъсис додани консорсиумҳои байналхалқии молиявӣ бо иштироки Бонки ҷаҳонӣ ва ширкатҳои бузурги сармоягузории кишварҳои манфиатдор мебошад. Чунки ин кор аллакай шурӯъ шудааст. Махсусан барои дар оянда эълон кардани консорсиуме дар бораи нерӯгоҳи барқи обии Роғун бо ширкати сохтмонии «Балтика»  ба маблағи беш аз 100 миллион доллар

меморандум ба имзо расонда шудааст. Ин дар гуфтугӯи дуҷонибаи байни ширкати “Барқи тоҷик” ва ин ширкат ҳосил шудааст. Ва ба наздикӣ намояндаи махсуси раиси Бонки ҷаҳонӣ дар Тоҷикистон оиди ин масъала буданд. Мо оиди ҳамкориҳо дар ҷабҳаи идомаи НОБ-и Роғун гуфтушунид доштем ва ба ифоқа ҳам расидем, ки диққати Бонки ҷаҳониро ба ҳамин Лоиҳа ҳамчун як ҳамоҳангсоз барои омода кардани он ҷалб намоем. Барои омода кардани лоиҳаи бунёди НОБ-и Роғун маблағ даркор. Ҳоло аз ҷониби Бонки Осиё 750 ҳазор доллар ҷудо шудааст ва маблағи боқимонда барои омода кардани лоиҳа аз ҷониби Бонки ҷаҳонӣ ба тариқи грант ҷудо карда мешавад. Инчунин, ҳозир як мушкили дигар омузиши бозор аст. Қувваи барқ ба чиву ба куҷо бароварда мешавад? Оё чӣ қадар ба дохили Тоҷикистон ва чӣ қадар ба хориҷа фурӯхта мешавад? Ин ҳамаро ҳисобу китоб кардан даркор. Ва кӣ аст ин харидори қувваи барқ?

Дирӯз ман бо соҳибкорони Палатаи савдои ҷумҳурии Чехия ва як қатор раисони ширкатҳои калони худи ин кишвар суҳбат доштам. Ду ширкат изҳор доштанд, ки хоҳиши оянда ҳамкорӣ кардан дар соҳаи энергетикаи хурд ва сохтмони ҳамин неругоҳҳои барқӣ доранд. Мо даъват кардем, онҳо изҳор карданд, ки омода ҳастанд ба Тоҷикистон ташриф биёранд ва омӯзанд.

**Озодӣ:** Шумо имрӯз бо сарвазири Италия, Силвио Берлускони̇̄, мулоқот доштед. Оё дар ин мулоқот ҳам ҳамкориҳои иқтисодӣ баҳс шуд?

**Э. Раҳмон:** Албатта. Пеш аз ҳама, ҳамкориҳои иқтисодӣ. Мо ҳоло бештар ба кадом кишварҳое, ки муносибатҳои дипломатӣ дорем, дар сиёсати хориҷии мо ҳамкориҳои иқтисодӣ дар ҷои аввал гузошта мешавад. Ва суҳбате, ки доштем, бо сарвазири Италия бештар дар бораи ҳамкориҳои иқтисодии Тоҷикистону Италия буд. Дар Италия то ҳол ширкати барқӣ давлатӣ аст. Онҳо таҷрибаи хуби сохтмони нерӯгоҳҳо, махсусан нерӯгоҳҳои обии баркро доранд. Сарвазири Италия изҳорот доштанд, ки супориш медиҳанд, намояндагони ин ширкат ба Тоҷикистон ташриф меоранд, меомӯзанд, дар оянда махсусан дар соҳаи энергетика ҳамкории хуб карда метавонанд. Ва мо низ худашонро даъват намудем, онҳо ҳам моро даъват карданд ба Италия, ки сафари расмӣ дошта бошем. Махсусан, ки Италия дар оянда шояд, қувваҳои сулҳҷӯи худро дар Афғонистон зиёд намояд. Дар мавриде, ки қувваҳои сулҳҷӯ дар дигар манотиқи Афғонистон зиёд карда мешавад. Чун дар он ҷо қувва ҷо лозим аст. Низомӣ даркор аст. Барои ҳамин ба ифоқа расидем, ки гурӯҳи дар сатҳи ҳукуматӣ дар оянда дар бораи баланд бардоштани сатҳи

муносибатҳои дуҷонибаи Тоҷикистон ва Италия омодагӣ мегиранд ва ин ҳамкориҳоро дар оянда густариш медиҳанд.

**Озодӣ:** Муҳтарам Эмомалӣ Шарипович, тобистони соли равон бо дастгирии шумо дар ҷумҳурӣ аввалин радиои мустақил фаъол шуд. Оё ба мисли он имкони пахши барномаҳои тоҷикии Радиои Озодӣ дар мавҷи мутавассит имкон дорад? То ин ки мардум имкон дошта бошанд, ки барномаҳои мо, мисли имрӯза сафари хориҷии шуморо сари вақт, бо кайфияти хубе шунида тавонанд.

**Э. Раҳмон**: Доир ба ин масъалаи бардоштаи шумо ман ҳоло ҳеҷ чӣ ҷавоб дода наметавонам. Чунки ин мавзӯъҳоро мо бояд омӯзем. Омӯзем ва умуман агар оянда мо давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва дорои ҷомеаи шаҳрвандӣ сохтанӣ бошем, бе матбуоти озод, бе ахбори умуми озод ин равандҳоро дар ягон давлати ҷаҳон ҷорӣ кардан намешавад. Яке аз самтҳои асосии  ҷомеаи шаҳрвандӣ ҳамин аст. Мо ин ниятро дорем ва аз ҳоло корҳоро шурӯъ кардаем. Барои ҳамин ҳар он нияте, ки мо мекунем ё қароре қабул мекунем, ё кӯмаке, дастгирие кардем, пеш аз ҳама, аз он аст, ки баъзан дар системаҳои шохаҳои ҳокимият ҳоло ҳам ҳамон зеҳнияти кӯҳна ҳаст. Худи сохтор, системи давлатӣ кӯҳна нест, зеҳнияти шахсиятҳое, ки дар шохаҳои давлатӣ фаъолият мекунанд, кор мекунанд, кӯҳна аст. Ҳоло ҳам баъзе ҳамон менталитети карахтӣ боқӣ мондааст. Инро ҳам бояд мо дуруст дарк кунем. Баъзан ислоҳ мекунем. Албатта, барои ин ҳам вақт даркор. Аммо зӯракӣ дар як шабонарӯз ислоҳ кардан намешавад. Буданд ҷумҳуриҳое, ки як шаб ҳизбҳои комунистӣ доштанд, дар шаби дигар ба "ҳизбҳои демократӣ" табдил доданд. Ман фикр мекунам, инро ҷомеаи мутамаддин дуруст дарк мекунад. Мардуми солимфикр дарк мекунанд, ки ин чӣ маъно дорад.

Дар Тоҷикистон баъзе махсусиятҳое ҳаст, ки дар ҷойҳои дигар дида намешавад. Ва мо аз аввал то имрӯз ва оянда низ барои густариш додани ҳамкориҳои ҳарчӣ бештару хубтар дар ҳамаи сатҳҳо  бо кишварҳои авупоӣ кӯшиш карданамон даркор аст. Пеш аз ҳама – ҳамин. Ин барои чӣ зарур аст? Барои дар оянда дар худи Тоҷикистон инкишоф додани институтҳои демократӣ таҷрибаи ин ҷоро омӯхтанамон даркор. На ин ки танҳо дар фикру андешаи аз худ кардани технологияи пешқадам бошем. Ягон давлати мутараққии дунё ба кишвар ё минтақаи дигар ҳамту бароварда намедиҳад, пеш аз ҳама, манфиатҳои давлати худро андеша карда, баъд ҳамкорӣ мекунад. Ҳамин хел бароварда намедиҳад, ки мана, ин технологияи ман, навсохта ва мавриди истифода қарорёфтаро ба шумо

ҳадя мекунам. Дигар ин ки мақсади мо дар оянда ҳамроҳ шудан ба ҷомеаи мутамаддин аст. Ва ҷомеаи мутамаддинро дар худи Осиёи Марказӣ бунёд кардан бисёр мушкил аст. Бо кадом кишварҳо бештар ҳамкорӣ карданамон даркор? Пеш аз ҳама, албатта, бо кишварҳои ҳамҷавор, ҳамзабон, ҳамхун, таъриху фарҳанги муштарак дошта. Лекин мо бештар фикр мекунем, ки бо онҳо чӣ гуна ҳамкорӣ кунем – ҳар чӣ хубтару беҳтар аст , мо мегирем барои худ. Лекин мо, ки мехоҳем дар оянда ҷомеаи мутамаддин, пешрафта, тараққикарда, ба ҳамаи шарту шароитҳои талаботҳои созмонҳои байналмилалӣ ва ҳуҷҷатҳои байналмилалӣ ҷавобгӯ бисозем, барои ин, пеш аз ҳама, ҳамкориҳои хуб бо кишварҳои Аврупо доштанамон даркор аст. Мақсади асосии мо ҳамин аст. Мо ба ҳама кишварҳо гуфтем, ки сиёсати мо сиёсати дарҳои кушода аст. Мо бо ҳамаи кишварҳо, бо Амрико ҳам мақсади ҳамкорӣ кардан дорем. Ин мақсадмон буд, ҳаст, мемонад. Ман фикр мекунам, ки имрӯз барои мо шароити хубе фароҳам аст. Вагарна Иёлоти Муттаҳидаи Амрико дар куҷосту Тоҷикистон дар куҷо? Ин пеш аз ҳама, нишони эътирофи як худи Раҳмонов не, эътирофи миллат ва давлати тоҷикон аст. Ин бояд ифтихори ҳамаи мардуми тоҷик, миллати тоҷик бошад. Ва мо бояд ҳамкориҳоро густариш диҳем. Ман фикр мекунам ин ба манфиатиояндаи миллату давлати тоҷикон мешавад.

**Озодӣ:** Ташаккур.

**Э. Раҳмон:** Саломат бошед. Саломи самимии маро ба ҳамаи кормандон расонед.

*Мусоҳиб Искандари Хоҷа Мирзода. Прага, 2001.*

## Сайид Абдуллоҳи Нурӣ: “Ҷанг болои мо таҳмил шуда буд”



**Радиои Озодӣ:** Шумо соли 1993 дар Афғонистон бо Евгений Примаков, ки раиси вақти Хадамоти иктишофии Русия буд, сӯҳбат доштед. Лутфан, бигӯед, ки сӯҳбати Шумо пиромуни чӣ мавзӯъ сурат гирифта буд ва умуман чӣ зарурате пеш омада буд, ки як мақоми баланди Русия барои вохӯрӣ бо Шумо ба Афғонистон биравад

**Сайид Абдуллоҳи Нурӣ:** Воқеан, соли 1993 мо дар Кобул бо Евгений Примаков мулоқот доштем, ки он баъд аз вуқӯи ҳодисаи марбут ба постгоҳи 12-ум сурат гирифта буд. Дар ин мулоқот метавон гуфт, аввалин бор масъалаи бо роҳи гуфтушунид ҳал гардидани қазияи Тоҷикистон ба миён омад ва он замон Примаков пешниҳод намуд, ки чаро масъалае, ки бо роҳи гуфтушунид ҳал шуданист, бо роҳи хушунат ҳал гардад. Мо ҳам дар ин вохӯрӣ омодагии худро барои музокирот ва расидан ба сулҳ эълом кардем ва аз ҷумла гуфтем, ки мо мазлумем, аз хонаву кошонаи хеш берун карда шудаем ва имрӯз, ки мехоҳем баргардем ба манзилу Ватани хеш, нерӯҳои Шумо намегузоранд, ин кор сурат бигирад. Агар Шумо роҳеро пайдо намоед, ки мо битавонем баргардем ва касе дар ин роҳ садди мо нагардад, мо ҳозирем, пушти мизи гуфтушунид нишинем.

Метавон гуфт, ки ин аввалин суҳбатҳо барои дастёбӣ ба сулҳ буд. Соли 1997, вақте Созишномаи сулҳ дар Маскав ба имзо расид, Евгений Примаков аз ин хусус

ёдовар шуданд ва иброз доштанд, ки мо хишти аввали бинои сулҳро ҳамроҳ бо ҷаноби Нурӣ гузошта будем ва имрӯз ҳам охирин хишти ин биноро бо ҳам мегузорем. Мо мулоқоти танҳо ба танҳо надоштем ва вохӯрии мо дар ҳузури намояндагон ва ҳатто раисиҷумҳури вақти давлати исломии Афғонистон, сурат гирифта буд. Сӯҳбати мо асосан бо кӯмаки тарҷумон мегузашт, вале дар ин миён ману Примаков як каме бо забони русӣ бо ҳам гуфтугӯ ҳам намуда будем. Инҷо бояд ёдовар шуд, ки се соли музокирот байни тоҷикон он қадар натиҷаи ризоиятбахш надод. Баъд аз он ки ҷаноби Примаков вазири умури хориҷии Русия таъин гардид, ҳайати намояндагоне, ки аз ҷониби Русия буданд ва ҳам ҳайате, ки дар музокирот байни тоҷикон ширкат мекарданд, тағйир ёфтанд ва баъд аз ин таҳаввулот, фикр мекунам, ҳудуди як сол нагузашта, музокирот натиҷаи худро дод ва Созишнома ба имзо расид.

**Радиои Озодӣ:** Аввалин боре, ки бо Эмомалӣ Раҳмонов (ҳоло Раҳмон – идора) ба мулоқот нишастед, чӣ тавр бархӯрд ва саломуалейк намудед?

**С. А. Нурӣ:** Ба фикрам, мулоқоти аввалини мо дар Кобул иттифоқ афтода буд. Вақте мо бо якдигар вохӯрдем, намедонам бархӯрду чеҳраи ман чигуна буд. Инро бояд аз президент Раҳмонов пурсид, зеро фикр мекунам, ӯ ин ҳолатро дар хотир дорад, вале чеҳраи ӯ хеле кушода ва хандон буд. Аз ҷояш бархест ва ба истиқболи ман омад ва ҳарду гарм ба сӯи якдигар оғӯш кушодем ва мисли касоне, ки гӯиё аслан ҷанг надошта бошем, аз кору зиндагии хеш пурсон шудем.

**Озодӣ:** Чизи дигар дар ҳоли ҳозир ворид кардани тағйиру иловаҳо ба Қонуни асосӣ аст, ки ҳадафи онро коршиносон тағйири чанд моддаи асосии Сарқонун номиданд. Намояндагони аҳзоби сиёсӣ вобаста ба ин масъала бо ҳар шевае мавқеи худро муайян намуданд. Ба назари Шумо, нақши аҳзоби сиёсӣ дар баробари ҳукумат чӣ гуна аст: ҳар чизе, ки ҳукумат мехоҳад бидуни дарназардошти назари аҳзоб амалӣ менамояд?

**С. А. Нурӣ:** Тоҷикистон як кишвари тоза аз ҷанг берун баромада аст ва ҳанӯз ҳам истиқлоли комили худро пайдо накардааст. Ҳизбҳои дигар шояд битавонанд нисбат ба иқдомоте, ки анҷом мегиранд, як мавқеъгириҳои бисёр шадид дошта бошанд ва ин ҳеҷ натиҷаи баде ҳам надошта бошад. Зеро онҳо тарафи қазия набуданд ва ҳар чизе, ки дилашон мехоҳад, мегӯянд ва аз дасташон ҳам ҳеҷ коре намеояд. Вале Ҳизби наҳзати исломии Тоҷикистон (ҲНИТ) фарқ мекунад, он як

нерӯи қудратманди ҷомеа аст, нерӯи ҳам сиёсӣ ва дар гузаштаи начандон дур нерӯи низомӣ. Агар силоҳро ҳам ҷонибдорони ҳизб ба хотири сулҳ ба замин гузошта бошанд, вале таҷрибаи силоҳ доштанро доранд ва он афроду фармондеҳоне, ки силоҳро чанд сол истифода намуда буданд, ҳанӯз ҳам дар байни ҷомеа ҳастанд. Бинобар ин, мо ҳамчун роҳбари ин ҳизб наметавонем, барои мисол, муборизи сарсахт бошем. Борҳо гуфтем ва боз ҳам мегӯем, ки баргузории ин референдум (раъйпурсӣ) бемаҳал буд ва ҳаст. Фикр мекунам, дар шароити феълӣ ҳеҷ гуна зарурате бар ин гуна тағйирот набуд.

**Озодӣ:** Онҳое, ки дар оғози мубориза ҳамроҳи Шумо буданд, аз ҷумла Давлати Усмон ва Ҳоҷӣ Акбари Тӯраҷонзода, имрӯз ҳамроҳи Шумо нестанд. Чӣ боис шуд, ки онҳо аз Шумо ҷудо шуданд: ақидаҳо тағйир ёфтанд ва ё муносибати байни ҳамдигарии роҳбарияти ҳизб сабаб гардид, ки ин ҷудоӣ ба миён ояд?

**С. А. Нурӣ:** Ман тарафдори ин назар ҳастам, ки ҳизб бояд марбут ба шахсият набошад. Масалан, ҷаноби Тӯраҷонзода ва Давлати Усмон, ки рафтанд ва ҳоло бо мо кор намекунанд, аз ин ба Ҳизби наҳзати исломии Тоҷикистон ҳеҷ зиён ва зарар ворид нагаштааст. Ман шахсан аз ин чиз хеле хурсандам. Агар худи ман хаста шавам ва ё натавонам, ки кор бикунам ва ё биравам, чун системма ҳаст, ҳар каси дигар биёяд, метавонад кор кунад. Мехоҳам посухи ин суолро бипурсам, чаро ҳизбҳои ғайриисломӣ, ки ҳамеша афродашон тағйир меёбад ва ё дар давлатҳои ғайри низоми исломӣ як нафар президент мешавад аз мақом мераванд, ё вазир истеъфо медиҳад ҷояшро каси дигар мегирад, чизи ғайритабиие иттифоқ намеафтад, баръакс, ҳама хурсанд мешаванд. Вале чаро дар кишварҳои исломӣ аз ин амри оддӣ ва падидаи табиӣ проблема месозанд, ки чаро ва барои чӣ фалонӣ рафт ва даҳҳо суоли дигар ба миён мегузоранд. Ин шахсиятҳое, ки Шумо ёдовар шудед, ба ақидаи банда, аз лиҳози фаъолияти ҳизбӣ мутаваққиф шуданд, аммо ҳамчун фарди мӯъмину мусалмон барои нафъи ислом кор мекунанд. Модоме ки онҳо дар ҳар куҷое, ки ҳастанд ва ба манфиати ислому имони хеш фаъолият мекунанд, ҳеҷ вақт аз чаҳорчӯбаи аҳдоф ва сиёсати ҳизби мо берун нестанд.

**Озодӣ:** Мегӯянд, ки ҲНИТ аз мардуми як маҳал таркиб ёфтааст ва ягон нафар намоянда аз минтақаи шимол дар симмати муовинат ва роҳбарикунанда нест?

**С. А. Нурӣ:** Ин матлаб, ки Шумо мегӯед, комилан нодуруст аст. Шамсиддин Шамсиддинхон, муовини фарҳангии раиси ҲНИТ, аз шимоли кишвар аст.

Ҳамчунин, масъулияти муовинати дабири кулли ҳизбро низ намоянда аз шимол бар ӯҳда дорад. Фикр мекунам, бояд коре кунем, ки бемории шимолу ҷанубгароӣ, яъне маҳалбозиро ҳадди ақал битавонем дар доираи ҳизб аз байн бибарем, агарчӣ ин хоси ҷомеаи Тоҷикистон аст. Шумо худ медонед, ки яке аз падидаҳои номатлуб ва манфури ҷомеаи имрӯзаи мо маҳз ҳамин маҳалгароист. Мо медонем, ки аз ин падида чӣ қадар ҷомеа зиён мебинад, ҳатто дар ин замина афроде сари кор меоянд, ки онҳо салоҳияти корро ҳам надоранд.

**Озодӣ:** Ҳар вақт сари масъалаи сулҳ сухан равад, ёдовар мешаванд, ки онро ду нафар –президент Раҳмонов ва Шумо ҳамчун роҳбари ҲНИТ ба кишвар овардаед. Агар, воқеан, ҳамин тавр бошад, суоле пайдо мешавад, ки ҷангро кӣ ба кишвар овард?

**С. А. Нурӣ:** Аввалан, танҳо ду нафар қудрати онро надоранд, ки бо ин ҳама мушкилот сулҳ биёранд. Дар мавриди ҳукумат ман чизе гуфта наметавонам, шояд як нафар оварда бошад, вале аз ҷониби худ гуфта метавонам, ки барои ба даст омадани сулҳ аз ҷониби мо ҳама саҳм доранд. Ман фақат ин ҷараёни роҳуфтодаро роҳбарӣ кардам. Агар фармондеҳоне, ки нерӯ ва силоҳ доштанд, худашон тасмими сулҳро намегирифтанд, ҳаргиз сулҳ намешуд, новобаста ба он ки инро ман мехостам. Нақши ман фақат ҳамин буд, ки идеяи сулҳ ва зарур будани онро дар афкори онҳо ҷо кардам. Ба ақидаи ман, ҷанг аз берун ба кишвари мо омад, яъне онро аз берун ба мо таҳмил карданд. Инҷо метавонем ёдовар шавем, аз доираҳои муайяни низомии Русия. Ҳар вақт мо сулҳ эҷод мекардем, онҳо дар муқобил коре менамуданд, ки сулҳро аз байн бубаранд. Чунин кӯшишҳо аз ҷониби баъзе гурӯҳҳои Узбакистон низ мушоҳида мешуд, ки онҳо ҳам дар барангехтани оташи ҷанг таъсиргузор буданд. Китоби Сафаралӣ Кенҷаев ҳам бозгӯи ин матлаб аст, ки дар доман задани оташи ҷанг доираҳои алоҳидаву мушаххаси Узбакистон даст доштанд. То замони қурбон шудани одамон муборизаҳо сирф муборизаҳои сиёсӣ буданд. Дигар оҳиста-оҳиста огоҳона ва ё ноогоҳона ҷанг як сифати маҳаллиро ба худ гирифт.

**Озодӣ:** Зиндагии Шумо то замони ҷанг хуб буд ва ё имрӯз беҳтар аст?

**С. А. Нурӣ:** Зиндагии мо то соли 1991 аз лиҳози покизагӣ ва тақводорӣ хуб буд. Зеро то он замон мо худ кор менамудем ва миқдори зиёди сарват ҳам надоштем. Шахсан худи ман кор мекардам ва аз ҳисоби заҳмати ҳалоли худ рӯз

мегузаронидем. Бояд бигӯям, ки ҳатто он пуле, ки он вақт ба унвони ҳадя, садақа ва ё ба ҳар шакли дигар ба ман пешкааш мешуд, қабул намекардам. Воқеан, шояд одамон бовар накунанд, ки дар он замон хонаводаи мо танҳо дар ду вақт, он ҳам бошад рӯзҳои Иди Рамазон ва Иди Қурбон, гӯшт мехӯрданд. Аъзои хонаводаи мо ҳамчунин талаби либосҳои рангобарангу қимматро надоштанд ва аз зару зевару ороишоти гаронбаҳо низ бенасиб буданд. Ман, ростӣ, бо он ки ҳашт фарзанд дорам, то бозгашт аз ҳиҷрат хонаи шахсӣ надоштам. Як даврае аз зиндагиам дар манзили хусурам ва қисмати дигари он дар хонаи бародари марҳумам, ки шаҳид шудаанд, гузаштааст. Замони бозгашт бародарам шаҳид шуд ва манзили ӯро ба зану фарзандонаш вогузоштем. Вале имконот дар давраи баъд аз ҳиҷрат васеътар гардид. Худи мо ҳам вақте меҳмони ягон мақомот мешавем, дигар маҷбур мешавем, ки либоси дурусттар дошта бошем. Зеро ин чизро муҳит ва ҷомеаи имрӯза, ки зиндагӣ дорем, талаб мекунад. Солҳои севуми ҳиҷрат чун мо дар мулоқот бо намояндагони созмонҳои байналмилалӣ менишастем, дигар маҷбур будем, то бо либоси миллии (албатта, ман ҳеҷ гоҳ либоси миллиро аз тан берун накардаам) сифатан беҳтару зеботар ба ин вохӯриҳо ҳозир шавем. Ба таври дигар, бинобар ин омил мо маҷбур шудем либосҳоямонро аз матои сифатан беҳтар ва зеботар таҳия ва интихоб намоем. То ин вақт бародарони огоҳ шоҳиданд, ки ман бо либоси дарида мегаштам. Баъд аз бозгашт, алҳамдулиллоҳ, имконоти зиндагиамон аз нигоҳи доройӣ беҳтар гардид. Масалан, ман ҳоло як меҳмонхонае дорам, вале ин меҳмонхона ба талаботи меҳмонҳое, ки мехоҳанд меҳмони ман шаванд, ҷавоб дода наметавонад. Аз ин рӯ, ман кӯшиш мекунам, ки шабона меҳмон надошта бошам, зеро на худи ҳамон фазо муносиб аст ва на имкониятҳое, ки дар меҳмонхона фароҳам аст. Ба ин далел, маҷбур гаштам, меҳмонхонаро мувофиқи ҳолу талаби онҳо, яъне меҳмонон бисозам. Илова бар ин, зану фарзандони ман дар ҷойҳои зиёд бо сару либоси содда ва бидуни зару зевар меҳмон шуда, мавриди таҳқир низ қарор гирифтанд. Аз ин хотир, бо таваҷҷӯҳ ба ин ақидаи онҳо низ дар масъалаи пӯшидани либосҳои қимматбаҳо ва доштани каме ҳам бошад зару зевар тағйир ёфтааст, ки ростӣ ман шахсан аз рӯи ақида ба чунин тарзи зиндагӣ мувофиқ нестам. Фикр мекунам, муҳит моро маҷбур сохтааст, ки ҳамин тавр зиндагӣ кунем.

**Радиои Озодӣ:** Ташаккур.

*Мусоҳиб Абдуқаюми Қаюмзод. 27 апрели соли 2003. Душанбе.*

## Гердт Меррем: “Ибораи “оштии миллӣ” дар навишт осон аст, аммо дар амал як озмоиши сахт”



*Дипломати олмонӣ Гердт Дитриҳ Меррем аз моҳи майи соли 1996 то майи 1998 фиристодаи вижаи Дабири кулли Созмони Милал дар умури Тоҷикистон буд. Вай дар Донишгоҳҳои Ҳанновер ва Берлин муҳандисии маъдан, ҳамчунин таърих ва журнализм хонда, дар солҳои 1970-ум вориди хидмати Созмони Милал шуд ва дар кишварҳои мухталифи дунё, аз қабили Индонезия, Ҳиндустон, Танзания ва Бирма кор кард. Вақте ки пас аз имзо шудани созишномаи тоҷикон ӯро “меъмори сулҳи Тоҷикистон” номиданд, ҳатто ба Ҷоизаи Нобел пешниҳод карданд, рад намуд ва гуфт, ин як тасодуф аст. Ки давраи хидмати ӯ ба имзои қарордоди таърихии Тоҷикистон рост омад. Дар мусоҳиба бо Радиои Озодӣ ӯ саҳмашро чунин шарҳ дод:*

**Гердт Меррем:** Пеш аз ман ҳам масъулони дигаре даст ба кор буданд. Созмони Милал ва онҳо шахсони масъулаш пеш аз ман фаъолона заминаи ин комёбиро фароҳам оварданд. Вале шароити замонӣ сабаб шуд, ки дар ниҳояти кор ман ба раванди талошҳои сесолаашон бипайвандам ва хушбахтии шаҳодати имзои ин созишнома насибам гардад. Ба ақидаи ман, чанд омили муҳим вуҷуд дорад, ки метавонад заминаро барои такмили ин қарордоди сулҳ мусоид сохта, раванди

онро қавитар гардонад. Мо бояд дарк кунем, ки ду тараф бобати кишвар ва таҳаввулоту тартиби ҳукуматдории ояндаи он назарҳои мухталифе доранд. Ва мо бояд ба ин назарияҳо эҳтиром гузорем. Ман аз саҳми олиҷаноби ҳар ду тараф: президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва раҳбари опозитсиюн устод Нурӣ сипосгузорам. Онҳо ҳис намуданд, ки бо вуҷуди ақидаҳои мухталиф ягона роҳи расидан ба ин аҳдоф оромии кишвар мебошад. Ва дар ин соҳа ҷалби таваҷҷуҳи мардум нақши асосӣ мебозад. Барои мардум бояд собит шавад, ки онҳо барои хидмат фаъолият доранд ва ҳарду тараф орзуи ободонии мамлакатро дар сар мепарваранд. Ва барои муттаҳид кардани миллат дастбакоранд. Ба мардум бояд имконият ва ҳаққи интихоб фароҳам шавад, то худи онҳо роҳи рушду беҳбуди ояндаи кишварро таъин намоянд ва худ интихоб кунанд, ки кишвар аз кадом тариқ метавонад ба по истад ва эҳтиёҷоти ибтидоии худро бароварда созад.

**Озодӣ:** Чӣ эҳсосе буд дар маросими имзои қарордод дар Маскав? Ҳадди ақал эҳсоси Гердт Меррем ҳамчун касе, ки дар таҳияи ҳуҷҷат ва ҷалби ризояти ду тараф ба он нақши асосиро бозӣ кардааст, чӣ буд?

**Гердт Меррем:** Эҳсоси ман дар маҷлис ин буд; маҷлиси номбурда як лаҳзаи таърихӣ барои Тоҷикистон ба шумор мерафт, ки дар натиҷаи он баъди даврони мусибатангези ахир мардуми тоҷик имконияти нав ба даст овард, то кишварро муттаҳид сохта, ваҳдати миллиро ҳифз кунад. Ва барои ба даст овардани тамоми он эҳтиёҷоти иқтисодиву иҷтимоӣ кор кунанд, ки кайҳо боз талаб мекарданд. Аммо бояд дар хотир дошт, ки марҳилаи пас аз музокирот ва дар ниҳояти он имзои созишномаи сулҳ давраи сахти кор мебошад. Акнун мо ба марҳилаи дуюм қадам мегузорем ва ҳарду тараф бояд содиқона ва ба таври муассир ба амалӣ кардани бандҳои қарордод қадам гузоранд. Ва дар ин росто кишварҳои нозир ҳам нақши худро бозӣ мекунанд.

**Озодӣ:** Шумо дар Никарагуа ва Ҳоитӣ масъули назорат бар интихоботи озод пас аз ҷанги дохилӣ ва ҳалли низоъ дар ин кишварҳо будед. Албатта, шароит ва таҷрибаи ҳар кишвари алоҳида махсус ба худ аст. Аммо шояд, байни таҷрибаи Никарагуа, ки низоъи дохилиро пушти сар гузошт, то ҳадде шабеҳи таҳаввулоти чанд соли охири Тоҷикистон бошад. Вале оё вижагии авзои Тоҷикистон дар чист?

**Гердт Меррем:** Ба ақидаи ман, тоҷикон дар бораи ин ки ба таърих ва фарҳанги қадимӣ дар ҷаҳон ва минтақа соҳибанд, огоҳии комил доранд ва медонанд, ки

соҳиби яке аз қадимитарин тамаддунҳои башарият ва минтақа ҳастанд. Ба назарам, як эҳсоси нороҳатӣ буд, ки тоҷикҳо зидди тоҷикҳо ҷанг мекунанд, ба ҷои он ки бо ҳамдигар ба тафоҳум бирасанд.

Нуктаи дигар ва шояд, махсуси Тоҷикистон ин аст: бухрони дохилӣ дар як замоне оғоз гардид, ки кишвар бо шароити нав ва бисёр печидае рӯ ба рӯ буд. Иттиҳоди Шӯравӣ босуръат сукут намуд ва баъзе кишварҳое, ки барои истиқлол ва ҳатто соҳибихтиёрӣ омода набуданд, бо як ҳолати нав рӯ ба рӯ шуданд. Системи умумии иқтисодӣ барҳам хӯрда буд ва онҳо маҷбур шуданд худашон барои беҳбуди хеш дохили кор шаванд ва системҳои иқтисодӣ ва иҷтимоиро бозсозӣ намоянд. Ба ақидаи ман, замони беитминонӣ ва ҳамзамон бо он зарурати пайдо кардани дурнамои нав ва роҳи тоза барои ҳаракат дар оғози бухрони дохилӣ нақш дошт ва ҳамин ҳолат заминаро барои ду тарафи даргир мусоид гардонд, ки ҷавобгарӣ ва вазифаҳои таърихии хешро дарк намоянд. Аввалин ҳадаф дар ин роҳ таъмини ваҳдати миллӣ ва баргаштан ба оромиву беҳбуди кишвар ва миллати он мебошад. То аз ҷанҷоле, ки сабаби табоҳӣ мегардад, наҷот пайдо кунанд.

**Озодӣ:** Аз моҳи майи соли гузашта то кунун каме бештар аз як сол аст, ки Гердт Меррем дар вазифаи худ -- намояндаи махсуси Дабири кулли Созмони Милал дар Тоҷикистон кор мекунад. Моҳи июни соли гузашта ду тарафи низои Тоҷикистон пас аз созишҳои гунгогун қарордоди сулҳу оштии миллиро имзо карданд. Баъзеҳо мепурсанд – чаро ин кор 2-3 ё 4 сол пеш анҷом нагирифт ва идомаи низоъ боиси ин ҳама хунрезӣ ва харобии кишвар гардид. Оё ду тарафи низоъ дигар хаста шуда, фаҳмидаанд, ки пирӯзии як тараф имкон надорад ё як тарафи хориҷӣ, Русия ё Эрон билохира ба ду тараф фишор оварданд, ки бо ҳамдигар ба созиш расанд?

**Гердт Меррем:** Ҳама кишварҳои нозир, махсусан – Федератсиони Русия ва Ҷумҳурии Исломии Эрон барои ба натиҷа расидан дар музокирот саҳми барозанда дошта, ба ақидаи ман, ҳамкории нағз байни Русия ва Эрон ошкоро ба ҳар ду тарафи тоҷик кӯмак кард, ки дарк кунанд, ҳадафи ниҳоӣ дар хатми бухрон бояд ин бошад, ки онҳо ба рақобати солим ва сулҳомези сиёсӣ баргарданд, то оромӣ дар кишвар ва сар то сари митақаи Осиёи Марказӣ таъмин шавад, иқтисодро ба беҳбуд гузорад ва робитаҳои минтақавию байналмилалии солим эҷод шавад. Расидан ба чунин аҳдоф аз ҳама бештар ба фазои сулҳомез ниёз дорад.

**Озодӣ:** Бисёриҳо мегӯянд, имзои қарордод осон набуд, вале ба ҳар ҳол, осонтар аз иҷрои он аст. Бисёриҳо эҳсоси ташвиш мекунанд, ки мушкилоти татбиқи қарордодҳо бузург ва ҷиддӣ ҳастанд. Гердт Меррем бузургтарин мушкилот ва монеаҳоро, ки бояд ҳал шаванд, дар чӣ мебинад?

**Гердт Меррем:** Ман се мушкилро дар ин ҷо мушоҳида мекунам, ки ҳарду тараф бояд ба он таваҷҷуҳ намоянд ва ба он ҷавоб пайдо кунанд. Онҳо ба ин кор вақти кам доранд. Муҳлати онҳо як сол аст, ки дар ин вақт интихоботи порлумонӣ баргузор хоҳад шуд. Шумори зиёди муҳоҷирон бояд ба ватан баргарданд, ки ин амал ба  як кӯшиши бузурги логистикӣ ва таъминотӣ ниёз дорад. Ин мардум ба манотиқе бармегарданд, ки чанд сол пеш саҳнаи душманиҳо ва бархӯрдҳо буд. Ибораи "оштии миллӣ" дар навиштан осон аст, аммо амалӣ кардани он дар кишвар ва ҷомеа як озмоиши душвор барои ҳарду тараф ба шумор меравад. Баъд мо бояд протоколи низомиро амалӣ кунем. Мо бояд воҳидҳои ҳамоҳанги низомӣ ташкил диҳем, ки вазифа ва тарзи кори онҳо бо гузашта фарқ мекунад. Бигзор ин фаъолият барои дифоъ бошад. Тамоми ин воҳидҳо худро бояд аз мафкураҳои пешина озод намоянд ва шароите ба миён биёяд, ки манофеи воқеии мамлакат ва мардум мадди назари он бошад. Ин тамоми мушкилоте мебошад, ки дар сари роҳанд. Аз ҳамин сабаб аст, ки ман тарафдори ҳарчӣ зудтар оғоз ёфтани кори Комисюни Оштии Миллӣ мебошам. Ба дунболи фаъолиятҳои пурсамаре, ки порсол шуд, кумисюн дар Маскав ба кор шурӯъ намуд ва қадамҳои муҳимро пеш гирифт. Онҳо лоиҳаи афви дуҷониба, лоиҳаи қонуни афви умумӣ ва ҳуҷҷати амалӣ кардани ин барномаҳоро тартиб доданд. Тамоми инҳо акнун бояд эҷод шаванд ва ин сеюмин вазифаи мушкил ба шумор меравад. Ва мардум бо рафтан ба назди сандуқҳои овоздиҳӣ дар зарфи як сол дар бораи кори онҳо қазоват мекунанд. Онҳо созиш намуда ва дарк кардаанд, ки акнун масъулияти муштарак доранд ва минбаъд наметавонанд бар якдигар ангушти танқид равона кунанд ва иддао намоянд, ки кӣ дар кадом вақт иштибоҳ намуд. Ҳарду тараф бояд ба оянда нигоҳ кунанд. Ба ақидаи ман, вазифаи асосӣ ин аст, ки қонуният пояи қавӣ пайдо кунад ва маълум шавад, ки чаро як гурӯҳ мехоҳад дар ҳукумат саҳм дошта бошад ё курсиҳои баландро ба даст гирад. Муҳим нест, ки ин мақомҳо навтаъсисанд ва ё аз собиқ дар дасти онҳо қарор доштанд. Ин дуруст нест, ки як нафар ба хотири касби эҳтиром ва ҳайсият барои ба даст овардани курсии муҳим кӯшиш намояд.  Ба ақидаи ман, роҳе, ки мардум дар ин марҳилаи гузариш қазоват мекунад, ин хоҳад буд, ки кӣ беҳтарин фикр дорад ва кӣ беҳтар аз дигарон уҳдадори хидмат ба

мардум аст. Кӣ мехоҳад пастрафти иҷтимоӣ ва иқтисодиро боздошта, заминаи беҳбудро фароҳам орад, то роҳ барои рушди доимии ин кишвар боз шавад.

**Озодӣ:** Ба назар мерасад кӯмак ба ҳалли ҳамин масъалаҳо вазифаи асосии ҷаноби Гердт Меррем дар ҳафтаҳо ва моҳҳои оянда хоҳад шуд. Дар охири суҳбат бо ӯ аз кӯшишҳои Созмони Милал ва шахси Меррем дар роҳи сулҳу оштии миллии тоҷикон изҳори ташаккури самимона кардем. Меррем ҳамоно дипломати ҳирфаӣ ва хоксор боқӣ монд.

**Гердт Меррем:** Пеш аз ҳама чиз, ба назарам, Созмони Милал кори худро на барои ба даст овардани ягон дараҷа ва мукофот анҷом медиҳад. Агар гап бар сари қадрдонӣ бошад, бояд аз мардуми тоҷик ва раҳбарони он дар ҳар ду тараф қадрдонӣ кард. Онҳо шахсиятҳои сол ҳастанд. Онҳо ҳастанд, ки тавонистанд зудтар аз дигар кишварҳо гиреҳи мушкилотро бикшоянд, баъд аз хусумат ва рӯёрӯйӣ ба як марҳилаи нави ҳамкорӣ ворид шаванд. Мо ҳар қадар, ки аз ин кор қадрдонӣ кунем, кам аст. Ман бо ҳарду тарафи низои Тоҷикистон ифтихор мекунам. Он чӣ ки марбут ба Созмони Милал ва ҳукумат мешавад ва манзури ман аз "ҳукумат" – ҳукумати нави муттаҳида ва оштӣ аст, ки опозисюн ҳам ба он шомил мебошад. Онҳо бояд диққати худро ба вазъи феълии иҷтимоӣ ва иқтисодӣ мутамарказ кунанд. Баъзе тасмимҳо бояд гирифта шаванд, ки аҳамияти аввалиндараҷа доранд. Ва бояд аз баъзе барномаҳои амалӣ пуштибонии комил ба амал ояд. Дар робита ба Созмони Милал. Мо бо ин ҳама тарафҳои даргир ва дар зимн ҷомеаи байналмилалӣ ва минтақавӣ бояд биншинем ва барномаҳое таҳия кунем, ки то ҳадди аксар ба ҳукумати нави иттиҳод ва оштии миллӣ кӯмак намоем, то ин ҳукумат асоси пешрафт ва тараққиро фароҳам оварад. Дар айни ҳол бояд ҳадафҳо ва вазифаҳои бузург ва муҳим иҷро шаванд; монанди бозгашт ва ҳамоиши даҳҳо ҳазор муҳоҷир ва инсонҳои беҷошуда дар дохили кишвар ва таҳияи ҳамдастонаи як низоми нави дифоӣ ва қонуни амнияти иҷтимоӣ. Мо хуб медонем, ки ин навъе санҷиш ва озмун барои омодагӣ ва тавони ҷомеаи байналмилалӣ ва Созмони Милали Муттаҳид хоҳад буд, ки ба мардуми Тоҷикистон ёрӣ кунанд, то ин қадами асосиро бардошта, шурӯъ ба пешрафт ва таҳаввулоти сулҳҷӯёна намоянд. Ман умедворам, ки мо ба қадри кофӣ аз пуштибонии инсонӣ ва моддӣ барои ин раванд ва пешрафт баҳраманд хоҳем шуд. Ва ман бовар дорам, ки ҳарду тараф, ҳам ҳукумат ва ҳам опозисюн ҳоло ба сурати

миллати муттаҳиди тоҷик дар ин роҳ ба ҷомеаи байналмилалӣ кӯмак хоҳанд кард.

*Мусоҳиб Аббос Ҷаводӣ. 8 июли соли 1997. Прага.*

## Владимир Горяев: “Сулҳ натиҷаи иродаи худи тоҷикон буд”



*Дар девори дафтари кори ӯ дар бинои марказии Созмони Милали Муттаҳид дар Ню Йорк, манзараи кӯҳу водиҳои Тоҷикистон овехта шудаанд. Вай ба хабарнигорон мегӯяд, ки Тоҷикистонро ватани дувуми худ медонад. Владимир Горяев, зодаи Украина, ки бо пешниҳоди Русия дар дастгоҳи раҳбарии Созмони Милали Муттаҳид вазифаҳои муҳиме дошт, дар ҳамаи даврҳои гуфтушуниди сулҳи Тоҷикистон ҳамчун ёвари намояндагони вижаи СММ ширкат варзида, таҳияи тамоми ҳуҷҷатҳои сулҳи тоҷикон, аз ҷумла созишномаи ниҳоӣ бо раҳбарии ӯ ба амал омадааст. Тавре мегӯяд, 12 соли умрашро ба Тоҷикистон бахшидааст. Дар ҷараёни гуфтушуниди миёни тоҷикон гоҳе намояндагони давлат аз ӯ норозӣ мешуданд ва гоҳе мухолифон. Дувумиҳо бештар, чун бар ин буданд, ки Горяев бештар ба мавзеъгириҳои Русия дар ҳалли низоъ бартарӣ медод. Вале худаш мегуфт, танҳо як ҳадаф: расидани тарафҳо ба созишро пайгирӣ мекард. Ин суҳбат соли 2004 дар Ню Йорк бо ин суол оғоз шуд, ки раванди сулҳи тоҷикон бо ширкати СММ кай ва чӣ гуна оғоз гирифт?*

**Владимир Горяев:** Ҳамааш, мутаассифона, аз як саҳифаи ғамангези таърихи халқи тоҷик оғоз шуд. Ҳамааш аз низое дар моҳи сентябри соли 1992 оғоз шуд. Вазъи он замон басо пуршиддат буд; дар ҷануби кишвар ҷанг мерафт, ҷанги

шаҳрвандӣ. Раисҷумҳури Узбекистон, ҷаноби Каримов, номае ба унвони дабири онвақтаи СММ – Бутрос Ғолӣ равон кард ва таваҷҷуҳи ӯву аъзои Шӯрои амниятро ба вазъе, ки дар кишвари ба ӯ ҳамсоя ба амал меояд, ҷалб кард. Бо назардошти наздикии хатти сарҳад, ки он замон шаффоф буд ва дар Тоҷикистон шумораи қобили мулоҳизаи узбекон зиндагӣ мекарданд ва дар он суи марз хешовандон доштанд ва баракс тоҷикони зиёде ҳам дар Узбекистон мезистанд ва пайвандони зиёде дар Тоҷикистон доштанд, вазъ дар ин кишвар мавриди нигаронии ӯ буд. Баъдтар ин тақозои Каримов аз ҷониби раисҷумҳури Финланд, ҷаноби Мауно Ковис дастгирӣ ёфт, ки он рӯзҳо бо сафари корие дар Узбекистон буд. Ӯ изтироберо дарк кард, ки мардуми минтақаро фаро гирифта буд ва низ ҷалби таваҷҷуҳи Дабири кулли созмони мо, Бутрос Ғолиро дархост намуд. Дар посух Бутрос Ғолӣ нахустин миссия ё маъмурияти ин созмонро барои омузиши вазъи минтақа равон кард, ки ман ҳам шомили он будам. Ин маъмурият бисёр хурд ва ҳайати он аз ману ҳамкорам, Рэймонд Соммеринс иборат буд.

Дар муддати 10 рӯз мо дар Тоҷикистон саёҳат кардем. Вазъ, чунонки  гуфтам, бисёр ҳам пуршиддат буд. Шаҳри Душанбе он вақт таҳти назорати ҳукумати ба истилоҳ Муросои миллӣ, дар воқеъ дар дасти гурӯҳҳои мухталифи ҷангандаҳо қарор дошт. Бештари онҳо таҳти назорати ҲНИ, бархе таҳти Ҳизби демократӣ, он замон ба раҳбарии Шодмон Юсуф буданд. Вазъи бисёр муташанниҷ ҳукмрон буд. Ва вазъи дар ҷануби кишвар - вилояти Қурғонтеппа, шаҳри ҳамном ва Калининобод ва Кӯлоби он замон дар муҳосира аз он ҳам пуршиддаттар буд ва мо ба он ҷоҳо ҳам мерафтем. Хуллас, мо  итминон ҳосил кардем, ки Тоҷикистон фоҷиаи ваҳшатнокеро аз сар мегузаронад. Ҳазорон нафар аллакай ҷон бохта, ҳазорони дигар хонаву дари худро вогузоштаву бадар рафта ва ё манзилҳои ба коми оташи ҷанг рафтаи худро тарк карда буданд. Барои ҳамин аз Тоҷикистон баргашта, вазъро ба Дабири кул ва ӯ дар навбати худ ба Шӯрои амнияти СММ маълум кард, ки Тоҷикистон дар қабзаи даргирии  шаҳрвандии густардае қарор дорад. Мо андешаи чӣ гуна ёрӣ расониданро мекардем.  Дар навбати аввал ба мардуми осоишта, ки он давра азоби бисёр сахт мекашид.

Бутрос Ғолӣ дар охири моҳи октябри соли 1992 миссияи дуюмро ба Тоҷикистон равон кард, ки мутахассисони кор бо гурезагон аз оҷонсҳо ва дафтари Комиссари СМ, Созмони байнулмилалии салиби Сурх ва намояндаи худ аз Барномаи ироаи

ёрии ғизоӣ шомили он буданд. Онҳо саривақт расонидани ёрии башардӯстонаро баррасӣ карданд.

Ҳамин тавр ҳама чиз оғоз ёфт. Аммо аз он ки низоъ ба худии худ фурӯ наменишасту баракс доман мезад, дар моҳи январи соли 1993 бо мувофиқаи давлати ҷумҳурии Тоҷикистон, ки баъди Иҷлосияи 16 - уми Шӯрои Олӣ дар Хуҷанд нав шуда буд, як маъмурияти хурди сиёсии СММ ба Душанбе омад, ки қарор буд ба таври доимӣ дар пойтахт бимонад. Ин миссияи хурд аз чанд корманди бахши сиёсӣ: ду нозири низомӣ ва кормандони техникӣ иборат буд. Онро Ливиу Бота раҳбарӣ мекард. Пойдор доштани робита бо давлати Тоҷикистон ва аз рӯйи имкон бо ҷиноҳҳои мухолиф ва бедиранг расонидани маълумот ба Дабири кулли СММ вазифаи ин маъмурият буд. Инчунин вазифаи гурӯҳи танзимгар, таҳти раҳбарии ҷаноби Исмати Киттонӣ аз фароҳам кардани заминаҳо ва оғоз намудани гуфтушунидҳои мустақим ё ғайримустақим байни ҷонибҳои даргир буд. Ман ҳам ба ҳайси мушовири сиёсии ӯ дар ин гурӯҳ будам.

Мо ба ҳама нерӯҳои сиёсии қобили таваҷҷуҳ, ки дар дохил ё беруни  Тоҷикистон буданд, машваратҳо доштем. Давлати Тоҷикистонро раҳбар ва аъзои кобинаи ҳукумати ӯ муаррифӣ мекард, аз суи дигар, мо бо намояндагони созмони "Лаъли Бадахшон" ва ҷиноҳҳои низомие, ки он замон дар ин минтақа буданд, намояндагони ИНОТ, бо ҷанобони Нурӣ, Тӯраҷонзода, Ҳимматзода, Давлат Усмон дар ҷойҳои гуногун: Исломобод, Теҳрон, Маскав, Кундуз, Толиқон, ки нерӯҳои опозисюн мустақар буданд ва бо касоне, ки қобили гуфтушунид буданд, суҳбат ва машваратҳо доштем.

Вазифаи марҳилаи аввал, чунонки гуфтам, ноил шудан ба ризоят ва созиши тарафҳо дар мавриди оғоз кардани гуфтушуниди сиёсӣ буд. Ин вазифаи оддӣ набуд. Ин ақидаро раҳбари давлат пазируфта, мо дастгирии ӯро эҳсос мекардем. Вале дар байни атрофиёнаш, аз ҷумла қумондонҳои саҳроӣ афроди хунгарме буданд, ки мегуфтанд, сари мизи гуфтушунид бо ҷангандаҳои опозисюн нишастан намехоҳанд, чунки дастони онҳо то оринҷ дар хун аст. Мутаассифона, аз суи раҳбарони сиёсӣ ва махсусан – фармондеҳони саҳроии ҷониби дигар, ИНОТ низ чунин вокунишҳои эҳсосотӣ бо айни ҳамон суханҳо садо медод, ки мо бо ин ҳукумат сари мизи гуфтушунид намешинем, зеро дастони онҳо ғарқи хун аст. Мутақоид кардани онҳо ба ин ки ҷуз сари мизи музокирот нишастан роҳи дигаре нест, сахт душвор буд. Ба ҳар ҳол тадриҷан бо ёрии кишварҳои ҳамсоя ва

манфиатдор:  Русия, Эрон, Покистон, Узбекистон ва Қазоқистон ба мо муяссар шуд, тарафҳои даргирро ба гуфтушуниди сиёсӣ ва оғози ҷараёни муколама мутақоид кунем.

**Озодӣ**: Ба ёд биёрем, ки он вақт сарони опозисиюн эълон карданд, ки агар гуфтушунид кардан зарур меояд, танҳо бо Русия вориди муколама хоҳанд шуд, на бо Душанбе. Оё чунин иттифоқ афтода буд ва ба назари шумо, чаро он замон чунин изҳорот садо дод?

**В. Горяев:** Бале, Шумо дуруст мегӯед, ки ин гуна талаб пеш гузошта буданд. Вале тавре ки худатон медонед, ҳамеша, дар ҳар мавриди низоъ тарафе, ки опозисиюн номида мешавад, он гузинаеро  меҷӯяд, ки мавқеашро дар гуфтушунидҳои оянда мустаҳкам намояд. Аз ин нигоҳ он изҳорот як мавқеъталабии опозисиюни тоҷик буд. Мо ингуна медонистем, ки опозисиюн барои нишастан паси мизи гуфтушунид бо далелҳои мухталиф омода нест ва тақозои муколама бо Русия, ки як тарафи даргир набуд, сунъӣ ва ба хотири андак дароз кардани муҳлати то шурӯи ҷараёни  гуфтушунид буд. Аммо ба зудӣ, ки мо иртиботи худро бо раҳбарияти ИНОТ фаъол кардем, ин монеа бартараф гардид. Ба сурати умум, дар ин масъала назари ИНОТ яксону ягона набуд. Тафовутҳои зиёде вуҷуд дошт. Бархе фаъолони опозисиюн хуб мефаҳмиданд, ки ин як дархости мавқеъталабона ва тактикӣ, ба хотири мустаҳкам кардани ҷойгоҳ ва иртиботи худ бо Русия бо назардошти нақши ин кишвар дар минтақа буд. Ин ҷанбаи қабл аз муколамаро ман ҳамин гуна мефаҳмам.

**Озодӣ:** Баъд чӣ шуд ?

**В. Горяев:** Сипас, аз 5-ум то 19-уми апрели соли 1994 нахустин даври гуфтушуниди сулҳи тоҷикон дар Маскав барпо гардид. Омодагӣ ба он бисёр пуршиддат сурат гирифт. На фақат мо, дастаи СММ, балки ҳайатҳои ҳар ду тараф кор мекарданд. Ба мо ҳамкасбони русиягиамон, ҷаноби Анатолий Адамишин, ки дар он замон муовини аввали вазири корҳои хориҷии Русия буд, хеле ёрӣ расониданд. Ӯ дар аввали моҳи март ба Эрон сафар ва бо раҳбарони ИНОТ мулоқот дошт. Онҳо замони будубош дар Маскав, ки даври аввали музокирот қарор буд дар он ҷо шавад, кафолати бехатарӣ мехостанд. Инчунин, мувофиқа карданд, ки давраҳои музокирот на дар як ҷо, балки дар ҷойҳои гуногун, Маскав, Исломобод, Теҳрон бичархад. Сабаби ин маълум буд. Ҳар тараф худро дар

пойтахти кишваре, ки дар пасаш қарор дошт, шояд, роҳаттар эҳсос мекард. Давлати Тоҷикистон худро бештар дар Маскав бароҳат медид. ИНОТ, аз он ки раҳбаронаш дар Теҳрон ва Исломобод буданд ва давлатҳои ин кишварҳо онҳоро дастгирӣ мекарданд, худро дар пойтахти ин кишварҳо бароҳат эҳсос мекарданд. Ба ин хотир ин усули чархиши ҷойи баргузории гуфтушунидҳо пазируфта шуд, ки минбаъд дурустӣ ва самарбахшии он маълум гардид.

**Озодӣ:** Ҳамзамон, чунон ки ёд дорем, даври музокирот дар Теҳрон бе натиҷаи мушаххас анҷом ёфт, на?

**В. Горяев:** Ман наметавонам ба ин ақида розӣ шавам, ки  бе натиҷаи мушаххасе анҷом ёфт. Худи ин далел ки ин як чорабинии якдафъагӣ нест ва ҷараёни музокирот баъди Маскав дар Теҳрон идома ёфт ва ҳарду тараф бо ҳузури худ дар Эрон содиқ будани хеш ба ҷараёни ҳаллу фасли сулҳовари ҷангро тасдиқ карданд, ба худии худ натиҷаи мушаххаси музокироти даври Теҳрон аст. Ба пас бингарем, даври Маскав бисёр пурмаҳсул буд, сипас барои дар Теҳрон гузаронидани даври дигар дар моҳи июн мувофиқа карданд. Ғайр аз ин дар ҷараёни музокироти даври Эрон як масъалаи барои он рӯзҳо бисёр муҳиму доғ -- оташбас баррасӣ гардид. Дар тӯли беш аз як ҳафта моро муяссар шуд формули боҷузъиёти оташбас ва қатъи амалиёти дигари душманонаро омода кунем, ки дар он гуфта шавад, чиҳоро дарбар мегирад. Ин формул на танҳо қатъи тирпарронӣ дар сарҳад ва роҳандозии амалиётҳои ҷангӣ, балки боз чорабиниҳои дигарро низ дар бар мегирифт. Ҳамчунин, пешниҳодҳо дар бораи механизмҳои назорати оташбасро таҳия ва ҳамоҳанг намудем. Ин ҳама корҳои бисёр манфиатбахш буд, ки вақт мехост. Ҳамин тавр, бо вуҷуди он ки созишномаи оташбас имзо нашуд, чунки ИНОТ барои имзои он озод кардани ҷонибдорони худро аз боздошт, ки бисёрии онҳо ба содир кардани ҷиноятҳои вазнин айбдор мешуданд, шарт гузошт, заҳмати мо беҳуда нарафт. Созишномаи оташбас дар моҳи сентябр, пас аз машварати сатҳи боло дар Теҳрон ба имзо расид. Дар он давра раҳбари дастаи СММ нав шуда, Рамиро Перес Баллон, намояндаи махсуси Дабири Кулли СММ дар Тоҷикистон таъин шуда буд. Ҳамчунин дар моҳи декабри соли 1994 раҳбарони нави ҳайатҳои ҳукумат ва ИНОТ сари кор омаданд. Нахустин ҳайати ҳукуматиро вазири меҳнат – Шукурҷон Зуҳуров ва ҳайати ИНОТ-ро Отахон Латифӣ сарварӣ мекарданд. Дар гуфтушунидҳои сатҳи боло раҳбарии ҷониби ҳукуматро ҷаноби Достиев ва ҷониби  ИНОТ – ро ҷаноби Тураҷонзода бар дӯш доштанд. Ҷаноби

Нурӣ низ дар музокирот ҳузур дошт ва мо бо ӯ низ машварат мекардем. Барои ҳосил шудани ин созишнома муовини вазири корҳои хориҷии Русия – Алберт Чернишов, ки низ ба Теҳрон омада буд ва муовини вазири корҳои хориҷии Эрон – ҷаноби Воизӣ ёрмандии бузург расониданд. Он рӯзҳои басо пуртаниш ва кори сахту пурмашаққат буд. Вале аввалин натиҷаи мушаххас ба даст омад. Метавонам бигӯям, ин нуқтаи гардиш дар ҷараёни гуфтушунидҳои сулҳи тоҷикон буд.

**Озодӣ:** Бале. Вале мо агар ба ин тартиб ҳодисаҳоро ёдоварӣ кунем, суҳбат ба дарозо хоҳад кашид.

**В. Горяев:** Дуруст аст.

**Озодӣ:** Биёед, чунин саволро матраҳ кунам. Чӣ ба СММ ёрӣ расонд, ки ин гуна хуб пеш равад? Барои он ки дар ҳаллу фасли бисёр низоъҳо чунин суръати пешрафт мушоҳида намешуд. Албатта, ёрии кишварҳои гурӯҳҳои тамос низ корагар буд. Вале оё кадом механизм, сабаб ва омилҳое боис шуданд, ки ба ин зудӣ пешрафт ба даст ояд ?

**В. Горяев:** Нахуст, пешравӣ чандон босуръат ҳам набуд. Пешорӯи роҳи гуфтушунидҳо мушкилиҳо ва сахтиҳо дошт. Дар марҳилаҳои гуногуни музокирот давраи рукуд ҳам вуҷуд дошт, ки бисёр вазнин меуфтод. Вале давраи ҷаҳиш ҳам буд, ки як силсилаи санадҳои хеле муҳим ба имзо мерасид. Вақте моро мепурсанд, ки розӣ комёбии музокироти байни тоҷикон, балки тамоми ҷараёни сулҳофаринӣ чӣ буд, ман аз сидқи дил метавонам бигӯям, ки кафолати аслӣ ва бунёдии ҷараёни сулҳу оштӣ ҳаллу фасли сиёсӣ ва аҳду паймони сиёсии раҳбарони давлат, аз ҳама аввал президент – Эмомалӣ Раҳмон ва раҳбари ИНОТ Абдулло Нурӣ барои гардонидани ин саҳфаи сангину хунини таърихи тоҷикистониён буд. Ин шарти асосӣ ва бунёдии муваффақияти гуфтушуниди байни тоҷикон буд. Ҳама корҳои боқимонда: фаъолияти муассири нозирон дар музокирот, ки ба мо хеле ёрӣ мерасонд, нақши бузурги СММ ва шарикони мо: САҲА ва Созмони Конфронси Исломӣ (СКИ), ба назари ман, омилҳои муҳим, вале ёрирасон буданд. Омили муҳим – ин иродаи сиёсии худи тоҷикон дар расидан ба сулҳ ва боз кардани давраи нави таърихи худ буд. Ин ирода муҳим ва бунёдӣ буд. Иродаи сиёсӣ маъмулан на ҳамеша ва ба зудӣ шакли созишномаҳои муҳимро мегирад ва дар ҷараёни музокироти тоҷикон низ ҳамин гуна буд. Тавре гуфтам, ҷараёни гуфтушунид душвориҳо ва лаҳзаҳои бухронии худро дошт, аммо

билохира иродаи сиёсӣ ба сулҳу оштӣ, бастани созишномаи умумии ризояти миллӣ ва истиқрори сулҳ расонид, ки 27 июни соли 1997 дар Маскав ба имзо расид.

**Озодӣ:** Ташаккур, Владимир. Оё лаҳзаҳое ҳам буданд, ки аз нуқтаи назари миссияи СММ ҷараёни музокирот роҳ ба бунбаст дошт ва наздик буд ҳамаи дастовардҳо ба коми нобудӣ равад? Оё лаҳзаҳои рӯҳафтодаги комил ҳам буданд?

**В. Горяев:** Аз он ки мо дар СММ хушбинҳои ҳирфаӣ ҳастем, ҳеч гоҳ шубҳа надоштем, ки созишномаи сулҳ баста ва сулҳу оштӣ дар Тоҷикистон пойдор хоҳанд шуд. Чунки такрор мекунем, мо дақиқу рӯшан медидем, ки раҳбарони ҳар ду тарафи музокиракунанда, раисҷумҳур ва раҳбари ИНОТ ва ҳамкорони онҳо хостори ба даст овардани сулҳу оштӣ дар Тоҷикистон буданд.  Вале тавре ки гуфтед, дар чанд маврид бо мушкилоте рӯ ба рӯ шудем, ки моро ба изтироб меовард, хостаҳоямон бо воқеият созгор намеомад ва ҷараёни музокирот дар баъзе мавридҳо ях мебаст. Бигирем, пас аз имзои созишномаи муваққатии оташбас дар Теҳрон давраҳои музокирот дар Исломобод, сипас дар Алмаато, машваратҳои сатҳи боло дар Маскав идома дошт.  Бо ин вуҷуд гуфтушунидҳо то моҳи августи соли 1995 ба ҷое намерасид. Мо муҳлати оташбаси муваққатиро дароз кардем, бисёр ҷанбаъҳои дигари башардӯстонаро баррасӣ намудем, раҳо кардани ҳарбиёнеро амалӣ намудем, ки ҷангандаҳои опозисиюн асир гирифта буданд ва озод намудани ҷонибдорони опозисиюн аз зиндон низ ҷараён ёфт – ин гуна пешрафтҳои тактикӣ доштем, аммо ба муваффақияти бузурги стратегие дастёб набудем. Ман чунин меҳисобам, ки марҳалаи бисёр муҳими музокирот гуфтушунидҳои ғайримустақиме буд, ки Перес Баллон ва тими ӯ байни Душанбеву раҳбарияти опозисиюн, ки дар он замон дар Кобул буданд, доир мекарданд. Мо мокувор байни Душанбеву Кобул равуо доштем. Ва созишномаи усулҳои бунёдии барқарор кардани сулҳ ва истиқрори миллиро ба имзо расонидем. Ин санади бисёр муҳим аст, чунки он ба қабули санадҳои дигар дар оянда асос гузошт ва андозаҳои аслиро аз пеш муайян намуд. Ин кор рӯзи 17- уми августи соли 1995 ба поён расид.

Ҳайати ҷониби ИНОТ бетағйир монда, вале сардори ҳайати ҳукуматӣ дар он давра Маҳмадсаид Убайдуллоев таъин шуда буд. Ӯ ба мо дар таҳияи ин санад хеле кӯмак расонд. Сипас кор тибқи ин санади бунёдӣ хеле ба кундӣ пеш мерафт. Дар моҳи ноябри соли 1995 дар мавриди шурӯи даври бетанаффуси музокироти

байни тоҷикон тасмим гирифтем. Он давр хеле тӯлонӣ буд, баробари  се даври маъмулӣ ва дар шаҳри Ишқобод доир кардем. Дӯстони туркмани мо ботаҳаммул ҳар ёриву мададе, ки аз дасташон меомад, ба хотири гузаронидани ин даври гуфтушунид дареғ намедоштанд.

Вале ин музокирот дар пасманзари пайваста вайрон шудани шартҳои оташбас хеле ба душворӣ мегузаштанд. Кишвар дар моҳи январи соли 1996 ба амалиёти густардаи низомӣ ва ҷанг дар Тавилдара печид. Ин вазъ метавонистояндаи музокиротро зери суол барад. Ҳайати мухолифон таҳдид мекард, ки агар даргириҳо идома ёбад, мизи музокиротро тарк хоҳад кард. Ҷойгузини ҷангу пархош пайдо кардан сангин буд, вале дарёфт гардид. Ва ҷараёни гуфтушунид ба қадри чашмрас фаъол шуд, ба дунболи даври Ишқобод музокирот дар Теҳрону Маскав баргузор гашт. Ҳайати ҳукуматиро дар ин давра Талбак Назаров раҳбарӣ мекард, ки бо тафаккури таҳлиливу сабру таҳаммул ва борибинии дипломатии худ барои пеш бурдани гуфтушунид ба мо ёрии хеле бузург расонд.  Ва шурӯъ аз моҳи январи соли 1996 музокирот дар масъалаҳои ироаи ёриҳои башардӯстона, бозгардонидани муҳоҷирон ба пешрафт даст ёфт. Мо дар ин самт бо суръат пеш мерафтем. Масъалаҳои низомӣ моҳи март дар даври Маскав ва масъалаҳои сиёсӣ дар даври кӯтоҳи музокирот дар шаҳри Бишкек ҳаллу фасл гардид. Машваратҳо дар Машҳади Эрон муҳим буданд. Дар мавриди ҷараёни музокирот мехостам, дар бораи як ҷузъи техникии гуфтушунид, тарҳи иродаи сиёсӣ – мулоқоти байни президент Раҳмонов и раҳбари ИНОТ Абдуллоҳи Нурӣ ҳарф занам. Онҳо дар як марҳилаи ҳалкунанда бо ҳам вохӯрданд. Аслан онҳо дар марҳилаҳое мулоқот мекарданд, ки ҷараёни музокирот дучори бунбаст мегардид ва зарурати тасмимгириҳои аз ҳама асосӣ, муҳим ва бунёдӣ пеш меомад. Тамосу мулоқоти дуҷонибаи онҳо барои пайдо шудани итминони байни ду ҷониб ва  коркарди қарорҳои аз ҳама муҳим ва ҳассос мусоидат мекард.

**Озодӣ:** Ташаккур. Агар аз ин ҳама ҷанбаъҳои сиёсӣ сарфи назар кунем ва бо нигоҳи соф инсонӣ назар андозем, Шумо чӣ ёддошт ва эҳсосе аз ин ҳама ҷараёни музокироти байни тоҷикон доред ?

**В. Горяев:** Бароям Тоҷикистон ватани дуюм аст. Ман на танҳо 12 соли кори касбӣ, шояд, қисмате аз рӯҳу равонамро ҳам ба ҷараёни ин раванд бахшидам. Бароям Тоҷикистон ҷойгоҳи хосе дорад. Ман хеле шодам, ки ҳозир аз Тоҷикистонро боздид кардам. Дигар мусиқии мусалсали Калашников, ки дар сафарҳоям дар

солҳои 1992, 1993, 1995 моро ҳамроҳӣ мекард, ба гӯш намерасад. Дидани Душанбеи бисёр орому осуда, тӯдаҳои мардуми шабҳангом дар хиёбони сабзи Рӯдакӣ ва кӯчаву хиёбонҳои дигари пойтахти тоҷикон оромона, бе тарсу ҳарос пиёдарав роҳатбахш аст. Ин ҳама эҳсоси бузурги ризоятро дар қалби кас бедор мекунад. Ва аз он ки мо дар остонаи ҷашнвораи 7- умин солгарди барқарор шудани сулҳ дар Тоҷикистон қарор дорем, ман мехостам ба дӯстони сершуморам дар Тоҷикистон сулҳу осоиш, хушбахтӣ, некуаҳволӣ, шукуфоӣ ва беҳтарин хушиҳои зиндагиро таманно кунам. Чи тавре ки гуфтам, Тоҷикистон ватани дуюми ман аст.

**Озодӣ:** СММ аз аввал, аз поизи соли 1992 вазъи Тоҷикистонро бодиққат мушоҳида мекард. Аммо дар ҷустуҷӯи роҳҳои ҳал аз чист, ки баъдтар фаъолона иштирок кард. Инро чӣ гуна метавон шарҳ дод ?

**В. Горяев:** Ман ба ин гуна тафсири ҳодиса чандон розӣ нестам, ки СММ то тирамоҳи соли 1992 авзои Тоҷикистонро таҳти мушоҳида нагирифта буд ва дар ин кор дертар фаъол шуд. Ҳол он ки иштироки фаъолонааш аз моҳи сентябри соли 1992 оғоз гардида буд. Ин ба номаҳои Ислом Каримов, раисҷумҳури Узбекистон ва Мауно Койвисто - раисҷумҳури Финланд ба унвони дабири кулли СММ - Бутрос Ғолӣ рабт мегирад, ки дар онҳо авзои Тоҷикистон бо рангу бори драматик тасвир ёфта, дархост мешуд як миссияи беғаразро барои таҳқиқи вазъ ба Тоҷикистон фиристад.

Дар аввали моҳи сенябри соли 1992 Дабири кулли СММ чунин маъмуриятро ба Тоҷикистон равон карда буд ва ин миссия ба ӯ ва тавассути ӯ ба Шӯрои амнияти ин созмон гузориш дода буд, ки дар воқеъ Тоҷикистон дар қайди ҷанги шаҳрвандист. Ин арзёбии миссияи СММ мухолифи баҳогузории вазири корҳои хориҷии онвақтаи Тоҷикистон, Худойбердӣ Холиқназаров дар ҷаласаи Маҷмааи умумии Созмони Милал буд, ки вазъро нармтар тасвир мекард ва мегуфт, танҳо панҷяки ҳудуди Тоҷикистонро низоъ фаро гирифтааст ва Ҳукумати Муросои Миллӣ авзоъро таҳти назорат дорад. Гурӯҳи арзёбии вазъ дар ҷои ҳодиса, ки дар он иштирок доштам, аз 2 нафар : Рэймонд Соммерингс ва ман иборат буд. Мо авзои комилан дигарро медидем. Ва доманаву умқи низоъ, ки пас аз даҳҳо мулоқоту суҳбатҳо бо тарафҳои даргир, раҳбарони сиёсӣ, фармондеҳони саҳроӣ дар Қӯрғонтеппаву Кӯлобу Душанбе дарёфтем, фаротар буд ва дар воқеъ дар Тоҷикистон ҷанги шаҳрвандӣ ҷараён дошт. Биноан он таваҷҷуҳи лозими

раҳбарони Шӯрои амнияти Созмони Милалро ҷалб намуд. Ин мушкил ҷанбаъҳои ҷиддии башарӣ дошт ва сокинони бархе аз минтақаҳо ва гурӯҳҳое аз аҳолӣ ниёз ба ёриҳои фаврӣ доштанд.

Маъмурият ё миссияи дуюми СММ дар охири моҳи октябр равон карда шуд ва ҳузури он дар Тоҷикистон ба омадани гурӯҳи мусоидат ва ҳаллу фасли низоъҳо аз кишварҳои узви Иттиҳоди Давлатҳои Муштаракулманофеъ (ИДМ) рост омад. Ба он гурӯҳ муовини вақти сарвазири Қирғизистон – Феликс Қулов сарварӣ мекард. Дипломатҳои баландпоя аз Узбекистон, Қазоқистон ва Русия аъзои ин маъмурият буданд. Дар ҷараёни кори он СММ бори аввал бо дипломатҳо ва фаъолони сиёсӣ аз кишварҳои ИДМ ҳамкорӣ ба роҳ монд ва чизҳои бисёр муҳим ва амалӣ ба даст омад. Аз ҷумла, дар он вақт рӯёрӯиҳои байниминтақаӣ ва байнимиллӣ сар мезад. Дар ноҳияи Маскав (ҳозира ноҳияи Ҳамадонӣ - РО) байни фармондеҳони тоҷику узбек муноқиша рух дода буд. Он вақт бо сабабҳои зиёде вазъ норавшан ва мутташанниҷ буд. Хуни зиёде рехта, ҷаҳлу таассуб нақши бартар дошт. Дар чунин ҳолат намояндаҳои СММ ва ИДМ нақши нонамоён, вале муҳимеро дар ҷилавгирӣ аз бархостани низои басо хатарноки байниқавмӣ иҷро кард. Бо сипарӣ шудани солҳои зиёд ҳоло медонем, ки хушбахтона,  ҷанги шаҳрвандии Тоҷикистон ба ҷанги байниқавмӣ мубаддал нашуд, ки фоҷиаи бузургеро на фақат ба сари мардуми Тоҷикистон, балки тамоми минтақа меовард.. Ин маъмурият бо таҳқиқи ин мушкил машғул буд. Фармондеҳони саҳроии узбеку тоҷик бо ҳам мухолифат доштанд, байнашон нофаҳмиҳо ва гаравгонгириҳо буд – ин ҳамаро бо роҳу равишҳои нарм пешгирӣ ва гаравгонҳоро раҳо намудан даст дод.

Аслан ҷилавгирӣ аз ҳар низоъ он гоҳ муаассир меуфтад, ки дар бораи он низоъ дигарон надонанд ва кор бар пояи бовару итминон ба ҳамдигар роҳандозӣ шавад. Бо чунин роҳ аз низои байниқавмӣ дар Тоҷикистон ҷилавгирӣ шуд.

Вале Шумо дар ин маврид ҳақ ҳастед, ки марҳилаи фаъолонаи ширкати СММ дар соли 1993 аз таъсиси маъмурияти нозирони СМ ибтидо гирифт. Ин маъмурияти хурди сиёсиро Ливиу Бота сарварӣ мекард. Гузоришдиҳӣ ба Дабири кул, барқарор кардани муносибат бо нерӯҳои посдори сулҳ дар Тоҷикистон, ки он давра амал мекарданд, дар навбати аввал - бо сохторҳои кишварҳои узви ИДМ, САҲА (бо вуҷуди он ки дар он давра ин созмон ҳанӯз дар Тоҷикистон намояндагӣ надошт, ба масъалаи ҳаллу фасли низои Тоҷикистон манфиат дошт) вазифаи ин маъмурият буд. Сар аз моҳи апрели соли 1994 ҷаноби Исмат Киттонӣ намояндаи

вижаи САҲА дар Душанбе таъин гардид. Ин қадамҳои воқеӣ дар роҳи сулҳофаринӣ дар Тоҷикистон дар аввали соли 1994 аз суи ду созмон: СММ ва САҲА, ки дар моҳҳои сентябр, октябр, ноябри соли 1992 дар Тоҷикистон фаъол буданд, аз қабл муайян ва қабул гардид.

Яке аз сабақҳои муҳиме, ки чӣ гуна дар Тоҷикистон фурӯ нишонидани оташи ҷанги шаҳвандӣ муяссар шуд, вале дар кишварҳои дигари ҳамсоя намешавад, ин аст, ки СМ дар Тоҷикистон дар марҳилаи аввал вориди амал шуд. Мутаассифона, замони авҷи низоъ ва даргириҳо буд ва фурӯнишонии он душвор афтод. Вале чун дар давраи аввали низоъ даст ба кор шуд, пурмаҳсул кор кардан муяссар гардид. Албатта, омилҳои зиёде муваффақияти сулҳофаринии СММ дар Тоҷикистонро аз пеш таъйин карданд. Ин яке аз омилҳо буд.

**Озодӣ:** Ташаккур. Метавонед шарҳ диҳед, ки тими СММ чӣ гуна кор мекард? Оё ягон барномае, тарҳе зери даст доштед, ки бар тибқи он вазъро ба таҳқиқ мегирифтед? Ё ки дар пайи ҳодисаҳо тарҳ месохтед ?

**В. Горяев:** Ман метавонам бе чуну чаро тасдиқ кунам, ки бо роҳи дуюми гуфтаи Шумо пеш мерафтем, яъне ягон тарҳи пешакие дар даст надоштем. Чунки намешавад пироҳане дӯхт, ки ба ҳар одам рост меояд. Ба хусус, тарҳи ҳаллу фасли мушкилотро намешавад бидуни назарҳо аз берун, бе омӯзиши бисёр амиқ ва мӯшикофонаи вазъи воқеӣ дар кишвар ва минтақаи мушаххас, бе фаҳмиши хуби мавқеи сиёсии раҳбарон ва аҳзоби сиёсии онҳо, инчунин бе шинохти вазъи рӯҳиву равонӣ ва вижагиҳои хислату хӯ, тарзу усулҳои гуфтушунид кардани онҳо, муносибатҳои шахсӣ миёни аъзои дастаҳо, бе дарки заминаҳои минтақаӣ, ки аз кӣ ва чӣ гуна дастгириро мебояд умедвор буд, чӣ гуна тарафҳои даргирро ба ҷараёни гуфтушунид ҷалб намуд, аз ақли худ дуруст кард. Ин қатъан сенариёе буд, ки мо дар ҷои ҳодиса тадриҷан, ҳамқадам бо таҳқиқи авзоъ таҳия мекардем. Ин ҳам бисёр муҳим буд, ки тарафҳо ба мо то чӣ андоза итминон пайдо мекарданд. Ин омили басо муҳим аст ва намешавад фақат муқобили як дарвозаи яке аз тимҳои майдон бозӣ кард ва сулҳу оштӣ ба вуҷуд овард. На ин тараф, на он тараф. Тарафе, ки СММ ба он ҳамдардӣ мекард, халқи Тоҷикистон буд. Мо хоҳони он будем, ки алангаи оташи ҷанги шаҳвандӣ ҳарчӣ зудтар фурӯ нишонда шавад. Барои он ки ҷанги шаҳвандӣ азобу машаққат, бадбахтиҳо, маҳрумиҳои зиёдеро ба сари одамон овард. Мардуми дохили кишвар ва ононе, ки онҳоро дасти қисмати бад берун, ба кишварҳои СНГ, Афғонистон, хориҷаи дур афканд, ранҷ

мекашиданд. Дар пайи шинохти манзараи воқеии Тоҷикистон барномаи фардии амали худро таҳия мекардем. Чӣ манфиатҷӯиҳое дар миён аст? Ба хотири ба даст овардани сулҳу оштӣ чӣ мушкилотро бартараф кардан лозим аст? Баҳсу низоъ дар сари чист? Ин муқобалаи сиёсист ё қавмист, талоши гирифтани ҳаққи худ, аз ҷумла манобеи миллии маҳдуд аз даҳони ҳукумат аст? Лозим меомад ба қадри кофӣ ба умқи ин чизҳо сарфаҳм рафт. Намунааш муносибати табибу бемор аст. Бе ташхиси дуруст ва дақиқи беморӣ намешавад беморро табобат кард. Вагарна ба ҷои табобат ба бемор зиёни бештар мерасонед. Барои ҳамин ин давраи таҳқиқ ва шинохти авзоъ бисёр муҳим буд. Ҳангоме ки мо оҳиста – оҳиста бо тарафҳои даргир кор кардем ва онҳо низ ба ҳамкорӣ бо мо бовар ва одат карданд ва диданд, ки созмони мо ягон барномаи қаблие надорад ва фақат мақсади ягонаи оштӣ додани ҷонибҳои даргирро пайгирӣ дорем, ба истилоҳ - модели тоҷикии ҳаллу фасли низоъ сохта шуд. Албатта, ҷузъҳои онро дар ҷойҳои дигар низ метавон ба кор бурд, чаро ки мо онро бар пояи аслҳои умумӣ таҳия намудем, ки СММ онҳоро дар шароитҳои ҳамсон кор мебарад. Инчунин тафовутҳои нозуки шароити Тоҷикистон ҳам дар мадди назар гирифта шуданд.

**Озодӣ:** Муддати тӯлонӣ, шурӯъ аз даври Ишқободи музокирот то даври Алмаато натиҷаҳои назаррасе ба даст намеомад. Сабаби ин дар чӣ буд?

**В. Горяев:** Гоҳшумориро каме тағйир диҳем; музокироти тоҷикон аз даври Алмаато то даври Ишқобод дастовардҳои назаррасе надошт. Даври Алмаато баъд аз даври Исломобод чорум буд. Вале ба ин андеша, ки дар он даврҳо вақтҳоямон сӯхтанд, розӣ шуда наметавонам. Чун дар он гуфтугӯҳо низ кори басо заҳматталаб ва фаъолона идома дошт. Он корҳо ба хотири аз нигоҳи сиёсӣ ва маънавӣ ба ҳам моил кардани тарафҳо буд. Ба ин маънӣ, ки тоҷикон чӣ душвориҳое ҳам доманашонро гирифта ва чи қадар хун ҳам рехта шуда, дар ҳар ҳол бояд дар ин замин зиндагӣ кунанд. Тоҷикистони дигаре нест. Ватани дигар ба он нафароне, ки дар Афғонистону Эрону Покистон ва кишварҳои узви СНГ паноҳ бурданд, нест. Ва барои сулҳу оштӣ аввал мағзу рӯҳҳои одамонро ба ҳам оштӣ дод. Сипас таҳияи созишномаи мушаххас мумкин мешавад. Аз ин нигоҳ даврҳои гуфтушунид дар шаҳри Алмаато, сипас машваратҳо дар Теҳрон дар моҳи октябри соли 1995, се даври мураккаб ва шиддатнок дар Ишқободи пойтахти Туркманистон барои ин гуна зеҳниятсозӣ буд. Онҳо ҳамту, гуфтушунидҳои оддӣ набуданд. Балки ба хотири маълум кардани зеҳнияти тарафҳо буд. Бисёр гузинаҳои ҳаллу фасли

мунокиша, ки кадоме рост меояду кадоме на, беҳин гузина кадом аст – ин гуна сенариёҳои мухталиф озмоиш мешуд. Дар даври Ишқобод нахустин кӯшиши ҷиддии ҳаллу фасли масоили калидии сиёсӣ, аз ҷумла - масъалаи тақсими ҳукумат дар миён гузошта шуд. Ҳукуматро чӣ гуна бояд тақсим кард? Масъалаҳои аз ҳама бунёдиро чӣ тавр баррасӣ кард? Ин сарфи беҳудаи вақт набуд. Ин кори басо муҳиму сангин буд. Ҷуз он дар он даврҳо қоидаҳои ҷараёни музокирот ба сурати умум риоят мешуд. Мақоле ҳаст, ки вақти ҳарф задани дипломатҳо тӯпхонаҳо хомӯшанд. Ба сурати умум, шартҳои созишномаи муваққатии оташбас ва амалиёти низомиву хасмона риоят мешуд. Бисёр муҳим буд, ки ба оташи низоъ равған рехта нашавад. Ин ҳам санги маҳаке дар пойдевори сулҳи тоҷикон буд. Ангораҳо ё пешнависҳои омодашуда дар шаҳрҳои Ишқобод ва Алмаато сипас ба санадҳое, ки ҷонибҳо имзо карданд, дохил карда шуданд. Дар шаҳри Алмаато масъалаҳои бозгардонидан ва ба ҳам овардани муҳоҷирон ба таври бисёр муфассал баррасӣ гашт.  Вале созишномаи Алмаато, мутаассифона, бо сабабҳои сиёсӣ ба имзо нарасид. Чунки дар масоили сиёсӣ миёни тарафайн тафоҳум ҳосил нашуд. Аз ин рӯ, ин як ҷузъи соф башардӯстонаи созишномаи умумӣ ба имзо нарасид. Вале матни пешнависе, ки дар шаҳри Ишқобод таҳия гардид, дар музокироти даври Теҳрон моҳи январи соли 1995 боз мавриди муҳокима қарор гирифт ва бо иловаҳои хурде  он созишнома бо номи протоколи оид ба гурезагон ба имзо расид. Ба ҳамин хотир,  он даврҳои гуфтушунид беҳуда доир нашуданд.

**Озодӣ:** Дар ду тарафи музокиракунанда одамоне буданд, ки онҳоро  "сарсахт" меномиданд. Онҳо то охир сари мавзеъгирии худ пойфишорӣ мекарданд. Ба ҳадде, ки дар ҳаққашон мегуфтанд, ки зидди сулҳанд. Вале имрӯз аз онҳо ситоиш мекунанд, ки агар ҳама талабҳояшон иҷро мешуд, шояд, вазъи кишвар, демократигардонӣ ва ислоҳот беҳтар ҷараён мегирифт. Шумо ба ин чӣ назар доред?

**В. Горяев:** Сараввал, тавре ки худатон медонед, таърих "агар" – ро намепазирад. Таърих "агар" надорад. Чизе шуд, шуд ва мебоист ҳамин гуна мешуд, на ба гунаи дигар. Ман наметавонам бигӯям, ки дар музокирот "сарсахтон", ё "уқобҳову кабӯтарҳо" доимӣ буданд. Ин  нақшҳоро мантиқи гуфтушунидҳо тағйир медод. Чунки вазъ дигаргун мешуд ва заминаҳо тағйир мехӯрд. Ҳар тараф бо эътиқоди амиқ аз мавқеи худ дифоъ мекард. Фақат мавқеъҳои шахсӣ дар миён набуд, сухан аз дифои манфиатҳои гурӯҳи бузурги одамон: ҳамқабилаҳо, ҳамсилоҳон низ

мерафт. Ин якум. Дуюм ин ки тарафҳо аз усулҳо ва роҳу равишҳои бисёр муҳими худ, ки ояндаи Тоҷикистонро чӣ гуна дидан мехоҳанд, дифоъ мекарданд. Ба ҷуз ин дар гуфтугӯҳо дар бораи ҳукумати баъдиҷангӣ хостҳои шахсӣ ҳам дар миён гузошта мешуд. Табиист, ки зимни гуфтугӯҳо сари тақсими хони ҳукумат аз суи намояндагони муайяни ҳар ду тараф хостҳои фардиро низ дар миён мегузоштанд ва аз он сахт дифоъ мекарданд. Дар он вазъият ин як раванд, як падидаи табиӣ буд.

Дигарбора сари суоли шумо бозмегардам. Гумон надорам, ки фаразан, бо роҳу равиши дигар кор мекарданд ё аз усули дигар кор мегирифтанд, авзоъ дигаргун мешуд. Ин тавр фикр намекунам. Он чӣ муқаддар шуда буд, ба вуқӯъ пайваст. Созишномаҳои сулҳ, медонед, натиҷагирии аввалу охири омилҳои хеле зиёдест, ки ба авзои сиёсӣ, низомӣ, иқтисодӣ ва вазъи соф равонии мардуми Тоҷикистон гиреҳ хӯрда буд. Ғайр аз ин нерӯҳо ва нуфузҳои минтақаӣ низ омилҳои муайян буданд. Ҳамчунин бо диди фарохтар бингарем, аз назари ҷомеаи ҷаҳонӣ ба ҷанги бародаркуши тоҷикон, ки оё қобили таҳаммул ё ғайри қобили таҳаммули онҳо буд, низ набояд сарфи назар кард. Ҳеҷ гоҳ созишнома идеалӣ намешавад. Созишномаи сулҳи байни тоҷикон беҳтарин коре буд, ки дар он шароит анҷом шуд. Он натиҷаи ниҳоии ҳама омилҳо буд.

**Озодӣ:** Намояндагони вижаи Дабири кулли СММ дар ҷараёни музокирот дар муҳлатҳои гуногун иваз мешуданд. Усули кори онҳо чӣ гуна буд? Оё сари ҳалли ягон масъалаи муайян кор мекарданд ва баъд аз анҷоми он иваз мешуданд? Ё ки барои замони муайяне таъин мешуданд?

**В. Горяев:** Онҳо барои замони муайян ва ҳалли масъалаи муайяне дар замони муайян таъин намешуданд. Ғолибан ин ба масъулиятҳои сиёсие бастагӣ дошт, ки аз суи Дабири кул бар дӯши онҳо вогузор мешуд. Масалан, Бутрос Ғолӣ нахустин намояндаи вижа – Исмат Киттониро пас аз 6 моҳи фаъолияти кории ӯ дар Тоҷикистон мушовири сиёсии Дабири кул таъин кард. Дуюмин намояндаи вижа дар дафтари СМ дар Душанбе – Перес Баллон қабл аз он ба ҳайси муовини Дабири кулл дар Душанбе масъулияти бисёр муҳим бар дӯш дошт. Ба ин хотир Бутрос Ғолӣ бо роҳи ҷоиивазкунӣ Перес Баллонро ҷойгузини Киттонӣ намуд. Перес Баллон ин имтиёзро ҳам дошт, ки замони кор дар СМ ҳамзамон вазифаи давлатиеро ҳам адо мекард – ӯ дипломати амалкунандаи Уругвай буд. Ба ҳамин хотир давлаташ ӯро баро муддати кӯтоҳе иҷозаи кор дар Тоҷикистон дод. Айнан

ҳамин гуна дар давраи муайян ҷаноби Меррем бо сабаби шахсӣ масъулияти худро поён дод. Ян Кубиш, тавре ки Шумо медонед, дар Тоҷикистон як сол кор кард ва мумкин буд давом диҳад. Вале Дабири кулли САҲА интихоб шуд. Аз ин нигоҳ, ҳар фиристодаи вижа, ки дар Тоҷикистон адои вазифа мекард, бо сабабҳои хоси узрнок канор мерафт. Барои дигар кардани онҳо тарҳҳои пасипардагӣ сабаб намешуд. Аммо ҳар яки онҳо саҳми худро дар тарҳи сулҳу оштии тоҷикон гузоштанд.

**Озодӣ:** Фаҳмо. Ҳамзамон бо музокироти сулҳомези тоҷикон нишастҳои Дортмунд низ доир мешуданд. Яке аз бунёдгузорони ин нишастҳо - ҷаноби Ҳаролд Сандрес менависад, ки ин дидорҳо ба музокироти сулҳ таъсири бузург доштанд.

**В. Горяев:** Ман ҳамеша ҷонибдорони он будам, ки  Сол Сандерс бо ҳамкорони руси худ дар Дортмунд мизи гирд доир кунад. Мо бо ҷаноби Сандерс масъалаи ҳадафи асосии музокироти тоҷиконро, ки бояд чӣ бошад, муҳокима мекардем. Ман бо диди ӯ комилан мувофиқам, ки гуфтушуниди тоҷикон пас аз имзои созишномаи сулҳ зеҳниятсозӣ ва мавқеъгирии синфи сиёсии миёна, (на табақаи олии ҳукмрон), зиёиёни эҷодкор, илму фанновариро, ки фазо, худшиносӣ ва моҳияти ҷомеаи шаҳрвандии Тоҷикистонро  меофаранд, ҳадаф дорад. Табиист, ки баъзе аз ҷанбаъҳои масоили асосие, ки дар музокирот баррасӣ мешуданд, дар ҷараёни суҳбатҳои мизи гирди Дортмунд, ки сафир Сандерс доир мекард, мавриди муҳокима қарор мегирифтанд. Аммо аз он ки вазифа ва тамаркузи мизи гирд дигар буд, дар он фақат чанд намояндаи ҳайатҳои ҳукуматӣ ва ИНОТ ширкат меварзиданд. Онҳо аз тоифаи раҳбарони пешбар ва аъзои фасосози ҳайатҳои ҳукумат ва мухолифон набуданд. Онҳо табодули назар мекарданд ва ин ҳолат шояд, барои фароҳам сохтани пасманзар ва фазои мусбат барои музокирот ёрӣ мерасонд. Вале асари мустақим ба ҷараёни гуфтушунид надошт. Ман ба ин метавонам бо итминони комил шаҳодат  диҳам. Маро шарафи ширкат дар ҳама даврҳои музокироти тоҷикон ва дар ин радиф таълифи аввалин пешнависҳои ҳамаи санадҳо иттифоқ афтод. Вале ягон иштирокдори гуфтугӯи мизи гирди Дортмунд ҳеҷ гоҳ ҳеҷ пешниҳоди қаламиро барои муҳокима дар гуфтушуниди тоҷикон пешниҳод накардааст. Аз ин рӯ шояд нақши мизи гирди Дортмунд андак муболиғаомез арзёбӣ мешавад. Вале ба ҳар сурат гуфтугӯи Дортмунд нақши мусбат бозид.

**Озодӣ:** Шумо дар бораи нақши Эрон ва Русия дар гуфтушуниди сулҳи тоҷикон таълифоте доред. Вале кишварҳои дигари ҳамсояи Тоҷикистон чӣ нақш доштанд? Онҳо низ магар дар Гурӯҳи Тамос набуданд?

**В. Горяев:** Русия ва Эрон саравввал нозири музокирот буданд. Сипас, замоне ки созишномаи умумии сулҳи Тоҷикистон ба имзо расид, кафили иҷрои ин созишнома ва шомили Гурӯҳи Тамос шуданд. Ман дар ҳаққи давлат ва ҳамкорон, дипломатҳо, ходимони сиёсӣ аз ҳаштгонаи кишварҳои мушоҳид, ки ба таври мустақим ё ғайримустақим дар музокирот иштирок доштанд ва ба дастёбӣ  ба созиши сулҳу оштӣ  таҳрик медоданд, метавонам фақат сухани мусбат бигӯям ва миннатдории амиқ изҳор кунам. Бо далоили айнӣ ҳар кишвари нозир ва кафил дар музокирот саҳми гуногун дошт. Аммо иштироки онҳо қатъан мусбат буд. Дар ин амр ман як сирри муваффақияти ба ҳама маълуми музокироти байни тоҷиконро мебинам. Ҳамаи кишварҳои нозир ва ду созмони байнулмилалӣ: Созмони Амният ва Ҳамкории Аврупо ва Созмони Конфаронси Исломӣ метавон гуфт, чун як тим кор мекарданд. Гурӯҳи СММ ҳамроҳи раҳбарони намояндагони ҳар ду ҳайат ҷараёни гуфтушунидро дар давраҳои гуногун созмон медод ва раҳнамоӣ мекард. Шояд, ин аз мавридҳои аз ҳама мусбати модели тоҷикӣ аст, ки кишварҳои ҳамсоя ва дигари минтақа бе санге дар бағал, аз рӯи виҷдон ва одилона, ба хотири ба даст овардани як ҳадаф кори созанда мекарданд. Аммо ин маъниеро надорад, ки муносибат ва бархӯрд аз рӯзи аввал ҳамин гуна буд. На. Ин як ҷараёни печидаи сайқал додани назар ва манфиатҳои миллӣ буд, ки ба пешбурди муколама барои расидан ба ҳадафи ниҳоӣ ёрӣ расонид. Мушкилот, гуногунфаҳмӣ  ҳам вуҷуд доштанд, аммо ин як чизи табиии корҳои дипломатист. Замоне ки ҳама иштирокдорон ба сӯйи ҳам менигаранд, мавқеъҳои ҳамдигар, манофеи миллии худро дар тарозу мегузоранд. Аммо хушбахтона, ин ҳамаро зери як ҳадафи созанда бурдан даст дод, ки дар он ҳама дастбакорон нақшҳои мусбати худро бозиданд. Бо далелҳои айнӣ, бешубҳа, Русия ва Эрон нақши бештар ва назаррасро иҷро карданд.

*Мусоҳиб Салими Аюбзод. 16 майи соли 2007.*

## Ҳоҷӣ Акбар Тӯраҷонзода: *“Лағви парвандаҳо андешаи Нурӣ буд”*



*Соли 2007 дар Маркази таҳқиқоти стратегии вобаста ба раёсати ҷумҳурии Тоҷикистон дар нишасте бахшида ба шастумин солрӯзи Сайид Абдуллоҳи Нурӣ, раиси Ҳизби наҳзати исломии Тоҷикистон ва раиси пешини Кумисюни Оштии Миллии Тоҷикистон узви Маҷлиси миллии Тоҷикистон Ҳоҷӣ Акбар Тӯраҷонзода хоҳиш кард, ки бахшида ба даҳумин солгарди Созишномаи умумии сулҳ ва ризоияти миллӣ як бори дигар раиси ҷумҳури Тоҷикистон барои размандагони пешини оппозисиюн,ки солҳои тӯлонӣ зиндонӣ шудаанд қонуни афвро татбиқ карда ва низ барои маҳви парвандаҳои ҷиноии роҳбарони пешини оппозисиюн дар бойгониҳои мақомоти интизомӣ иқдом кунад. Чаро чунин хоҳиш ба вуҷуд омадааст ва он чӣ зарурат дорад? Инак посуххҳои Ҳоҷӣ Акбари Тӯраҷонзода:*

**Ҳоҷӣ Акбар Тӯраҷонзода:** Бисмиллоҳир-раҳмонир-раҳим. Аслан, мавзӯи ин пешниҳод дар Ғарм, дар рӯзҳои ҷашни 9-солагии иди Ваҳдат ба миён омада буд. Мо бо устоди марҳум Сайид Абдуллоҳи Нурӣ ва чанде аз дӯстони дигар дар ин ҷамъомад дар якҷо нишаста будем ва мавзӯи афви размандагони собиқ ва баъзе аз дӯстонро ,ки дар зиндонҳо ҳастанд матраҳ кардам. Гуфтам, устод, хуб мешуд ба муносибати даҳсолагии ба имзо расидани Созишномаи умумии сулҳ ва ризоияти миллӣ барои он бародароне,ки дар зиндонҳо ҳастанд бори дигар афв шавад. Он кас ин пешниҳодро ба хушӣ қабул карда ҳамзамон гуфтанд, ки бисёр хуб мешуд ҳамон парвандаҳое, ки бар муқобили роҳбарони оппозисиюни пешин бар

муқобили моён ва дигар намояндагони оппозисиюн ҳаст нобуд карда шавад. Ҳаминро ҳам пешниҳод мекардед хуб мешуд. Аслан ин идея - идеяи устод Нурӣ буд. Баъд ин пешниҳодҳоро муҳокима карда, ба чунин хулоса омадем, ки ба муносибати даҳсолагии имзои сулҳ ҷаноби раиси ҷумҳурӣ як афви нав, афви навбатӣ дар бораи он аъзои Иттиҳодияи оппозисиюн- собиқ размандагони иттиҳодияи оппозисиюн, ки дар зиндонҳо ҳастанд, хуб мебуд, қабул кунанд. Албатта, шояд баъзеи онҳо гунаҳкоранд, баъзеашон аз хушунат дертар даст кашиданд, яъне баъди имзои сулҳ ҳам, мутаассифона, корҳои зиддидавлативу зиддиҳукуматӣ идома доштанд. Мо гуфтем, онҳо инак, мӯҳлатҳои дароз аст, ки дар зиндон ҳастанд:- шояд якеашро ҳашт, якеи дигарашро нӯҳ ва якеи дигариро камтар ё зиёдтар сол шуд ва онҳо барои муддатҳои тӯлонӣ маҳкум шудаанд, то бист солу биступанҷ сол ва онҳо оиладоранд, хешу таборошон ҳаст, фарзанд доранд, ки бесарпараст мондаанд. Аъзои оилаи онҳо ҳамеша ба мо мурочиат мекунанд, ки чораи онҳо дида шавад. Онҳо пушаймон шудагӣ ҳастанд. Воқеан худи ҳамон бародарҳо ба мо мактуб низ фиристодаанд ва эълон кардаанд, ки аз ҳамон корҳои кардаашон пушаймон астанду агар озод шаванд, озодиашонро дар роҳи созандагӣ ва ободии кишвар сарф мекунанд. Аз ҳамин хотир мо пешниҳод кардем, ки хуб мешуд ба муносибати даҳсолагии имзои созишномаи сулҳ дар Рӯзи Ваҳдат ҷаноби президент боз як бори дигар ҷавонмардӣ кунанду ҳамин бародарҳоро аз зиндонҳо озод карда, ба ҳамин нуқта гузоранд. Ба ҳама маълум аст, ки ин пешниҳодҳо дар солҳои музокирот низ мавҷуд буданд, аммо ҳамон вақт мавриди қабул қарор нагирифт. Ва ба хотири имзои созишномаи сулҳ аз ҷумлаи гузаштҳое,ки кардем ҳамин низ буд. Лекин имрӯз фурсат расидааст, ки боз дубора ин мавзӯъро бардорем, зеро парвандаҳои ҷиноӣ бар зидди бисёр роҳбарони Иттиҳодияи оппозисиюн ва аъзои қатории он дар Прокуратураи генералӣ, дар вазорати амният,дар вазорати умури дохила мавҷуд аст. Ин парвандаҳо дар асоси ахбор, ахбори оперативӣ ва хабарҳои носанҷида ҷамъоварӣ шуданд. Ҳарчанд ки тибқи фармони президент ва Созишномаи оштии миллӣ ин парвандаҳоро боздоштаанду роҳбарони оппозисиюни пешин - касоне, ки парвандаи ҷиноӣ алайҳи онҳо боз шудаст, мавриди афв қарор гирифтаанд ,аммо ин парвандаҳо дар бойгониҳо, дар архивҳо вуҷуд доранд. Ҳарчанд ки мо гумони нек дорем, ки ҳукумат ин парвандаҳоро истифода намебарад бар зидди мо бо ғаразҳои сиёсӣ. Мо ин умедвориро дорем, чунки маънову мантиқи созишномаи сулҳ ҳаминро

тақозо мекунад, ки тарафҳо аз сиёҳ кардани тарафи дигар худдорӣ кунанд. Ин нукта ҳанӯз дар Созишномаи оташбас таъкид шуда буд.

Аммо манзури мо дар бораи сӣ -чиҳил соли баъд аст, шояд мо аз ин дунё мегузарем, шояд касоне, ки дар сангарҳо мухолиф буданд аз ин дунё меравaнд, билохира ҳамаи мо инсон ҳастем ва Парвардигор ҳар як инсонро аҷали муайяну муқаддар додааст,ки баъди ҳафтод солу ҳаштод соли зиндагӣ агар умри дароз ҳам ,ки худо диҳад аз ин дунё меравем. Баъд ин парвандаҳоро мумкин наслҳои оянда, на бо мақсади сиёҳкунӣ, аммо модоме, ки дар бойгониҳо ҳаст, баъди сӣ-чиҳил сол метавонад истифода кунад, дигар дастраси умум мешавад. Тибқи қавонини мавҷуда ҳам баъди сӣ сол ҳар хел ҳуҷҷатҳо метавонад дастраси умум қарор бигиранд. Дар ин сурат нависандаҳо, муаррихҳо ва ҳар нафаре, ки мехоҳад дар бораи ҷанги шаҳрвандӣ чизе бинависад, табиист, ки ба ҳамин архивҳо муроҷиат мекунад, зеро дар бойгониҳо ин парвандаҳо ҳастанд. Аз рӯи мутолиаи ин парвандаҳо нисбат ба мо ва нақши мо дар ин ҷанги шаҳрвандӣ хулосаҳое мебарорад, китобҳое менависад, ки мо гумон мекунем, аз рӯи адолат намешавад. Чунки ин парвандаҳо ҳақиқат нестанд. Маводи ин парвандаҳо бисёрашон тӯҳмат ва бисёрашон бӯҳтон аст ва дар асоси хабарҳову ифтирозҳои худи муфаттишон навишта шудагӣ ҳастанд. Муғризона навишта шуда мебошанд, чунки мо дар марҳалаи ҷанги шаҳрвандӣ будем, метавонем бигӯем, ки бо якдигар хусумат доштем. Нисбат ба душман кӯшиш мекарданд, ки чизҳои бисёр ҳам тӯҳматнок бизананд. Бинобар ин мо ҳам ин пешниҳоди устод Нуриро қабул кардему болои ҳамин то ҳозир фикр кардем ва дар рӯзҳои наздик бо номаи расмӣ ба ҷаноби президент муроҷиат мекунем. Ин пешниҳод аллакай сабт шудааст. Ва умедвор ҳастем, ки ҷаноби раиси ҷумҳур ин пешниҳоди моро қабул мекунад.

**Озодӣ:** Шумо аз муҳтавои ин парвандаҳо огаҳӣ доред?

**Ҳ. А. Тӯраҷонзода:** Воқеан ҳам мо аз ин парвандаҳо хабар дорем, ки дар онҳо чиҳо ҳаст.

**Озодӣ:** Ин номае, ки гуфтед, бо имзои кӣ ё киҳо увонии раиси ҷумҳурӣ фиристода мешавад?

**Ҳ. А. Тӯраҷонзода:** Ин нома бо имзои банда, бо имзои устод Муҳаммадшариф Ҳимматзода ва ҷаноби Муҳиддин Кабирӣ фиристода хоҳад шуд. Ба хотири чӣ бо имзои ин се нафари мо меравад? Зеро мо се нафар аъзои Маҷлиси Олӣ ҳастем. Ду

нафар аз Ҳизби наҳзати исломӣ вакилони Маҷлиси намояндагонанд ва ман ҳам узви Маҷлиси Миллӣ мебошам. Ва Ҳизби наҳзат вориси Ҳаракати Наҳзати исломии Тоҷикистон аст. Ва бисёре аз ин парвандаҳо мутааллиқи аъзои ҲНИТ аст. Аз ҳамин хотир аз номи ҳамин се нафар меравад. Ва умедвор ҳастем, ки ҷаноби раиси ҷумҳур инро дуруст қабул мекунанду нисбат ба ин ҳамкорӣ мекунанд.

**Озодӣ:** Шодӣ Шабдолов, раиси ҲКТ гуфт, мақомот набояд аз ин парвандаҳо ба сифати омили фишор алайҳи роҳбарони оппозисиюни пешин истифода кунанд ва ин парвандаҳо бояд солҳои дароз ва ба муддати тӯлонӣ маҳфуз бошанд ва аз сӯи дигар, гуфт ӯ, ки ин кор бояд бар асоси қонунҳои кишвар сурат гирад ва барои маводи бойгонӣ вобаста бо моҳият ва аҳамияти он як вақти муайян пешбинӣ шудааст.

**Ҳ. А. Тӯраҷонзода:** Мо ҳам мегӯем, ки ин масъала дар чаҳорчӯби қонун ҳалли худро ёбад. Бале, қонуни мо мегӯяд, ки архив бояд ҳифз ва ҳимоя шавад. Лекин ҳамин қонунро низ Маҷлиси олӣ қабул кардааст. Ин бо ибтикори ҷаноби президент хоҳад буд. Мо фақат ҳамин қисмат аз парвандаҳоро, парвандаҳоеро, ки дар бойгониҳои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ҳаст онҳо истисно шавад ва ҳаминро як комиссияи босалоҳияте, ки мавриди эътимод аст, ҷаноби раиси ҷумҳур таъин кунанд ва ҳамаи парвандаҳои ҷиноии мавриди назарро ҷамъоварӣ карда нобуд кунанд дар шоҳиди ҳамин афрод. Мо ҳамагӣ дар як система ҳастем, мо ин системаро - системаи давлатдориамонро - худ дастгирӣ мекунем, мо ҷузъи ҳамин система ҳастем, бино бар ин афроде бошанд, ки мавриди эътимоди мо ҳам бошанд.

**Озодӣ:** Фикр мекунед, ки маҳви ҳамин парвандаҳо дар бойгониҳо ба таҳкими раванди сулҳи бебозгашт мусоидат мекунад?

**Ҳ. А. Тӯраҷонзода:** Ҷое барои пинҳон кардан нест. Ҳар як аъзои оппозисия, ҳар як собиқ қумандонҳое, ки сӯҳбат мекунанд, ҳатто касоне, ки чанд сол дар ҳукумат кор кардаанд, ҳамеша ин ҳисро доранд, ки як рӯз не як рӯз онҳоро ҷазо медиҳанд, як рӯз не як рӯз, интиқом мегиранд. Инро ҳар кадомашон такрор мекунанд. Яъне онҳо мегӯянд, ки бархе нафарон дар мақомоти давлатӣ намояндагони оппозисиюнро ҳеҷ вақт худӣ ҳисоб накардаанд. Бале, то як муддат бо мо ҳамкорӣ карданд, аммо моро худӣ намедонанд, бинобар ин моро ҳатман мавриди интиқом

қарор медиҳанд. Ҳамин ҳисси нобоварӣ, мутаассифона, ҳаст. Мо мехоҳем, ки ҳамин аз байн равад. Ҳаминаш ҳам аз байн равад. Яъне кӯчактарин омиле, ки боиси халадор шудани ваҳдати миллӣ дар Тоҷикистон ҳаст, дар ҳамин ҷашни даҳсолагии Сулҳи умумӣ аз байн биравад. Фурсати муносиб аст.

**Озодӣ:** Намояндаи дабири кулли СММ дар Тоҷикистон гуфт, ки мебоист ин чизҳо қабл аз имзои Созишномаи умумии сулҳ мешуд. Яъне маҳви ҳамин парвандаҳо. Чаро он вақт сурат нагирифт ва фикр намекунед, баъзе нафарон инро ҳамчун бознигарии созиш шарҳ диҳанд?

**Ҳ. А. Тӯраҷонзода:** Воқеан ман бояд таъкид кунам, ки ин дар ҳеч сурат ревизияи созишномаи сулҳ нест. Ин бозгашт ба ҳамон рӯзҳо нест. Инчунин талабу чунин зеҳният дар мо вуҷуд надорад. Агарчанде мо ҳамин мавзӯъро дар замони музокирот гуфта будем, ки бояд ҳамин кор шавад. Лекин ҳамон вақт ҷониби ҳукумат қабул накард. Ва он вақт ба хотири сулҳу оштӣ инро мо гузашт карда будем. Ин чиз тамоман пешниҳоди нав аст. Ин пешниҳодро ба ҳайси як шаҳрванди Тоҷикистон ба ҳайси узви Маҷлиси Миллӣ мо аз президенти худ, аз президенте, ки худамон интихобашон кардаем, тақозо ва илтимос мекунем. Мо дар ин ҷо талаб надорем. Агар ҳамин кор шавад, ба манфиати ваҳдати миллатамон мешавад, ба манфиати таҳкими дӯстӣ дар байни шаҳрвандони Тоҷикистон мешавад.

**Озодӣ:** Ба назари шумо, теъдоди маҳбусоне, ки афвашон тақозо мешавад, чӣ қадар буда метавонад?

**Ҳ. А. Тӯраҷонзода:** Дар як аризае, ки ба мо омадааст ва ман онро ба ҷаноби президент фиристоданӣ ҳастам, ном ва насаби ҳафт нафар омадааст ва онҳо гуфтаанд, ки мо аз номи ҳафтсад нафар ба шумо мефиристем. Аммо ман намедонам, ки чӣ қадар маҳбус аз шумори размандагони собиқи оппозисиюн дар зиндонҳо дорем.

**Озодӣ:** Шумо дар ин нома киҳоро дар назар доред?

**Ҳ. А. Тӯраҷонзода:** Мо мегӯем ҳама шомил шаванд.

*Мусоҳиб Абдуқаюми Қаюмзод. 14 март,соли 2007. Душанбе.*

## Иброҳим Усмонов: “Роҳи сулҳ воқеан роҳи душворе буд”



**Озодӣ:** Устоди арҷманд, биёед, ба ёд биёрем, ки пеш аз шурӯи даври аввали гуфтушунид дар доираҳои давлатӣ дар Тоҷикистон дар бораи эҳтимоли доир шудан ё радди ҳама гуна гуфтушунид чӣ суҳбатҳо буд?

**Иброҳим Усмонов:** На фақат пеш аз он ки гуфтушунид сар шавад, ҳатто баъди он ҳам ки гуфтушунид оғоз гашту як-ду марҳилааш гузашт, аксарияти кул муқобили гуфтушунид буданд. Ҳам онҳое, ки сари қудрат буданд, ҳам онҳое, ки зидди қудрат мубориза мекарданд, ҳам онҳое, ки дар миёна сарсону саргардон шуда буданд. Чаро? Ба фикрам, барои он ки мегуфтанд, хайр, бад аст, нағз аст – гузашт. Нашавад, ки гуфтушунид боз ба вазъро ҳолати номуайян баргардонаду ин ҳолат давом ёбад. Барои ҳамин ҳарчӣ шуд – шуд, акнун дигар ба ҳамин роҳ рафтан даркор. Ҳамин хел фикр буд, пеш аз ҳама. Як тараф мағлуб шуд, дигар тараф қудратро ба даст гирифт – ана ҳамин хел фикр пайдо шуд.

**Озодӣ:** Аммо дар кадом ҳолат ин тағйирот пайдо шуд ?

**И. Усмонов:** То охирин рӯз бисёре аз силоҳдорон дар ҳамин ақида монданд, ин ақидаро тағйир надоданд, махсусан онҳое, ки дар ҷониби ҳукумат буданд. Исёни Маҳмуд Худойбердиев, норизоии баъзе қумондонҳои дигар дар таркибаш ҳамин заминаро дошт. Он тарафи дигар ҳам дошт. Масалан, муносибати Ризвон

Содиров ба он воқеаҳо, муносибати Мулло Абдуллои Дарбандӣ нишон медиҳад, ки дар он тараф ҳам одамони норозӣ буданд. Аммо сарфи назар аз он ки силаҳдорон қатъан ба ин ақида зиддият нишон медоданд, дар ҳалқаҳои ҳукумат фикре пайдо шуд, ки ҳамин ҳолати номуайянӣ ба манфиати ҳукумат ҳам нест. Инро яктарафа кардан даркор аст. Ба таври амалӣ бигирем, ҳам онҳое, ки ба ҳукумат ёрӣ мерасониданд, ҳам онҳое, ки ба мухолифон ёрӣ мерасониданд, дар ёриашон ғаразҳои худашон бештар шомил мешуд. Пас зарурате пайдо шуд, ки ҳалли қатъии рӯ ба рӯ пайдо кунад. Ҳамин хел андешаҳо, аслан гирем, аз соли 1993-юм дар ин роҳбарият пайдо шуд. Барои дарки ҳақиқати ин кор фақат як чизро мегӯям, ки тақрибан моҳи марти соли 1993 ман тасмим гирифтам, ки дар Радиои Тоҷикистон барномаи садои муҳоҷиронро ба вуҷуд биёрем, ки баъдтар бо номи "Хоки ватан" пайдо шуд. Он қумондонҳое, ки ман онҳоро мешинохтам, қатъан зид буданд. Мисол, доим мегуфтанд, ки мана аз Эрон, аз Афғонистон миллионҳо одам баромада рафт, касе суроғ намекунад, шарт аст мо аз пайи ҳамин ҳазор, сад ҳазоре, ки рафтаст, бошем? Чӣ даркор аст ин?! Ман он вақт муовини аввали раиси Кумитаи телевизион ва радио будам. Дидам, ки он вақт ба ин шакл кор пеш намеравад. Баъд маҷбур шудам ба раиси Шӯрои Олии ҳамонвақта, Эмомалӣ Раҳмонов, муроҷиат кунам. Он кас аз ман пурсиданд, ки чӣ аст нияти ин гузориш? Ман гуфтам, агар мо сулҳ, гуфтушунид мехоста бошем, пеш аз ҳама, бояд заминаи мухолифатро бубинем. Заминаи онҳо ин муҳоҷирон аст, онҳоро баргардонидан даркор. Ин фикр маъқул шуд. Маълум шуд, ки аз пеш худи он кас ҳамин ақидаро доштаанд. Ҳанӯз дар сессияи Хуҷанд изҳор карда буданд, ки ҳамаро ба ватан бармегардонанд, ҳамин гуфтаашон замина буд. Барои ҳамин ризоят доданд ва гуфтанд, ки чӣ кор кунанд? Ман гуфтам, ки дар радио шумо баромад мекунед, ман гуфтори якумро бо сухани шумо сар кардан мехоҳам. Хайр, албатта, ман ҳамчун журналист барои такмили матнашон кӯмак кардам. Як чизи муҳиме, ки гуфтанд, ин ки шумо ба ватан баргардед, ман ба шумо кӯҳи тило ваъда намекунам, вале ҳар чизе, ки дорем, бо ҳам мебинем. Агар молу мулкатон ба шумо насиб накунад, ба каси дигар насиб намекунад. Ин аллакай даст дароз кардан буд ба сӯйи дӯстӣ. Албатта, боз такрор мекунам, дар ҳалқаҳои сиёсӣ ва дар ҳалқаҳои низомӣ мухолифон бисёр буданд. Ёд доред, мегуфтанд, ки мо бо онҳое, ки то оринҷашон дар хун ғутидаанд, ҳеҷ вақт гуфтушунид намекунем. Ин фақат аз ин тараф набуд, Агар китоби ҷаноби Нурӣ "Дар он сӯйи сиёсат" - ро хонед, ин хел

мисолҳо дар он ҷо ҳам  пайдо мешаванд. Яъне ҳолатҳои калавиш буд, ки онро бо дастгирии миёнаравҳо ба ҷараёни музокирот оварда расониданд.

**Озодӣ:** Аммо ба назари Шумо, чӣ омиле таъсир кард, ки кам-кам ин фикрҳо аз байн рафту масалан, ба ҷои онҳо ақидаи гуфтушунид омад ?

**И. Усмонов:** Дар аввал омили асосӣ душвории иқтисодӣ буд. Душвории иқтисодии дохили мамлакат. Тасаввур кунед Душанбеи солҳои 1993-1994-ро. Тасаввур кунед қатори навбати нонро; пули беқурбшудаи шӯравӣ буд - нон набуд. Орд набуд, роҳҳо баста буд; ҷанг буд. Касе Тоҷикистонро бо ин шакл шинохтан намехост. Тоҷикистон аввал бояд худро мешинохт, ки дигарон вайро шиносанд. Нон додан даркор буд. Ин  -- як. Дуюм, пул набуд ва душвории иқтисодӣ буд. Русияе, ки эълон кард ҳамин минтақаро дар муҳити пули русӣ нигоҳ медорад, ин корро накард. Моҳи феврали соли 1993 - юм Абдуллоҷонов як мусоҳиба доштанд ба сифати сарвазири Тоҷикистон ва дар он гуфтанд, ки мо аз минтақаи пули русӣ намебароем. Ман дар он мизи мудаввар иштирок доштам. Пурсидам, ки оё Русия ин қавлашро то охир нигоҳ дошта метавонад? Гуфтанд, ки ҳа, ман ба ин бовар дорам. Лекин воқеаҳои соли 1994 нишон дод, ки ин тавр набудааст. Мо маҷбур шудем ва аз минтақаи пули русӣ баромадем. Ин душвории дигар буд. Сеюм, худи душвории давлатдорӣ буд, давлати футуррафта, нестшударо аз дигар пайдо кардан даркор буд. Инро ба он маънӣ мегӯям, ки масалан, Шумо аввали соли 1993 навишта будед, ки Бадахшон аллакай ҷудо шуд аз Тоҷикистон, лекин Қозидавлат Қоимдодову Назаршоев ба Бадахшон рафтанд, чунки Бадахшон худро “ҷумҳурии автономӣ” эълон кард. Дар ҳақиқат калавиш, ҷудоиандозӣ аз соли 1992 сар шуда буд. Хуҷанд ҷудо барин буд. Дар зоҳир иттифоқчии пештараи ҳукумат - вилояти Суғд, раисаш – Абдуҷалил Ҳомидов дар моҳи августи соли 1993 роҳи Хуҷанд – Душанберо баст. Водии Ҳисор бо қувваҳои ҳарбӣ, ба истилоҳ – гурӯҳҳои худмудофиааш ҳам дар Ҳисор, ҳам дар Шаҳринав, ҳам дар Турсунзода ба ҳукумат тақрибан итоат намекард. Қавм, мулкпарастӣ ба вуҷуд омад. Ҳар минтақа ба сари худаш мустақил буд. Он ташкилотҳои ҳимоят аз ватан, ҳамшаҳригарӣ, ки соли 1988 ташкил кардем, дар ин вақт ҳамчун заминаи мухолифати маҳалҳо хидмат кард. Онҳоро барҳам додан даркор буд. Давлат набуд. Ҳамту ба ҳисоб гиред, дар чаҳор соли аввали ба вуҷуд омадани давлати имрӯзаи  Тоҷикистон чаҳор бор сарвазир иваз шуд. Соли 1993 – Абдумалик Абдуллоҷов, соли 1994 – Абдуҷалил Самадов, соли 1995 – Ҷамшед Каримов, соли 1996 – Яҳё Азимов. Ин нишони гум

будани сару нӯги сохтори давлатиамон буд. Конститутсияи мо аз замони советӣ буд, ба ин сохти нав мувофиқат намекард. Бисёр меъёрҳои он барои такмили ҷомеа монеъгӣ мекарданд. Барои ҳамаи инро барҳам додан як хотири ҷамъ ва сарҷамъии мардум даркор буд, ки бигӯянд, ҳа, ҳамин корро мекунем. Як мушкили дигар: дар замин кор кардан намехостанд. Соҳиби замин дар замини худаш кор кардан намехост, наметавонист. Барои чӣ? Барои он ки бовар надошт ҳосилашро худаш мегирад ё не? Ҷанг давом дошт, "боевикҳо", фарқ надорад аз кадом тараф ё молу ҳосили деҳқонро мегирифтанд ё заминашро ғасб мекарданд ё худашро мекуштанд. Яъне, дасту дили деҳон аз кору меҳнат сард шуда буд. Барои он ки ҳамаи ин мушкилиҳо аз байн бурда шавад, дар дохил эҳсос ба зарурати музокирот пайдо шуд. Дар берун ҳам дарбадарӣ ба дили мардум зад. Нонталабӣ ба дили мардум зад. Дар даруни хайма ба ҷойи хона зиндагӣ кардан ба дили мардум зад. Дар мулки бегона қабристон ба вуҷуд овардан ба дили мардум зад. Рости гап, барномаи "Хоки ватан" эҳсоси баргаштанро дар дили мардум бедор кард. Дар дили муҳоҷирон фикрҳои мухталиф пайдо шуданд, тарафдорони баргаштан ва мондан пайдо шуданд. Аз хонаву дар дуру дароз мондан ба дил зад. Мардуме, ки дар давраи советӣ ба муқимӣ зиндагӣ кардан одат карда буданд, ҳатто берун аз Тоҷикистон як солу ду сол зиндагӣ карда наметавонистанд, яку якбора, ки ба хориҷа рафтанд, ёди ватан бештар буд. Бар замми ин дар байни онҳо занону кӯдакон ва муйсафедҳо бисёр буданд. Менталитети миллии мо ин аст, ки мӯсафедон ва кампирон дар хоки ватан мурдан мехоҳанд. Ана ҳамин рӯҳия раҳбарияти мухолифинро ҳам маҷбур кард, ки сари ёфтани роҳи гуфтушунид ва бозгашт ба ватан фикр кунад. Ана ҳамин чизҳо сабаб шуданд. Баъд онҳое, ки воқеан таҳрик мекарданд, ёрдам мекарданд, онҳо ҳам ҳар ду тарафро тела-тела мекарданд, ки то кай аз мо кӯмак мегиред, истифода баред аз кӯмакҳо. Ё бо аслиҳа, ё бо гуфтушунид илоҷи коратонро ёбед, ки меҳнати мо ҳам зоеъ наравад. Ҳамин омилҳо, ман гумон мекунам, сабабҳои обйективӣ шуданд барои шурӯъ шудани гуфтушунид. Албатта, кӯшишҳое, ки Созмони Милали Муттаҳид барои такмили ин кор кард ва кӯшишҳои мамлакатҳои ҳамсоя ин гуфтушунидро ба бор овард. Албатта, дар навбати аввал майли худи ҷонибҳои дохилӣ буд. Агар ин майлу хоҳишҳои ҷонибҳои дохил намебуд, ҳеҷ кадоми он кӯшишҳо самар намеовард.

**Озодӣ:** Дар ҳамин замина оё аз ибтидо майли тарафи ҳукумат ба сулҳ содиқона буд ё ин ки сохтани зоҳири суол буд , яъне - аз зери дасти оппозисиюн берун

кашидани пойгоҳи иҷтимоӣ, ки Шумо гуфтед, - бозгардонидани фирориён ба ватан буд?

**И. Усмонов:** Албатта, мафҳуми ҳукумат васеъ аст. Дар ҳукумат ҳама гуна назария ҳам буд, тавре ки дар раҳбарияти мухолифат ҳам буд. Одамоне буданд, ки ҳақиқатан сулҳ мехостанд. Одамоне ҳам буданд, ки мегуфтанд, хайр, коре кунем, ки сулҳмонанд шаваду ҳамин мардум бозгарданд, хайр, он тарафашро мебинем. Одамоне ҳам буданд, ки мегуфтанд, хайр, биёянд, дар дохили мамлакат он тарафи кор -- дар дасти худамон. Ҳама гуна назария, ҳама гуна фикр буд. Одамоне буданд, ки то охир ба зарурати гуфтшунид шубҳа доштанд. Ҳатто наздиктарин рафиқонам ҳам буданд, ки баъди давраи дуюми музокирот гуфтанд: чӣ даркор барои ту ба ҳамон ҷо рафтан, - ин ҳеч чиз намедиҳад. Ва онҳо аслан одамони беақл ҳам набуданд, одамони бомаълумот буданд. Ҳатто онҳо ба ин андеша буданд. Вақте ки дар музокирот пешравӣ набуд, Душанбе тақрибан ба қабристон монандӣ дошт, на ханда буду на лабханде, мо ҳатто худамон гоҳе фикр мекардем, ки ба гӯши кар азон хонда истодаем. Ягон чиз ба даст намеояд. Масалан, ман шахсан худам ба ҳамин фикр будам. Дигаронро намедонам, ман, шахсан худам, аз зумраи онҳое будам, ки  аввал зидди музокирот буданд. Намехостам дар музокирот иштирок кардан. Лекин баъди он ки ба музокирот пайвастам, ман содиқона барои он кор кардам. Хостам, ки бо ҳамин мардум сулҳро ба вуҷуд  биёрем. Сулҳ барои ҳама мардум, ҳамаи мо, бошад. Ман медонам, ки дар музокирот ғаразҳои бисёр ба вуҷуд омад, гапу корҳои бисёре шуд, лекин ман дар ин музокирот ба ҳамин роҳе рафтам, ки ба он бовар доштам. Шумо, ки дар бораи ҳукумат пурсидед, албатта шахси якуми ҳукумати Тоҷикистон – президентро дар назар доред, ҳарчӣ ман аз забони ӯ шунидам, хоҳ дар суҳбатҳои ҷаласа, хоҳ дар супоришҳо ба ҳайат ё танҳо ба ман содиқона мегуфт, ки агар мо худамон муттаҳид нашавем, моро атрофиён зиндагӣ кардан намемонанд. Ин чизро ман аз забони Раҳмонов шунидам ва метавонам бигӯям, ки ҳа, дар ҳақиқат ӯ сулҳи воқеиро мехост.

**Озодӣ:** Аввалин мулоқот чӣ гуна сурат гирифт? Ман хонда будам, ки ҳатто  дастӣ салом кардан мушкил пеш оварда буд. Ба ёд биёред, ки аввалин дидор, нахустин мулоқот чӣ тавр сурат гирифт ?

**И. Усмонов:** Хуб, ин дар моҳи апрели соли 1994 дар Маскав буд, тавре ки медонед. Барои чӣ мо ба шурӯи мулоқот дар шубҳа будем? 3-юми апрел дар “Независимая газета” мақолаи Олег Панфилов чоп шуд – “Кто есть кто?”. Ҳайатҳои тарафҳоро

ба хонандаи Русия шиносониданд. Аммо тасаввур кунед, барои Русияи ҳамон замон зидди коммунист чӣ гапе буд? Ҳозир ҳам коммунист чандон обрӯи хуб надорад дар он ҷо, дар он замон коммунист маънии “душмани халқ” дошт. Халқи советӣ ва мардуми дигари кишварҳои сотсиалистӣ аз дасти ин золимҳо ҷонашон ба лаб омадааст, - маъниро дошт. Олег Панфилов ҳайатҳоро ба ҳамин шакл шиносонд, ки масалан, раҳбари ҳайати ҳукуматӣ -- Шукурҷон Зуҳуров, вазири меҳнат аст, вале дар асл чор коммунист раҳбаранд: ман – Иброҳим Усмонов, Амирқул Азимов, Саид Салимов ва Баҳодур Абдуллоев. Ва шарҳе ҳам дошт, ки аз ҳукумати Тоҷикистон ин ҳайати коммунистӣ омадааст. Ҳамаи аъзои тарафи оппозитсияро ба сифати вазиру вакили пештара шиносонд. Хонанда киро бояд пешвоз мегирифт, вазиру вакилони пешинаро ё ин коммунистҳои тавқи лаънат дар гарданро? Рӯҳи мақолаи  Панфилов ҳамин буд. Хайр, дар байни мо ҳам фикре ба вуҷуд омад, ки муносибат, ки бо мо ҳамин хел бошад, моро, ки ба бадӣ  пешвоз гирифта бошанд, муносибати мо чӣ гуна бояд бошад?! Масалан, ман қарор додам, ки бо ҳеҷ кас салом намекунам. Меравам, мешинам паси мизи мизи гуфтушунид, “салом”, “салом” - шарт нест. Вале ба ҳукми тасодуф ҳамин хел шуд, ки дар рӯзи панҷум, вақте ки дар виллаи Вазорати корҳои хориҷии Русия музокирот сар мешуд, пеш аз мо мухолифон омаданд. Ман дар ҳақиқат худро нодид гирифта, гузаштанӣ будам, ки Отахон Латифӣ маро боздоштанд. Гуфтанд, ки ману ту журналист будем, ман – раиси Иттифоқи журналистон будам, ту дар раёсат будӣ, чаро салом намекунӣ? Хайр, баъд гаштаму салом кардаму бо ҳамин шурӯъ шуд. Ва яке аз қадамҳои қатъии ба ҳам оштӣ карданро Ливиу Бота гузошт, намояндаи Созмони Милали Муттаҳид дар Тоҷикистон. Вақте ки 12 - ҳуми апрели соли 1994 мо рӯзномаи музокироти сулҳи Тоҷикистонро баъди баррасии якҳафтаина имзо кардем, Бота гуфт, ки ман як пиёла чойи тоҷикӣ ташкил карда истодаам ва бо палав ҳам зиёфат кард ва мардумро тавре шинонд, ки тарафи ҳукумат ва тарафи мухолифат омехта нишастанд. Чӣ хел? Дар паҳлуи ғармии он тараф ғармии ин тараф, паҳлуи суғдӣ – суғдӣ, паҳлуи бадахшӣ – бадахширо шинонд, яъне аз нигоҳи мансубияти маҳал нишастанд, на аз нигоҳи сиёсат. Вай ба хаёлам, менталитети моро аз худи мо беҳтар медонист, ки тору пуди маҳал дар вуҷуди мо ҳаст. Ба хаёлам, аз ҳамин маврид истифода кардан хост. Ин кор дар ҳамон ҳолат бад набуд, барои он ки моро ба ҳамдигар наздик кард. Албатта дар як-ду маҷлиси аввал муносибатамон бисёр тезутунд буд. Хайр, ба ҳисоб гиред, ки раҳбари мухолифат ҳайати моро эътироф кардан намехост. Дар як суҳбате, ки моҳи майи

1994 Шумо ҳамроҳи Тураҷонзода доштед, Шумо аз ӯ пурсидед – чаро ба Маскав омадед, вале барои чӣ дар гуфтушунид иштирок накардед? Тураҷонзода гуфт, ки ин сатҳи ҳозира, масалан - раҳбари ин ҳайат касоне нестанд, ки масъаларо ҳал карда тавонанд. Барои ҳамин то сатҳи ин ҳайат баланд бардошта нашавад, Достиев ё ягон каси дигар ба ин ҷо наояд, ман дар музокирот иштирок намекунам. Дар мусоҳибаи Шумо ҳамин хел як ҷавоби Тураҷонзода ҳаст. Яъне – ҳамин эътироф накарданҳо ба ғаши мо мерасид, хоҳед – нахоҳед. Дар дарун баҳс мекардем, гӯё розӣ мешуданд бо раҳбарии устод – Латифӣ, ҳамин ки танаффус мешуду гашта меомаданд – гап дигар мешуд. Чунки домулло Тураҷонзода, домулло Ҳимматзода ҳамон ҷо буданд, кадом як ҷиҳати чизи қабулшуда ба онҳо маъқул намешуд, боз, аз нав муҳокимаро сар мекардем. Масалан, протокол дар бораи гурезаҳо, ки дар Москва тайёр кардем ва аз 7 банд иборат буд, бо 3 банд монд. Чунки баъди муҳокимаи банди 5-ум қафо гаштем. Латифӣ гуфт, ки хайр, мо ҳамин хел хулоса кардем. Мо пешакӣ ба тасвиб расонида будем, лекин даст кашиданд. Ё масалан,  созишномаи оташбаси муваққат дар сарҳади Тоҷикистону Афғонистон ва дар дохили кишвар дар даври дуюми музокирот дар Теҳрон тасвиб шуд, лекин имзо накардем. Баъд барои он як давраи иловагӣ ташкил кардем ва имзо шуд. Ҳамин гуна муносибатҳои асабикунанда, албатта, дар муносибатҳои зоҳирӣ ҳам ба назар мерасид, одамҳоро аз ҳам дур мекард. Лекин баъд, кам-кам, баъди он ки аввалин муваффақиятҳо пайдо шуд, тарафҳо ақаллан эҳтироми шахсии ҳамдигарро медоштагӣ, гапи якдигарро гӯш карда метавонистагӣ шудем. Албатта, ин хел ҳам набуд, ки мо доим як ҷо будаву бо ҳамдигар суҳбатҳо дошта бошем. Ин бисёр дар музокирот муҳим аст, ки қабул ҳам ки накунед – ақаллан мавқеи тарафи дигарро гӯш кардан ва фаҳмидан даркор аст. Мо ҳам, он тараф ҳам пештар ба ҳамин тоқат надоштем. Дар ҷараёни суҳбат пайдо шуд.

**Озодӣ:** Оё ҳайати ҳукумат чӣ гуна интихоб ё таъйин гардид? Масалан, то ҷое ки ман хабар дорам, аъзои ҳайати опозисиюн бар пояи нуфузи онҳо дар минтақа интихоб гардид.

**И. Усмонов:** Ман гумон мекунам дар ҳайати ҳукуматӣ се-чор нафар аз нуқтаи назари он ки расман мавқеи ҳукуматро ҳимоят мекунанд, интихоб шуда буданд. Инҳо – Шукурҷон Зуҳуров, ман, Саид Салимов, Баҳодур Абдуллоев, Амирқул Азимов – 5 кас. Илова бар ин дар ҳайати мо  намояндаҳои минтақаҳо ҳам буданд,

аз Бадахшон аввал Холдоров буданд, баъд Шамсиддин ба ҷояшон омад, аз Ҳисор Шарипов Шаҳоб Набиевич буданд, ҳамчун намояндаи вилояти Суғд – Ғоибов, прокурори ин вилоят, дохил шуд, ҳамчун намояндаи Фронти халқӣ ва минтақаҳои Вахшу Кӯлоб – Шералӣ Мирзоев дохил шуданд, ҳамчун намояндаи ҷомеаҳои ақаллиятҳои миллӣ Раҳим Ҳошимов дохил шуд ба ҳайати ҳукуматӣ. Яъне, инҳо намояндагӣ аз минтақа ё қавм доштанд. Гурӯҳи дигараш ҳастаи ҳайатро ташкил мекард. Ман ҳамин хел тасаввур мекунам. Мо дар ҳайат ба сифати намояндаҳои маҳал дохил набудем.

**Озодӣ:** Ҳар боре, ки тарафи ҳукумат озими гуфтушунид мешуд, то ҷое ки ман аз навиштаҳои Шумо ва манбаъҳои дигар огаҳӣ дорам, президент бо ҳайати ҳукумат мулоқот мекард ва фикру андешаҳояшро мегуфт. Аммо баъд аз бозгашт ҳам ин гуна мулоқот мекард?

**И. Усмонов:** Бале, ҳам пеш аз сафар, ҳам баъди сафар президент ҳатман қабул мекарданд. Маъмулан пеш аз сафар президент ҳамаро қабул мекарданд, баъди сафар, агар имкон медоштанд, ҳамаро, агар не, ҳамон се-чор нафар гурӯҳи раҳбарии ҳайатро қабул мекарданд. Ман дар ҳамаи ин мулоқотҳо будам. Баъди даври дуюм, масалан, ба мо супориш доданд, ки бо мардум мулоқот ва пресс-конфаронс ташкил карда, фикратонро гӯед. Чизе, ки дар музокирот шуд, пешниҳоде, ки мо кардем – мегуфтем, он кас фикрашонро мегуфтанд, ки мо то чӣ дараҷа дуруст ва чӣ дараҷа нодуруст кор кардаем. Албатта, ин хел хаёл кардан ҳам нодуруст аст, ки мо дар вақти сафар аз президент канда будем. Не, дар вақти сафар ҳам ба президент муроҷиат мекардем, телефон мекардем, машварат мегирифтем, душворие пеш ояд, назарашонро мепурсидем. Масалан, дар Теҳрон дар даври дуюм душворӣ бисёр буд. Баъди омадан албатта, ҳатман боз суҳбат мекарданд.

**Озодӣ:** Ягон бор норизоии шадид ҳам карда буданд?

**И. Усмонов:** Ман инро надидам. Масалан, чизе, ки ман ба хотир дорам, чизе, ки қатъан зидди он баромада бошанд, набуд. Не. Аз натиҷаи кори мо норозӣ набуданд ҳеҷ вақт.

**Озодӣ:** Ё ноқаноатмандӣ?

**И. Усмонов:** Не. Ин ҳам набуд. Агар фарз кардем, роҳбари бевоситаи музокирот, Достиев, Убайдуллоев ё Талбак Назаровро танҳо даъват карда, аз ягон чиз норизоӣ накарда бошанд, дар ҳузури ду-се нафар норизоӣ намекарданд. Баракс, ҳатто дар душвортарин лаҳзаҳо ҳам президент кӯшиш мекарданд, ки дилбардорӣ кунанд: ҳеҷ гап не, ин дафъа мешавад. Мана ҳамин чиз ҳақиқатан буд.

**Озодӣ:** Даври сеюми музокирот ба замони омодагиҳо ба баргузор кардани раъйпурсӣ барои қабули Қонуни асосӣ ва баргузор намудани интихоботи раисҷумҳур рост омад. Оё ин ягон махсусияте эҷод кард?

**И. Усмонов:** Ин ягона давре буд, ки ман нарафтам, иштирок надоштам. Ман он вақт раиси Кумитаи давлатии радио ва телевизиони Тоҷикистон будам. Президент ба ман гуфтанд, ки маъракаи интихобот аст, Шумо ин дафъа ин ҷо бошед, беҳтар.

Хусусияти марҳилаи сеюм ин тамомшавии як давраи сулҳи Тоҷикистон аст. Баъди ин оппозисиюн қаҳр кард. Опозисиюн натиҷаи интихоботи президентро қабул накард. Медонед, мо ба умеде, ки опозисиюн иштирок мекунад, интихоботи президентиро як моҳ дер гузаронидем. Нашуд. Баъди он, вақте ки боз масъалаи гузаронидани интихоботи вакилон пеш омад, тасмим гирифтем, агар аз ҷониби оппозитсия қатъан, ба тариқи хаттӣ изҳорот пешниҳод шавад, ки дар интихобот иштирок мекунанд, мо тайёрем интихоботро баъди чанд моҳ гузаронем. Агар чунин пешниҳод нашавад, “не”, гуфта, қарор кардем. Вобаста ба як чизи бисёр душвор дар давраи сеюм ман мехоҳам дар ҳамин ҷо бо миннатдорӣ аз Алиашраф Шабистарӣ, сафири ҳамонвақтаи Эрон дар Тоҷикистон ёдоварӣ кунам. Дар Исломобод масъалаи ивази маҳбусон ва асирон ба миён гузошта шуд. Бо мувофиқати ҳар ду тараф Хоруғ ҷои ивази онҳо эълон шуд. Ҳукумат дар ҳамон рӯзи таъиншуда, 4-ум ё 6-уми ноябр одамонро ба Бадахшон фиристод. Вале аз тарафи мухолифон одамоне, ки дар рӯйхат буданд, оварда нашуданд. Ивазкунӣ қариб бекор мешуд. Шабистарӣ қудрат пайдо кард, ки ба Афғонистон, назди раҳбарони дастаҳои мусаллаҳ гузарад ва асирону маҳбусонро оварда, ба иваз кардан шурӯъ кунад. Рости гап, ҷараёни ин кор баъди давраи сеюм як навъ боварро ба оянда мустаҳкам кард. Ҳарчанд то моҳи апрел тақрибан ним соли бе музокирот ба миён омад: гуфтушуниди Убайдуллоеву Тураҷонзода дар Маскав нашуд ва дар моҳи май мулоқоти байни президенту ҷаноби Нурӣ дар Афғонистон баргузор гардид. Тарафи оппозисиюн қаҳр карда буд, ки бе

иштироки онҳо Қонуни асосӣ қабул шуд, онҳо Конститутсияи нав қабулшуда, интихоботҳои президент ва вакилонро эътироф накарданд. Баъди шаш моҳ Конститутсия ва интихоботи президентро эътироф карданд, вале парлумонро эътироф накарданд. Яъне, дар он миён як душворие пайдо шуда буд.

**Озодӣ:** Баъди ин марҳила ташаббуси "оштӣ" шудан аз кадом ҷониб шуд?

**И. Усмонов:** Ман гумон мекунам ин ҷо ташаббуси Созмони Милали Муттаҳид бештар буд назар ба ҳар ду тарафи музокиракунанда. Чунки мо аз он қаҳр карда будем, ки ҳама корро қонунан кардем, аммо мухолифон эътироф кардан намехоҳанд. Мухолифон аз он қаҳр карда буданд, ки чаро бо вуҷуди чандин дафъа гуфтан, боз ҳам ин корҳо бе машварату иштироки онҳо анҷом гирифтанд. Яъне, ҳар ҷониб риштаро ба тарафи худ мекашид ва маҷоли бо ҳам гап задан надоштанд. Ман фикр мекунам яке аз нақшҳое, ки Перес Баллон, намояндаи махсуси Дабири Кулли Созмони Милал дар Тоҷикистон дар солҳои 1993-1996 – идора.) дар муҳокимаи сулҳи тоҷикон бозид, бо ҳам наздик кардани мавқеъҳо буд. Албатта, Эрон, Русия ва Афғонистон ҳам мавқеъ доштанд. Аммо ташаббус аз кӣ зиёдтар буд? Агар ба назар бигирем, ки президент дар ҳолати ҷанг дар Афғонистон ва дар муҳосира будани Кобул ба он ҷо барои мулоқот бо ҷаноби Нурӣ рафт, шояд, ташаббуси ҷониби ҳукумат андак зиёд буд.

**Озодӣ:** Ва дар бораи ҳамин мулоқоти Афғонистон: як мулоқот дар Кобул ва як мулоқот дар Хусдеҳ дар дохили опозисиюн як навъ беназмиву ҳарҷу марҷ ба вуҷуд оварданд. Ҳатто раҳбарони дараҷаи аввал бо ҳамдигар дар ихтилоф афтоданд, ки ин кор бемашварат доир шуд ва бояд намешуд. Оё ин мулоқотҳо бо тавсияи Созмони Милал буд ё ҳукумат медонист, ки бо ин роҳ метавонад опозисиюнро пора кунад?

**И. Усмонов:** Не. Ин ду мулоқот андак аз ҳам тафовут доранд. Мулоқоти Кобул, пеш аз ҳама, бо ибтикори СММ буд ва дар он аввалин бор зиёиёни минтақаи Қаротегини Тоҷикистон (Рашти ҳозира – идора) ҳамроҳи раҳбари давлат фаъолонатар иштирок карданд. Яъне дар музокирот фақат Шукурҷон Зуҳуров, зодаи ин минтақа иштирок дошта бошад, дар он ҷо Меҳмон Бахтӣ, Фазлиддини Акашариф Ҷӯраев ва дигарон ҳам рафтанд. Яъне, мардуми муҳоҷир ҳам ба он пайваст, ки ин чизи дигар аст. Мулоқоти Хусдеҳ тамоман чизи дигар аст. Ба наздикӣ созмони ҷавонони ҳизби наҳзат ба муносибати рӯзи Ваҳдат як мизи

мудаввар ороста, ки дар он ман як гап гуфтам, ки қисмате аз иштирокдорон кӯшиш карданд рад кунанд. Ман гуфтам, ки имзо шудани созишномаи 15-уми сентябри 1996 дар Ғарм байни қумондонҳои саҳроии мухолифон ва роҳбарони дастаҳои низомии ҳукумат барои роҳбарияти сиёсии мухолифон тамоман ғайричашмдошт буд. Инро тамоман чашмдор набуданд. Далелаш бадеҳатан ба Эрон даъват шудани Мирзохӯҷа Низомов ва Абдунабӣ Сатторзода, ки ин ҷо намояндаи ҳарбӣ буданд, ҳамчун раҳбари ситоди низомӣ бадеҳатан ба Тоҷикистон фиристода шудани Давлат Усмонов аст. Ман дар ҳамон шабу рӯзҳо дар Қаротегин будам, ин чизҳоро медонам. Вақте ки Мулло Абдулло 26 нафарро ба ҳабс гирифт, мо аз он ҷо ба ҷаноби Нурӣ телефон кардем. Гуфтанд, ки қумондонҳо худашон медонанд, мо ин ҷо ҳеҷ кор кардан наметавонем. Яъне, як навъ қаҳр дар ин масъала дар ин миён буд. Ва баъди ин воқеа яку якбора ризоят доданд, ки ҷаноби Нурӣ бо президент дар Маскав вомехӯранд, лекин пешакӣ ҳуҷҷати онро дар Теҳрон тайёр кардан даркор аст. Мо, гурӯҳи кории ҳукумат ба Теҳрон рафтем. Вале ҷаноби Нурӣ наомаданд. Онҳое, ки омаданд, тайёр набуданд, ҳуҷҷатро имзо кунанд. Дар ҳамон ҷо заминаи Комиссияи Оштии Миллиро ба вуҷуд овардем, ки он замина баъд дар Хусдеҳ шаби 11 декабри 1996 ба имзо расид. Баъд дар Хусдеҳ чӣ шуд? Ман гумон мекунам, ба кадом сабаби ба ман номаълум ҷаноби Тураҷонзода аз натиҷаи мулоқоти Хусдеҳ розӣ набуданд. Рӯзи 10-уми декабр ба Хусдеҳ ҳайатҳо омаданд, шаби 10-ум ба 11-ум протокол тайёр шуд, рӯзи 11-уми декабр протоколҳо имзо шуд. Соати 8-и бегоҳӣ ҳайати ҳукуматӣ ба Душанбе бозгашт, соати 11.30- и шаб ман бо супориши президент фармони ӯро ба воситаи телевизион хондам, ки аз фардо, яъне аз соати 12.00 дақиқаи ҳамин шаб, 12 декабр ҷанг дар минтақаи Қаротегин аз тарафи ҳукумат бас карда мешавад. Ҳамин хел созишнома дар бораи минтақаҳои доғ буд. Пагоҳаш дар сессияи Шӯрои Олӣ президент боз ҳамин чизро изҳор карданд. Ва мо бо ҳамин шарт ва ҳаяҷон рӯзи 19-уми декабри соли 1996 ба Маскав рафтем. Рӯзи 20-уми декабр бояд музокирот шурӯъ мешуд. Лекин ҳайати мухолифон наомад. Мо шунидем, ки дар Теҳрон Тураҷонзода норизоӣ кардаанд, ки намебиёянд. Лекин як гурӯҳашон ба ҳар ҳол омад. Баъди омадан ҳам протоколи батасвибрасидаро имзо кардан нахостанд. Аввалин бор дар раванди сулҳи тоҷикон рӯзи 21-уми декабри соли 1996 муншии Созмони Милали Муттаҳид, оне, ки вазифааш моҳи январ ба охир мерасиду оне, ки ба адои вазифа шурӯъ мекард, Кофӣ Аннон ва Бутрос Ғолӣ – ҳардуяшон якҷоя ба мо телеграм фиристоданд. Ба ин маънӣ, ки таҷрибаи имзо

накардани ҳуҷҷати батасвибрасида дар таҷрибаи байналхалқӣ нест. Яъне, аз он ҷо як кашише буд. Баъде, ки ин ҳуҷҷатҳо имзо шуд ва моҳи январи соли 1997 ба Теҳрон рафтем, дар он ҷо вобаста ба мулоқоту протоколи Хусдеҳ байни раҳматӣ Отахон Латифӣ ва ҷаноби Тураҷонзода тезутундие ба вуҷуд омад. Дар масъалаи онҷӣ дар Хусдеҳ шуд, баъзеҳо гумон мекунанд замина дар масъалаи маҳал ҳам дорад.  Ин хел ақида ҳам ҳаст. Лекин заминааш чӣ буд, гуфта наметавонам, чунки ман дар худи ҷараёни мулоқоти Хусдеҳ ворид набудам. Фақат мушоҳидаҳоямро аз рӯи далелҳое, ки ҳаст, гуфтам.

**Озодӣ:** Агар музокиротро як ҳунари дипломатӣ ва як саҳнабозии сиёсӣ биномем, ба ҳар ҳол натиҷаҳои музокирот ба фоидаи ягон тараф ҳал шуд ё ҳарду тараф?

**И. Усмонов:** Дар шакли кул – ба фоидаи ҳар ду тараф. Лекин дақиқ нигаред, ҳал шудани манфиатҳои тарафҳои алоҳида ҳам ҳаст. Шояд дар таҷрибаи ҷаҳонӣ ҳал шудани як масъала ба манфиати ҳар ду тарафи зид набошад. Ба ин бовари ман кам аст. Биёед, ман инро андак равшантар бигӯям. Аввал ин ки шояд, дар масъалаи сулҳ манфиати тарафи ҳукумат зиёдтар буд. Гарчи тарафи мухолифон ҳам манфиати бисёр дид. Лекин дар дохил ҳам боз манфиатҳо тақсим мешаванд. Дар тарафи ҳукумат на ҳамаи онҳое, ки ҳамроҳаш буд, манфиати якхела бардоштанд. Дар тарафи мухолифон ҳам – ҳамин хел. Ман ҳатто дар як маҷлис маҷбур шудам, ба ҷаноби Нурӣ суол диҳам, ки оё дар Комиссияи Оштии Миллӣ намояндаҳои мухолифони сиёсӣ - Иттиҳоди нерӯҳои опозисиюни Тоҷикистон (ИНОТ) фақат аз намояндагони як минтақа иборатанд? Ё намояндагони минтақаҳои дигари Тоҷикистон ҳам дар он шомил буданд? Чунки гап дар бораи тақсимоти 30% мерафт ва ҳамеша як тақсиму як гап, ки буд, ман ин чизро пурсидам. Яъне дар дохили қувваҳо: ҳам тарафи ҳукумат, ҳам опозисиюн манфиатгароии гурӯҳӣ ба ҳар ҳол боқӣ монд. Лекин манфиати миллӣ андак баландтар буд, ки сулҳ шуд. Агар манфиати миллӣ аз он манфиатҳои гурӯҳӣ андак пасттар гузошта мешуд, сулҳ ба вуҷуд намеомад.

**Озодӣ:** Аммо аз нигоҳи манзараи сиёсӣ он оппозисиюне, ки метавонист дар сатҳи ҷаҳонӣ сухан гӯяд, имрӯз парешону пароканда аст.

**И. Усмонов:** Опозисиюн худаш худашро пароканда кард. Ба қарибӣ ба ман аз ҷониби як намояндаи оппозисиюн ба ҳамин монанд суол шуд, ки оё имрӯз ҳамаи онҷӣ дар созишномаҳо буд, иҷро мешавад ё не? Ман гуфтам, ки маълум шуд -

шумо он мардумеро, ки дар ҷараёни музокирот, мухолифати сиёсӣ ва ҷанг бештар ба онҳо такя мекардед, дар марҳилаи ахир фаромӯш кардед ва ба пасманзар партофтед. Барои ҳамин дар ин давра кори шумо, мисли давраи аввал пешрав набуд. Агар дар ҳақиқат ҳамту нигоҳ кунед, дар давраи дуюм шахсоне назариясозони онҳо шуданд, ки аз кӯчаи назария нагузаштаанд. Ман давраи татбиқи созишномаҳоро дар назар дорам. Эътибори онҳое, ки заминаҳои татбиқи созишномаҳоро тайёр карданд, коста шуд. Шояд гумон карданд, акнун ҳама чиз ҳосил шуд, дигар зарурати такя кардан ба онҳо нест. Ман ҳамин хел фикр мекунам.

**Озодӣ:** Дар ҷараёни ҳамаи ин музокирот ва ҳатто дар давраи кори Комиссиюни Оштии Миллӣ чанд лаҳзае буд, ки эҳтимол буд ин биное, ки бо мушкилӣ, азият, хуни ҷигар сохта шудааст, аз ҳам фурӯ равад. Ҳар ширкаткунанда ин лаҳзаҳоро аз нигоҳи худаш мебинад. Аз нигоҳи Шумо, кадом ҳодисаҳо буданд, ки имкон дошт, ҳамаи натиҷаҳоро ба ҳам зананд ?

**И. Усмонов:** Хуб, пеш аз ҳама, дар аввали соли 1998-ум кам-кам камэътибор шудани раҳбарияти мухолифон дар назди ҳукумат мушоҳида мешуд. Яъне нописандона нигоҳ кардан ба онҳо буд, ки боиси се дафъа қаҳр кардани ҷаноби Нурӣ ва ҳатто ба муддати як-ду моҳ тарки Тоҷикистон кардани он кас ҳам шуд. Ин бисёр хатарнок буд. Чизи бисёр хатарнок он масъала ҳам буд, ки моҳи майи соли 1998 Маҷлиси Олии Тоҷикистон Қонуни ҳизбҳо (Қонуни ҶТ “Дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ", ноябри соли 1998) - ро қабул накард ва хатари тарки Тоҷикистон кардани мухолифон ҳам ба вуҷуд омад. Барои ҳамин ба таври таъҷилӣ гурӯҳи корӣ таъсис дода шуд, ки ҳамон 2 моддаи қонуни ҳизбҳоро аз дигар сохт. Баъди ҳамин дар Комиссияи Оштии Миллӣ сухан дар бораи давлати “дунявӣ” ё “ғайридунявӣ” пайдо шуд. То ҳамон вақт дар бораи давлати дунявӣ умуман гап намерафт, дар ин бора касе пешниҳоде ҳам надошт. Ва чизи сеюм: моҳи июни соли 1999, вақте ки масъалаи иҷозаи фаъолият ба аҳзоби сиёсии мухолифон ҳал нашуд ва банди 2-юми протоколи низомӣ ҳам ҳал нашуда буд, хатари барҳам хӯрдани ҳама чиз пеш омада буд. Ян Кубиш, (раҳбари дафтари сулҳи СММ дар Тоҷикистон дар солҳои 90 –и асри гузашта –идора) то ҳамон рӯзе, ки Душанберо тарк мекард, давутоз карда, комиссияе ташкил кард ва ба кори он 3-нафарӣ аз ҳар ду тарафи музокиракунанда дохил шуданд. Ӯ ин комиссияро таъсис дод ва баъд аз як соати он ваколати фаъолияташ дар Тоҷикистон тамом шуда, баромада рафт.

Он комиссия як пешниҳод кард, ки 17-уми июл онро тасдиқ карданд ва дар асоси он 3-юми августи соли 1999, (мана - имрӯз 4 август аст), ба фаъолияти аҳзоби сиёсии мухолифон ва матбуоти онҳо иҷозат дода шуд. Ана ҳамин давраҳо бисёр хатарнок буданд. Дар дафъаи якуми қаҳр кардани ҷаноби Нурӣ дар рӯзи 1-уми январ дар ҳукумат як маҷлиси бисёр пуршиддат барпо шуд. Президент тақрибан 3 соат ба ҳамаи мақомот, раҳбарияти сохторҳо, вазирон, командирҳо бисёр сахт гап заданд, ки касе сабаби канда шудани риштаи ҷараёни сулҳ мешавад, мо бо ӯ ҳамчун бо "хоини миллат" муносибат мекунем. Вазъ воқеан бисёр муташанниҷ буд, бисёр хатарнок буд, кас метарсид, ки мабодо бо ҳамин ҳамааш тамом нашавад.

**Озодӣ:** Як қадам ба қафо баргардем. Оё вақте ки бо фармондеҳони опозисиюн дар минтақаи Ғарм созишнома имзо шуд ҳадаф ин буд, ки раҳбарияти сиёсии опозисиюнро аз ин нерӯи ҳарбӣ ҷудо кунанд ?

**И. Усмонов:** Ман чунин гумон намекунам. Ҳадафи ниҳоӣ ҳамин ҳам буданаш мумкин аст. Ва раҳбарияти сиёсии мухолифон ҳамин хел ҳам қабул карданд. Лекин ҳадафи асосӣ дар ҳамон шабу рӯзҳо ҳам аз ҷониби қумондонҳо, ҳам аз ҷониби ҳукумат кушодани посгоҳҳо буд, ки аз Душанбе то Ҷиргатол ҷойгир шуда буданд. Дар ҳар сари қадам як посгоҳ буд. Ҷони раҳгузарон ба лаб меомад. Аз Ғарм ба Душанбе омадан ё аз Душанбе ба он тараф рафтан азоби дӯзах кашидан барин буд. Бори меовардаашон омада намерасид. Зиндагӣ кардани мардум даркор буд, хӯрок хӯрдани мардум даркор буд, пеши хешу табораш омадан даркор буд. Барои ҳамин ман гумон мекунам, ки мақсади мулкии ин созишнома зиёдтар буд. Албатта, дар ниҳояти кор мақсади аз ҳамин такягоҳи низомӣ маҳрум кардан ё камтар кардани таъсири онҳо ба он ҳам бояд буда бошад.

**Озодӣ:** Ва ҳукумат кӯшиш ҳам мекард, ки аз ихтилофоти байни роҳбарони опозисиюн ҳам истифода кунад?

**И. Усмонов:** Оё ҳамин корро мухолифат намекард?

**Озодӣ:** Мекард, албатта.

**И. Усмонов:** Хайр, ин як чизи табиӣ дар ҳама гуна ҳукумат аст. Дар тамоми таърих. Сиёсат худаш ҳамин аст. Сиёсат имконият ёфта, мавқеи худро мустаҳкам кардан аст. Барои ҳамин будани ин чиз мумкин аст. Ман ба Шумо мисоли конкрет

гуфта наметавонам. Лекин ҳамчун одаме, ки дар ин соҳа андак фикр мекунам, бар онам, ки будани ин чиз мумкин аст.

**Озодӣ:** Мову Шумо омилҳоеро номбар кардем, ки ба раванди таъсир доштанд. Ба назари Шумо, оё омили ҳарбӣ ҳам нақш дошт? Опозисиюн даъво дорад, ки бо омили ҳарбӣ ба созишномаи сулҳ ноил шуд. Тавилдара бо онҳо буд, минтақаҳои дигар бо онҳо буд.

**И. Усмонов:** Хуб, опозисиюн дар Тавилдара буд. Аз ағбаи Каранак ҳам чанд кас ба самти Кӯлоб гузаштанд. Лекин опозисиюн он қадар қудрате надошт, ки на фақат Тоҷикистонро ба даст гирад, балки он минтақаи зери дасташон бударо доимӣ нигоҳ дорад. Як дафъа вақте ки гап дар бораи ҷанги Сичароғ мерафт, ҷаноби Тураҷонзода гуфтанд, ки мо ҷанги партизанӣ мебарем. Дар ҷанги партизанӣ ҳар чиз шуданаш мумкин аст. Яъне ҳар ҷое, ки дар тасарруфи опозисиюн буд, хусусияти ҷанги партизанӣ дошт: имрӯз дар деҳае ҳастанд, фардо нестанд. Фардо дар он маҳал ҳукумат аст ё нерӯи дигар. Хуб, минтақаи Тавилдара аз охири соли 1995 сар карда, як навъ қатъитар дар зери дасти опозисиюн монд. Ман ҳатто дар як мақолаам навишта будам, ки хатари дар ҳамон ҷо ба вуҷуд овардани пойгоҳи сиёсии мухолифат мавҷуд аст. Яъне, метавонистанд ба он ҷо сиёсатмадоронашонро ҳам бикашонанд, соҳиби ҳудуде шуданашон ҳам мумкин буд.

**Озодӣ:** Даъвои онҳо ин аст, ки артиши давлат дар ҳамаи муҳорибаҳо пай дар пай шикаст мехӯрд.

**И. Усмонов:** Рости гап, ман низомӣ нестам ва баҳо додани ман ба ин масъала чандон дуруст ҳам нест. Аз рӯи одоб ҳам набудагист. Лекин агар натиҷаашро нигоҳ кунем, қадом нерӯ истодагарӣ кард? Ҳамин натиҷа бозгӯяндаи он аст, ки кадоме аз онҳо бақувваттар аст. Масалан, агар филмҳои амрикоиро тамошо кунед, рақибони худашон, махсусан - шӯравиро аблаҳ нишон медиҳанд, худашонро - зӯр. Ин вақти тамошои филм ба одам сахт мерасад. Таҳқир аст. Лекин ҷиҳати бадеии филмро як сӯ монед, вақте мебинед, ки дар набард амрикоиҳо ғолиб меоянд, ин асос дорад. Ё дар филмҳое, ки дар мавзӯи ҷанги бузурги ватанӣ шӯравӣ гирифтааст, сарбозони олмонӣ бисёр соддалавҳона тасвир мешаванд. Ин дахл дорад ба филмҳои солҳои 50-у 60-ум. Дар солҳои 70-80-ум вазъ тағйир ёфт ва филмҳои бисёр ҷиддӣ бардошта шуданд. Лекин натиҷаи умумӣ ин ки новобаста

ба талафот, кадом тараф ғалаба кард? Пас, қуввае, ки зӯртар будааст, ғалаба кард. Дар ҳамин ҷанг ҳам агар он даъво ҳақ бошад, ки нерӯи опозисиюн аз ҳукуматӣ зӯртар буд, пас, ғалаба карданашон даркор буд. Агар зӯр буданду вале ғалаба накарданд, пас кадом чизи бад доштаанд. Ё зӯр буду ғалаба накард ё зӯр буду чизи бадтаре дошт, ки нагузошт ғалаба кунад. Аз ҳамин ду чиз якеро ба гардан гирифтан даркор мешавад. Ё артишаш зӯр бошад, пас, раҳбарияти сиёсии ба ду пул намеарзидагӣ дошт. Агар артишаш сусттар бошад, ҳақиқати воқеӣ буд, ки ба амал омад.

**Озодӣ:** Оё наздик омадани Толибон ба марзи ҷанубии Тоҷикистонро ҳам як омиле шумурдан мумкин аст, ки ҷонибҳоро ба бастани сулҳ водор кард ?

**И. Усмонов:** Инро бисёриҳо мегӯянд. Ман рости гап, дар ин бора камтар фикр мекунам. Ман ҳатто он даъвоҳоеро, ки гӯё Толибҳо мехостанд Осиёи Миёнаро ба худ тобеъ кунанд, қабул надорам. Мумкин ғалат кунам. Он Толибон табааи Афғонистон ҳастанд. Ҳеҷ вақт минтақаи осиёи Миёна  ба қаламрави Афғонистон дохил набуд. Баракс - Балх то нимаҳои асри 19 ба қаламрави Самарқанд дохил буд. Барои ҳамин ман ба ин даъво, ки Толибон ҳуҷум карда омада, намозро дар Бухоро хондан мехоҳанд, камтар шарик ҳастам. Оё дар сарҳад будани Толибҳо ба манфиати опозисиюни тоҷик буда метавонист ё не? Толибҳо дар Афғонистон пеш аз ҳама, ба муқобили тоҷикон ҷанг мекарданд. Опозисиюни мо ҳам аз қавми тоҷик буд. Ба ман ҷиддӣ гуфтан, ки онҳо метавонистанд бо Толибон пайванданду дастгирӣ ёбанд, душвортар аст. Чунки ин опозисиюни мо бо Эътилофи шимолии Афғонистон, бо ҷаноби Раббонӣ, бо Аҳмадшоҳи Масъуд ҳамкорӣ мекард. Дар ин чорчӯб дар муқобили Толибон қарор гирифтанашон мумкин буд. Он гоҳ онҳо ҳам бо Толибон, ҳам бо мо ҷангиданашон лозим меомад. Гарчи майлонҳои дастгирӣ ва эътирофи ҳукумати Толибон дар кишварҳои Осиёи Миёна: дар Туркманистон, дар Узбакистон пайдо шуданд, аз ин нигоҳ, шояд, дар байни мухолифони мо ҳам касони ба Толибон хайрхоҳ ҳам буданд. Шояд, аз қишри касоне, ки дар Покистон паноҳида буданд. Лекин ҳамаи инро бо “шояд” мегӯем, чунки дар амал ягон чизи наздик ба инро ба қайд нагирифтам.

**Озодӣ:** Ба ҳар ҳол, гуфта мешавад, ки ҳаракати Толибон ба суи марз Русияро водор кард ба раванди сулҳи тоҷикон бештар таваҷҷуҳ кунад.

**И. Усмонов:** Русия аслан шарик буд. Ҳаракати Толибон қувваҳои эътилофи шимолиро ҳам маҷбур кард, ки аз Русия паноҳ ҷӯянд. Ба Русия бовар кунанд ва ин сабаби ба Тоҷикистон ҳам бовар кардани онҳо шуд. Агар ҳамин тавр бигӯем, фаҳмиданаш осонтар мешавад. Чунки Русия эҳтиёҷманд набуд, балки нерӯҳои Эътилофи шимолӣ, ки зидди нерӯҳои Русияи Шӯравӣ меҷангиданд, (ба ҳимояти Русия) эҳтиёҷманд буданд. Нерӯҳои эътилофи шимолӣ маҷбур шуданд инро эътироф кунанд. Чунки дар Тоҷикистон паноҳгоҳ ёфтанашон зарур меомад. Монанди он ки гурезаҳои мо дар Тоҷикистон паноҳгоҳ пайдо карданд. Лекин давлати мо кори хуб кард, ки дар ҳамон шаб рӯз имконият надод мардуми Афғонистон ба тарафи мо гузаранд. Чунки гуреза шудани афғонҳо сабаби мустаҳкам шудани мавқеи Толибон дар сарҳаду минтақа шуданаш мумкин буд.

**Озодӣ:** Аммо агар ба мавзеъгирии Русия нигоҳ кунем, дар ҳар давраи гуфтушуниди сулҳ тағйир меёфт. Як вақт хеле шадид мешуд, ки бояд сулҳ шавад, гоҳе суст. Масалан,  дар Алмаато ҳамаи аснод омода буд, ҳамон шаб Чернишёв (Чернишёв, Алберт Сергеевич –муовини вазири корҳои хориҷии Русия дар солҳои 1993 - 1996 – идора.) парвоз карда омад, аснод имзо нашуд ва мисли инҳо. Назари Шумо ба мавзеъгириҳои Русия дар ҳама даврҳои гуфтушунидҳои сулҳи тоҷикон чӣ гуна аст ?

**И. Усмонов:** Аввалан, гуфтушуниди Алмаато📖ро ман ёдоварӣ кунам. Ба Алмаато иттиҳоди мухолифини тоҷик ба дили бисёр пур омад. Барои он ки дар масъалаи ташкили Форуми халқҳои Тоҷикистон ҳам раҳбарияти Қазоқистон, ҳам раҳбарияти Узбакистон иттиҳоди мухолифинро дастгирӣ карданд. Як муроҷиат ба халқҳои СНГ ҳам тайёр шуд. Рӯзи 23-юми май бояд дар Маскав форуми онҳо доир мешуд, ки дар ҳамон ҷо хонданӣ ҳам буданд. Ва ҳамон ҳуҷҷати пешакӣ тайёркардагиашонро паҳн ҳам карданд. Шумо ёд дошта бошед, барои тасдиқ ба Қирғизистон ҳам фиристоданд, ки Аскар Акаев (президенти ин кишвар - идора.) дастгирӣ накард. Баъд дар маҷлиси сарони давлатҳои СНГ, ки 23 ё 25-уми май дар Маскав баргузор шуд, Елтсин қатъӣ изҳор кард, мо ҳукумати Тоҷикистонро дастгирӣ мекунем. Баъд Чернишёв ҳам омаду ҳуҷҷати ташкили он форум имзо нашуд... Дар мавриди Русия. Медонед, ман аз дӯстони Русия ҳастам. Ҳар қадар, ки таърихи Осиёи Миёнаро хондам, ҳамон қадар бештар дарк кардам, ки Русия ба шакли кул дар сарнавишти халқи тоҷик нақши мусбат дорад. Чизҳои манфии бисёре ҳам дорад, вале ҳамаро ҷамъ кунед, 55 бар 45 дар сад бар фоидаи корҳои

нағзаш гуфтан мумкин аст. Лекин як чизе, ки дар сиёсати Русия аз замони раҳбарии Михаил Горбачев эҳсос мекунам, ноустуворӣ аст. Манфиати онҳоеро, ки ваъда кардаасту удадорӣ дорад, аз даст медиҳад. Аз Куба сар шуд, Югославияи собиқ, Ироқ... Ҳамин хел калавишҳо дар масъалаи Тоҷикистон ҳам ба амал меомад. Буданд ҳолатҳое, ки муносибати бисёр сард мекард. Лекин дар шакли умум такягоҳи асосии ҳукумати Тоҷикистон Русия буд. Ман медонам, ки вақте ки дар Покистон музокирот доир шуд, як навъ дурравии Русия ҳам мушоҳида шуд. Баъд дар музокироти даври панҷум дар 3 давраи Ишқобод муносибатҳо чандон қавӣ набуд, баъзе калавишҳо ба мушоҳида мерасид. Лекин баъди мулоқоти Хусдеҳи Афғонистон вазъ боз тағйир ёфт ва муносибат аз нав мустаҳкам шуд.

**Озодӣ:** Дар Алмаато ҳам гуфта мешавад, ки гӯё Назарбоев гуфтааст, ки Форуми мардуми Тоҷикистон таъсис ёбад, як соли дигар ҳам ин ҷо ҷаласа кунанд, харҷашро мепардозад.

**И. Усмонов:** Ҳа, ҳамин хел гуфтанд. Ман дар мулоқот бо Назарбоев набудам. Аз тарафи ҳукумат Маҳмадсаид Убайдуллоев ба хаёлам, танҳо  иштирок доштанд. Ва тарафи мухолифон ҳамин гаперо, ки ҳозир Шумо гуфтед, ба ман ҳам гуфтанд. Мо ҳамон вақт дар суҳбатҳои хусусӣ мегуфтем, ки беҳтараш, аввал парламенташонро барқарор кунанд ва ба кор дароранд. Чунки ҳамон шабу рӯз Назарбоев парламенташонро барҳам дода буд ва мо дар бинои он мулоқот мекардем. Лекин дар бораи Форуми халқҳои Тоҷикистон. Ман намедонам шояд, дар давраи гузар, давраи сулҳ ақидаҳои сиёсии маҳалҳоро дар назар гирифта созем, як чизе ҳосил мешуд. Лекин Форум ё Ассамблеяи халқҳо, ки дар Узбекистон, Қазоқистон, Қирғизистон имрӯз ҳаст, дар асоси нишондиҳандаҳои этникӣ ташкил шудаанд. Вале ин чизе, ки ба мо пешниҳод мешуд, дар асоси нишондҳандаҳои сиёсӣ бояд ба вуҷуд меомад. Оё ин форум метавонист кор кунад ё не ва идора карданаш аз он су ин мушкили дигар буд.

**Озодӣ:** Дар яке аз марҳилаҳои наздик ба поёни музокирот тақозо мешуд, ки гурӯҳи Абдуллоҷонов ҳам ба гуфтушунидҳо шарик шавад. Ин аз ҷониби опозисиюн пазируфта мешуд, аммо ҷониби ҳукумат рад мекард. Ба назари Шумо, сабаб дар чӣ буд ?

**И. Усмонов:** Абдуллоҷонов моҳи декабри соли 1996 ба Созмони Милали Муттаҳид муроҷиат кард. Ва аз он ҷо ҷавоб гирифт, ки чорчӯби иштирокдорони

музокирот аз ҷониби СММ бо тавсияи тарафҳои музокиракунанда муайян карда шудааст. Танҳо тарафҳои музокиракунанда ин масъаларо ҳал карда метавонанд, ки иштироки ӯ мумкин аст ё не. Асоси тарафи ҳукумат барои ба музокирот напайвастани Абдуллоҷонов чӣ буд? Абдуллоҷонов дар давраи аввал амалан гӯё дар раванди гуфтушунид аз ҷониби ҳукумат иштирок дошт. Вай ҳамчун қисми таркибии ҳукумат буд. Аз тарафи дигар, ҳайати ҳукуматӣ, тавре ки ман ба шумо гуфтам, аз рӯи нишондиҳандаҳои ҳизбӣ сохта нашуда буд. Яклухт ё аз рӯи маҳал таъсис шуда буд. Аз ин нигоҳ, агар Абдуллоҷонов даъвогари иштирок аз рӯи мансубияти маҳал бошад, намояндаи маҳалли ӯ дар музокирот буд, агар аз рӯи намояндаи қувваи сеюм ширкат кардан мехост, ин дар чорчӯбаи гуфтушунид пешбинӣ нашуда буд. Опозисиюн ҳам на ҳамеша ва ва на ҳама Абдуллоҷоновро дастгирӣ мекард. Ҳамту, дар омади гап, як-ду бор мегуфтанд, лекин қатъан талаб намекарданд, ки ин одам ҳам ба ҳайати музокиракунандагон дохил карда шавад. Ин хел гап набуд. Ман ин гуна талаби қатъиро нашунидам. Мумкин, дар мулоқотҳое, ки ман иштирок надоштам, ин гуна пешниҳод шуда бошад. Ин гап аввалин дафъа моҳи январи соли 1997 дар Теҳрон пайдо шуд. Лекин дар маҷлисҳои пленарии комиссиюн, дар суҳбатҳои тарафҳо, ки ин комиссиюн доир мекард, умуман дар ин бора гапе набуд. Як бор фақат Тураҷонзода пешниҳод карданд, халос. Вақти дар Комиссияи Оштии Миллӣ фаъолият кардан ҳам, агар мехостанд, метавонистанд чизе бидиҳанд, ки ин ҳам нашуд. Ҳамин ном, ҳамин ҳаракат дар ҷараёни музокираҳои сиёсӣ ҳамчун байрақ истифода шуд.

**Озодӣ:** Шумо чанд бор аз Теҳрон ёд кардед. Оё нақше, ки Эрон бозӣ кард, чи дар зоҳир ва чи дар паси парда, ба назари Шумо, чӣ гуна буд?

**И. Усмонов:** Ин дар як сатҳ бо нақше аст, ки Русия бозид. Эрон ва Русия як тарафи дигари музокироти сулҳи мо ҳастанд. Чунки фарз кардем, мо 80 дар сад бо маслиҳати Русия ва мухолифон 80 дарсад ба машварати Эрон кор мекардем. Муносибати байни Эрону Русия ҳам сабаби хубӣ ё бадии ҷараёни музокироти сулҳи мо шуда метавонист. Агар муносибати байни онҳо беҳтар бошад, пешравии кори мо беҳтар аст. Агар муносибати байни онҳо чандон хуб набошад, музокирот ҳам чандон хуб пеш намерафт. Ин чиз буд ва ман инро дарк мекардам, Инро мо эътироф мекунем – намекунем, ба хаёлам, ин ҳақиқати музокирот аст.

**Озодӣ:** Агар саҳми Эрону Русия чунин бошад, саҳми СММ дар кадом сатҳ буд ?

**И. Усмонов:** Вай тамоман чизи дигар аст. Русия – 30 фоизи ҳукумати Тоҷикистон, Эрон – 30 дар сади мухолифони тоҷик, СММ – ин созмони дигарест, ки ҳукумати Тоҷикистон ва мухолифонро ба ҳамдигар наздик мекарданд. Русия ва Эрон дар ин наздик кардан дар таркиби ҷониби ҳукумат ё мухолифон пайдо мешаванд. На ба шакли мустақил. Тарзи фаъолияташонро аз ин нигоҳ бубинем, осонтар дарк мешавад. Вале дар назорат (- и ҷараёни музокирот) онҳо монанди ҳар мамлакати дигар: Афғонистон, Туркманистон ва ғайра амал мекарданд: мешинанд, назорат мекунанд, ҳисобот тайёр мекунанд - вале ин чизи дигар аст.

**Озодӣ:** Агар ба тарзи дигар суол гузорам: Оё Ғарб ба ягон шакле дар музокироти тоҷикон ширкат дошт ?

**И. Усмонов:** Бале. Ғарб дар ин гуфтушунид бо номи СММ ширкат дошт. СММ мавқеи Ғарбро асосан ифода мекард, аз рӯйи манфиати Ғарб гап мезад. Албатта, сулҳи моро мехост. Ҷараёни сулҳи моро ба манфиати Ғарб мувофиқ мекард. Хуб аст ё бад аст, - ман ҳолӣ инро гуфта наметавонам. Ҳоло ҳозир хуб аст. Асосиаш ин ки - сулҳи дохилии мо набояд ба манфиати Ғарб таъсир расонад. Ана ҳамин ақида дар фаъолияти СММ, САҲА буд.

**Озодӣ:** Ташаккур, устоди арҷманд. Шояд, Шуморо хаста кардам. Ва охирин савол. Дар бораи раванди сулҳ бисёр чизҳо гуфта ва навишта шуд. Оё чизҳои пасипардагие ҳам ҳастанд, ки имрӯз гуфтани онҳо мумкин нест ва як замоне гуфта хоҳанд шуд.

**И. Усмонов:** Ҳолӣ бисёранд. Ҳолӣ он чизҳо умуман гуфта нашудаанд. Ва ин чизи табиӣ ҳам ҳаст. Ҳозир ҳар он чӣ навишта шудааст, ин ҳанӯз дар чорчӯби публисистика ва ё наздик ба он аст. Ҳанӯз илми ин чиз ба вуҷуд наомадааст. Барои ба вуҷуд омадани илми ин чиз аввал гуфта шудани ҳамаи гапҳо даркор аст. Гуфта шудани гапҳои дуруст ва нодуруст даркор аст. Гуфта шудани росту дурӯғ ҳам аз ҳамаи тарафҳо даркор аст. Баъд аз таркиби ҳамаи онҳо ҳамин ҳақиқати воқеӣ пайдо мешавад. Баъд ба баъзе "чаро" – ҳое, ки ҳозир ҳаст, ҷавоб додан мумкин мешавад. Ҳозир ҷавоб додан намешавад. "Чаро" – ҳои ҳозира монанди он фармудаи ислом аст, ки савол додани бисёр мумкин нест. Оянда боз Носири Хисравҳо даркор мешаванд, ки:

*Агар хоҳӣ, ки ин чизҳо напурсам,*
*Маро боист ҳайвон офаридан.*

Ин марҳалаи дигар аст. Ман гумон мекунам, ки муҳаққиқон, ки шарт нест ширкатгари воқеа бошанд, дар бораи баъзе чизҳои дигараш, шояд, баъди 10 – 15 соли дигар мегуфта бошанд. Чунки дар ҳолати дар ҳаёт будани ҳамаи тарафҳо, ҳамаи раҳбарҳо, ҳамаи иштирокчиёни фаъол ҳамаи гапро гуфтан намешавад. Сиёсати дунё аслан ҳамин хел аст. Ин ҷо чизҳое ҳастанд, ки аслан на ба манфиати сулҳ, на ба манфиати ин тараф, на ба суди он тараф аст. Шояд, баъзеи он чизҳо гуфта шавад, шояд – як қисмаш фаромӯш шавад, лекин қисмати асосиаш албатта, гуфта мешавад. Худи иштирокдорони фаъол, онҳое, ки бештар дастрасӣ доштанд, зарур медонанд, ки он чизҳоро гӯянд.

*Мусоҳиб Салими Аюбзод. 4 августи соли 2006. Душанбе.*

## Сайид Абдуллоҳи Нурӣ: "Наҳзати исломӣ дар Тоҷикистон ҳукумати исломӣ мехост, вале..."



**Озодӣ:** Суоли аввал ин аст, ки таъсиси Наҳзати исломии Тоҷикистон оё таъсиси як ниҳоди нав аст ва ё идомаи Ҳизби назҳати исломии Тоҷикистон, ки дар кишвар фаъолият мекард?

**Сайид Абдуллоҳи Нурӣ:** Бисмиллоҳир-раҳмонар-раҳим. Наҳзати исломии Тоҷикистон ҳанӯз дар давраи ҳуҷуми артиши коммунистии Русия ба Осиёи Марказӣ дар Тоҷикистон вуҷуд дошт. Яъне баъд аз он ки русҳо ба минтақа омаданд ва аз ҷумла қаламрави имрӯзаи Тоҷикистонро ишғол карданд, уламоро ба қатл расонданд ва ё ба Сибириё фиристоданд, масоҷидро сӯхтанду мадорисро хароб карданд, баъзе аз уламо боқӣ монда буд, ки ин наҳзатро идома медоданд. Ва онҳо шурӯъ карданд ба таълиму тарбияи фарзандону наздиконашон. Валекин ин наҳзат ба таври пароканда, зеризаминӣ ва ғайримуташаккил буд. Танҳо соли 1973 фикрҳое ин ҷову он ҷо ба миён омад, ки ба хотири афзудан ба таъсири фаъолиятҳо ин наҳзат ба танзим оварда шавад. Ангезааш фишори шадиди КГБ буд болои сари баъзе афроде ки ба таври махфӣ таълиму тарбияи исломӣ мегирифтанд буд. Яъне ин фишор боис гардид, ки фикрҳои озодихоҳӣ ва ҳифзи

ҳамдигарӣ пайдо шаванд. Аз ҷумла банда баъд аз авҷ гирифтани тазйиқ аз тарафи КГБ-и Шӯравӣ ба хулосае омадам, ки дар кишвари коммунистӣ дигар барои виждони инсон, барои забони инсон ва ақидаи вай озодӣ нест, пас бояд як ҳаракате кунем, то инки ин озодиро ба даст биёрем. Ва чун ба ҳамагон маълум аст, ки КГБ дар шӯравии собиқ таъсири хеле зиёд дошт ва гумон мерафт, ки аз ҳар се нафар яке узв ё суханчини ин ниҳод аст ва ҳатто ки падар аз фарзандашу фарзанд аз падараш ва бародар аз бародараш хавф доштанд, барои мо ҳам душвор буд, то битавонем, фикрҳои худро бо дӯстон ё шогирдон озодона бигӯем ва мо шурӯъ кардем аз беҳтарину наздиктарин шогирдони худ, аз дӯстони боварбахши худ. Ба онҳо мефаҳмондам, ки барои мо лозим аст, дар танзиме муташаккил шавем ва муборизаро ба таври муташаккилу ҷиддитар давом бидиҳем. Дар ҳамин замина шахсиятҳое ба ман ҳамроҳ шуданд. Масалан, дар соли 1975 мо тавонистем, ки иддаеро гирдиҳам биёварем ва аввалин ҷаласаи худро ба таври махфӣ барпо кунем. Ва дар он ҷаласа Холиди Абдусалом, Неъматуллоҳи Эшон, Қаландари Садриддин, Ҳомидхӯҷа ва чанд нафари дигар иштирок доштанд. Ин ҷаласаи нахустин дар манзили зисти Садриддин ҷараён гирифт. Ва аз ҳамин нишаст дар соли 1975 мо ба амалиёти муназзам ва густарда сар кардем. Агар лозим бошад, ман метавонам, бигӯям, танзим ё ҳаракате ки мо таъсис додем вобаста ба ягон ҳаракати ҷаҳонӣ набуд ва мо барои ташкили он аз хориҷ ё дохил ягон дастур ё ҳидоят нагирифта будем. Танҳо ҳамон фишоре ки аз тарафи режим буд ва то рафт шадидтар мешуд, моро водор кард, ин корро бикунем. Наҳзати мо аз чаҳор бахши асосӣ иборат буд. Вазифаи аввали мо таълими улуми исломӣ буд барои мардуме ки аз ислом, аз урфу одатҳои миллии тоҷикии худ ва ҳатто аз забони худ ҷудо шуда буданд ва дуввум, таблиғоту даъвати мардум ба тарафи бозгашт ба урфу одати ниёкон ва хусусан ба тарафи ислом буд. Ва шахси масъули дигаре доштем, ки масъули амнияти мо буд, зеро аз КГБ хеле хавф доштем, бинобар ин барои мо лозим буд, ҳар кас ки дохили наҳзати мо мешавад бояд ки мавриди баррасӣ, тафтиш ва озмоиш қарор бигирад ва амнияти ҷойҳое ки мо таълим медодем ва ё маҳфилҳои даъват доир мекардем, амният дошта бошанд. Ва чаҳорум як масъули хазина доштем, масъули байтулмол, то инки аз ҳисоби даромаде ки доштем, миқдоре ҷудо мекардем ва барои таълими шахсоне ки мехостанд, таълим бигиранд, китоб мехаридем ва инчунин барои даъвату ин корҳо ин сармояро масраф мекардем. Мақсадҳои табаддулот ва ё расидан ба қудрату мансаб, тағйир додани низоми ҷомеъа, чунин фикрҳо дар сари мо набуд

ва мақсади мо фақату фақат ошно кардани мардум бо ахлоқи исломӣ ва паҳн кардани андешаҳои исломӣ буду халос.

**Озодӣ:** Аммо тадриҷан танзими шумо ба сиёсат бипайваст, ҳарчанд агар рӯйдодҳои ахирро ёдовар шавем, нияти инро надошт, ки ба намоиши эътирозии ҷавонони бадахшонӣ дар маркази Душанбе бипайвандад, вале бипайваст. Ба ақидаи Шумо, чаро ин тавр шуд ва чаро танзим сиёсӣ шуд ва чигуна ин тағйир рӯй дод?

**С. А. Нурӣ:** Дар ҳақиқат дар он вақтҳо Назҳати исломии Тоҷикистон, ки шумор бештари тарафдорони худро дар ҷомеъа дошт, дар ҳоле ки ниҳодҳои нави демократӣ пайдо шуданд дар Иттиҳоди шӯравии собиқ, аз он ҷумла дар Тоҷикистон ҳам ва вазъи умумӣ боис шуд, ки мардуми бештаре, аз ҷумла ҷавонон ба ҳаракати мо ҷалб шаванд ва фазое барои рушди ахлоқи исломӣ пайдо шавад ва ...пеш аз он ки ба суоли Шумо ҷавоб диҳам ва ба хотири онки сӯҳбат ба як тартиби муайян бошад, бояд бигӯям, баъд аз он ки дар Тоҷикистон ин ҳизбу ҷумбишҳои нав пайдо шуданд, Назҳати исломии Тоҷикистон ҳам ба хулосае омад, ки дар пайкори эҳёи ҳуқуқҳои аздастрафта бояд ба таври расмӣ иштирок кунад. Дар ин вақт шахсиятҳои бузурге ҳамроҳи мо буданд, аз ҷумла Давлати Усмон, Амриддин, Муҳаммад Расул, устод Муҳаммадшарифи Ҳимматзода, Сайидиброҳим, Сайидумар, Қорӣ Муҳаммадҷон, Эшони Қиёмиддин...Вақте ин шахсиятҳои бузург ба мо ҳамроҳ шуданд, мо хостем, аз қисмате аз ин шахсиятҳо Ҳизби назҳати исломиро таъсис бидиҳем ва онро ба як ҳуқуқи расмӣ аз тарафи давлати онвақта ноил бигардонем, то ки дар муборизаҳои ошкор иштирок кунад. Бинобар ин мо ҷаноби Ҳимматзодаро барои раёсати Ҳизби назҳати исломӣ интихоб кардем, то вориди муборизаҳои ошкоро шаванд. Ва дар ҳақиқат Ҳизби назҳати исломӣ ва Ҳаракати назҳати исломӣ як танзим ҳастанд. Фақат ба хотири ширкат дар муборизаҳои ошкоро ҳаракат ҳамчунин ҳизберо ба майдон баровард. Ҳизб мавқеъи рӯшани сиёсӣ дошт ва дар гирдиҳамоии зидди табаддулоти ГКЧП ширкат кард ва дар гирдиҳамоиҳои баъдӣ низ ва инчунин тавре ки Шумо гуфтед, дар вақти ба таври муҳаққар ва ғайриқонунӣ муҳокима кардани вазири кишвар, оқои Навҷувонов, мардум ба пои Кохи раёсатиҷумҳур рехтанд ва эътироз баён карданд аз онки раиси Шӯрои Олӣ Кенҷаев ғайриқонунӣ ва ғайриинсонӣ амал кард, бинобар ин бояд узрхоҳӣ кунад. Он кас узрхоҳӣ накард ва ин гирдиҳамоӣ идома пайдо кард, то ҷое ки худи он мардуме ки дар майдон буданд, чун аз

гирдиҳамоиҳои гузашта медонистанд, ки наҳзати исломӣ метавонад, ки дар байни мардуме ки гирдиҳам меоянд, як назм барқарор кунад ва худи мо ҳам дидем, ки мардум доранд, зиёд мешаванд, барои он ки бетартибиҳо дар мобайни мардум ба вуҷуд наояд ва аслан барои он ки ҳун мардум ҳуқуқи худро талаб мекунанд ва борҳо расман аз Ҳизби наҳзати исломӣ даъват ба амал оварданд, ки бояд шумо ҳам бо мо ҳамроҳ бошед, бинобар ҳамин фикр мекунам, ки баъд аз панҷ рӯз ё як ҳафта Ҳизби наҳзати исломӣ низ ба гирдиҳамоӣ ҳамроҳ шуд.

**Озодӣ:** Ба сурати умум, Шумо нақши Наҳзати исломии Тоҷикистонро дар рӯйдодҳои сошли 1992, 1993 ва баъд аз ҳиҷрати бахше аз аҳолии Тоҷикистон ба хориҷ аз кишвар чи гуна арзишёбӣ мекунед?

**С. А. Нурӣ:** Дар ҳақиқат мусибате ки дар ин солҳои 1992 ва 1993 болои мардуми тоҷик омад, бисёр ҳам асафбор аст ва аз рӯзҳои аввале ки нишонаҳои ҷанг намудор шуд, наҳзати исломӣ кӯшиш мекард, ба ҳамаи тарафҳо бифаҳмонад, ки ин ҷангу ихтилоф ҳаргиз ба манфиати мардум ва миллати тоҷик нест. Аз ҷумла худи ман яке аз афроди наҳзат будам, ки аз рӯзҳои аввал байни ин ду оташ истодам. Аз ҳамон рӯзе ки гирдиҳамоии алтернативии коммунистон дар майдони Озодӣ таъсис ёфт, мо нафароне ёфтем аз ҷумлаи онҳое ки ба ҳамин гирдиҳамоии ҷонибдорони коммунист ва бо онҳо вориди  гуфтугӯ шудем. Дар байни онҳо аз ҷумла вазири кишвари режими имрӯза Ёқуб Салимов ҳам буд, ки бо ӯ сӯҳбат доштам. Ва бо Ғаффор Седой, ки ҳамин хел лақаб дошт, бо ӯ ҳам сӯҳбат доштам ва бо чанд фарди дигар, ки силоҳбадаст мегуфтанд, ман ҳамсӯҳбат шудам ва мо то андозае муваффақ шудем, ки ин афрод то андозае як мавқеъи миёнаравӣ ё бетарафиро бигиранд. Ҳатто, шояд дар ёди Шумо бошад, аз майдони Озодӣ ҷудо шуданд, гурӯҳи зиёде ва мавқеъи бетарафиро гирифтанд. Ва дар ҳақиқат онҳо фаҳмиданд, ки ин ҷанг таҳмил аст аз тарафи душманҳои мо ва мехоҳанд, ду бахши ба ҳам хешу табор ва бародари як қавмро бо ин роҳҳо аз байн бубаранд ва чун махсусан як фикрҳои озодихоҳӣ, истиқлолталабӣ дар байни мардуми Тоҷикистон пайдо шуда буд ва истиқлолияти мардуми тоҷикро абарқудратҳо намехостанд ва баракс мехоҳанд, ки мардуми тоҷик ҳамеша вобастаи ин ё он абарқудрат бошанд, бинобар ин чунин нақшаро кашиданд ва албатта, маълум буд, ки ин нақша мебоист аз тарафи коммунистони Хуҷанд ба амал меомад ва азбаски онҳо намехостанд, бештар кушта диҳанд ва бештар харобӣ шавад, ин вазифа гузошта шуд бар дӯши бародарони кӯлобӣ ва махсусан метавонем бигӯем, ки бар дӯши

коммунистони кӯлобӣ. Инҳо шурӯъ карданд ба амал аввал нофаҳмида ва ба умеди он ки онҳо соҳиби мансаб мешаванд, соҳиби ҷумҳурӣ мешаванд. Онҳо шурӯъ карданд ва ҳуҷум карданд ба тарафи Қӯрғонтеппа баъд аз тамом шудани ин гирдиҳамоиҳо. Ба Қӯрғонтеппа рафтанд ва бо вуҷуди онки хунрезиҳо шуда буд ва ду тараф куштаҳои бисёре дода буданд, вале чун мо медонистем, ки ҳанӯз ҳам мешавад, хунрезиро боздошт ва роҳе ёфт, ки сулҳу оштӣ шавад, ман шахсан Сангаки Сафаровро, ки яке аз омилини асосии хунрезӣ дар Тоҷикистон буд ва инчунин Рустам Абдураҳимов, ки идеологи ҳамин ҷангҳо ва бародаркушиҳо дар Тоҷикистон буд, онҳоро ба хонаи худам даъват кардам, меҳмонашон кардам ва тақрибан як ҳафта ҳамроҳашон будам ва оқибати бисёр бад ва ба ҳарду ҷониб зараровари ин чизро барои онҳо дар ин муддат баён кардем ва дар ҳақиқат онҳо ҳам чизе мефаҳмиданд. Махсусан, ман метавонам як хотирае аз Сангак Сафаров биёрам, ки ӯ вақте ки дар ҳамон кӯчаи мо рафт, тифлаконро гирифт, онҳоро бӯса кард ва дар ин лаҳзаҳо оби чашмаш баромад ва гуфт, ки чаро мо бояд ҷанг кунем, бояд ки мо фикри ояндаи ана ин тифлҳоро бикунем. Ва ман фикр кардам, ки иншоаллоҳ ки сӯҳбатҳо таъсираш карданд, воқеъиятро дарёфт ва бо ин рӯҳия рафт то вилояти Кӯлоб ва дар он ҷо муҳаррикони асосӣ тавонистанд, боз тарғибаш кунанд ва боз шурӯъ шуд. Ман як чиро фаҳмидам. Агарчи Сангак Сафаров наздик ба 24 соли умрашро дар зиндонҳо гузаронда бошад ҳам, бо ҷурми одамкушӣ, ҷиноят ва дигар корҳои зишт, таъсиреро пазируфт, мутаассир шуд, валекин аз ин ҳам бадтар инсонҳо будааст, ки боз ҳамин фардеро, ки метавонем, бигӯем, авбошсифат буд, боз дар таҳрик андохтанд, то ин ки аз сари нав одамкушӣ ё бародаркушииро шурӯъ карданд. Ва ҳамаи ин чӣ хеле ки пешбинӣ ҳам мекардем, натиҷаҳои бисёр бад дод ва метавонем, бигӯем, ки дар давоми ин ҷангҳо Наҳзати исломӣ, умуман ҳамаи нирӯҳои озодихоҳе ки дар Тоҷикистон буданд, фақат мавқеъяшон буд. Ҳаргиз на Ҳизби демократи Тоҷикистон, на Ҳизби наҳзати исломии Тоҷикистон, на Созмони "Растохез" ё дигар ҷумбишҳои оммавӣ, ки ҳама дар он вақт якҷоя буданд барои манъ кардани ин хунрезиҳо ҳамаи инҳо фақат мавқеъи дифоъӣ доштанд. Ва ҳама мехостанд, ки ин хунрезӣ, ин ҷанг, ки аз тарафи душманони миллати тоҷик болои ин миллат таҳмил шудааст, қатъ шавад. Бо ҳамин рӯҳияи дифоъ аз худ, дифоъ аз ақидаи худ ва аз номуси худ то андозае шуд, ки ин режими сангакӣ аз тарафи Русия кӯмак карда шуд, кӯмакҳои низомӣ ва аз тарафи ҳатто, дар он вақт метавонем, бигӯем, аз тарафи Амрико ҳам кӯмак карда шуд ва ин ҷанги таҳмилие ки дар Тоҷикистон ба вуқӯъ пайваст, ҷанги кӯчак

ва қавмӣ набуд, ин ҷанге буд, ки аз тарафи сайҳунизми байнулмилал тарҳрезӣ шуда буд. Яъне онҳо, сайҳунизм, абарқудратҳо, мустамликадорон ҳаргиз намехоҳанд, ки як падидаи исломӣ ба вуҷуд биёяд. Гузашта аз ин ҳаргиз намехоҳанд инҳо, ки як кишваре ё як миллате аз вобастагӣ ба онҳо раҳо бошад ва озоду мустақил бошад. Аз ҳамин лиҳоз як нақшаи хеле бузург буд. Ва онҳо тавонистанд, ба коммунистони Тоҷикистон кӯмак кунанд, то нирӯҳои озодихоҳро, баъзеашро бикушанд, баъзеашро аз ватан берун кунанд.

**Озодӣ:** Баъд аз воқеаҳои хунине дар дарёи Панҷ, ки садҳо нафар аз мардумони тоҷик ҳангоми убур аз ин рӯдхона дар қаҳратуни зимистон нобуд шуданд ва сарони оппозисюн ба чаҳор гӯшаи олам пароканда шуданд, чӣ вазъияте ба вуҷуд омад?"

**С. А. Нурӣ:** Мардум шаҳид доданд, хонаҳояшон сӯхт, амволашон тороҷ шуд ва онҳо омаданду паноҳ ҷустанд дар гарнизонҳо ё урдугоҳҳои Русия, ки дар сарҳад ҳастанд ва аз ин ҷо ҳам онҳо кашида шуданд ва қатли ом шуданд ва ҳатто кӯдакону мӯйсафедон, ки дар ин ҷо буданд, ҳама ба таври умумӣ кушта шуданд ва мардум маҷбур шуданду убур карданд аз дарёи Омӯ ва дар дохили дарёи Омӯ ҳам, маълум нест аз тарафи силоҳбадастон бошад ва ё аз тарафи он касоне ки дар он сарҳад силоҳ доранд, умуман, мардум дар дохили дарё ҳам баъзе ғарқ шуданд, баъзе кушта шуданд. Дар вақти убури мардуми Қубодиёну Шаҳритус аз дасти ин режими сангакӣ ва ин хунхорҳои коммунист дарёи Омӯ сурх шуда буд аз хуни миллати тоҷик. (Чанд лаҳзаи сукути комил ва андеша...) Бо ин машаққат дар зимистони бисёр ҳам сахт дарёро убур карданд ва онҳоеро, ки зинда монданд, мардуми мусулмони афғонистон истиқбол карданд, ба онҳо як бурда нони худро тақсим карданду доданд ва мо ҳам баъд аз он ки мо ҳам дар ин вақт дар дохили Душанбе будем (оби гулӯяшонро фурӯ мебарад), баъд аз он ки шунидем, ки мардум бесарпараст ҳастанду бесарнавишт ва вазъият ҳам дар Кофарниҳону Душанбе хеле вахим шуд, пас мо ҳам роҳи ҳиҷратро ихтиёр кардем ва омадем дар ин ҷо дар ҳақиқат баъзе бародарҳои мо, баъзе ташаббусҳо нишон дода буданд, барои кӯмак кардан ба муҳоҷирин ва вақте вазъи мардумро дар Афғонистон дидем аз аъзои Шӯрои наҳзати исломии Тоҷикистон, ки бархе ҳанӯз дар дохили Тоҷикистон буданд, даъват кардем, ин ҷо биёянд ба чанд сабаб. Аввалан барои ин ки режими Душанбе ва матбуоти Русия ҳизбу созмонҳои мардумиро сабабгори ҷангу хунрезӣ ва бадбахтиҳои мардум дар Тоҷикистон вонамуд карда буданд. Аз

сӯи дигар худи ин ҳизбу ҳаракатҳо пароканда буданд ва ҷудоии онҳо яке аз сабабҳои шикасташон шуда буд. Дар Тоҷикистон идораи қозиёт буд ва гурӯҳи машоихи мусулмон ва Ҳизби наҳзати исломӣ, ки ҳамагӣ ба қишри мусулмони кишвар такия мекарданд. Инчунин Ҳизби демократии Тоҷикистон буд, Созмони "Растохез", "Лаъли Бадахшон" ва бисёр созмонҳои дигари озодихоҳ. Ҳадафи онҳо озодӣ, истиқлолияти кишвар ва демокросӣ буд, вале барои ин ҳадафҳо ҳар кадом ба таври худ амал мекард. Ҳамоҳангие дар миён вуҷуд надошт. Яъне бо сабаби он ки ҷудо аз ҳам буданд, яке аз сабабҳои шикасташон ҳамин буд. Бино бар ин вақте мо ба ин ҷо омадем, пеш аз ҳама фаъолияти Ҳизби  наҳзати исломии худро боздоштем ва гуфтем, ҳамон наҳзате ки ҳанӯз баъд аз духули артиши Русия дар кишварҳои Осиёи Миёна як наҳзати исломӣ вуҷуд дошт ва онро мо дар соли 1975 эҳё кардем, ҳамонро идома медиҳем. Ҳарчанд бе ин ҳам он идомаи худашро дошт, валекин мо ҳизбро аз фаъолият манъ кардем ва гуфтем, ки тамоми идораи қозиёт ва тарафдорони он, машоих ва тарафдорони онҳо ва инчунин Ҳизби демократӣ, созмони "Растохез", тамоми мардуми мусулмон ва миллати озодихоҳи Тоҷикистон, ки имрӯз ин мусибат болошон омадааст, ҳама метавонанд, ки дар ин наҳзат дохил бошанд ва ҳама метавонанд, ки дар ҳайати як танзими ягона шурӯъ ба фаъолият кунанд.

**Озодӣ**: Оё метавонед, ба шунавандагони мо шарҳ диҳед, ки чаро номи ин танзим Наҳзати исломӣ гузошта шуд, дар ҳоле ки аҳзобу созмонҳои дигар низ дар ҳайати он буданд ва суоли дигар ин ки чӣ гуна Шумо ба раёсати ин танзим баргузида ё таъин шудед?

**С. А. Нурӣ:** Ҷои шак набуд, ки қавитарини ҳамаи ин аҳзобу созмонҳо Ҳизби наҳзати исломии Тоҷикистон буд ва ҳаст. Дар ҳиҷрат дар Афғонистон низ бештар мардумоне буданд, ки агар аз ин ҳизб ҳимоят намекарданд, ба ҳар ҳол пайвандҳои бештаре бо он доштанд, дар нисбати аҳзоби дигар. Вале аз ҳама муҳимаш, шахсан ман намехостам, раёсати танзимро бар зимма бигирам. вақте ҷаласаҳои аввалинро дар хориҷ гузарондем ва метавонем, бигӯем, ки ҳанӯз ҳам мо намехостем, ки масъулияти раҳбарии онро бар дӯш бигирем. Ончи ошкоро ба назар мерасид, ин буд, ки аксари масъулону фаъолони наҳзат ва ҳизбу созмонҳои дигар дар он вақт рӯҳан шикаст хӯрда буданд ва маъюс аз ин мусибатҳое буданд, ки болояшон омада буд. Бинобар ин онҳо ҳатто бо оби чашм аз мо талаб карда буданд, ки раҳбариятро бар ӯҳда бигирем. Хуб, роҳи дигаре набуд. Қабул кардем

ва шурӯъ ба фаъолият кардем ва қабл аз ҳама аз муҳоҷирин шурӯъ кардем. Ва мо чунин фикр кардем, ки барои бақои ин миллат, барои ҳифзи садҳо ҳазор муҳоҷире, ки бо вуҷуди сахтиҳои иқтисодию иҷтимоӣ ва ҳарбию сиёсӣ дар шимоли Афғонистон дар ин минтақа паноҳ ёфта буданд ва барои ҳифзи ҳуқуқи наздик ба як миллион нафаре ки дар кишварҳои дигар паноҳанда шудаанд, барои бақои онҳо ва бозгашти сарбаландонаи онҳо, мо ҳақ надоштем, ором биншинем ва ё аз пайи зиндагии худ бошем. Мо худро масъули ин ҳол мешумурдем. Ва барои дифоъ аз ҳуқуқи ҳамватанони худ роҳи дигаре надоштем, ба ҷуз ин ки амалиёти низомиро шурӯъ кунем. Бинобар ин гурӯҳҳои пароканда ва маъюсшудае ки баъд аз шикаст дар ҷангҳои дохили Тоҷикистон, ба ин тараф, ба Афғонистон гузашта буданд, онҳоро даъват кардем ва як низому тартибе ташкил кардем ва алҳамдулиллаҳ, тавонистем, гурӯҳҳои зиёдеро сарҷамъ кунем, онҳоро мусаллаҳ кунем ва ҷиҳоду муборизаро шурӯъ кунем. Хуб, дар ҳақиқат ҳам ҳамин ҷиҳоду муборизаи мо боиси он гардид, ки бори дигар ин миллати ҷафокашидаро ин абарқудратҳо бишиносанд. Масалан, ба ёди Шумо ҳаст, ки дар соли гузашта амалиёти хеле ҳам ҷаҳоншумуле, ки дар посгоҳи дувоздаҳуми Русия ба амал омад дар Сари Ғор. Ин боис гардид, ки тамоми ҷаҳониён моро бишносанд ва эътироф кунанд, ки ҳанӯз муъоризини режими коммунистии Тоҷикистон вуҷуд доранд. Ду рӯз баъд аз ин амалиёт оқои Примаков, намояндаи вижаи Борис Елтсин, президенти Русия, ба ҷустуҷӯи мо омад ва мо дар Кобул бо ӯ мулоқот доштем. Он кас гуфт, агарчи мулоқоташ бо ман ғайрирасмист, аммо мақсад ин аст, ки мо аз ҷангҳо безор ҳастем ва Русия феълан мушкилоти зиёде дорад, ки ба онҳо бипардозад, мақсади мо ҷанг нест. Вай гуфт, шумо ҳам бояд ин ҷангро идома надиҳед, балки бо роҳи сулҳ қазияи худро ҳал кунед. Албатта, дар он мулоқот мо ҳам гуфтем, ки мо ҳам ҷангҷӯ нестем. Мо касоне ҳастем, ки болоямон ҷанг таҳмил шудааст, аз диёрамон ронда ва маҷбур ба ҳиҷрат шудаем. Хулоса ки ҳамин муборизаҳои мо имрӯз, масалан, пешравиҳои мо дар Бадахшон, дар Вахиё боиси он гардид, ки сардамдорони режими Душанбе, ки борҳо эълон карда буданд, ҳаргиз намехоҳанд, бо мо бишинанд ва ҳатто Русия ҳам ин чизро намехост, инҳо маҷбур шуданд, бо мо сари мизи гуфтугӯ нишинанд. Мо аввалан мехостем, бо Русия, ки сабабгори асосии даргириҳо дар Тоҷикистон аст ва ё метавонем, бигӯем, ки таъсири хеле бузург дорад дар қазияи Тоҷикистон, вориди гуфтушунид шавем. Яъне талаби мо буд, ки ҳама чиро дар Тоҷикистон Русия ҳал мекунад, пас бояд бо Русия тараф бошем ва бо он биншинем. Ва ҳамин тавр ҳам шуд. Бо Русия

нишастем, то инки музокираро бо режими Тоҷикистон таҳррезӣ кунем. Ва даври аввали музокирот дар Маскав гузашт. Ҳарчанд режими Душанбе ба ин мулоқот хеле хунукназарӣ карданд ва ҳайъатеро ба он фиристоданд, ки ҳеч салоҳияте надошт, локин бо вуҷуди ин ҳама як умеде буд дар инки шояд ин қадамҳои аввал барои оштӣ бошад, шояд як роҳ, як даре ёфтем, ки онҳоро бори дигар огоҳ кунем, ки ин коре ки ба вуҷуд омадааст, ба манфиати миллати тоҷик нест. Ва даври дуюм дар Теҳрон ҳам чизе тнатиҷа надорд, валекин натиҷааш ҳамин буд, ки онҳо якҷоя нишастанд, қишрҳои миллати тоҷик як ҷо нишастанду якдигарро диданд ва шояд ки ҳамин чизҳо як таъсире бахшиданд. Ва имрӯз ҳам, ки мову Шумо сӯҳбат мекунем, як нишасте, шӯрое ва ё машварате дар Теҳрон идома дорад ва ин ҳам иншоаллоҳ ки, чӣ хеле ки ман бо баъзе афрод аз ҳайъате ки аз Тоҷикистон омадааст, сӯҳбатҳо доштам, фаҳмидам, ки инҳо чизеро дарк кардаанд. Яъне ин нирӯҳои низомӣ ва муҷоҳидине, ки аз тарафи Наҳзати исломии Тоҷикистон ҷамъ карда шуд ва онҳо шурӯъ ба мубориза карданд, боиси ин шуд, ки ҷониби мухолиф як қишри дигари мардуми Тоҷикистонро бишиносад ва бидонанд, ки миллати тоҷик танҳо онҳое нестанд, ки ҳоло дар кишваранд, балки наздик ба як миллион нафар тоҷики дигар дар берун аст, ки фикру андешаи дигар доранд. Имрӯз онҳо ҳам барои бақои ҳамин миллат фикр мекунанд ва ба хулосае омаданд, ки бояд мо забони ҳамдигарро бифаҳмем, бояд ки фикри якдигарро бифаҳмем. Дар ҳақиқат, дар ҳоли ҳозиир ҳам, мо ҷонибдори он ҳастем, ки чун дар ин ҷанге ки дар Тоҷикистон идома меёбад, ғолибан тоҷикҳо аз байн мераванд. Агарчи дар миёни аксарҳои режими коммунистӣ баъзан муздурони русӣ, ӯзбакӣ ва ҳатто тоторӣ ҳам ёфт мешаванд, ки ба хотири дарёфти пул меоянд ва ҷанг мекунанд, локин аксарият бачаҳои тоҷик, фарзандони мусулмон ҳастанд. Масалан, дар ин авохир асирҳое ки аз тарафи режим ба дасти муҷоҳидини артиши Наҳзати исломӣ афтоданд, ман онҳоро дидам, ҳама ҷавононе ҳастанд, ки на тарафдори режими коммунистиянд ва на тарафдори ягон ҳизбу созмон. Онҳо мехоҳанд, ки озод бошанд, мехоҳанд ки амният дошта бошанд ва дар ин синни ҷавонӣ орзуҳои худро амалӣ кунанд. Дигар коре надоранд ба ҳеч чиз ин бечораҳо. Ман онҳоро ба муҳоҷидини худ нишон додам, ба муҷоҳидине ки аз ғояти мусибати зиёд шадидан интиқомталаб буданд, нишон додам ва гуфтам, шумо имрӯз киро мекушед, ана ҳамин додаракҳои худро мекушед. Имрӯз душманони миллати тоҷик мехоҳанд, ин миллатро заъиф бисозанд, ин миллатро аз байн бубаранд. Озодию истиқлолият ва якпорчагии ин миллатро аз он бигиранд. Барои ҳамин шумо бояд

коре бикунед, ки бо бародарҳои худатон забон биёбед, коре кунем, ки якдигарро бифаҳмем ва ҳарчи зудтар тоҷикон битавонанд, як давлати миллӣ ва мустақили худро ба вуҷуд оранд. Ман ин ҷо метавонам, ошкоро арз бикунам, ки дар ҳақиқат ман ҳамчун як рӯҳонӣ, ҳамчун як мусулмон бигӯям, ки мақсади муборизаи Наҳзати исломии Тоҷикистон бунёди як давлати адли илоҳӣ дар Тоҷикистон аст, чунки зиёда аз навад дарсади мардуми Тоҷикистон мусулмонанд ва низоми демокросие ки мехоҳанд, бояд ҳамон ислом бошад. Инро барои он мегӯям, ки агар табъу хоҳиши мардуми Тоҷикистон ва ё аксарияти ин мардумро ба назар гирем, онҳо мехоҳанд, дар як кишвари исломӣ зиндагӣ кунанд ва ин ормони ман аст, валекин баъди таълимоту таблиғоти 70-солаи режими коммунистӣ мардум ҳеч бовар намекунанд, ки ислом метавонад, ҳоким бошад ва метавонад, мардумро аз лиҳози иқтисодиву иҷтимоӣ бениёз гардонад. Аммо вазъият ингуна аст, ки ман наметавонам, бигӯям, ки ба хотири пиёда кардани ин ормонҳои исломӣ мо имрӯз мубориза мекунем. Вале вақте ман мебинам, ки дар ин ҷанги таҳмилӣ сардамдорони режим ҳам ба хотири ҳифзи мансабу курсиашон ҷавонони мусулмонро аз кӯчаву бозор мегиранд ва ба майдони ҷанг меоранд ва ман худ аз ин асирон дидам, ки ҳамаи онҳо фарзандони мусулмон ҳастанд, пас бояд ки мо ҳам фикри бақои ҳамин фарзандон, ҳамин миллатро дошта бошем, Яъне розӣ шудан ба музокира, розӣ шудан ба он ки мо дар ин марҳила бояд як оштӣ кунем, амниятро барқарор кунем ва ҳадафҳои олии худро дар ин марҳила  як тараф бигзорем, он аст, ки мо бояд миллатро наҷот бидиҳем. Имрӯз касе ки виждону имон дошта бошад ва худро табаъаи Тоҷикистон мегирад ва ё як ғурури тоҷикӣ дорад, бояд ҳама муттаҳиид ва якпорча бошанд, ҳарчанд мусибатҳои зиёде аз сар гузаштааст. Ҳама мусибатзада ҳастанд. Валекин коре бояд кард, ки ин мусибатҳо идома накунанд, набояд ин муисбатҳоро зиёдтар кард. Коре бояд кард, ки ин мусибатҳо қатъ шавад. Ба хотири озодию истиқлолияти кишвар бояд ҳама муттаҳид шавад. Ростӣ, барои он ки як кишвар аз дасти бегонагон ва султаталабон озодӣ ба даст биёрад, ҳадди ақал сад ҳазор то дусад ҳазор шаҳид медиҳад, то истиқлолият ба даст биёрад. (Бо лаҳни хитобӣ) Агар мардуми мо, раҳбарияти режим, сарони ҳизбу ҳаракатҳо, фармондеҳону силоҳбадастон, ҳамаи инҳо имрӯз як тафаккуре кунанд ва ҳама муттаҳид шаванд, як оштӣ пайдо кунанд, байни якдигар, сулҳу амният пайдо кунанд, ман яқин дорам, ки арвоҳи он шаҳидон аз ҳамаи ин миллат розӣ мешавад. Чун онҳо мегӯянд, ки дар роҳи истиқлолияти кишвар ҳамин миқдор шаҳид мешуд, пас агарчанде онҳо шаҳид шуданд ва мо бо

ваҳдату якпорчагӣ истиқлолият, озодӣ ва якпорчагии Тоҷикистонро ба даст овардем, пас рӯҳи онҳо ҳам аз мо шод хоҳад шуд.

**Озодӣ:** Дар иртибот ба ин бояд як суол матраҳ шавад, ки муносибатҳои Тоҷикистон бо давлатҳои ҳамсояаш, ба вижа кишварҳое ки мегӯянд, дар Тоҷикистон манфиатҳои муайяни худро доранд, монанди Русия, Ӯзбакистон, дигар кишварҳои Осиёи марказӣ ва Афғонистон, Покистон, Эрон, Ҳинд ва Чин ва ғайра, оё муносибат бо манофеи онҳо ва равобит бо онҳо бояд чигуна бошанд?"

**С. А. Нурӣ:** Дуруст аст. ман фикр мекунам, ҳар кишваре ки дар ин дунёст, ба манзалаи як қисме аз як мошин ё меконизм аст. Як мошин агар як ҷузъ ё қисми эҳтиётии худашро надошта бошад, бо вуҷуди бузургияш наметавонад, ки ба пеш биравад. Ман фикр мекунам, ки ҳар як кишвар агар як пайванде бо кишварҳои ҳамсояаш надошта бошад, пайванде ба ҷаҳон надошта бошад, алоқаву робитае надошта бошад, ин кишвар наметаовнад, ки боқӣ бимонад. Аз байн меравад. Худ аз худ аз байн меравад. Бинобар ин дар робита бо муносибатҳои Русия ман ҳаминро мегӯям, ки иқтисоди Тоҷикистон бо иқтисоди Русия ва дигар кишварҳои мушатаркулманофеъ як иқтисоди муштаракшуда аст. Манофеи иқтисодии Русия дар Тоҷикистон комилан мӯътараф аст, яъне мо бояд ки ин алоқаҳоро ҳамеша дошта бошем ва як ҳамзистии мусолиматомез дошта бошем ва инчунин ҳатто метавонем, ики дар ин марҳилаҳо агар мардуми Тоҷикистон розӣ бошад, нирӯҳои Русия, ки дар марз ҳастанд, бо ризоияти худи мардум дар ин марҳила бояд ки дар ҷои худ боқӣ бимонанд ва албатта, маълум аст, ки як кишвар озоду мустақил ҳисоб намешавад, вақте ки нерӯҳои кишвари дигар, нерӯҳои бегона ва он ҳам ба миқдори хеле зиёд дар дохилаш бошанд. Аз он ҷумла то замоне ки нерӯҳои Русия дар дохилаш ҳастанд, ман наметавонам бигӯям, ки Тоҷикистон мустақил шуд. Ман имрӯз наметавонам, бигӯям, ки Тоҷикистон озод аст, модоме ки Дивизияи 201-ум дар ихтиёри худи тоҷикон набошад. Биноан, фикри ман ҳамин аст, ки чӣ хеле ки нерӯҳои Русия аз дигар ҷамоҳири шӯравии собиқ буданд ва ба ихтиёри давлатҳои нави мустақил дода шудан, ҳамин гуна инҳо ҳам ба ихтиёри худи тоҷикон дода шаванд ва мо он қисмати русзабонҳоеро ки дар кишварамон ҳастанд, онҳоро ҷузве аз Тоҷикистон ҳисоб мекунем, муносибатҳои бисёр инсонӣ хоҳем дошт ва эҳтироми зиёде ба онҳо қойил хоҳем буд, зеро инҳо набояд баҳонаи духул ва ҳузури артиши бузурги бегона дар дохили кишвар бошанд. Ва ҳамчунин бо тамоми кишварҳое ки Шумо номбар кардед, мо бояд муносибатҳои

хуби  дипломатӣ, равобити фарҳангӣ, иқтисодӣ ва сиёсӣ дошта бошем, ҳатто ин робитаҳоро тақвият диҳем, то инки битавонем, ки бо ин робитаҳо кишвареро ки ҷангзада аст ва аз лиҳози иқтисодӣ ба дараҷаи сифр расидааст, дубора эҳё ва побарҷо кунем.

**Озодӣ:** Ва суоли охирин, ки шояд як паёми Шуморо ба ҷавонони тоҷик тақозо кунад. Ахиран бисёр созмону гурӯҳҳои гуногуне дар дохил ва хориҷ аз кишвар пайдо шудаанд, ки бархе рӯҳияи маҳал дорад ва бархи дигар ҳатто орзуманди эҳёи шӯравии собиқ ва ё фирор аз афкору андешаи сиёсӣ ва ғайра. Шумо дар бораи ин созмону ниҳодҳои нав чӣ ақида доред?

**С. А. Нурӣ:** Қабл аз ҷавоб додан ба ин суол, ман дар робита ба интихоботе ки режими Душанбе мехоҳад, барпо кунад, чанд калима гуфтаниям. Наҳзати исломии Тоҷикистон ва ҳамаи нирӯҳои озодихоҳ эълом доштанд, ки ин интихобот бояд гузаронда нашавад ва онро мо таҳрим кардаем. Интихобот ё раъйпурсӣ ба сари худ як чизи одилона ва демократист, валекин дар шароите ки имрӯз дар Тоҷикистон ҳаст, ин интихобот на озод аст, на демократӣ. Ин интихобот ба манфиати мардум нест. Ва ин интихобот озод ҳам нест. Ин на интихоби мардум аст ва ҳатто на интихоби режми, зеро вақте ки режим мехост, интихоботи худро дар 25-уми сентябр гузаронад, аммо ҳамаи ҷаҳониён медонанд, гирдиҳамое ки дар Тошканд карданд, аз тарафи Русия, фикр мекунам, ки оқои Козирев омаданду вазирони умури хориҷии дигар кишвар ва аз ин тараф Эмомалӣ Раҳмонов рафта буданд, дар он ҷо ин интихоботро ба таъвиқ андохтанд. Яъне ин маънои онро дорад, ки худи тасмими ин интихобот аз тарафи мардуми Тоҷикистон нест ва ба таъхир афтоданаш ҳам бо сабаби фишорест аз тарафи дигарҳо. Ва фикр мекунам, ки ин интихобот на фақат ки ба манфиати мардуми Тоҷикистон нест ва ҳеч маъное надорад, балки он ба манфиати раҳбарони режими имрӯза ҳам нест. Онҳо агар имрӯз дар ин интихобот ғалаба кунанд, вазъашон шадидтар мешавад. Ғалаба накунанд ҳам, як қишри дигаре аз ҷомеъа ба вуҷуд меояд, то инки онҳоро ҳамчун мухолифу муъориз бишинохт. Ва аз ҳама бадтараш он аст, ки мардум озод нестанд, то раъйи худашонро бидиҳанд. Онҳо амният надоранд. Агар имрӯз райъпурсии тарҳи қонуни асосӣ шуд, ин чӣ раъйапурсиест. Мардум на танҳо амният надоранд, балки намедонанд, ки ин қонуни асосӣ аз чӣ иборат аст. Илова бар ин зиёда аз 30 дарсади раъйдиҳандагон дар хориҷи кишвар ҳастанд. Ва инҳо ҳам фикр доранд, ақида доранд, раъй доранд

ва ҷузве аз Тоҷикистон ҳисоб мешаванд, бояд ки дар тақдири Тоҷикистон инҳо ҳам ширкат дошта бошанд. Ва он даъватҳо, ки гӯё аҳзобу созмонҳо метавонанд, ки биёянд ва дар назарсанҷии умум иштирок кунанд, ин даъватҳои, метавонем бигӯем, дипломатист, даъватҳои воқеӣ нест, реалӣ нест. Чунки ҳама медонад, ки имрӯз як ҳизби сиёсии мухолиф ё раъйдиҳандагон наметавонанд, ба он ҷо биёянд, озодона зиндагӣ кунанд ва раъйи озод дошта бошанд. Чун қудрат дар дасти касоне ҳаст, ки ин мардум ва ин ҳизбу созмонҳо аз дасти онҳо куштаву аз ватан берун карда шуданд. Пас дар ин муддати кӯтоҳ метавонанд, ки онҳо метавонанд, чунин фазои амнеро ташкил кунанд, ки ин инсон биравад ва раъйи худашро бидиҳад? Ҳаргиз ин чизро карда наметавонанд. Илова бар ин ин ҷо як бозие аз тарафи бегонаҳо сар шудааст, бозие бо тақдири миллати тоҷик ва давлати Тоҷикистон ва он бозиҳо ба манфиати худи он бегонаҳо хоҳад анҷомид. Онҳо фаҳмида ё нафаҳмида нақшаҳоеро дар назар доранд, ки бар асари онҳо авзоъи Тоҷикистон бояд боз ҳам бадтар шавад. Бинобар ин Наҳзати исломии Тоҷикистон ба ҳамин хулоса омадааст ва ин хулосаи воқеист. Ин хулосаи воқеист барои наҷоти миллати Тоҷикистон. Масалан, Наҳзати исломии Тоҷикистон мехост, ки як ҳукумати исломӣ дошта бошад дар Тоҷикистон. Валекин барои бақои миллат дар ин марҳила мегӯяд, ки талабгори ташкили як ҳукумати исломӣ дар Тоҷикистон нест. Аз ин ормони худ гузашт, онро фидо кард. Ва бисёр озодии матбуот, озодии фаъолияти ҳизбу созмонҳоро мехост, лағви кардани парвандаҳои ҷиноӣ ва бисёр чизҳоро мехост. Аммо имрӯз вақте ки ҳама огоҳ шуданд, ки ҷангҳое ки дар дохил ҳастанд, таҳмил ҳастанд ва боиси аз байн рафтани миллат мешаванд, имрӯз бояд ки роҳи миёнаро пеш бигиранд ва бояд ки фидо бишаванд. Барои бақои миллат, барои якпорчагӣ, озодӣ, барои истиқлолият бояд ки махсусан раҳбарият ва роҳбарҳо худро фидо кунанд. Фидо кардан чӣ хел аст? Масалан, имрӯз ман хуб медонам, ки касе ки дар курсии мансаб нишаст, ҳалок шуданаш осонтар аст аз он ки зинда ба зинда аз ин курсӣ ҷудо шавад. Чун зинда халос шавад, ҳар як соат ҳалокии ӯст. Гӯё мурданашро бо чашмони хуб мебинад. Бисёр мушкил аст. Бинобар ин касе ки агар битавонад ба хотири бақо ва наҷоти миллат мансабу курсӣ ва мақоми худро агар тарк кунад, ин қаҳрамонест аз он қаҳрамонҳое ки дар роҳи озодии миллаташ кушта мешавад. Бинобар ин дар ин марҳила фикри мо ин аст, ки бояд ҳамагон аз ҳирси мансабу мақом даст кашанд. Ҳамаи сарону намояндагони Наҳзати исломии Тоҷикистон ба ин розиянд ва аз фикри мансабу қудрат даст кашидаанд. Аз ҷониби режим ҳам бояд ки

роҳбарияти он ба истеъфо равад, мансабҳоро тарк кунад ва як шӯрои давлатии машваратӣ таъсис ёбад аз ҳамин мардум ва фақат раҳбари он бояд як шахси барои ҳарду ҷониб мӯътабар бошад ва шахсе бошад, ки дар ин ҷангҳо олуда набошад. Ва дар марҳалаи интиқолӣ мо як ҳукумате аз шахсони бетараф ва босалоҳият, иқтисоддон ва фансолорҳо таъсис бидиҳем ва дар муддати як ё ду сол ҳамин шӯро ва ҳамин ҳукумат амниятро барқарор кунанд ва бо овардани нирӯҳои муҳофизи сулҳ аз тарафи Созмони Милали Муттаҳид ҳамаи дигар халъи силоҳ шаванд ва мардум дигар аз ҳамдигар эътироз надошта бошанд, яъне уламои исломӣ ҳам метавонанд, дар ин ҷо кори зиёдеро анҷом диҳанд, байни мардум таблиғ баранд, мардумро оштӣ биандозанд. Ва замоне ки амният барқарор шуд, мардум бозгаштанд, ба ҳам бовар карданд, аз касе натарсиданд, дар он вақт метавонанд, ки раъйи худро бидиҳанд ва райъпурсию интихоботи ҳақиқӣ замоне мешавад, ки бигӯем, ки озоду демократист ва иншоаллоҳ ки чунин интихобот ба манфиати мардум низ ҳаст. Дар он вақт, Наҳзати исломӣ ҳам эълон кардааст, ки баъд аз ин ду сол, вақте ки интихобот мешавад, ҳар қишр ё созмоне ки мунтахаби мардум шуд ва ҳар сохторе ки мунтахаби мардум бошад, ҳеч эътирозе нахоҳад дошт. Фақат Наҳзати исломӣ мехоҳад, ки маросими исломияш озод бошанд, озодона ин чизҳоро битавонад, ки иҷро кунад. Дигар кори дигаре ё орзуи дигаре дар ин марҳала надорад. Ва саволи Шумо дар бораи баъзе гурӯҳҳо. дар ҳақиқат мо шунидем, ки ҳафтаҳои ахир, бо тавтеъаи режими Душанбе дар Маскав баъзе гурӯҳҳои нав пайдо шудааст, ки дар сухан аз номи мо ва дар амал ба муқобили мо кор мекунанд. Мо онҳоро маҳкум ва рад мекунем. Мо дар Русия танҳо ба Маркази ҳамоҳангии нирӯҳои демократии Тоҷикистон бовар дорем ва бо он ҳамкорӣ мекунем. Гурӯҳҳои дигаре ки зуҳур кардаанд, ҳеч ҳаққе надоранд, ки аз номи мо ҳарф зананд.

*Мусоҳиб Салими Аюбзод. 21 июни соли 1994, Теҳрон.*

## Анатолий Адамишин: “Сулҳи тоҷикон як андоза маҷбурӣ ҳам буд”



**Озодӣ:** Анатолий Леонидович, Шумо аз сароғози низоъ дар Тоҷикистон сари кор будед. Баъди он ки низоъ сар зад, хуни аввалин рехта ва мардум ба Афғонистон даргурез шуданд, Шумо чӣ гуна ба ҳалли мусолиҳатомези низои тоҷикон сар кардед ?

**А. Адамишин:** Ман мехостам аз он оғоз кунам, ки ҳаллу фасли мусолиҳатомези низои Тоҷикистон воқеан яке аз мушкилтарин масъалаҳо дар фаъолияти ҳирфаии 40-солаи ман буд. Ба хотири он ки ҳалли ин вазифа бисёр мураккаб ва дорои муаммоҳои зиёде буд. Он вақт Русияи мо низ дар доми фитна гирифтор буд ва барои дипломатияи сулҳофаринӣ созгор набуд. Ҳар кас ресмонро ба тарафи худаш мекашид. Хуб, ман мехостам аз ҳодисаҳои баҳори соли 1994 шурӯъ кунам. Замоне ки вазъ дар Тоҷикистон фоҷиабор буд. Кишвари азиятдида баъди чанд соли ҷанги хунини шаҳрвандӣ амалан ба чандин минтақаи мустақил пора мешуд. Ва он гурӯҳи мо дар ВКХ, ки бо ин масоил (муносибат бо кишварҳои СНГ - РО) сару кор дошт, қатъиян бар он буд, ки кор бо опозисиюни исломӣ, бо вуҷуди он ки оштинопазираш меномиданд, мувофиқа карда шавад. Дар акси ҳол - даври

навбатии ҷанги шаҳвандии бераҳмонаву хунин  идома мекунад, ки ғолиб нахоҳад дошт. Суҳбати аввалин дар ин бора табиист, ки бо раисҷумҳур – Эмомалӣ Раҳмонов буд, ки ин корро чӣ тавр пиёда кунем. Иртиботамон бо ӯ хуб буд. Вале ин ҷо ҳам мушкил пеш омад, чунки Душанбе хостори робитаи мустақим бо опозисиюн буд, аммо опозисиюн қабул надошт ва ба гуфтугӯ бо Маскав бартарӣ медод. Он гоҳ ман Раҳмоновро мутақоид кардам, ки ҳамчун қадами аввал ба ин шарти опозисиюн, ҳамчунин ба сафари ман ба Теҳрон розӣ шавад. Ӯ ҳарчанд бо кароҳат, ризоят дод. Вале вақте ки ман гуфтам, ба хотири он ки бо онҳо (ҷониби опозисиюни тоҷик) хуб гуфтугӯ кунем, фармоне, ки сарони опозисиюнро ғайриқонунӣ ва ҷинояткорони давлатӣ меномад ва додситонӣ барои боздошти онҳо иҷоза додааст, бекор карда шавад, қабул накард. Хуб, хайр, баҳс намекунем. Дар  шароите, ки ҳастем, кор хоҳем кард. Сипас ин сафарро бо узбекон (давлати Узбекистон - РО), ҳам мувофиқа кардан зарур буд. Шумо медонед, ки маъмулан онҳо ба Тоҷикистон таъсири сахт доранд. Билохира бо ҳама мувофиқа кардем.  Ва моҳи марти соли 1994 ман ба Теҳрон сафар кардам, ки роҳбарони асосии опозисиюн: Ҳоҷӣ Акбар Тураҷонзода ва Муҳаммадшариф Ҳимматзода дар он ҷо буданд. Вазифаи ман ҳатто бо миёнҷигарии СММ ва баъзе кишварҳои дигар бошад ҳам, ба гуфтушуниди мустақим кашидани онҳо бо ҳукумати Тоҷикистон буд.

Дар Теҳрон бо онҳо суҳбатҳои дурӯзаи бисёр вазнин доштем, махсусан ки он ба моҳи рамазон рост омад ва амалан метавонистем шабона кор кунем. Аммо гирифтани ризояти онҳо муяссар шуд. Афзун бар ин эрониён, ки худатон медонед,  дар вақташ ба корҳои Тоҷикистон комилан фаъолона мудохила мекарданд, ин дафъа ба ёрмандии мо сар карданд,  бо пешбинии он ки аввалан, анҷоме коре дар Тоҷикистон ба онҳо низ душвор хоҳад буд, аз суи дигар, байни мову онҳо (ҷонибҳои Русияву Эрон - РО) низ робитаҳо ва ҳамкориҳои байниминтақавии хуб барқарор мегардид. Зимнан, мавриди қайд аст, ки Покистонро ҳам мутақоид кардан даркор буд, ки дахолат накунанд. Ба туркон (давлати Туркия - РО) низ гуфтан  даркор буд - онҳо ҳам халал нарасонанд. Ба он ҷо низ ман парвоз кардам ва чи тавре ки мегӯянд, суҳбат кардем. Дар мавриди он ки нахустин тамоси  байни давлат ва мухолифони тоҷикро дар куҷо барқарор кунем. Ман мавқеи устувор доштам, ки дар Маскав.  Он вақт Перес Баллон намояндаи СММ дар Тоҷикистон буд ва мегуфт, ки опозисиюни тоҷик ҳеҷ гоҳ ба ин тан намедиҳад.  Ба хусус ки Душанбе мегӯяд ва дуруст ҳам мегӯяд, ки муҳим –

ин гуфтушунид аст ва онҳоро чи дар Маскав, чи дар Теҳрон, чи дар Исломобод, чи Женева метавон доир кард. Вале барои мо албатта, аз ҳама муҳим Маскав буд. Барои ҳамин ҳанӯз то сафар ман чунин - як тадбири дипломатиро ба кор бурдам : биёед, кормандони СММ, ба опозисиюн паём диҳед, ки ман бо хости онҳо наздашон ба Теҳрон меравам, онҳо худашон инро хеле мехостанд, аммо бар иваз онҳо низ барои тамос бо давлат (ҳайати давлати Тоҷикистон - РО) ба Маскав меоянд. Хайр, ҳама мегуфтанд, ки ба Теҳрон биё, он тарафашро мебинем. Хуб, бошад, мо ба нерӯи худ итминон дорем, ба Теҳрон мепарем, ба хусус ки Эрон қаблан моро итминон дод, ки Маскавро дастгирӣ мекунад. Қисса кӯтоҳ, дар ниҳояти амр онҳо ба гуфтушуниди мустақим дар Маскав розӣ шуданд. Ман гуфтам, ки ин вазифаи бисёр душвор буд. Ман ёд дорам, ки рӯзномае навишта буд, ин ҷо каме худситоӣ кунам, - Адамишин дар Теҳрон ба кори тақрибан ғайримумкин даст ёфт. Аммо маълум гардид, ки ин кори аз ҳама сангин набудааст. Минбаъд лозим буд иҷоза надиҳем, ки созишро барҳам зананд, зеро аз ҷониби мо ҳам афроди гуногуне бо равишҳои мухталифи ҳалли қазия буданд ва сару садоҳое баланд шуданд, ки мегуфтанд мо дар ҳоли ҳозир ба гуфтугӯи сиёсӣ бо опозисиюн ниёз надорем. Ҳамчунин дар Душанбе низ каме ба ақибнишинӣ аз ин иқдом сар карданд. Дар ин мавриди мушаххас медонед, зарурати пофишорӣ ва устуворӣ пеш омад. Он вақт сарвазири Тоҷикистон Самадов (Абдуҷалил Самадов – сарвазири Тоҷикистон дар солҳои 1993 – 1994 - РО) буд. Ман дар он мавриди мушаххас ба ӯ рӯирост гуфтам: шумо аз Русия пул металабед , мо ин пулро медиҳем, аммо дар назар дошта бошед, ки мо мавқееро таҳаммул нахоҳем кард, ки аз Русия бо як даст бигиранд ва бо дасти дигар торсакӣ бизананд, мо тавофуқ ба гуфтушунид мекунем, шумо баъд кадом бозиеро ба роҳ меандозед. Хуб, ин асар кард. Бар илова, бояд ҳоло бигӯям ва гумон мекунам инро гуфтан мумкин аст, ки ба ман ин гуна масъалагузориро, чи тавре ки мегӯянд, супориш надода буданд. Черномырдин, сарвазири онвақтаи мо дар бораи ҷудо кардани буҷа ба Тоҷикистон дастур дода буд. Он давра мудири бонки иҷтимоии Русия Дубинин, Сергей Константинович буд. Ман ба ӯ гуфтам, ки Сергей, биё, мову ту, ҳар ду ба хотири ёрӣ ба ҳаллу фасли мусолиҳатомези қазияи сулҳи тоҷикон ин кор (интиқоли маблағ ба Тоҷикистон - РО) - ро андак ба таъхир андозем. Ӯ ҳам розӣ шуд. Ба як сухан, ба мо муяссар шуд он гуфтушунидро оғоз кунем. Илова бар ин, ба шумо мегӯям, ки президент - Раҳмон мавқеи дурустро гирифт. Мо бо ӯ на як бору ду бор тавассути ВЧ суҳбат доштем – он давра чунин - як алоқаи махфӣ

байни Маскаву Русия вуҷуд дошт - ва боре ӯ ба ман ҳатто гуфт, ки шумо одами аз ҳама боэҳтиром дар Тоҷикистон ҳастед. Барои ман – аз ҳама азиз, ман, мегӯяд, ба эҳтироми шумо ба он ҷо ҳайатро равон мекунам. Ҳамин тавр. Ҳамчунин опозисиюн низ нақши Русияро дарк мекард, замоне ки Тураҷонзода изҳор дошт, ки ҳеҷ як давлат наметавонад ҷойгузини Русия дар Тоҷикистон шавад. Ҳамин тавр, 5 – уми апрели соли 1994 ин гуфтушунид оғоз ёфт. Он бисёр сангин буд, тавре ки медонед, аммо дар ниҳоят, 27 -уми июни соли 1997 созишномаи сулҳ ба имзо расид. Ва ин созишнома, фикр мекунам, яке аз нодиртарин дар таърихи созишномабандӣ аст. Барои он ки давлат, мо бояд ба ин кори он тан диҳем, ба дунболи тақсими қудрат, тақсими вазифаҳо бо мухолифон рафт. Ин ҳолат зиёд иттифоқ намеафтад. Ва агарчи ҳама мушкилот ҳанӯз дар пешорӯ буд, бо ин вуҷуд раванди сулҳофаринӣ дар Тоҷикистон оғоз гардид.

**Озодӣ:** Ташаккур! Сипас шумо худ канор рафтед ё бо тақозои вазифа наметавонистед ба ҷараёни музокирот мудохила кунед. Ҳамин тавр шуд ?

**А. Адамишин:** Не, шумо медонед, ман сафир дар Лондон таъин шудам. Ҳамин тавр. Ва дар моҳи сентябри соли 1994 ман ба он ҷо рафтам. Ҳамин тавр, чи хеле ки мегӯянд, нақши ман сар кардани ин гуфтушунидҳо буд. Баъд онҳо ба гунае пеш рафтанд, ки ман наметавонам бигӯям ба онҳо таъсире доштам.

**Озодӣ:** Вале Шумо, албатта, медидед, ки музокирот чӣ гуна пеш меравад?

**А. Адамишин:** Бале, ман албатта, мушоҳида мекардам. Баъдтар чӣ гуна аввал опозисиюн ба дарҳам шикастани созиш, ташкили тазоҳуроти мусаллаҳона талош кард, чӣ гуна дар сарҳади Тоҷикистону Афғонистон душвор буд, дидбонгоҳи 12 – уми моро дар он ҷо заданд. Ҳамаи ин буд. Вале дар ин нақли худ мехостам сари лаҳзаи аввале, ки чӣ тавр он сангро аз ҷояш ҷунбонидан лозим буду сипас сарозер шуд, таваққуф кунам.

**Озодӣ:** Вале ба назари шумо, чӣ чиз фазоеро фароҳам кард, ки ҷонибҳо ба тавофуқ расиданд. Он ҷо чӣ буд – виҷдон, ғурури миллӣ ё ки бунбаст – чӣ онҳоро маҷбур кард паси мизи музокирот биншинанд ?

**А. Адамишин:** Ман фикр мекунам, омилҳои зиёде буд, ки маҷбур кард паси мизи гуфтушунид бишинанд . Онҳо дар ниҳояти амр фаҳмиданд, ки дар бунбаст қарор доранд: ё музокира ё ҷанг. Вале ҷангидан маънои дар тӯли чанд сол хунрезӣ,

бераҳмӣ ва набудани ҳеҷ роҳи бурунрафт аз ин вазъро дорад. Ҳамин тавр. Аз як сӯ, дарк карданд, ки дар роҳандозии амалиёти низомӣ ба бунбаст расидаанд ва роҳи бурунрафтро пайдо кардан лозим аст,  аз сӯи дигар, ман бар онам, ки дар ин маврид Русия, албатта ҳамроҳи соири кишварҳо,ҳамроҳи СММ нақши басо ҷиддиеро иҷро кард. Чунки дар воқеъ умдатан Русия давлати Тоҷикистон ва мухолифони тоҷикро паси мизи гуфтушунид шинонид.

**Озодӣ:** Нақши Русия дар ин раванд бисёр бориз аст. Вале дар он рӯзҳое, ки шумо бо сарони опозисиюни тоҷик мулоқот ва бо Раҳмонов гуфтугӯ мекардед, дар рӯзномаҳо, аз ҷумла дар “Московские новосты» навиштанд, ки Русия сиёсати муайяне надорад ва ҳарчанд дипломатҳо дар бар фрак ба зоҳир сари коранд, амалан ҳама чизро афроди либоси ҳарбӣ дар тан таъин мекунанд. Ҳамкориҳои байни Вазорати хориҷӣ ва вазорати мудофиаи Русия дар масъалаи Тоҷикистон то кадом андоза буд ?

**А. Адамишин:** Ман фикр мекунам, ин суоли дуруст аст. Ман аз он суҳбатамро оғоз кардам, ки дар Русия замони фитна буд ва он вақт як хати собите, ки бигирем, ҳама вазоратҳову ташкилотҳо дар он фаъолият баранд, вуҷуд надошт. Кадом қарореро қабул мекарданд, баъд он қарор аз суи кадом – як ташкилотҳое, ки ба ҳалли сулҳомези низоъ манфиатдор набуданд, халалдор мешуданд. Масъалаи мушкили қочоқи маводи мухаддир дар миён буд, ки мутаассифона, одамони мо низ дасту панҷа нарм мекарданд.   Аммо дар маҷмӯъ ҳамеша тавофуқ ҳосил мешуд.  Он давра, шумо ёд дошта бошед, ба  нерӯҳои сарҳадӣ Андрей Николаев сарварӣ мекард ва ман низ нафари иртиботии хеле хубе доштам. Он вақт бе он ки ба мо аз боло дастур диҳанд,-  шумо: ВКХ ва ВМ байни ҳам машварат кунед, -   мо худамон саъй мекардем  он нафарҳои иртиботиамонро ба кор андозем ва ҳамкорӣ ба роҳ монем . Ва албатта метавон гуфт, ки дар Русия сиёсат вуҷуд надорад. Он вақтҳо ин як мавзӯи писандида буд, ки оҳ, дар Русия сиёсат вуҷуд надорад. Вале Русия ба ҳар ҳол сиёсати худро пеш мебурд. Агар Русия сиёсат намедошт, эҳтимолан ҳаллу фасли мусолиҳатомези низои Тоҷикистон низ сурат намегирифт.

*Мусоҳиб Салими Аюбзод, 27 июни соли 2006, Вашингтон, ИМА.*

## Сайид Абдуллоҳи Нурӣ: “Вақте номаш сулҳ аст, пас одилона аст”



**Радиои Озодӣ:** Устод Нурӣ, пагоҳ-фардо дар Тоҷикистон ҳаштумин солгарди созишномаи сулҳ таҷлил мешавад. Ҳатто ҳамин рӯз дар Душанбе як нишасте барпо шуд ва ҷашни асосӣ, таври маълум рӯзи 27-уми июн аст. Ба ҳамин муносибат суоли аввали ман ин аст, ки оё аз нигоҳи Шумо, яъне касе, ки имзои дигар, имзои дуввуми ин созишномаро гузошта, ҳамчун раиси Кумисюни Оштии Миллӣ заминаҳои сулҳу оромии имрӯзаро фароҳам кардааст, дар ин сулҳу оштӣ чӣ вижагиҳоеро мебинад? Оё ин оштӣ чӣ тафовутҳое дорад аз ҳалли низоъҳои дигар, аз ҷумла бо ширкати созмонҳои байнулмилал? Ва фишангҳои ин сулҳ кадомҳо буданд?

**Саид Абдуллоҳи Нурӣ:** Воқеан сулҳи Тоҷикистон аз дигар сулҳҳое ки дар гӯшаву канори ҷаҳон шудаанд, фарқ мекунад. Савол саволи дуруст аст ва яке аз вижагиҳои ин сулҳ аз он иборат аст, ки он бо фишор ё ин ки бо маҷбур карданҳо аз тарафи кадом нирӯи берунӣ нашудааст. Ин сулҳ пеш аз ҳама ва бештар аз ҳама аз рӯи ангезаи дохилии мардуми Тоҷикистон шудааст. Ё агар аниқтараш бигӯем, аз рӯи ангезаи дохилии гурӯҳҳои даргир ба вуҷуд омадааст. Ин ҳамонро

мефаҳмонад, ки ҷанг ҳам, ҷанге ки шуда буд дар Тоҷикистон як ҷанги таҳмилӣ буд ва мардуми Тоҷикистон ё гурӯҳҳое ки бо ҳам даргир буданд, ҳеч гуна ангезаи ҷангӣ надоштанд, ҳеч гуна ният ё нақшаи ҷанг кардан бо ҳамро надоштанд, вале шояд ин мавзӯи дигар бошад ва баъдтар сӯҳбат кунем, вале ин таҳмил шуд бар болои тоҷикон. Хуб, агар ман яке аз ҳамон шахсиятҳое, ки воқеан метавонам бигӯям, раҳбарияти як гурӯҳро бар ӯҳда доштам, аз рӯзи аввал агар нигаҳ кунам, аз рӯзҳои аввале, ки шурӯъ шуда буд, ман танҳо роҳи сулҳ мекофтам, танҳо мехостам, ки як коре кунем, ки ҳамин фитнае ки дар Тоҷикистон ба вуҷуд омадааст, бо кадом роҳе ки бошад, хомӯш гардонем. Даҳҳо мулоқот, сӯҳбатҳо доштем, ҳатто ки дар сатҳи доираҳои кӯчак, дар сатҳи доираҳои бузургтар дар саҳти масалан, ҳатто ҷумҳуриявӣ... Барои он ки сулҳ ба даст биёяд. Вале чун таҳмил аз берун буд, мутаассифона, ин воқеъа ва ин мусибат ба вуқӯъ пайваст, вале он ангезаи сулҳ кардан, ман фикр мекунам, ки дар тафаккури тоҷикон ё ки дар нияти мардум вуҷуд дошт ва онҳо ҳамеша дар ҷустуҷӯи ин фикре буданд, ки чӣ хел кунем, ки мо якдигарро бифаҳмем, як ҳамдигарфаҳмӣ шавад, баргардем ба ватан ва ҳар кас сари ҷои зиндагии худаш бошад. Масалан, рӯзҳои аввал ки аз тарафи мақомоти ин ё он кишвар ва ё созмонҳои байнулмилалӣ даъват шуд, ҳеч гуна рад кардан ё шартгузорӣ, ин чизҳо вуҷуд надошт. Масалан, аввалин бор ман намояндаи Русия Примаковро дар Кобул дидам, ҳарчанд мулоқоти мо ба тавассути тарҷумон ҷараён гирифт, боз кам-кам бо забони минтақаҳои худамон ҳам сӯҳбат кардем, он кас гуфт, ки хуб, чӣ зарурат дорад, ки як чизе ки бидуни ҷанг ба даст меояд, онро бо ҷанг... Мо гуфтем, мо ҳам тарафдори ҷанг нестем, балки тарафдори сулҳ ҳастем ва дар ҷустуҷӯи роҳҳои сулҳем. Мо мехоҳем зудтар ба хонаамон баргардем. Ягон даъвои бисёр баланди бад ҳам надорем, фақат дар ҳоле ҳастем, ки ин ҷо қариб дусад ҳазор муҳоҷир дар Афғонистон вуҷуд дорад ва ҳама пароканда ҳастанд, гурусна ҳастанд, бе хонаву дар ҳастанд, амният надоранд, хуллас, мо мехоҳем, инҳоро баргардонем ба хонаҳояшон, тамом ягон чизи дигар нест. Ва ҳамчунин аз тарафи созмонҳои байнулмилалӣ ҳам касе ки омад, аз тарафи мо ҳеч гуна мухолифат ба сулҳ набуд, яъне манзурам ин нест, ки ҳам аз ҷониби давлат ва ҳам аз ҷониби оппозитсия бидуни мушкиле ин сулҳ пайдо шуд, мушкилиҳои худашро дошт, нобовариҳо дошт, ба якдигар бовар карда намешуд, барои он ки ҳар кас фикр мекард, шояд ки ин коре ки мекунад, кадом дасисаи навбатист ё кадом ҳилаи дигар аст, ин чизҳо буданд, вале бо вуҷуди ҳамаи ин он ангезаи сулҳ ва оштии миллӣ аз ҳама чиз болотар буд ва вижагияш ҳам ҳамин аст,

ки масалан, худ дидем ва дар таърих ҳам хондем ва то ҳоли ҳози ҳам дида истодаем, ҳар ҷо ки сулҳ мешавад, бо нирӯ сулҳ мешавад, нирӯи хориҷӣ, яъне нирӯи мусаллаҳ ман дар назар дорам, ки масалан, панҷ ҳазор, даҳ ҳазор нирӯҳои мусаллаҳро меоранд ва онҳо сулҳро ҷорӣ мекунад, муҳофизат мекунанд ё ки сулҳро ба даст меоранд. Ва дар вақти муҳофизати сулҳ ё ба даст овардани сулҳ мо мебинем, ки боз мумкин ҳазорҳо одами дигар кушта мешавад, ҳазорҳо мусибати дигар болои мардум меояд. Ва чун он ду гурӯҳ бо ҳам ангезаи сулҳу оштӣ надоранд, бо нирӯи хориҷӣ оштӣ кардан мушкил мешавад ва сулҳҳо бисёр тӯлонӣ мешаванд. Ҳамон протсесс ё ҷараёни ба интиҳо расидан, ба нуқтаи ниҳоӣ расидани сулҳҳо дар ҷое ки бо нирӯи хориҷӣ сулҳ ба даст меояд, бисёр тӯлонӣ мешавад, давомдор мешаванд, яъне зуд ба чӣ намерасанд, ба оромию амният. Мо мебинем, ки дар Афғонистон ҳанӯз ҳам чун одамони бегуноҳ кушта мешаванд, мо наметавонем, бигӯем, ки протсесси сулҳ дар Афғонистон ба охир расидааст. Ё ки дар Ироқ, ки масалан, чанд сол аст, давом дорад, он ҷо ҳам ҳар рӯз қатлу куштор ҳаст ва дар дигар минтақаҳои ҷаҳон, ки метавон ёдовар шуд. Вале дар Тоҷикистон ин чиз набуд. Ҳеч гуна нирӯи хориҷӣ мо қабул накардем, зеро аввалаш он ки он ангеза буд, дуввумаш ин ки, ростӣ ки як ҷасорате аз ҳарду ҷониб ва азхудгузаштагии махсусан раҳбарони ҳарду ҷониб вуҷуд дошт.

**Озодӣ:** Ҳамин ҷо як суол, ки масалан, шахси Шумо ва бисёре аз дигарон дар ҷараёни низоъи Тоҷикистон борҳо кӯшиш карданд, ки байни тарафҳо муросое шавад. Шумо, масалан, аввал дар Қӯрғонтеппа ва сипас дар Душанбе чунин талошҳоро кардед. Давлати Худоназар миёнарав шуд ва борҳо ба минтақаи даргириҳо сафар кард ва дигарон аз ҳар сӯ. Воқеан ин баёнгари як ангезаи қавӣ буд. Аммо чаро то 27-уми июни соли 1997 чунин ҳолате ба миён наомад, ки ҳарду тараф розӣ шаванду ба ҳам даст диҳанду сулҳ кунанд. Яъне ин ҳама муддат, панҷ ё ҳафт сол кӯшишҳо натиҷа надод, аммо ин кӯшиш натиҷа дод. Ба фикри Шумо, сабаб ва заминаи чунин ҳолат чӣ буд?

**С. А. Нурӣ:** Бале, рост мегӯед, сабаб дорад. Яъне чаро мо дар дохили Тоҷикистон кӯшишҳои зиёд кардем, ки сулҳра ба даст биёрем ва он чиро ки ба даст омада буд, ҳифз кунем, вале нашуд ва ҳама чиз аз ҳам пошид ва маҷбур шудем, ки мардум пароканда шаванд, аз кишваршон хориҷ ва бо мушкили зиёде рӯбарӯ шаванд. Ман сабаби инро, бадоҳатан, албатта, таҳқиқу таҳлил накардаам, вале бадоҳатан метавонам, бигӯям, ки яке аз сабабҳояш ҳамин буд, ки як роҳбарии ягона вуҷуд

надошт дар ҳарду тараф. Масалан, дар оппозитсия ҳам гурӯҳҳои мухталиф буд ва ҳар яке аз ин гурӯҳҳо раҳбарони худ, фикру ақида ва ангезаҳои худро доштанд. Ва ҳатто агар яке аз онҳо вориди сулҳ ҳам мешуд, гурӯҳҳои дигар ин сулҳро эътироф намекарданд, коре мекарданд, ки ин сулҳ заъф медид ва камранг ҷилва медод. Дар ҷониби дигар ҳам ҳамин тавр буд. Он вақт масалан, қумондонҳо буданд, фармондеҳон буданд ва шахсиятҳои зиёди сиёсӣ дар дохили кишвар буданд, ки аз гурӯҳу созмонҳо дида бештар нуфузу қудрат доштанд. Ҳар кадоми онҳо низ манфиатҳои худро мехост. Яке сулҳ мехост, дигаре суди худро. Вақте ки як камтар фурсат гузашт, ҳамин нирӯҳо, хуб, нирӯҳои дар тарафи оппозится вуҷуддоштаро мо бо чашмамон дидем, ё ки масалан, хаста шуданд, шикаст хӯрданд, ба натиҷа нарасиданд, ҳамаро, ба қавле вел карданд, партофтанд, рафтанд як гуруҳаш. Гурӯҳи дигар худ иқрор карданд, ки мо ин вазъияти баамаломадаро дигар идора карда наметавонем. Пас идора омад ба як нуқта. Вақте ба як нуқта омад ва сабаби дигараш, ки як боварӣ ҳам аз ин чиз пайдо шуд, ки аввал, масалан, ин марказият дар худи наҳзати исломӣ пайдо шуд, Ҳизби наҳзати исломӣ. Вақте он ҷо, Афғонистон рафтем мо, Ҳаракати наҳзати исломӣ, ки ҳанӯз пеш аз ҳизб вуҷуд дошт, мо онро эҳё кардем, ба хотири он ки он ҷо дигар ҷои ҳизб нест, ки танҳо ҳизбиёнро дар назар дошта  бошад, ҳар кас ки муҳоҷир шудаанд, бояд ба ин ҳаракат ҷамъ шаванд. Хуб, онҳое ки дар ҳолати муҳоҷират омаданд, ҳама муттаҳид шуданд ва баъд аз чанд вақт шумо мушоҳида кардед, ки нирӯҳои мардумӣ низ, нирӯҳои демократӣ ва миллӣ ҳам бо он мақомоте ки доштанд, диданд, масалан, солим будани ҳамин равиши наҳзатиёнро ва ҳама бо ҳам пайвастанд ва як иттиҳоди нирӯҳои оппозисюн ташкил шуд ва дар ин иттиҳод, шумо ҳам ҳанӯз аз ҳамон вақт дидед, ки як раҳбарияти воҳид вуҷуд дошт ва ана ҳамин чиз, ман фикр мекунам, ки аз як нуқтаи назар, яке аз омилҳои асосии ба натиҷа расидани сулҳ гардид, ЯКЕ аз омилҳо. Ҳамчунин дар ҷониби дигар ҳам ҳамин чиз вуҷуд дошт. Оҳиста-оҳиста онҳо ба дараҷае расиданд ва мутақоид шуданд, ки масалан, дар раъси давлат касе ҳаст, ки ӯ метавонад ин барномаро амалӣ кунад, фикрҳояш хубанд, мақсадаш ҷамъоварии мардум аст ва аз ӯҳдаи ҳамин кор мебарояд, касони дигар кам-кам ақибнишинӣ карданд, шикаст хӯрданд ва он ҷо ҳам ҳамон мутамарказӣ ба вуҷуд омад. Ин як омил буд ва омили дигар, ки низ ман онро дар ҳарду тараф ҳам мушоҳида мекунам, ҳамин буд ки... Албатта, бо вуҷуде ки мо бо сари баланд гуфтем, ки аз рӯзи аввал мо талабгори сулҳ будем ва ҳар кас дар ҳоли ҳозир, ки сулҳу амният ҳаст, даъво мекунад, ки аз аввал

талабгори сулҳ буданд. Аз ҷониби дигар ҳам ин даъворо доштанд, вале паси ин сухан ҳатман буд аҳдоф. Аҳдофи ин ки масалан, оппозитсия рафт, дигар биравад. Ин чизҳо вуҷуд доштанд. Ё ки ҳадафҳое аз ҷониби оппозитсия ин буд, ки инҳое ки ҳоло сари қудрат омадаанд, салоҳияти раҳбарӣ ва идораи давлату кишварро надоранд ва инҳо бояд ки набошанд. Ин чизҳо вуҷуд доштанд. Ин хел нест, ки ҳама чиз сода буд. Вале бо вуҷуди инҳо ва дар ҳоле ки ҷангу ҷидол идома дошту ҳамзамон кори сиёсӣ шурӯъ шуд ва афроде пайдо шуданд, ки дар ҳарду ҷониб фазилати ин кори сиёсиро дарк карданд ва ин ҳол куллан ба рафтори ҳарду ҷониб таъсири мусбат гузошт. Чунончи, агар он вақт оппозитсия мегуфт, ки ин ҳукумат демократӣ ва арзанда нест, бояд аз байн бурда шавад ва ҷойи онро як ҳукумати демократӣ бигирад, тарафи ҳукумат тадриҷан дастикам дар шиъорҳои худ рӯ ба сӯи демократия овард. Хуб ин як тағйири мусбат буд. Аз ҷониби дигар ҳам, масалан, нисбати оппозитсия, вақте дидан, ки оппозитсия танҳо як нирӯи тундрави ифротӣ нест, балки сулҳро аз ҳама чиз болотар медонад ва низ тарафдори рушди кишвар аст. Дигар омаданд ба ҳамин хулоса ки инҳо ҳам ҳамватани мо ҳастанд, инҳо ҳам мардуми ҳамин диёр ҳастанд, пас роҳе пайдо кунем, ки биёянд ва ба бо роҳи гуфтушунид, бо як роҳи солим бо ҳам оштӣ кунем ва аз ин ҷангу мусибатҳое ки ҳаст даст кашем. Ман фикр мекунам, ки ин ду омили асосӣ дар миён буд...

**Озодӣ:** Яъне ба назари Шумо, фарҳанги сиёсӣ ё беҳтар аст, бигӯем, фарҳанги бархӯрди сиёсӣ дар ин байн аз ҳарду ҷониб тағйир ёфт, мешавад ҳамин тавр гуфт?

**С. А. Нурӣ:** Бале. Ман фикр мекунем, ки фарҳанги фаъолиятҳои сиёсӣ гӯем беҳтар аст, махсусан дар тӯли муддати дароз. Ин фарҳанг тағйир ёфт. Одамон аз он афкоре ки доштанд, аз он хашму ғазабе ки доштанд, тадриҷан даст кашиданд, эҳсосот поин омад ва монеъаҳо камтар шуданду гуфтугӯ аз сулҳу оштӣ хеле осонтар шуд.

**Озодӣ:** Дар муддате ки Шумо раёсати Кумисюни Оштии Миллиро дар дӯш доштед, тайи тақрибан се сол, мушкилиҳои сифатан нав пеш омад ва худи Шумо ҳам дар ин бора гуфтаед. Аммо агар мо аз рӯи як ҷадвал ё шкала таҳдидҳоеро, ки нисбат ба сулҳу оштӣ дар ин муддат пайдо мешуданд, таҳлил кунем, оё бузургтарин таҳдид, ки метавонист, тамоми раванди сулҳро баҳам занад, тахриб кунад, кадом буд? Ва ҳамчунин таҳдидҳои дараҷаи ду ва се чиҳо буданд?

**С. А. Нурӣ:** Воқеан, чӣ хеле ки гуфтем, татбиқи созишҳое, ки сулҳро ба вуҷуд овардани буданд, осон набуд. Чунки созишнома ин танҳо тарҳи сулҳ буд ва фақат иҷрои он метавонист, сулҳи воқеиро ба миён орад. Тасаввур кунед, баргашта омадани як гурӯҳи мухолиф ба оғӯши мухолифони худаш ва дар он ҷо фаъолият кардан ҳам аз нигоҳи ҷисмонӣ мушкил буд ва ҳам аз лиҳози равонӣ ва ҳам аз лиҳози оддитарин шароити кор. Вале чӣ тавре ки гуфтем, ҳамон ангеза буд, ки моро мутмаъин мекард ва агар аз дигарон ба андозаи кофӣ боварӣ надошта бошем ҳам, ҳамон чанд мулоқоте ки бо Эмомалӣ Раҳмонов доштем, ба мо итминон медод, ки вай дарвоқеъ хостори сулҳ аст ва бале дар рафти татбиқи созишҳои сулҳ дар Кумисюни Оштии Миллӣ мушкилоти зиёде ба вуҷуд омад ва бархе аз онҳо ба андозае бузург буданд, ки дар он лаҳзаҳо воқеан гумон мерафт, ки ҳамин дақиқа ва ё дар чанд дақиқаи дигар сангаргириҳо шурӯъ мешавад ва ҳамаи дастовардҳое ки бо заҳмати зиёд омада буданд, барбод мераванд. Ин хел ҳолатҳо метавонист аз рӯйдодҳои ҷузъӣ сар занад, масалан, аз дастгир кардани яке аз намояндагони оппозитсия ва ё бадтар аз ин ҳатто кушта шудани чунин афрод. Ё ки масалан, аз халъи силоҳ кардани гурӯҳҳои оппозитсия ва ё нирӯҳои Вазорати дифоъ ва ё дастаҳои ғайримасъул ва ғайра. Инҳо чизҳое буданд, ки агар воқеъан дар раъс шахсони ботаҳаммул намебуданд, боиси аз ҳам рехтани сулҳ мешуданд ва ҳамчунин, масалан, рабудани афрод, одамро аз ду ҷониб мерабуданд ва одамон ғайб мезаданд, бенишон мешуданд. Бархе худро намояндаи оппозитсия эълон кардаву ба хотири пул одамонро мегирифтанд ва фармондеҳоне, ки худро тарафдори давлат мегуфтанд, ҳамчунин одамонро мерабуданд, ҷанҷолҳои дохилӣ дар ҳарду тараф пайдо мешуд ва фишоре ки болои мо, ки раҳбарияти сулҳро бар ӯҳда доштем, танҳо худ медонем, на ҳама кас огоҳ буд. Шабҳои дарозе, ки хоб намерафтем ва мехостем, ин масъалаҳоро бо кадом роҳе ки бошад, ҳал кунем, ҳуҷумҳое ки ба КОМ шуд, ҳуҷумҳои мусаллаҳона, ки дар яке аз онҳо дар боғчаи пеши бинои КОМ чанд кас захмӣ шуд ва куштаҳо ҳам буданд. Фишорҳое буданд, ки тарҳрезишуда ва махсус аз тарафи онҳое ки ғаразе доштанд ва фишорҳое буданд, ки тасодуфан, аз ҳамдигарнофаҳмӣ сар мезаданд. Ҳам дар дохили худи оппозитсия ин ҳолатҳоро ба вуҷуд меоварданд, ки ҳама чиз тарк шаваду ҳар кас равад думболи кори худаш. Ба ҳар ҳол ин чизҳо буданд. Ва ҳамчунон байни давлат ва мухолифин низ ҳамин гуна ҳолатҳо ё дуруст карда мешуд ва ё тасодуф меафтод. Вале мушкилоти умда, дар ҳоли ҳозир ки ба ёдам мерасад, дар тақсими вазифаҳо буд. Саҳмияи сидарсада. Мушкили асосии ман ҳамчун раиси КОМ ин

буд, ки ҳамон саҳмияҳоеро, ки қарор шуда буд, зуд гирифта наметавонистам. Яке дар гирифтани ҳамон мақом ё вазоратхона аз давлат ман мушкил доштам ва дигаре дар таъини афрод ба ин мақомҳо. Дар ибтидо, вақте ин мақому вазоратҳоро гирифтем, ман бо ҳамаи шахсиятҳои сиёсӣ ва фармондеҳони ҷиҳодӣ сӯҳбат кардам. Ҳеч яки онҳо ҳозир набуд, ин ё он мақомро бигирад. Онҳо мегуфтанд, мо фақат барои ризои худо кор кардем ва омадему ба сулҳ расидем, ҳамин барои мо бас аст. Ман аз онҳо хоҳиш мекардам, ки ин ё он вазифаро бар дӯш бигиранд, онҳо рад мекарданд. Вале баъд аз чанд вақт, он одамоне ки аз хориҷ бо нияти сулҳ, бо орзу ва ҳаваси сулҳ бозгашта буданд, бо ёру дӯсти худ ва ҳамдиёрони худ дар Тоҷикистон омехта шуданд, ман он вақт донистам, ки дар ин байн дар Тоҷикистон нирӯи маҳалгароӣ чӣ андоза қавӣ шудааст. Вақте мо Тоҷикистонро тарк карда будем, гароиш ба маҳалҳо дар кишвар ин гуна сахту ваҳшатангез набуд. Мо гӯё ба як Тоҷикистони комилан дигар бозгашта будем. Ва чӣ андоза бад будани нирӯи маҳалро ман то он вақт дарк накарда будам. Масалан, вахёчиҳош сари вахёчиҳое ки дар ҷиҳод буданд, фишор оварданд, ғармиҳо дар ғармиҳо, шимолиҳо дар шимолиҳо, ҷанубиҳо дар ҷанубиҳо. Аз ин ҳама як ҳолате ба вуҷуд омад, ки дигар барои гирифтани вазифа мусобиқа сар шуд, аз мусобиқа гузаштем ба ҷанҷол, аз он ҳам гузаштем ба фишороварӣ ва ҷаласаҳои тӯлонӣ, ҳамааш барои дарёфти вазифа. Ман ҳанӯз ҳам нигоҳ доштаам, баъзе дархостҳоеро, ки гуруҳҳои мухталиф барои ман оварда буданд, баъзе аз онҳо ҳатто лаҳни ултимотумро дорад ва дар онҳо аз боло то поён даҳҳо вазифаю мақомҳоро талаб кардаанд.

**Озодӣ:** Бубахшед, яъне инҳо хатар дошт барои сулҳ? Агар вазифаро ба каси муайян намедодед, сулҳ баҳам мехӯрд?

**С. А. Нурӣ:** Бале, ҳоло мегӯям. Ин натиҷа дорад. (Механдад) Ман ҳоло муқаддимаашро гуфтам, ин боз натиҷа ҳам дорад. Бале, ин хатар дошт, зеро талаб намешуд, ҳама чиз дар ихтиёри худи ман буд, ҳарчи мехостам, ҳамон мешуд. Вазифаро ба касе мехостам, дода метавонистам. Аввалҳо ҳамин тавр буд. Вақте мардум аз берун омада буданд, бо як нийяти соф буданд. Ман эътироф мекунам аз раҳбарони ҷиҳодию фармондеҳону ҳамаи онҳое ки дар ҳиҷрат буданд, инҳо аслан ҳеч талабе надоштанд. Ман гуфтам ку, бо онҳо сӯҳбат кардам, ҳеч кас қабул намекард. Вале вақте ки ин ҷо истоданд ва бо он ҳамшаҳриҳое, ки дар Тоҷикистон доштанд, сӯҳбат карданд, баъд мусобиқа шурӯъ шуд. Хатар ба вуҷуд омад.

Хоҳишҳо ба талаб табдил ёфт. То он вақт ҳеч кас аз лиҳози маҳал ба ман нигоҳ намекард. Вале аз он ба баъд дигар аз лиҳози маҳал ба ман нигоҳ мекарданд. Ин дарвоқеъ аввалин аломати пош хӯрдани оппозитсия буд. Охир вақте ки ман сулҳ мекунам бо ҷаноби оқои Раҳмонов ва агар иззат надошта бошам, эътибор надошта бошам, масалан, ҳамон эҳтироми қаблиро надошта бошам, чӣ хел сулҳ мекунам. Модоме ки инҳо ҳар сулҳе ки ман кунам, мухолиф хоҳанд буд, зеро вазифа бароящон нарасид ва ё талабашон иҷро нашуд. Барои ҳамин хатар дошт ин. Хатараш дар ҳамин буд. Саҳмия боиси эҷоди сабқату нафрату фишороварию тафриқа шуда, нобовариҳоеро миёни раҳбар ва пайравон ба вуҷуд овард. Баъд дигар вақте шуд, ки агар ман дар оғоз барои гирифтани ҷойҳо озод будам, акнун талаб пайдо шуд, ки бояд кадом ҷойро бигирам ва барои кӣ. Ва мебоист як вазифаро дар байни чаҳор гурӯҳ тақсим мекардам, ба шакле ки ҳамаи онҳо розӣ боқӣ монанд. Дар ин байн гирифтани ин ё он мақом аз тарафи ҳукумат низ мушкил шуд. Ин ду мушкил бо ҳам тамоми раванди гирифтани саҳм ва пур кардани онро ба омили ҷудоиву таҳдиду тафриқа табдил дод. Ҳукумат ин ҷо боз як кори дигаре кард. Дар номгӯи ибтидоии саҳмияи сидарсада, вазорати дифоъ низ мебоист ба оппозитсия дода мешуд, аммо дертар дар як номаи нави ҳукумат ин вазорат ҳасф шуд. Ҳукумат розӣ нашуд ин мақом ба намояндаи мухолифин дода шавад. Вақте ки ин ҳолат пеш омад, онҳое ки ин вазоратро мехостанд, пеш аз ҳама аз ман норозӣ шуданд ва ҳолатҳое шуд, ки ҳатто ин афрод Душанберо тарк карданд, ба кӯҳистон баргаштанд ва ҷабҳагирӣ карданд, таҳдидҳо садо дод. Инҳо таҳдид ба сулҳ буданд.

**Озодӣ:** Ба назари Шумо, оё кӣ дар ҳукумат ба бурузи чунин мушкилот ҳавасманд ва ё манфиатдор буд?

**С. А. Нурӣ:** Ба назари ман, ҳама чиз дар дасти Раҳмонов набуд. Монанди ман, дар атрофи ӯ низ афроди зиёде буд, ки шояд машвараташ медоданд, шояд намегузоштанд, ки ҳарчи тасмиме дошт, бигирад. Ман ҳам ҳамин хел будам. Наметавонистам, ҳар тасмиме ки бигирам ба ҷо орам. Ман мебоист роҳе меёфтам, ки ҳам тарафи ҳукуматро розӣ кунам ва ҳам тарафдорони худро қонеъ гардонам ва ин як кори бисёр сахт буд. Як бор дар ҳамин ҳолат буд, ки масалан, кори мо бисёр ба дараҷаҳои, гӯем ки, ноумедӣ рафту расид. Ҳатто вақте ки намояндаҳои мо дар комиссия бисёр пойфишорӣ карданд, ман кӯшиш кардам, ки мулоқоти худашонро бо худашон тартиб диҳам. Чун онҳо хаёл мекарданд, ки ман ягона

хислати мулоим дорам ва ин нармӣ гӯё боис мешавад, ки ҷониби муқобил аз он истифода кунад ва мақсадҳо ба даст наояд. Ба хотири он ки онҳо худашон рӯбарӯ биншинанд ва сӯҳбат кунанд, ман бисёр кӯшиш кардам ва заҳмат кашидам, то мулоқоти як гурӯҳе аз кормандони Кумиссияи оштии миллӣ аз тарафи оппозитсия бо худи президент ва чанд нафаре ки дар комиссия аз давлат намояндагӣ мекарданд, тартиб додам. Ва як дархости хаттии ултимативии онҳоро низ гирифтам ба ҳамон шакле ки буд. Яъне ман аз сабки дигарон истифода кардам. Хуб, рафтем ва вақте ки ман шурӯъ кардам ба хондан, ин на дархост, балки таҳдиду зӯроварӣ буд. Ҷониби дигар ҳам ин услуби корро қабул накард. Онҳо дигар дар ҷои худашон, дар мавқеъи худашон истоданд. Ин ҷо вазъият воқеъан бисёр сангин шуд. Ин яке аз лаҳзаҳое буд, ки ман воқеъан хавф доштам, ҳама чиз аз ҳам мерезад, тамом мешавад. Ин ҳам баъд аз ба шаҳодат расидани марҳум Отахон Латифӣ буд. Аз куштори ӯ ҷониби оппозитсия бисёр дар ғазаб афтода буд. Ба ман ҳам фишори зиёд оварда мешуд ва ин талабҳои бисёр сахту лаҳни таҳдидомез аз ҳамон ҷо пайдо шуда буд. Ин шояд барои он ки яке дӯстии наздик бо марҳум Латифӣ дошт ва дигарон шояд барои тарсе ки аз ҷони худ доштанд, ки имрӯз Латифӣ аст, пагоҳ каси дигар ва ҳамин тавр ҳама зери мили силоҳанд. Воқеъан ба як ҳоле расида будем, ки ё мебоист, ҳамон ҷо ҷудо мешудем, ё, намедонам, баъдаш чӣ мешуд...(чанд лаҳзаи сукут) Хулоса, он чизҳое ки гуфтем, тарафи давлат қабул накард. Як танаффус эълон шуду баъд аз ин эълон оқои Сатторзода назди ман омад ва гуфт, акнун сабки худатонро истифода кунед. Ман ҳамаи он чизеро ки буд, фикр мекунам, ҳабдаҳ талаб буд, ҳамаи онҳо ҳоло дар ёдам нест, аммо ҳамин миқдор талабҳои оппозитсия буд бо лаҳни хушунатомез. Ман ҳамин ҳабдаҳ талабро гирифтам ва аз нав навиштам. Ҷумлаҳоро худам тартиб додам. Шумо шояд ки тааҷҷуб кунед. Ҳамаи ҳамин ҳабдаҳ талабе ки дар ҳамон ҷо мо аз президент кардем, ҳамаи онро тарафи давлат қабул кард. Ман фақат ҷумлаҳоро дигар кардам, талабҳо ҳамон талабҳо, чизи наве нанавиштам, аммо ҳамонҳоро, ки ба тариқи таҳдид ва ултиматум буд, ба тарзи дигар талаб кардам. Аз аввалаш то охираш, рӯшан дар ёдам ҳаст, ҳар чизе ки мехондам, Раҳмонов мегуфт: "Қабул аст... қабул аст... қабул аст..." Баъд чеҳраи оқои Раҳмонов ҳам кушода шуд, ба назар мерасид, аз нав ба оянда умедвор шуд. Ба онҳо шояд мушкилтар буд, ба фикрам. Баъд хабарнигоронро даъват кард, радиову телевизионро даъват кард ва мо нишастему як изҳороти муштарак навиштем ва пахш кардем ва аз ин мушкил наҷот ёфтем. Яъне ин гуна ҳолатҳо дар сатҳи поин

ҳам буд ва дар сатҳи болотар ҳам ба вуҷуд меомад, ки воқеан одам гумон мекард, ки агар эҳтиёт накунем, кор тамом мешавад. Ва ҳолатҳои дигар ҳам буд, ки кор ба ин сарҳад мерафту мерасид. Аксарияти онҳо ба ҳамин талаби саҳмияи сидарсада буд. Мушкил дар ин буд, ки шартҳо тағйирнопазир буданд ва аз тарафи дигар зуд ба ин талабҳо ҷавоб ёфта намешуд. Рӯзҳо мегузаштанд, ҳафтаҳо, моҳҳо ва танҳо баъд натиҷае ҳосил мешуд, гуфтам ки шояд тарафи давлат ҳам мушкилоти зиёд дошт ва ҳалли онҳо фурсат мегирифт. Чун ҳамин раванд ки тӯлонитар мешуд, сабаби он мешуд, ки як гуна норзигиҳо дар байн ба вуҷуд оянд. Ва мушкили дигар дар ҳамоиши нирӯҳои мухолифин бо нирӯҳои давлат буд. Дар ин ҷо низ ҳамаи он чизҳое ки мо мехостем, зуд ба амал биёяд, гоҳ аз тарафи худи мо, намояндагони мо мешуд, ки дар асоси тартибот ва муқаррароти ҳосилшуда корро анҷом намедоданд. Ва монеъаҳое аз тарафи намояндагони давлат ба миён меафтод, ки шояд аз нобовариҳо маншаъ мегирифт. Гоҳе аз тарафи вазоратҳои давлат як муносибати ҷиддӣ, устувор ва бозавқ ба назар намерасид, ки ман борҳо дар ҷаласаҳои комиссия гуфтаам ва дар мулоқоте ки бо президент доштам, ман Сайиданвар Камоловро бисёр тавсиф кардам, ки мо бо Камолов ва кумитаи сарҳадот ҳеч гуна мушкиле надорем, зеро дар асоси ҳамон созишнома ҳар чӣ ки ҳаст, ӯ ҳамон чизро қабул мекунад. Бо дигарон мушкил дорем, чун онҳо корҳоро дертар ҷавоб медиҳанд ва як навъ дудилагӣ зоҳир мекунанд.

Хуб мешавад, фаҳмид, ки ин ҳама марбут ба кори низомӣ буд ва кори низомӣ боз хеле хатарноктару сангинтар аст. Масалан онҳое ки силоҳ доранд ва чанд сол бо ҳам ҷангидаанд, акнун мо бояд ки онҳоро биёрем, бо силоҳ ё бидуни силоҳ ва ба мухолифони худашон таслим кунем. Ин як кори бозӣ набуд. Онҳо агар боварӣ ба ман намедоштанд, боварӣ ба раҳбарият намедоштанд, аслан ин корро намекарданд. Онҳо бовар доштанд, ки баъд аз бозгашт ва супурдани силоҳ ва табдили шуғл ба як ҳирфаи мулкӣ кадом мушкиле домангираш намешавад. Дар ҳар қадаме аз ин раванд мо бо мушкил рӯбарӯ мешудем. Масалан, вақте намояндаҳо мерафтанд, тирпаронӣ мешуд ё зӯргӯӣ ва ё радди созишҳо. Масалан, намояндаҳои Комиссияи оштии миллӣ дар як ҳайъати муштарак рафтанд ба Роҳатӣ ва зери тирборон монданд. Ҳатто ба худи ман чунин ҳолат рӯй дод. Шукри худо, ки кадом осебу талафоте рӯй надод, вале тарс буд ва тарс ихлолу заъф эҷод мекард. Чизе буд, ки дигар касеро ба ҷое равон карда намешуд.

**Озодӣ:** Устод Нурӣ, ин хотираҳои шумо як баҳси дигарро ба ёд меоранд. Он замоне ба миён омада буд, ки гурӯҳе аз муҷоҳидони оппозитсия дар Афғонистон монда буданд ва шеваи бозгардони онҳо мояи баҳсу мунозираи на танҳо давлату мухолифон, балки марзбонони Русия низ гардида буд, магар на?

**С. А. Нурӣ:** Бале, комилан дуруст. Ва даҳшатноктарин ҷанбааш ин ки дар зери онҳо бомб монда буданд. Дар охирин лаҳзаҳо ин бомбро кашф карданд ва агар он метаркиду ин қадар размандаҳои мо кушта мешуд, худо медонад, оё раванди сулҳ идома мекард ё на. Дарвоқеъ ин ҳам дар ҳамон чанд рӯзи баъд аз қатли Латифӣ буд ва агар фоҷиа ба амал меомад, назорати гурӯҳҳои мусаллаҳ аз дасти оппозитсия берун мешуд ва дигар онҳоро ҷамъ овардану ба сулҳ мутақоъид кардан даргумон буд, даст медод. Вале, хуб, худованд лутф карду аз ин фалокат моро наҷот дод.

**Озодӣ:** Пеш аз ин ҳодиса, вақте ин гурӯҳи 300-нафарӣ дар марз монда буд ва марзбонони Русия онҳоро намгузоштанд, вориди Тоҷикистон шаванд, тарафи давлат мегуфт, иҷоза нахоҳад дод, ки ин гурух ҳамроҳ бо силоҳу муҳимоташ вориди кишвар шавад. Ва дар рӯзи бозгашти худи Шумо ба Душанбе низ тарафи давлат изҳорот дода буд, ки ба ғайр аз аъзои Кумисюни оштии миллӣ ва аҳли хонаводаву ҳозирбошҳои онҳо бақия ҳар касе дар ин ҳавопаймо биёяд, мо намегузорем, ки ҳавопаймо дар ин ҷо фуруд ояд. Маънии ин баёнияҳо чӣ буд? Оё давлат ба мухолифон бовар надошт ва ё мехост, бо ҳар роҳе ки бошад, бартарии худро нишон диҳад ва таъкид кунад?

**С. А. Нурӣ:** Хуб, бовар надоштан як чизи табиӣ буд. Ҳама бояд дар чунин ҳолатҳо як гӯшаи нобоварӣ дошта бошад. Наметавон, масалан, ба ҳама чиз бовар кард. Ин нобоварӣ ҳамеша вуҷуд дошт. Албатта, аз тарафи дигар, ангезаи он ки сулҳ аз ҳама чиз беҳтар аст, ҳам дар ҷониби давлат ва ҳам дар ҷониби мухолифон якбора фаҳмида нашуд. Ҳама баробар ба чунин ақида нарасиданд. Баъзеҳо ин ҳақиқатро тадриҷан фаҳмиданд. Масалан, мо метавонем, бигӯем, ки оқои Раҳмонов пеш аз ҳама ва беш аз ҳама инро дарк кард ва бо боварӣ пеш мерафт. Ашхосу афроди дигаре буданд, ки ба ин чиз камтар боварӣ доштанд, бино бар ин, хуб, эҳтиётaшона мекарданд, ки мухолифон ин ҷо наоянду ин ҷо зиёд нашванду... Зиёд шаванд, мушкили зиёдтар сохта метавонанд. Як гурӯҳи панҷ ё даҳнафарӣ дар Теппаи Самарқандӣ чӣ қадар халалдор мекард вазъи онҳоро. Аз нуқтаи назари ман ҳамчун раҳбари мухолифон, ин чизҳо аламовар буд ва аммо агар бетарафона

ё хайрхоҳона фикр кунем, бале ин чизҳо табиӣ буданд. Бовар ба сулҳ ҳамчун як мафҳуми бузург дар дохили як нобовариҳои хурду кӯчак монда буд, ки мебоист ба душворӣ барои худаш роҳ мекушод. Инро бояд эътироф кард. Аз ҳамин сабаб ҷониби давлат намехост, ки мухолифон нирӯҳои зиёдеро ба пойтахт биёранд ва ин ҷоро тахти назорат гиранд. Онҳо ҳарос доштанд, ки таҷаммӯъи нирӯи зиёд дар ҳол эътироз ё муғойирот метавонад ба ноорромӣ ё ҳодисаҳои инқилобӣ сабаб гардад. Шояд аз ҳамин сабаб буданд, ин фикрҳо ва амалкардҳо. Ва албатта, он чизе ки Шумо ҳам гуфтед, дар он вақт ҷониби давлат ин иддаъоро дошт, ки онҳо қудрат доранд, онҳо давлатанд ва оппозитсия як гурухе аз Тоҷикистон аст, ки хуб, сулҳ мекунаду меояду ва дар асоси маслиҳату созишҳое ки шудааст, ҳамкорӣ мекунад. Чунин муносибат вуҷуд дошт.

**Озодӣ:** Аммо аз таҳдидҳои низомӣ агар гирем, масалан, дар 18-уми ноябри соли 1997 гаравгонгирии шаҳрвандони Фаронса Карин Манн ва Франк Дюбре дар шаҳри Душанбе ба амал омад. Дар ҳамин ҳол 300 размандаи оппозисюн дар марзи миёни Афғонистону Тоҷикистон дармонданд ва он воқеъае ки Шумо ёд кардед, кашфи як бомбаи марговар дар 23 сентябри соли 1998, рӯйдодҳои Кофарниҳон дар март ва апрели 1998, дар кӯчаи Қаротегини шаҳри Душанбе дар апрел ва майи 1998 ва 4-уми ноябри 1998 ва ҳатто пештар аз он дар худи атрофи Душанбе, ҳаракати Маҳмуд Худойбердиев аз Қӯрғонтеппа ва Ибод Бойматов аз Турсунзода ба сӯи Душанбе ва нуқтаи авҷи ин ҳаракатҳо гӯем, дар ноябри 1998 Хуҷанду Чкаловску Айнӣ ва ин ҷойҳоро ишғол кардани Худойбердиев. Ин ҳодисаҳо чӣ таъсир доштанд ба раванди сулҳ? Оё таҳдид ба сулҳ буданд ва ё ба раванди сулҳ мустақиман таъсир намекарданд?

**С. А. Нурӣ:** Инҳо ҳамагӣ таҳдидҳои хеле ҷиддие буданд. Ман аз он шурӯъ кардам, ки ҷудоиҳои эҳтимолӣ дар байни нирӯҳои оппозитсия як бахши таҳдидҳои хатарнок ва дохилиро ташкил медод ва инҳое ки шумо зикр кардед, таҳдидҳое аз берун буданд. Ба сурати умум таҳдид ба амният маънии таҳдид ба сулҳро дошт. Аммо ду чизро бояд ҷудо кард. Яке таҳдидҳо ба амнияти кишвар ва дигаре ҳифзу тақвияти нобоварии миёни тарафҳои сулҳкунанда. Масалан, онҳое ки бомбагузорӣ карда буданд, то муҷоҳидони оппозитсия ҳангоми бозгашт ба ватан мунфаҷир шаванд ва ба ҳалокат расанд, нақшаи аз нигоҳи худашон хеле ҷолибе кашида буданд, барои нобовар сохтани ду тараф. Яъне тасаввур кунед, як узви аршади Кумиссияи оштии миллӣ аз ҷониби оппозитсия, шахси дар ҷумҳурӣ

машҳур -- Отахон Латифӣ кушта мешавад, аъзои комиссия ба нишони эътироз корро қатъ мекунанд ва дар қадами баъдӣ, 300 размандаи оппозитсия ҳангоми вуруд ба Тоҷикистон дар бомб мунфаҷир мешаванд. Ин ҳам дар ҳоле ки иҷрои талабҳои оппозитсия бо мушкилот рӯбарӯст. Ин ҳолат ба куҷо мерасонд? Зуҳури гуруҳҳое аз ҳарду ҷониб, ки бо нерӯ мехостанд, раванди сулҳро ба манфиати худ гардонанд. Монанди Маҳмуд Худойбердиев ва ё гурӯҳҳое дар атрофи Душанбе, ин чизҳо ҳам бар зидди сулҳ равона шуда буд. Ва ҳамон ҳуҷуме ки аз тарафи шимол ба вуқӯъ пайваст ва ҳатто маркази вилояти Суғд ишғол карда шуд низ, ин чизҳо маълум буд, ки нишони эътироз ба сулҳ буданд, вале ман ҳамчун, бигӯем, як муҳандиси ин сулҳ, воқеъан дар ҳамон ҳолатҳо аз ин чизҳо зиёд тарс надоштам, ки инҳо сулҳро халалдор мекунанд. Масалан, талошҳои Худойбердиев ё ҳодисаҳое ки дар куҷое мешуд, инҳо ба мо мустақиман дахл надоштанд ва ба истилоҳ гурӯҳҳои саввум буданд. Ман бештар аз ҳамон корҳое ки дар дохили худамон мешуд, хавф доштам. Ман дигар нирӯҳоро чандон нирӯе ҳисоб намекардам. Танҳо ин ду нирӯи қудратмандро мешинохтам, ки агар мехостанд, ҷанг мекарданд ва агар мехостанд, сулҳ мебастанд. Албатта, Худойбердиев ҳам хеле нирӯ дошт, мусаллаҳ ва мусаллат буд ва кори аз лиҳози низомӣ хеле аҷиб ҳам кард. Вале ман аз ин тарс надоштам ва вақте ки Худойбердиев омад, мо нирӯҳои худро алоҳида дастур додем, ки чӣ бикунанд. Ҳукумат ба мо бовар надошт ва ҳатто бовар надошт, ки мо метавонем, дар дохили Душанбе якбора 600-700 размандаи мусаллаҳ ҷамъ кунем. Бовар надоштанд. Силоҳ ҳам надоданд ва муҳимот ҳам надоданд. Мо худамон таъмин кардем. Барои муқовимат бо онҳое ки аз берун таҷовуз карданд ва дохили кишвар шуданд. Мо худ афроди хешро таъмин кардем, ки рафтанд, яъне як боварие доштем аз худамон. Барои ҳамин, агарчи ман бо Шумо ҳамфикрам, розиям, ки онҳо ҳам барои халалдор кардани сулҳ ва аз байн бурдани сулҳ ҳам нақша доштанд ва ҳам бисёр таъсири сахт, вале ман бештар аз ихтилофоти дохилӣ, яъне аз нав ба вуҷуд омадани як ангезаи бадбинӣ дар миёни ин ду гурӯҳе метарсидам, ки қарор буд, бо ҳам сулҳ мекарданд. Фикр мекардам, ки агар худое нахоста, чунин чизе ба вуҷуд биёяд, ман дигар наметавонам, онро контрол карда. Вале корҳое ки аз берун мешуданд, таҳдидҳои берунӣ, мо метавонистем, муттаҳид шавем ва онҳоро ҳал кунем ва ин чиз нишон дод, ки дар вақти ҳуҷуми Худойбердиев, мо якҷоя шуда, мушкилро ҳал кардем.

**Озодӣ:** Дар дохили худи оппозисюн дар ҳамин давра, дар пасманзари мушкилиҳои мухталиф як ҳолате ба амал омад, ки сарони муҳими оппозисюн яке

паси дигар пароканда шуданд, яъне аз паҳлуи Шумо дур рафтанд. Ба фикри Шумо, чаро чунин ҳолат ба миён омад ва таъсири он ба вазъи куллӣ чӣ буд?

**С. А. Нурӣ:** Бале. Вақте ки камтар амният пайдо шуд ва бовар пайдо шуд, ки сулҳ ба даст меояд, рафтори он намояндагони оппозитсия , ки дар вазифаҳои масъул кор мекарданд, тағйир кардан гирифт. Ман ҳанӯз вақте ки ба Душанбе барнагашта будем, рӯзҳое ки омодагӣ мегирифтем, ба Душанбе баргардем, ман ба онҳо гуфта будам, ки бале, мо дигар аз ҷонамон гузаштем, дигар намедонем, дар ҳавопаймо кадом кору ҳодисае ба вуҷуд меояд, дар фурудгоҳ ва ё ҷое ки барои мо доданд, вале ба хотири манфиатҳои миллиамон дигар гурӯҳи азҷонгузаштаҳо ҳастем. Ҳамзамон рӯҳбаландашон ҳам кардам, ки сидқан фикр мекунам, чунин ҳодисаҳо намешаванд, лекин ҳамин хел чизҳое ҳастанд дар он ҷо ки аз ин ҳам бадтаранд. Аз бомбаву майну ин чизҳо. Бадтар аз онҳо ихтилоф аст, ҷудо шудан аз якдигар аст. Мо ҳамаи корро агар карда бошем ҳам, бояд ки он ҷо ҳамбаста ва муттаҳид бошем. Тасмим ин шуд, ки барои идомаи ваҳдату ҳамбастагӣ тарҳи як иттиҳоди замони сулҳро омода кунем. Ин ҳам шуд, оинномаи онро ҳам таҳия кардем. Гуфтем, ки агар баргаштем, пас аз ин равандҳо, равандҳои сулҳ ки ба охир расиданд, мо ҳатман дар он асос кор мекунем. Ман гуфтам, ки шумо он ҷо меравед, дӯстони нав пайдо мекунед, ҳамншининҳои нав пайдо мекунед, вале як чизро дар ёд дошта бошед, ки қудрати мо дар ваҳдати мост. Агар мо муттаҳиду якҷоя бошем, ҳеҷ мушкиле нахоҳем дошт, вале агар ки мо аз ҳам пароканда шудем, якдигарро бад дидем, дигар ҳар кас ки бошад, болои сари мо фишор меораду ҳар кас ки бошад, аз мо сӯистифода мекунад ва метавонад, моро алайҳи ҳамдигар ба кор барад. Барои ҳамин ман гуфтам, ҳамин чиз бояд ҳатман аз хотиратон наравад, мо он ҷо ки меравем, ҳатман силоҳҳоямонро месупорем, дигар ҳеҷ нирӯи низомӣ нахоҳем дошт, фақат ягона нерӯи асосӣ ки аз мо дифоъ мекунад, ин ваҳдату якпорчагии мост. Вале баъде ки омадем, чӣ хеле ки гуфтам, одамон вазифа гирифтанду дӯстони нав пайдо карданду ҳамнишинҳои наву маъракаҳои наву дигар фикр карданд, ки бале, аслан... ва ҳатто баъзешон эълон карданд, ки онҳо иштибоҳ кардаанд, ки чанд сол дар зери чатри Иттиҳоди нирӯҳои оппозисюн буданду аз ҳама нигоҳ ҳеҷ мушкиле набудаасту чаро ин корро карданд. Ба ҳар ҳол ман аз ин чизҳо, ростӣ ки хуш будам. Агарчи медонистам, ки бар зарар меанҷомад. Ман номбар намекунам, зеро худашон маълуманд. Дар байни афроди сиёсиамон ҳам доштем ва дар байни фармондеҳонамону низомиёнамон низ. Афроде ки агар мо тамоми манфиатҳои

онҳоро иҷро карда наметавонистем, мушкил эҷод мекарданд. Бинобар ин ман вақте медидам, ки инҳо баъд аз вазифаву кор гирифтан рафтанду бо давлат ҳамроҳ шуданду бо кормандони давлат муттаҳид шуданду бо онҳо ҳамнишинӣ ва сӯҳбатҳо мекунанд, бо вуҷуди он ки ҳамчун раҳбари оппозитсия ин бар зарари ман меанҷомид, вақте ки дар ҳамаи маъракаҳо, ҳатто маъракаҳои сиёсӣ ҳам ки шуд, онҳо дигар маро тарафдорӣ накарданд, вале аз ин чизҳо, Шумо ёд доред, ману Шумо дар ин бора сӯҳбат ҳам карда будем, ман ҳеч гуна нороҳат набудам. Барои чӣ? Барои он ки ман медонистам, ки ба ин одамҳо бояд мансаб дод ва инҳо бояд бо гурӯҳи мухолифи мо, дар манофеъ ҳам бошад, иттифоқ дошта бошанд. Дар манфиатҳо ҳам бошад. Албатта, онҳо аз рӯи ишқ бо ҳам муносибат надоштанд, вале баъзан манфиатҳое буд, ки онҳоро, масалан, муттаҳид мекард. Ман ин чизро медидам, розӣ мешудам. Мегуфтам, бигзор ки ин корро бикунанд, бираванд, муттаҳид бишаванд. Барои чӣ? Барои он ки ман ва онҳое ки воқеъан ҷонибдорони асили ман буданд, мо ҳама на думболи вазифа будем, на думболи моликияту мансаб будем... ҳар касро ман як даҳан гап мегуфтам, мушкили мо ҳал мешуд, дигар мушкиле вуҷуд надошт, вале афроде дар миён буданд, ки мебоист манфиати онҳоро ба дасташон медодем. Мо ин корро кардем, яъне онҳоро соҳиби мансаб кардем. Ва онҳо бо ҷониби давлат ҳамбастагӣ ва ҳамкорӣ пайдо карданд, агарчи бар зарари мо анҷомид, вале мо хурсанд будем, чун нияти мо фақат ба даст овардани сулҳ буд. Мо гуфтем, ки аз нав боз шурӯъ мекунем, вале бигзор, ки инҳо бираванд, бо ҳам муттаҳид шаванд, фаъолият кунанд, то ки бо ин баҳона сулҳ пойдору мустаҳкам ва устувор боқӣ бимонад ва воқеъан мо ба ин чиз расидем. Хуб, дигар чӣ бигӯям, рӯзгор нишон дод, ки бале, он чизе ки ман аввал гуфта будам, онечи ки онҳо бояд муттаҳид ва якҷоя бошанд, ин ваҳдат ва дастовардҳоро эҳтиром кунанд, онечи доранд, аз даст надиҳанд. Албатта, мо дигар сулҳ карда будем ва намехоҳем боз душманӣ кунем ва ҳам намехостам, сулҳи мо алайҳи дигарон шинохта шавад. Вале мо дар як шароите қарор доштем, ки агар як иттиҳоди қавӣ ба вуҷуд намеомад, афроди зиёди беақле буданд, ки он гоҳ метавонистанд, болои мо ҳар коре ки мехостанд, бикунанд. Барои ҳамин вақте ки афроде пайдо шуд, ки дигар вуҷуди Иттиҳоди нерӯҳои оппозисюнро бефоида ҳисоб карданд, онҳое ки панҷ-шаш сол ҳамроҳи мо буданд, эҳтиром ва итоъат мекарданд ва ҳатто дар асоси дастури ман, ки аз чанд ҳазор километр медодам, амал мекарданд ва аз он берун намерафтанд, яку якбора тағйир ёфтанд ва ҳатто ба ин хулоса омаданд, ки чаро ва чӣ хел чанд сол тоқат карданд, ки биёянду таҳти

роҳбарии ҳамин хел одамҳое, ки ба фикри онҳо, гӯё аз сиёсат он қадар дарак надоранд, заъиф ҳастанд, боқӣ монанд. Дигар худашонро ҳамин хел ҳисоб карданд, ки хеле сиёсатмадор ҳастанд , худашонро хеле одамони боақл ҳисоб карданд. Ё касе онҳоро ба ин роҳ мебурд, ё худашон ин гуна мағрур шуда буданд, ба ҳар ҳол, ин боис шуд, ки як заъфу рахна пайдо шуда ба парокандагӣ бурд ва воқеъан он як созмони ҳатто метавон гуфт, дар сатҳи байналмилалӣ машҳуру қавие, ки ҳатто метавон гуфт, ҳамон буд, ки сулҳ ба вуҷуд омад, ҳам он ва ҳам худашонро заъиф карданд ва ҳамин тавр шуд. Хуб, албатта, мо мехостем, ки бо инҳо кор кунем, барномаҳои сиёсиамон бо ҳамроҳии ҳамин одамҳо ва гурӯҳҳо буд, ки масалан, ҳамроҳамон буданд, вале, мутаассифона, онҳо инро нахостанд ва мо баргаштем ба дохили ҳизби худамон ва талош кардем онро қавӣ кунем аз ҳисоби афроди баъдӣ, аз ҳисоби, масалан, ҷавонтарҳо ва алҳамдуллилоҳ, ки муваффақ ҳам шудем ва ҳанӯз ҳам метавонем бигӯем, ки мо ҳастем, вуҷуд дорем ва ҳадди аққал як сақфе ҳаст, ки мешавад дар рӯзҳои гармию сардӣ биёему таҳти он сақф биистем, вале онҳое ки парокандагиро хостанд ва аҳзоби худро дур бурданд, фикр накунам, аз ин кор манфиати дарозмуддат бурда бошанд. Ҷойгоҳи онҳо дар ҷомеъа заъиф шудааст ва баъзе аз онҳо аслан ҷойгоҳе надорад ва аз бозгаштан ба зери чатри мо шарм медоранд, ҳарчанд маълум аст, ки пушаймион шудаанд. Аммо ин ҳама қобили фаҳм аст. Фақат дар якҷоягӣ мо нирӯи бузургтаре буда метавонистем.

**Озодӣ:** Масъалаи дигар, бар изофаи аҳзоби сиёсӣ ин канор рафтани афроди саршиносе монанди Ҳоҷӣ Акбар Тӯраҷонзода, Ҳабиб Сангинов ва дигарон аст, ки низ ба эътибори Иттиҳоди мухолифон бетаъсир набуд. Фикр намекунед, ки ин воқеаҳо тарҳрезишуда буданд ва ҳукумат дар онҳо даст дошт, то аз нирӯи ин иттиҳод бикоҳад?

**С. А. Нурӣ:** Росташро, ки гап занем, дар ин бора ман иттилооти дақиқ ё расмӣ надорам, ки оё ҳукумат дар ин кор даст дошт ё надошт, вале метавонам, таҳлил кунам ва ба хулоса биёям, ки ҳукумат бояд ҳатман дар ин корҳо даст дошта бошад. Агар ҳукумате, ки ин гуна нақша надошта бошад, он ҳукумат нест. Барои ҳамин ман мутмаъинам, ки касоне ки аз назди ман рафтанд, ҳатман зери таъсири мақомоти муайяни ҳукумат ин корро карданд ва ҷойи айб надорад. Ҳукумат ҳамеша нақша дошт, моро заъиф ва пароканда бинад. Ман ҳам нақшаҳои худро доштам ва ҳанӯз ҳам дорам. Ин табиист, ки рақибони сиёсӣ кӯшиш мекунанд,

тарафдорони ҳамдигарро ҷалб кунанд ва тарафи муқобилро заъиф гардонанд. Ба замми ин, чанд иллати дигаре низ дар миён буд, ки сабаби аз назди ман рафтани ҳамҷабҳаҳои ман шуданд. Аввалаш, мансаб, мансабҳои давлатӣ барои афроде ки дар умрашон надида буданд ва аз он ҷо соҳиби курсӣ ва мақому мансаб шуд, дигар ба худ гуфт, ки ҷояшро ёфтааст ва аз ин ба баъд бояд ки дар ҳамин роҳ бираваду ҳама корро кунад, бо ҳар роҳе ки метавонад, ин курсиро нигаҳ дорад. Ва дар ин ҷо бо ҳар роҳ нишон додани дурияш аз исломиҳо, чи бо эълон ва чи бо амал муҳим буд ва ин корро мекард. Яъне яке аз иллатҳо мансаб дидани мансабнодидаҳо. Иллати дигар ин тарс буд. Гурӯҳи дигаре ки аз назди мо рафтан, онҳо тарсиданд, яъне барои худашон лоббӣ ҷустуҷӯ мекарданд. Як паноҳгоҳе, ки ҳифзашон кунад. Онҳо гумон мекарданд, ки тарҳи сулҳ ба мақсад намерасад. Онҳо ҳатто мегуфтанд, фикр накунед, ки ин сулҳ идома пайдо мекунад. Як фурсате ҳаст ва баъд аз чанде, вақте ки шумо халъи силоҳ шудеду қудратро аз даст додед, шуморо ба ҷазо хоҳанд расонд. Ин чизҳо буд ва боис шуд, як гурӯҳ афроди буздилу заъифиродае доштем, ки онҳо дигар гуфтанд, ки аз ҳоли ҳозир барои худашон як паноҳгоҳ пайдо кунанд ва онҳо аз ҳисоби баъзе афроди мансабдори давлатӣ сарпарастҳо ва лоббиҳо пайдо кардан ва рафтанд зери чатри онҳо ба ин андеша ки агар рӯзе кадом ҷангу ҷидоли наве ҳам пайдо шуд, онҳо амн хоҳанд монд, зеро дар ҳукумат ҳимоятгарони худро доранд. Яъне ба онҳо афроди мавриди эътимоди раҳбарони кишвар даркор буд, ки дар рӯзи мабодо битавонад, исбот кунад, ки инҳо оппозитсия нестанд, одамони худиянд. Ва махсусан ин ки аз тарафи исломиҳо нестанд, манзур мусулмон ҳастанд, аммо мусулмони сиёсӣ ё инқилобӣ не. Хулоса, ин гурӯҳе буд, ки тарс раҳбараш буд. Ва дигар афроду гурӯҳе буд, ки аз ҷиҳати сиёсӣ нақша доштанд ва бар ин буданд, ки ҳоло барои расидан ба аҳдофи сиёсияшон на ба гурӯҳи заъиф, балки ба гурӯҳи қавӣ ҳамроҳ шаванд.

**Озодӣ:** Яъне мегӯед, Иттиҳоди нирӯҳои оппозисюн заъиф буд ва ба дарди онҳо намехӯрд?"

**С. А. Нурӣ:** Яъне аслан барои онҳо муҳим набуд, ин иттиҳоди сиёсӣ ё ҳизби сиёсист, онҳо тарафҳоро мешинохтанд. Дар куҷо метавонанд, ба аҳдофи худ бирасанд. Онҳо бо тамоми вуҷуд худро бурданд ва таслим кардан ба тарафи давлат то ба онҳо боварӣ ҳосил шавад, ҳатто гуфтанд, ки ин муддат ба давлат мадад мекарданд. Нигоҳ доштани ҳувияти худ дар ҳизби исломӣ ва ё ниҳодҳои мухолифи давлат ва ҳамзамон расидан ба манфиатҳои сиёсияшон барояшон

мушкил ва ҳатто номумкин буд, биноан онҳо бояд намоишкорона нишон медоданд, ки бикул бо давлатанд ва ҳатто шояд содиқона бо давлат бипайвастанд, то мавриди эътимод қарор бигиранд ва ба мақомҳои баландтар бирасанд. Албатта, як омили дигар ҳам буд, омили, масалан, омили бетаҷрибагӣ ва саросемагии сиёсӣ, нафаҳмидани вазъи кишвар ва яку якбора расидан ба мансаби давлатӣ...Ба ин гурӯҳ бештар фармондеҳони собиқ дохил мешаванд, ки якбора ба мансаб расидан онҳоро ба ин фикр овард, ки дарвоқеъ афроди бузург ва сиёсатмадорони варзида дар сатҳи кишвар ҳастанд, бинобар ҳамин моро гузоштанду рафтанд.

**Озодӣ:** Ба сурати умум як ақидае мавҷуд аст, ки дар натиҷаи фурӯпошии иттиҳоди оппозисюн ва ё аъмоли дигаре, як иттиҳоде ки, худатон ҳам гуфтед, дар сатҳи байнулмилал обрӯю эътибор дошт ва ҳукумат ҳам пеш аз ҳар кор ҳисоб мекард, ки оппозисюн чӣ хоҳад гуфт, аз байн рафт ва бо вуҷуди онки Шумо мегӯед, сулҳ одилона буд, манзарае ки мо ҳоло мебинем, шабеҳи ҳамон давраи пеш аз ҷанг аст. Ҳукумат ҳамон аст, ки ҳамон ва оппозисюн иборат аз аҳзоби парокандаву парешону нотавон. Бинобар ин баъзеҳо суол мекунанд, ки пас ин ҳама хунрезиву даргириҳо барои чӣ буд ва оё мо ҳамин гуна як сулҳе мехостем, ки чанд кас ба мансаб расад, вале вазъи сиёсӣ ва иқтисодиву иҷтимоӣ бетағйир монад? Мегӯянд, муборизаи мо барои он буд, ки дар баробари сулолаи ғайриқонунӣ қарор бигирем ва фазоеро боз кунем, ки худи мардум раҳбарону ҳукумати худро интихоб кунад. Ба ин ақида Шумо розӣ ҳастед ё на ва агар розиед чарову розӣ нестед, чаро?"

**С. А. Нурӣ:** Ман ба ин ақида розӣ нестам тамоман. (Сукути тӯлонӣ) Як бори дигар суоли худро мегуфтед, шояд сарашро...

**Озодӣ:** "Бале, яъне манзараи сулҳ хулосаеро ба бор овардааст, ки дар саҳнаи сиёсӣ дигаргуние нашуд. Агар ба забони халқ бигӯем, мегӯянд, ки ҳукумат оппозитсияро фиреб кард. Даъват карду овард, ваъдаҳо дод, бозиҳо кард, то ин нирӯро аз байн барад. Мегӯянд, сулҳ чизе надод. Албатта, ба сурати куллӣ дуруст аст, ки ҷангу хунрезӣ хотима ёфт, паноҳандагон баргаштанд, бисёриҳо розиянд, вале афроде низ ҳастанд, ки дар дилашон ноқаноатмандӣ боқӣ монд ва мегӯянд, адолате ки онҳо мехостанд, барқарор нашуд ва баҳс доранд, ки оё ин сулҳ одилона буд ё ноодилона, ба суди ҳама ва ё ба суди танҳо яке аз тарафҳо?

**С. А. Нурӣ:** Фаҳмидам. Ҳоло мо дар бораи он ки сулҳ одилона буд ё ноодилона изҳори назар намекунем, зеро сулҳ сулҳ аст ва вақте ки номи он сулҳ гузошта мешавад, он ҳатман одилона аст. Ман фикр мекунам, ки чӣ хеле ки дар аввал гуфтам, розӣ нестам ба ин фикрҳо, барои он ки сулҳе ки мо кардем, на ба хотири аз байн бурдани кадом сулола буд ва на ба хотири заъиф кардани кадом сулола. Сулҳе ки мо кардем на ба хотири ба вуҷуд овардани як давлате ки дар он ҳукумати ба истилоҳ интернасионалӣ ҳоким бошад, агарчӣ ҳама як миллатанд, вале ба ҳар ҳол аз нигоҳи маҳал. Мо инхелӣ ният надоштем ва ман фикр мекунам, онҳое ки ҳоло ҳамин гапро баровարданд, ки гӯё ин ноодилона шуд, мо ба ҳамаи чизҳоямон нарасидем, боз ҳамон сулола ҳанӯз ҳам дар ҷояш истодааст, мақомҳои бадастовардаамонро аз даст додем ва ин гуна мавқеъ доранд, онҳо дурӯғ мегӯянд ё акнун мавқеъи худро иваз кардаанд. Ман бо бисёре аз онҳо сӯҳбат доштам. Онҳо мегуфтанд, ки барои мо сулҳ даркор аст. Ман бо Тоҳири Абдуҷаббор суҳбат доштам. Мегуфт, ки "устод, имрӯз барои мо сулҳ даркор аст. Он сулҳ фарқ намекунад, ки коммунистҳо бошад, фарқ намекунад, ки исломиҳо бошад. Яъне барои мо баъид буд, ки намояндае аз ин ду ҷиноҳ битавонад, раҳбари Тоҷикистон бошад, вале мегуфт, ки агар ҳаминҳо ҳам бошанд, бояд ки сулҳ шавад. Яъне он вақте ки мо сулҳ мекардем, ман намедонам, ин одамоне ки ҳоло сулҳро фақат дар ёфтани мансабу аз байн бурданияк сулолаву овардани сулолаи дигар медонанд, инҳо дар куҷо буданд. Агар буданд, ман фикр мекунам, ки ҳеч кас ин иддаъоро надошт. Ҳама дар як ҳолати бало ва фитнае мубтало буданд, ки фақат мехостанд, кӣ ҳаст ҳамон одаме ки пайдо шавад, ки бори масъулиятро ба гардан бигирад ва моро тавре кунад, ки битавонем боз ба ватанмон баргардем. Ман бо як кас мулоқот кардам дар ҳамон вақт. Вақте ки дар Кумиссияи оштии миллӣ кор мекардам, ҳама меомад назди ман барои зиёрату вазифа гирифтан, вале он омаду гуфт, ки Шумо гумон накунед, аз мақомдорони давлат буд, шумо гумон накунед, ки ман барои вазифа ва мансаб омадам. Ман ба хотири ин омадам, ки то омадани Шумо сари мо хам буд, акнун сари мо баланд шуд. Ҳеч чизи дигар даркор нест. Яъне одамон он вақт сари баланд мехостанд, на вазифа, на мансаб! Вақте ки ман сулҳ мекардам, аслан фикр намекардам ин чизҳоро. Дар тамоми раванде ки ман сулҳ кардам, ҳеч вақт ман сулола фикр накардам, бовар кунед. Ман мегуфтам, чӣ хел кунем, ки роҳа пайдо кунем, кадом сулолае ки бошад, касе ки набошад, ҳамин як сулҳу оштию амният шавад. Ва ин силоҳҳо бираванд, расмӣ шаванд, қонунӣ шаванд. Мардуме, ки дар хориҷ ҳастанд, бираванд, дар хонаву даршон зиндагӣ

бикунанд. Як роҳи осоиштаро дошта бошанд. Ва танҳо чизе ки талаб мекардем, ҳамин буд, ки бояд фаъолиятҳои сиёсӣ озод бошанд ва мардум дар чаҳорчӯби қонун барои расидан ба ҳадафҳои худ, хуб, мансаб мехоҳанд, вазифа мехоҳанд, давлат мехоҳанд, ҳатто низоми ҷадид мехоҳанд, бояд қонун барои онҳо иҷозат бидиҳад ва дар асоси қонун, дар чаҳорчӯбаи қонун фаъолият кунанд, ба мақсад бирасанд ва (механдад) дар он шабу рӯзе ки мо будем, дар он шабу рӯз, ба фикри ман, вақте ҳар як одами оқил, агар дар Амрико буд ё Канада ё Урупо, агар ҳамчун як тоҷик, ҳамчун як шаҳрванд дар ҳамон вақт ба тарафи Тоҷикистон назар мекарду медид, ки танҳо нолаву оби чашму дуд аз он ҷо берун мешавад, ман фикр намекунам, ки одами оқил дар он вақт думболи мансабу мақому вазифа мегашт. Ман гуфтам, ки ин мансабу вазифаро барои он ки мо ҳам дар як қисмати ин давлат бошему итминон пайдо кунем барои зиндагӣ кардан, барои ҳамин буд, вале мо ҳар коре ки кардем, кам гирифтем, зиёд гирифтем, гузашт кардем... Бале ман гузашт кардам ва ман ифтихор ҳам мекунам барои ин гузашт карданам. Вале чун ман гузашт кардам, ба мақсад расидам, яъне ба сулҳ расидам! Мумкин сулҳи ман ба фалону фалону фалон вазифа надод, вале ба оммаи мардум вазифа дод! Ба оммаи мардум амният дод! Аз кӯдаки гоҳвора то пири садсола ҳама аз ин истифода карданд. Ман думболи ин сулҳ будам. Акнун омаданд...Биёянд, дар ватанашон кор кунанд. Метавонанд, фаъолияти сиёсӣ кунанд, метавонанд, иқтисодӣ. Кадом роҳи дигарро метавонанд, роҳи дигар. Роҳашон онгуна ки ман мебинам, то як андоза боз аст. Биёянд, кор кунанд то чанде ки метавонанд, ин мамлакати онҳост, замини онҳост, то метавонанд, обод кунанд.

**Озодӣ:** Дуруст, Аммо ба ҳар ҳол яке аз бандҳое ки дар талабҳои оппозисюн буданд аз аввалин барномаи сулҳаш, банди сеюми талабҳо, яъне сохтори давлат ва низоми иҷтимоӣ, тақозои бунёди як ҷомеаи демократӣ, фазои демократиро мекард. Матбуоти озод, ҳизбҳои озод, иштироки мардум дар интихоботҳои шаффофу озод ва монанди инҳо. Аммо агар ин давраро бигирем аз соли 1997 то имрӯз, соли 2005, ҳашт сол мегузарад, ҳанӯз ҳам сиёсатмадорон ба ҳабс гирифта мешаванд, нашрияҳои озод баста мешаванд, барои ҳизбҳо он шароите ки бояд бошад, то озод фаъолият кунанд, нест. Яъне яке аз ормонҳои бунёдии оппозисюн, метавон гуфт, ба даст наомад. Магар на?

**С. А. Нурӣ:** На, ин марҳилаҳои баъд аз сулҳ аст. Инра ба сулҳ ҳамроҳ кардан даркор нест. Сулҳ кори худашро кард. Сулҳ ба натиҷа расид. Вазъро ором кард ва

ҳама чиро дар ихтиёри мардум дод. Аз ин ба баъд, вақте ки, масалан, матбуот озод нест, аз тарафи кӣ озод нест, он гунаҳкор аст. Агар масалан, густариши демократия бисёр ба кундӣ пеш меравад, бо айби кӣ ин тавр мешавад, он гунаҳкор аст. Ин гуноҳҳо ба сулҳ чӣ дахл доранд? Як Кумиссияи Оштии Миллӣ наметавонад, ки тамоми садҳо ҳазор сол, ки Тоҷикистон зиндагӣ мекунад, ҳамаи онро ба нақша бигирад. Инҳо чизҳои наванд. Яъне сулҳ, Кумиссияи Оштии Миллӣ шароити зиндагии оромро дар Тоҷикистон бо он ҳама камбудиҳое ки дошт, ба вуҷуд овард. Шумо хаёл мекунед, ки он одамҳое ки мо пешниҳод кардем (ришханд мезанад) кадрҳое барои вазифаҳо, онҳо кадрҳои муносибу лоиқ буданд? Он сулола наметавонист, ин сулолаи мо метавонист? Инҳо ҳеч мутахассис набуданд, ҳозир Шумо худатон медонед ку вазирони мо аслан маълумоти олӣ надоранд. Баъзе (механдад) вазирони дигарамон, аз дунболашон, аз дунболи он мадракҳое, ки гирифтанд, ғайриқонунӣ, парвандаҳои ҷиноӣ кушоданд. Хуб он вақт ин шароит буд. Мо наметавонем, масалан, протсеси сулҳро ба протсеси баъдисулҳӣ омехта кунем. Бале, баъд аз сулҳ мо танқид мекунем! Мо норозӣ ҳастем! Масалан, агар қонунҳои давлат дар бораи матбуот ё интихобот маҳдуд ва нодуруст бошанд, мо инро ҳамеша танқид кардаем ва ҳанӯз ҳам танқид мекунем. Вале кай акнун ин ба натиҷа мерасад, ин вақт мехоҳад. Мо ҳамин демократия, ҳамин озодиҳоро ҳама ҷо дидем. Дар ҳама ҷо. Дар Урупо ҳам ҳаст, дар Амрико ҳам ҳаст, интихоботҳо ҳам мешаванд, дар бисёр манотиқи дунё. Ҳамаи инҳоро мебинем ва он коре ки имрӯз, масалан, оқои Раҳмонов мекунад, ки дар қудрати худаш бимонад, ҳамон корро оқои Буш ҳам мекунад барои он ки дар сари қудрат бимонад. Ҳеч намешавад гуфт, ки инҳо аз ҳам фарқ мекунанд. Ҳамон демократияро он сӯиистифода мекунад ва ҳамон демократияро ин сӯиистифода мекунад. Барои ҳифзи қудраташон. Агар рӯзе сулҳ муҳим бошад, барои манфиатҳояшон, ҳама талабгори сулҳ, агар ҷанг барои ин манфиатҳо муҳим бошад, ҳама тарафдори ҷанг. Пас наметавонем, бигӯем, ки ин як мизони муайяну мушаххас дорад. Бо тақозои манфиатҳои давраӣ чорчӯбаҳои демократияро тағйир медиҳанд. Хуб, агар ба дохили Тоҷикистон бингарем, мебинем, ки ба ғайр аз ҳизби ҳоким боз панҷ ҳизби дигар мавҷуд аст. Аммо дар фаъолияти онҳо маҳдудият ҳаст ва ин табиист. Ман фикр мекунам, агар Ҳизби демократ ҳам болои қудрат биёяд, ин маҳдудиятҳоро дар нисбати дигарон ҷорӣ мекунад. Ҳар ҷо ки бубинад, кадом рӯзнома, кадом маҷалла, кадом ҳизб манфиати шахсиятҳо ё худи ҳизбро халалдор мекунад, бекор наменишинад, роҳҳои мухталифро барои

ҳимояи худ, барои бақои худ ба кор мебарад. Барои ҳамин ин як чизи табиӣ аст ва махсусан дар давлатҳои осиёӣ аз ин чиз мо гурехта наметавонем. Ин як воқеият аст ва бояд ки бошад ва мо ҳам, ҳар кас, ки масалан, ҳизб месозад ва мехоҳад, ки бо роҳи сиёсӣ ба ҷое бирасад, бояд ки бо вуҷуди доштани чунин мушкилот, эътироф кардани ин мушкилот муборизаашро идома бидиҳад, роҳ пайдо кунад, ҳарифашро ба тахтапушт биншонад, баъд (механдад ва месурфад) боз бигирад ва бубинад, ки худаш чӣ коре мекунад. Ман фикр намекунам, ки (лабханд бо чашмони барқзананда) он худаш бигирад, аз пешиниёнаш дида кадом кори хубтаре бикунад.

**Озодӣ:** Ман ҳамчун нозир аз як гӯша истода мегӯям, ки агар Ҳизби наҳзати исломӣ ба қудрат бирасад, ман фикр намекунам, Достиев ё Убайдуллоевро чӣ хеле ки имрӯз масалан, давлат ноиби Шумо -- Шамсиддин Шамсиддинову Мулло Қосиму дигар нафаронро, ки дар ҳабс ҳастанд, ҳизби шумо ба ҳабс кашад, барои бақои қудрати худ. Ё иштибоҳ мекунам ва Шумо метавонед, онҳоро ба ҳабс кашед, барои ҳимояи манфиатҳои ҳизби худ?

**С. А. Нурӣ:** (Бо табассум) Хуб, дигар... Ман ҳамин ҷо камтар ин масъаларо ҷудо мекунам. Масъаларо яку якбора ҳамааш ҳукуматӣ эълон намекунам. Воқеъан аввалаш ки мо ҳаргиз ин корро намекунем. Ҳаргиз бо онҳое ки сулҳ кардем, бо онҳое ки даст додем, бо онҳое ки дар сари як дастархон нишастем, ҳаргиз ин корро раво намедорем. Масалан, ман намекунам, ман розӣ намешавам. Аммо шояд одамоне низ ҳастанд, ки ба фаразан, Достиев ё Убайдуллоев кадом ғаразе доранд. Шояд онҳо қарор нашинанд. Масалан, агар дар маснади додситон бошанд ё дар ягон мақоми дигари баланд кор кунанд, фақат думболи ҳамин чизҳо мераванд. Коҳҳои кӯҳнаро бод мекунанд ва аз миёни онҳо ягон чиз меёбанд. Ман фикр мекунам, ки ман аслан аз низоми, ҳоло бигӯем, ҷаноби оқои Раҳмонов дар ҳамин коре ки, масалан, нисбати Мавлавӣ Муҳаммад Қосим ё нисбати Эшони Шамсиддинхон шудааст, сахт норозиям ва албатта, барои ман ҳазорон бор беҳтар буд, ки ба ҷои онҳо худи маро ҳабс мекарданд. Чун ман худам ҳабс мешудам, дигар ба ҳамон обрӯи худам будам, вале ман дар озодӣ ва натавонистам, ки онҳоро, ки бо тӯҳмат рафта буданд, наҷот диҳам. Ин барои ман бисёр мушкил буд ва ҳанӯз ҳам мушкил аст. Ман фикр намекунам, ки ҳама чиз бо дастури ҷаноби Раҳмонов шуда бошад. Ё ҳама чиро Раҳмонов гуфта бошад. Барои Раҳмонов ҳуҷҷатҳо омода месозанд. Онҳое ки намехоҳанд, ин ду гурӯҳ бо ҳам муттаҳид

бошанд, намехоҳанд ин ду гурӯҳе, ки сулҳ карданд, ҳамин хел сулҳу ваҳдату якпорчагию ҳамдигарфаҳмияшон идома пайдо кунад. Ҳар рӯз як дасиса, як ҳила ва як рафторе мекунанд ва онҳоро (бо ташдид) расмӣ мекунонанд, "қонунӣ" месозанд. Ҳазор кодекси ҷиноиро ҷамъ карда, аз он ҷо модаҳои мухталифро меоранд...Ман худам агар дар бораи худам мехонам, тааҷҷуб мекунам. Дар баъзе парвандаҳои ҷиноӣ маро низ ҳамроҳ кардагӣ ҳастанд. Вақте ки ман онҳоро мехонам, тааҷҷуб мекунам, ки чӣ қадар соатҳои дақиқу иттилои дақиқ...Ман офарин мегӯям ба ин мардум ки ҳанӯз ҳам ба мо бовар доранд. Ин он қадар дақиқ, бо зикри макону баёноти шоҳидҳое навиштааст, ки ҳатто худи одам ҳам бовар мекунад, ки шояд кадом вақте дар ҳангоми хобаш (механдад) аз дасташ чунин ҷинояте ба амал омада бошад. Ин хел ҳуҷҷатҳоро пеши оқои Раҳмонов мебаранд. Агар ӯ қабул ҳам накунад, ман бовар дорам, ки ӯ эҳтиром мекунад ва мегӯяд, ки ин Шамсиддинхон муовини домулло Нурӣ аст, шумо инро фикр кунед, ки дуруст ё на. Онҳо бо далелҳои таҳиякардаашон ва боз шифоҳӣ ҳам ӯро мутақоъид месозанд, ки шахс ин корро кардааст. Дигар ӯ хилофи қонун рафта наметавонад. ИН хел чизҳо ҳаст.

**Озодӣ:** Аммо, устоди арҷманд, Шумо мегӯед, бояд масъалаи сулҳро аз ин масъалаҳо ҷудо кард, ин кор ношуданист, барои он ки агар дар ёд дошта бошед, яке аз баҳсҳои сахттарин дар гуфтушунидҳои сулҳ ин буд, ки тарафи давлат намехост, ҳизберо, ки бар пояи дин таъсис ёфтааст, иҷозаи фаъолият бидиҳад. Ва дар худи Кумисюни оштии миллӣ ҳангоми баррасии тарҳи қонуни ҳизбҳои сиёсӣ ва ё дар қонуни асосӣ сари вожаи "кишвари дунявӣ" ин баҳсҳо идома кард ва гуфта мешуд, ҳизби сиёсии динӣ ба дунявияти низом муғойир аст. Ин ҳам дуруст аст, ки Шумо дар масъалаҳое, ки ё ҳалношуданӣ буданд ва ё аз лиҳози таъмини сулҳ ҳалкунанда набуданд, гузашт мекардед. Оё дар баҳси атрофи ҳизби сиёсии динӣ лаҳзаҳое шуда буд, ки Шумо фикр карда бошед, хуб, агар илоҷи дигар нест, мешавад дар ин масъала ҳам ба хотири сулҳ гузашт кард?

**С. А. Нурӣ:** (Пас аз сукути давомдор) Бале, мо ростӣ, ки то ба чунин лаҳза нарасида будем. Дар Кумисюни оштии миллӣ танҳо баҳсҳо мавҷуд буд сари вожаи "дунявият". Дар бораи фаъолияти ҳизби характери динидошта мушкили зиёд ин ҷо набуд. Мо ин созишномаро дар Бишкек имзо карда будем ва танҳо вобастагӣ дошт ба раванди итқоми низомиҳо, яъне афроди мусаллаҳ. Ин ҷо ҳеч мушкиле набуд. Мушкили мо дар калимаи "дунявӣ" буд. Мо мехостем, қонуни

асосиро тағйир бидиҳем ва калимаи "дуняви"-ро аз он берун кунем. Ва ҷанҷолҳои байни мо ва онҳо рӯи ҳамин масъала то ҳашт моҳ идома кард. Мо ҳар бор ба масъалаҳои дигар мерафтем ва пешрафт доштем, вале ин масъала ҳамеша боқӣ монда буд. Ниҳоят чун дидем, ки аз ҷониби дигар гузаштҳо дар ин бора нест, мо худамон роҳҳое пайдо кардем, ки дар ҳолати дунявӣ будан ҳам ҳеч гуна мушкиле дар фаъолияти ҳизби динӣ пеш наояд. Ҳарчанд ки тарафдорони мо ба ин роҳи ҳал мухолиф буданд ва мегуфтанд, мавҷудияти чунин истилоҳ дар Қонуни асосӣ ба маънии он аст, ки ҳизби сиёсии динӣ наметавонад фаъолият дошта бошад. Вале мо бо мутолаъаи қонунҳои байналмилалӣ ва дигар қатъномаҳо дарёфтем, ки ин ба кори мо мухолифат надорад, тасмим гирифтем, бо ин як гурӯҳ, ки моро фаҳмидан намехоҳад, сари як калима кашокаш накунем ва аз он даргузаштем. Вале, ростӣ ки дар бораи ҳизби исломӣ чунин мухолифат зиёд набуд мо ба он сарҳад нарасидем, ки ончи дар саволи Шумо матраҳ мешавад, ҷавоб диҳем, оё дар ҳамон ҷо ҳам Шумо гузашт мекардед ё намекардед. Вале он вақт ман дигар будам, ҳоло дигар шудам. Ҳоло наметавонам бигӯям, ки дар он вақт чӣ тасмиме гирифта метавонистам. Вале агар гуфтушнидҳо имрӯз ҷараён медошт ва аз ман ҳамин чиз агар талаб мешуд, ман мегуфтам, ки барои хотири сулҳ, барои он ки мардум тинҷу ором бошанд, мо аз ин ҳам гузашт мекардем.

**Озодӣ:** "Дарозтарин коршикании ҳайъати Кумисюни оштии миллӣ чаҳор моҳ давом кард ва бастагӣ дошт ба масъалаи кумисюнҳои интихоботӣ. Пешниҳоди Иттиҳоди оппозисюни тоҷик ин буд, ки 20 дарсади курсиҳо дар ин кумисюнҳо, аз боло то поён, аз Кумисюни марказии интихобот гирифта, то хурдтарин қитъаҳои интихоботӣ, ба намояндагони аҳзоби мухолиф дода шавад. Фикр мекунам, ин талаб ҳам иҷронашуда монд, зеро баъдан аз ягон манбаъ дар бораи қабули чунин қарор хабаре нашр нагашт. Пас оё ин талаб иҷро шуд ё на?

**С. А. Нурӣ:** Ҳоло на ҳама чиз рӯшан дар ёдам мондааст, зеро масъалаҳо ҳам зиёд буду баҳсҳо ҳам. Фикр мекунам, дар ҳамин давра ман сафаре доштам ва дар ҳалли баҳс набудам ва ин мавзӯъро дар қонуни асосӣ ҷой надоданд, зеро бо вуҷуди аҳамияташ як чизи ҷузъӣ шумурда мешуд ва тасмим ин буд, ки масъала дар қонуни конститутсионии интихобот ҷой дода шавад. Фикр мекунам, он ҷо буд ҳамин чиз.

**Озодӣ:** Аммо дар интихоботҳое ки баъдан барпо шуданд, намояндагони оппозисюн ба кумисюнҳои интихоботӣ роҳ дода нашуданд ва ду интихобот --

президентӣ ва дертар порлумонӣ ба он шеваи ки барпо шуданд, таъсире ба раванди сулҳи Тоҷикистон доштанд? Оё сулҳро қавӣ мекарданд ё баракс суст? Ва оё нақши давлат дар интихоботҳо эътимоди тарафҳои сулҳкунандаро афзоиш медод ва ё баракс тухми нобоварӣ мекошт?

**С. А. Нурӣ:** Воқеан, ман ҳамчун касе, ки иддаъо дорам, бештар аз дигарон барои таҳкими сулҳ ғам мехӯрдаму мехӯрам, ҳама чизро хеле бо ҳассосият қабул мекардам ва воқеъан ин чизҳо таъсири баде доштанд ба раванди сулҳ, таъсири манфӣ. Масалан, вақте ки қонунҳо иҷро намешуданд, бозиҳое сурат мегирифтанд, ҳамдигарфаҳмӣ аз байн мерафт ва гумонҳо пайдо мешуд аз ҳарду тараф, нобоварӣ ба миён меомад, вале аз сӯи дигар мо дар бинои сулҳ он қадар амиқ рафта будем, ки агарчи инҳо зараррасон буданд ва дар ҳоли такрор шудану зиёд шуданашон метавонистанд, ба сулҳ зарба зананд, вале пуштибонии мардум аз сулҳ, таваҷҷӯҳи созмонҳои байналмилал ва кишварҳои нозир ба дараҷае буд, ки аз чунин таҳаввулот пешгирӣ карда метавонист. Ин чизҳо таҳдидҳои вазнину калон буданд, вале на ба андозае ки сулҳро аз байн баранд. Ҳатто мушкилоте ки дар сабти номи номзади мо Давлати Усмон ба миён омада буд, низ наметавонист, вазъиятро комилан тағйир диҳад ва муносибати ҳукумату оппозисюни собиқро тахриб кунад, чунки асли мушкил дар дохили худи мо буд. Шарте гузошта буданд, ки агар он шартҳо намешуданд, дигар ба комиссия ҳам рафта намешуд. Ва фаъолияти комиссия бо ҳамин қатъ мешуд. Дар он сурат раванди сулҳ ҳам агар аз байн намерафт, заъиф мешуд. Роҳи баромадан аз он бӯҳронро надоштем. Хуб, воқеан дигар дар бораи Давлат Усмон, мо натавонистем ҳамон миқдори зарурии имзоҳоро ҷамъоварӣ кунем. Ин воқеъият буд. Вале онҳо ӯро ғайриқонунӣ, бидуни ҳамоҳангӣ бо мо, бо вуҷуди он ки мо шифоҳан ва хаттиву расман эълон кардем, ки омода шуда натавонистем, онҳо номзадии Давлат Усмонро ба қайд гирифтанд, яъне кореро карданд, ки мо розӣ набудем. Як рӯз пешаш мо ҷаласа доштем дар ситоди оқои Давлат Усмон. Ҷаласаи мо ҳудуди панҷ то ҳашт соат давом кард. Ҳама чизҳои марбут ҳам Кумисюни оштии миллӣ, ҳам интихобот ва ҳам номзадии Давлат Усмон баррасӣ мешуд ва аммо онҳо барои он ки мабод мо интихоботро таҳрим кунем, бойкот эълон кунем, барои пешгирӣ аз чунин қадам мақомоти ҳукумат моро ба гуфтушунид даъват карданд. Мо дар ситод сӯҳбат кардем ва ба ҳамин хулоса омадем, талаб кунем, он чизе ки мебоист, ба мо дар Кумисюни оштии миллӣ дода мешуд ва дода нашудааст, ба мо бидиҳанд ва дар он сурат мо аз таҳдиди таҳрими интихобот мегузарем. Дар як ҷаласаи васеи панҷ-

ҳаштсоата мо талабҳои батаъхирафтодаи Кумисюни Оштии Миллиро муфассал навиштем ва аз оқои Давлат Усмон хостем, ки худашон бираванд барои сӯҳбат кардан, аммо он кас нарафтанд, мо ҳамроҳ бо устод Ҳимматзода рафтем ва ҳамон шаб аз соати даҳ то соати дувоздаҳ нишастем, он чизе ки дар протоколи Кумисюни оштии миллӣ гӯё мо, ҳамчун кормандони ситоди оқои Давлат Усмон, пешниҳод кардем, президент ҳамаи онҳоро қабул кард, роҳи фаъолияти комисия боз шуд, дархостҳое ки мо доштем, то як андоза мавриди иҷро қарор гирифтанд ва мувофиқи қароре ки дар ситод гирифта шуда буд ва дар ҷавоб ба пазириши талабҳои Кумисюни оштии миллӣ оқои Давлат Усмон ҳақ надошт, ки бойкот эълон кунад. Ва ҳама розӣ буданд, ки агар ин протокол имзо шавад, мо фардо меравем ва дар интихобот ширкат мекунем. Протокол ҳамон шаб имзо шуд, мо рафтем ва агарчи соат аз як ҳам гузашта буд, эълон кардем, ки дар интихобот ширкат мекунем. Яъне ҳар кас ки хост, овоз медиҳад, нахост -- кори ӯ. Ман ҳам рӯзи дигараш, дар поёни рӯз рафтам ва раъй додам ва ин ҷо дигар чизи бузургу фитнаангез ҳам вуҷуд надошт ва масъалаҳо бо тафоҳуми ҳамдигарӣ ҳал шуданд.

**Озодӣ:** Аммо чаро дар натиҷа оқои Давлат Усмон аз Ҳизби наҳзати исломӣ хориҷ шуд?

**С. А. Нурӣ:** Не, оқои Давлат Усмон то ҳолӣ ҳозир ҳам аз Ҳизби наҳзати исломӣ хориҷ нашудааст. Балки худашон баъд аз он ки аз вазифа рафтанд, омаданд ва гуфтанд, ки барои тақвият додани ҷиҳатҳои иқтисодиям як сол-ду сол рухсатӣ мехоҳам. Хуб ҳоло бо корҳои худаш машғул аст. Чанд бор сӯҳбатҳое ҳам ки доштем, гуфтанд, ки ман ҳоло аз ҳизб набаромадаам, фақат фаъолиятамро боздоштам.

**Озодӣ:** Дар давоми ин ҳама мушкилот ва шебуфарозҳо, Шумо бо афроди гуногуне рӯбарӯ шудаед ва ҳамкорӣ кардаед. Яке аз аввалин ашхосе ки бо Шумо аз имкони сулҳи Тоҷикистон ҳарф зад, ҷаноби Евгений Примаков буд. Оё мешавад, аз он мулоқот ёд кунед? Таассуроти Шумо чист аз ӯ дар пайванд ба сулҳи Тоҷикистон?

**С. А. Нурӣ:** Воқеан ман ҷаноби Примаковро дар қиёс бо дигар афроди русу русзабон як гуна дигартар дарёфтам. Ҳис кардам бо мардуми мусулмон алоқмандии бештар дорад, хуб мефаҳмад, бомутолиъа аст ва ба фикрам, дар робита ба мардуми мусулмон, ҳамаи мардуми мусулмон, на танҳо тоҷикон,

кӯшиш мекард, ки масъалаҳои мавҷударо ҳал кунад ва ё ба ҳалли онҳо кӯмак намояд. Аввалин мулоқоти мо ҳамин таассуротро эҷод кард ва ман дидам, ки як одами нармгуфтор аст ва суханаш аз дохили дилаш меояд, барои некӣ, на барои ба бероҳагӣ кашидан ё мунҳариф кардан. Ҳис кардам, ба тоҷикон некӣ мехоҳад ва қадр мегузорад ба он ки тоҷикону русҳо солҳои зиёде бо ҳам зиндагӣ карданд. Паёми вай ин буд, ки ҷангро қатъ кунем ва бо роҳи дигар ба ҳадафҳомон бирасем. Ва дар ҷараёни гуфтушунидҳо низ расидан ба натиҷаҳо хеле сахт буд, гоҳе натиҷае ба даст намеомад ва намояндагони Русия дар гуфтушунидҳо ин гуна рафтор мекарданд, ки кас фикр мекард, онҳо ба масъала ҷиддӣ муносибат намекунанд. Вале аз он вақте ки Примаков вазири умури хориҷии Русия таъин шуд, мо дар фаъолияти намояндагони Маскав дар музокироти Тоҷикистон дигаргуниҳоро мушоҳида кардем. Акнун шахсиятҳое аз Русия намояндагӣ мекарданд, ки ҷиддитар ва тавонмандтар буданд ва ҳадафдортар буданд. Ва дар ҳамин давра буд, ки музокирот ҳам ба натиҷа расид ва сулҳ ҳам нуқтаи охирини худашро гузошт. Ва ҳангоми сӯҳбаташ дар Маскав дар рӯзи имзои созишномаи сулҳ он кас ёдовар шуд, ки мо хишти аввалро дар вақташ дар Кобул гузоштем, имрӯз хишти ниҳоиро дар Маскав мегузорем. Воқеъан метавон гуфт, ки саҳми ин одам дар расидани тоҷикон ба сулҳ бузург аст ба монанди саҳми оқои Вилоятӣ, вазири корҳои хориҷии Эрон, ки бештар бо оппозитсия сари кор дошт ва бо тамоми ҷиддият талош мекард. Яъне Примаков бо ҳукумати Тоҷикистон ва Вилоятӣ бо мо ҳамкориҳои наздик доштанд.

**Озодӣ:** Чун сухан аз шахсиятҳое рафт, ки ба сулҳи тоҷикон хидмат кардаанд, дар бораи мадади Аҳмадшоҳи Масъуд ва Бурҳонуддини Раббонӣ чӣ гуфта метавонед?"

**С. А. Нурӣ:** Нақши оқои Масъуд ва оқои Раббонӣ дар сулҳи Тоҷикистон нақши калидӣ буд. Гуфтугӯҳои мо бо онҳо дигар бидуни сиёсат буд. Мо ҳоло дар бораи ашхосе ки дар сулҳи Тоҷикистон саҳм доранд, сӯҳбат кардем, онҳо ва бисёри дигарон зимни манфиатҳои сиёсияшон ба сулҳи Тоҷикистон кӯмак мекарданд, вале инҳо манфиатҳои сиёсӣ надоштанд дар он шабурӯз. Дар он вақт аз ҳама зиёдтар, ба фикрам, манфиатҳои миллиашон онҳоро тақозо мекард, ки барои сулҳи Тоҷикистон талош кунанд. Масалан, аз ҳамон рӯзҳои аввале ки бо устод Раббонӣ, ки ба қавли мову шумо як домуллост, сӯҳбат мекардем, ин гапу таблиғи ӯ буд, ки биравед, сулҳ кунед, ҷанг даркор нест, ман рафтам ва дидам, ки мардуми

Тоҷикистон мусулмонанд, раҳбарони имрӯзааш ҳам ба мусулмонӣ алоқамандии зиёд доранд, ин гуна таблиғот аз тарафи устод Раббонӣ ҳамеша буд. Аз тарафи Масъуд ҳамчунин, вале ӯ ба тарз ва шакли дигар моро мефаҳмонд. Дар мошинаш савор мешудем ва ӯ моро кӯча ба кӯчаҳои Кобул мегардонд, ҳама харобазор. Ҳамонҳоро ба мо нишон медоду мегуфт, ки кӯшиш кунед, ки Тоҷикистон ҳаминҷӯрӣ нашавад, Душанбеи шумо монанди Кобули мо набошад. Масъуд мегуфт, ин ҷанг, ин ҷангҳои бемаънӣ аввалу охир надорад вақте ки ҷилав дар дасти бегонаҳо бошад. Ҳар вақт ки онҳо мехоҳанд, ҷанг мекунӣ, ҳар вақт ки намехоҳанд, ҷанг намекунӣ. Аслан дар ихтиёри худат нестӣ, ки ҳар вақт ки бихоҳӣ, ҷанг кунӣ ва ҳар вақт ки нахоҳӣ, ҷанг накунӣ ва сулҳ кунӣ. Вале модоме ки, масалан, дигар Афғонистон дар қабзаи дигарон афтодааст, мо ҳеч коре карда наметавонем. Ҳарчанд мехоҳем, вале ба ҷое намерасем, вале шумо кӯшиш кунед, ба ҷое нарасед, ки шумо ҳам дар қабзаи дигарон бошед ва рӯзе шавад, ки дигар ҳеч кор кардан аз дастатон наояд. Бинобар ин бо ҳар роҳе ки бошад, шумо бояд ҳамдигарро бифаҳмед, сулҳ кунед, ман ҳам бо онҳо сӯҳбат мекунам, то ҷойгоҳи шумоёнро дар он ҷо муайян кунанд ва шумо биравед, бозгардед ба ватан. Хулоса, таблиғот аз онҳо дигар тарз буд ва сӯҳбатҳо ҳам дигар хел. Суҳбатҳои гӯё худамонӣ бо онҳо мешуд, ки мо гоҳо мухолифат мекардему гоҳе мувофиқат. Хулоса, дар охир ҳамин буд, ки масалан, вақте ман ҷиддан тасмим гирифтам, ки сулҳ мекунам, устод Раббонӣ дар як деҳае дар як кӯча ёфтам, ин замоне буд, ки баъд аз он ки аз Кобул баромада буданд. Он ҷо баъд як ҷо нишастем, сӯҳбат кардем. Ба он кас бигуфтам, ки Шумо биравед ва ба оқои Раҳмонов бигӯед, ки ман сулҳ мекунам. Баъд аз он ҷо дигар шурӯъ шуд. Яъне амал шурӯъ шуд. Музокирот давом дошт. Мо ширкат мекардем, вале ҳама ба тарзу услуби сиёсӣ. Пеш мерафтем, ақиб менишастем, вале ҳанӯз тасмими ҷиддӣ ва ниҳоӣ нагирифта будем. Барои ҳамин нишастҳо гоҳ бонатиҷа ва гоҳ бенатиҷа буд. Баъд аз ҳамин пойфишориҳое ки онҳо карданд, тасмимгирӣ шуд ва аввалин касе ки паёми сулҳро расондааст, ҳамин оқои Раббонӣ буд ва аввалин протоколи бисёр сода ва дастнависе ки воқеъан дигар имзои созишномаҳоро ҳам ба вуҷуд овард, дар Хостдеҳ, як дараи тангу торики Афғонистон ба вуҷуд омадааст. Хайр, баёдмонданӣ аст, охир...(лабханд)

**Озодӣ:** Бале, ҳатман. Ва боз агар аз шахсиятҳо бигӯем, Шумо ягона сиёсатмадори Тоҷикистон ҳастед, ки бо раҳбари Толибон, Мулло Муҳаммад Умар мулоқот кардаед. Ин чӣ хел мулоқот буд ва оё кӯмаке карда ба Шумо?

**С. А. Нурӣ:** Бале, воқеан ин чиз шуда буд. Мо як ҳайати... Тамоми намояндаҳои оппозисюн дар Эрон ҷамъ шуданд ва аз он ҷо, аз Машҳад ба Қундуз парвоз доштем. Мо дар ҳавопаймои Созмони Милали Муттаҳид будем ва дар васати роҳ ду ҳавопаймои ҷангии Толибон моро маҷбур карданд, ки ба замин фуруд оем. Хуб, он ҷо дигар ҳеч илоҷи дигар набуд, ки фуруд наоем. Мо дар фурудгоҳи низомии Шиндонд фуромадем ва онҳо аз ҳар кас ҳуҷҷату мадрак пурсиданд. Аз ман напурсиданд. Фикр мекунам, вақте аз Эрон ба Қундузу Толиқон радиоӣ тамос гирифтанд, ки устод дар фалон ҳавопаймо меояд, толибҳо хаёл карданд, ки "устод", яъне устод Раббонӣ аст. Ба ҳамин хотир онҳо ҳавопаймои моро фуруд оварданд ва чун ин ҳол шуд, мо талаб кардем, ки ҳатман бо Мулло Муҳаммад Умар мулоқот дошта бошем. Хуб, шаб он ҷо мондем ва субҳ оқои Мулло Умар як ҳавопаймо равон кард ва моро гирифтанду бурданд ба Қандаҳор ва дар он ҷо, дар фурудгоҳи Қандаҳор мо бо оқои Мулло Муҳаммад Умар сӯҳбат доштем. Сӯҳбати мо бештар ҷанбаи шиносоӣ дошт, ки ба худи ман шинос шуданд. Аз ман пурсиданд, ки Шумо кистед, Наҳзати исломии Тоҷикистон аз кай таъсис шудааст, чиҳо кардааст ва ҳозир чӣ кор мекунад, ҳаминҳоро сӯҳбат кардем ва дигар аз сулҳ. Гуфтанд, ин ҳайъате ки сафар мекард, бисёрашон риш надошту намояндаҳои демократия буданду дигар чизҳо, инҳо кӣ ҳастанд, хуб гуфтем ки инҳо...

**Озодӣ:** Дигарон ҳам буданд дар сӯҳбат?

**С. А. Нурӣ:** На, онҳо набуданд. Онҳо ҷои дигаре нишаста буданд ва мо алоҳида сӯҳбат мекардем. Бо ман оқои Давлат Усмон буд, вале ӯ ҳам дар берун монду ман танҳо сӯҳбат мекардам. Хуб, ин чизҳо гуфта шуд ва омадем, сари гуфтушунидҳои сулҳи Тоҷикистону аз он гузаштем ба сулҳи Афғонистон. Вақте ки дар бораи имкониятҳои сулҳи Тоҷикистон як соат саволу ҷавоб карданд, баъд ман гуфтам, биёед, шумо ҳам сулҳ кунед. Мо ку гуфтам, бо ҳамин демократҳо, коммунистҳо якҷоя шудем, барои хотири бақои миллатамон. Барои он ки душманҳо ватани моро аз байн мебаранд, вайрон мекунанд, хароб мекунанд. Барои ҳамин мо сулҳ мекунем. Шумоҳо ки ҳеч масъала надоред. Дар он тараф ҳам як мулло Раббонӣ ҳаст, дар тарафи шумо ҳам як мулло Раббонӣ ҳаст, (бо ханда) ҳамаатон мулло ҳастед, бо ҳам биншинеду сӯҳбат кунед. Гуфт ки ин таҷрибаҳо гузашааст, ин сӯҳбатҳо шудаанд, ин раҳбарон рафтанд, дар худи хонаи Каъба, сари қабри пайғамбарон қасам ёд карданду вале дар ин ҷо омаданду он савгандҳоро фаромӯш карданд. Қазияи Афғонистон роҳи ҳалли сиёсӣ надорад. Ягона роҳи ҳал низомист

ва бояд ҳамаи ин раҳбарони сиёсӣ ва фармондеҳони ҷиҳодӣ ки ҳастанд, бояд ба ҷазои худашон бирасанд. Бояд инҳо набошанд ва мо бояд ки аз нав як давлати бидуни инҳо бисозем. Роҳи ҳал ҳамин аст, дигар роҳе нест. Хуб мо аз фурсат истифода бурда, ҳарчанд ташвиқ кардем, ки ин наметавонад, роҳи ҳал бошад, ягона роҳи ҳал сулҳ аст, вале онҳо таҷрибаи моро он қадар ба назар нагирифтанд. Хуб, дигар ба ҳар ҳол мо гуфтем, ки мо дар он ҷо ҳеч гуна иртиботе бо гурӯҳҳои шумо надорем, мо ҳачун муҳоҷир он ҷо истодаем ва мардум моро кӯмак мекунанд, ҳеч гуна мухолифат бо шумо ҳам надорем, ҳеч гуна коре бо, масалан, ҷабҳаҳои дигаратон надорем, ба сиёсатҳоятон ҳеч гуна кордор нестем ва то рӯзе ки ҳастем, ҳамин ҷо мемонем ва шумо, ҳамаатон барои мо бародар ҳастед. Ба ҳамин роҳ мо бо онҳо хайрухуш кардем ва ҳеч гуна осеб, фишор ё тазйиқе набуд. Албатта, хостанд, даъват карданд барои меҳмонӣ, вале мо гуфтем, чун дар ихтиёри Созмони Милали Муттаҳид ҳастем ва он ҷо дар дафтари Созмони Милали Муттаҳид рафтему шабро он ҷо гузарондем ва дигар ҳавопаймо он ҷо омода шуд ва парвоз кардему омадем ба Кундуз. Мулоқоти мо бо мулло Умар ҳаминтурӣ буд. Фикр мекунам, ҳамон вақтҳо як сӣ ё сиючаҳорсола буд, ҷавоне буд, ки як чашмаш оҷиз... Хуб дигар дар он сӯҳбати кӯтоҳ наметавонистам, ҳама чизи онҳоро бифаҳмам, вале албатта, он як сиёсатмадори варзидаи дурандеш ба назари ман намоён намешуд. Фақат ман ҳамин хел ки фикр кардам, ӯро, ба истилоҳ мешавад гуфт, як муҷоҳиди ғаюре, ки аз ихилофот ва ҷангу хунрезиҳое, ки дар Афғонистон идома дошт, безор шуда, бо гурӯҳе аз дӯстону ҳамфикронаш ошӯб кардаанд ва воқеъан ба бисёр корҳое муваффақ шудаанд, вале шояд, шояд мегӯям, зеро иттилооти дақиқ надорам, баъд аз оне ки инҳо бархостанд ва ба бисёр корҳое муваффақ шуданд, аз пушти парда афроде ҳам шояд, аз инҳо истифода карданд ва он рӯҳияи тозае ки онҳо доштанд, фақат сирф исломӣ, он кам-кам ба маҳаллу қавм омехта шуд ва миллатгароии паштунӣ дар онҳо боло гирифт ва ин чиз боис шуд, ки онҳо дигар мавриди қабули ҳамагон нагаштанд.

**Озодӣ:** Дар давраи кори Кумисюни Оштии Миллӣ ва ҳатто пеш аз он низ бисёр чеҳраҳои саршиноси Тоҷикистон террор шуданд. Шумо аз марҳум Латифӣ ном бурдед. Қаблан Муҳаммад Осимӣ, Моёншо Назаров, Баширхон Исҳоқӣ, Минҳоҷ Ғуломов ва дертар намояндаи оппозисюн Бегиҷон Собирҷонов ва охирини силсила вазири фарҳанги Тоҷикистон Абдураҳим Раҳимов, дар рӯзи нуҳуми сентябри соли 2001-ум дар шаҳри Душанбе кушта шуданд. Баъд аз омадани Иёлоти Муттаҳида ба минтақа чунин террорҳо, фазли худо, қатъ шуд. Шумо ягон

ҳадсу тахмине доред, ки кӣ ин корҳоро мекард? Ҳукумат, ҳамеша оппозисюнро айбдор мекард, Шумо чӣ мегӯед? Оё ҳамаи ин барои ноором кардани вазъ набуд? Ҳатто ҳамон бомбае ки дар зери завраќи муҷоҳидони Шумо ҳангоми убури рӯдхонаи Панҷ... Ҳадсу тахмини Шумо чист, ин корҳоро кӣ мекард?

**С. А. Нурӣ:** Ростӣ, далелу мадрак надорем, ки бигӯем, ин корҳоро кӣ мекард. Ҷиноятҳои азиме буданд ва ҳатман касе буд, ки ин корҳоро кард. Ман нашунидаам, ки таҳқиқи воқеъӣ ва ҷиддӣ шуда бошад ва ё касе масъулияти ин қатлҳоро ба гардан гирифта бошад. Вақте далелҳои раднашаванда дар даст надорем, наметавонем, касеро дақиқан масъули ин ҷиноятҳои кабира биномем. Фақат ҳаминро метавонам, бигӯям, ки бале, буданд ашхосе ки, буданд ва ҳанӯз ҳам ҳастанд афроде, ки намехоҳанд оромии Тоҷикистонро. Онҳо вобаста ба манфиатҳои худашон ҳамеша як ташаннуҷе эҷод мекунанд. Ба қавли мақомоти давлат, ки мегӯянд, як гурӯҳеро дастгир кардаанд, ки бо номи Гурӯҳи 35-нафара шинохта шудааст. Таҳқиқи парвандаи онҳо чандин сол идома кард. Гуфта мешавад, аъзои ин даста эътироф кардаанд, ки дар бисёр ҷиноятҳое, ки баъд аз имзои созишномаи сулҳ ба вуҷуд омадаанд, даст доштаанд. Давлат таҳқиқ мекунад ва чунин маълумот медиҳад. Шояд бо гузашти замон ҳақиқати ин ҷиноятҳо рӯи об бароянд.

*Мусоҳиб Салими Аюбзод. 10 майи соли 2005. Мюнхен, Олмон.*

## Ҷумъабой Ниёзов: “Ман аз зиндон баромадам ва паси мизи гуфтушуннид нишастам”



**Озодӣ:** Шумо дар давраи аввали гуфтушунид набудед, баъдан ҳозир шудед. Дар ёдатон ҳаст, ки дар кадом давра ва дар кадом шаҳр ҳамроҳ шудед ?

**Ҷумъабой Ниёзов:** Иштироки ман дар музокироти байни тоҷикон дар даври Алмаато аз моҳи августи соли 1995 сар шуд. Баъди аз маҳбас бо тариқи табодул озод шудан ман иқдом гирифтам дар раванди сулҳи байни тоҷикон иштирок намоям ва саҳми худро ба он гузорам. Ҳамчунин аз тарафи нерӯҳои опозисиюн иштироки ман дар музокирот зарур дониста, пешниҳод карда шуд.

**Озодӣ:** Шумо ҳамчун узви ҳайат вориди ин гуфтушунид шудед ё ин ки бо масъулиятҳои муайяне?

**Ҷ. Ниёзов:** Аввалин бор ман ба ҳайси мушовири сиёсӣ иштирок кардам, вале дар ҳайати асосӣ набудам. Лекин баъди даври Алмаато ман дар ҳайати асосӣ то охири музокирот иштирок доштам.

**Озодӣ:** Шуморо, ки ҳукумат зиндонӣ карда буд, вақте озод шудед, оё ин кори ҳукумат дар мавзеъгириҳои шумо таъсире дошт?

**Ҷ. Ниёзов:** Бале, вақте ки мо озод мешудем, дар вақти табодул Федерасиюни байналхалқии Салиби Сурх ба мо 3 роҳи ҷобаҷокунии маҳбусони сиёсиро пешниҳод кард. Мо 27 нафар будем ва яке - ман  ба назди оила баргаштам. Ман ҳамин роҳро интихоб кардам. Онҳо маро то назди оилаам оварда расониданд. Баъди мукотибаҳову мулоқотҳо бо роҳбарони опозисиюн тасмим гирифтам ба музокирот ҳамроҳ шавам. Албатта, ба сабаби он ки ман дар дохили кишвар будам, сафарҳои хориҷӣ бароям бисёр мушкил буд, чунки аз пайи ман назорат мекарданд. Бе тазйиқ, вале махфӣ назорат мебурданд ва чандин бор ба ман пешниҳод карданд, ки аз иштирок дар ин музокирот даст кашам, лекин бо хости Худо, ба ман муяссар шуд дар ҳамаи музокирот, то охир, бе таъхир иштирок намоям.

**Озодӣ:** Вақте ки иштироки шумо дар гуфтугӯҳо шурӯъ шуд, рӯҳияи ду тарафро чӣ хел дарёфтед?

**Ҷ. Ниёзов:** Дар урфият мегӯянд, ки меҳри инсон дар чашм аст. Вақте ки ман якумин маротиба ба Алмаато омадам ва рӯзи аввали музокирот сар шуд, ман дидам, ки намояндаҳои ҳар ду тараф бо ҳамдигар мулоқоти бисёр гарму ҷӯшон мекунанд, гарм салом мекунанд, ҳамдигарро канор мегиранд. Ман, ки нав аз зиндон озод шуда будам, ҳолу аҳволи мардумро бо чашмам дида, аз дохили кишвар рафта будам, дидани ин муносибати ҳайатҳо бароям бисёр ваҳшатнок буд. Лекин дар оянда, вақтҳои танаффус, суҳбатҳои алоҳида ва якҷоя, хӯрокхӯрӣ оҳиста – оҳиста якдигарро наздиктар мефаҳмидему наздиктар мешудем. Ҳарчанде ки ақидаҳо дигар буд, меҳри инсонӣ боло мегирифт. Ва ман ҳам вақти зиёде нагузашта, ба монанди дигар аъзои ҳайати ИНОТ ва ҳукуматиҳо шудам ва озодона дар баҳсу мунозираҳои тӯлонӣ иштирок мекардам. Фаҳмидам, ки ин назар ба худро канор кашидан фоиданоктар аст.

**Озодӣ:** Гуфта мешавад, ки ҳайатҳои ҳарду ҷониб ба гурӯҳҳо тақсим шуда буданд, як гурӯҳ воқеан мехост, масъала ҳарчӣ зудтар ҳал шавад, гурӯҳи дигар, ки дар ҳалли масъала пеш омадани осебе ба манфиатҳои худро медид, халал мерасонд ва як гурӯҳи дигар бо тарафҳои сеюму чорум кор мекард, назари онҳоро мегирифт, - дар натиҷа ҳалли масъала кашол меёфт. Шумо ҳамин чизро ҳис кардед, ки дар ҳайатҳои опозисиюн ва ҳукумат як навъ гурӯҳ, табақа ё ҷиноҳҳое аст, ки ҳалли масъаларо камтар ё бештар мехоҳанд ?

**Ҷ. Ниёзов:** Бале. Дар ҳарду тараф ҳам манфиатҷӯҳо буданд. Ҳар кадом мехост, масъалаҳоро ба манфиати худ ҳал кунад. Опозисиюн ҳам аз ин орӣ набуд. Дар маҷлисҳои иттиҳоди опозисиюн мо дар мавриди зудтар ҳал шудани масъалаҳо бисёр кашокашиҳо ҳам мекардем. Ҳамчунин мо ҳис мекардем, ки дар тарафи ҳукумат ҳам чунин гурӯҳҳо, манфиатҷӯҳо буданд, ки ҳаракат мекарданд, музокиротро кашол диҳанд. Ё ки баъзеҳо масъулиятро ҳис намекарданд, барои қабули ягон қарор ё ҳалли ягон масъала метарсиданд. Чунинҳо бисёр буданд. Шояд, ба ҳамин сабабҳо ҳам гуфтушунидҳо кашол меёфтанд.

**Озодӣ:** Дар давраҳое, ки шумо иштирок доштед, лаҳзаҳо ва масъалаҳои мушкиле, ки тарафҳо ба онҳо рӯ ба рӯ шуданд, ёдатон ҳаст, кадомҳо буданд?

**Ҷ. Ниёзов:** Мушкилиҳо зиёд буданд. Қариб ки ягон музокирот бе мушкилӣ намешуд. Масалан, дар ҳамон вохӯрии Алмаато мо, ҳайатҳои ҳар ду тараф, як рӯз пеш аз тамом шудани музокирот соатҳои дуи шаб ба қароре омадем, ки санади масъалаҳоеро, ки ҳаллашро пайдо карда будем, фардо дар маҷлиси умумӣ расман ба имзо мерасонем. Лекин ҳамон шаб аз Маскав муовини вазири корҳои хориҷии Русия – Алберт Чернишёв ба Алмаато парида омад ва тарафи ҳукумат аз имзо кардани ин ҳуҷҷатҳо даст кашид. Ин чиз на танҳо барои мо бисёр ногаҳонӣ ва нохушоянд буд, балки хотири намояндаи махсуси СММ – Перес Баллон ҳам аз ин ҳолат бисёр мушавваш гардид. Мо аз Алмаато бе ягон дастовард баргаштем.

**Озодӣ:** Яъне – ба назари шумо, тарафи ҳукумат дар тасмимгирӣ чандон мустақил набуд?

**Ҷ. Ниёзов:** Он чӣ ки аён аст, ҳоҷат ба баён нест, ба фикрам. Шояд, агар вай (Алберт Чернишёв) ҳамон шаб парида намеомад, бисёр масъалаҳо ҳал мешуд. Дар он музокирот гап дар бораи доир кардани форуми тоҷикон мерафт, шумо аз ин хабар доред. Ҳатто Назарбоев гуфта буд, ки ин форумро мешавад дар Қазоқистон гузаронд ва агар як сол давом кунад ҳам, хароҷоти баргузориашро пардохт хоҳад кард. Лекин мутаассифона, ин форум ташкил нашуд. Ё ки 11 декабри соли 1996, вақте ки дар Хусдеҳи вилояти Кундузи Афғонистон асоси созишномаи умумиро таҳия кардему фардояш бояд имзо мешуд, мо аз Эрон норизоии баъзе аз сарони иттиҳоди опозисиюнро аз ин дастовард шунидем ва онҳо моро муттаҳам мекарданд, ки гузашти бисёр кардем. Ин ҳам бисёр чизи хотирмон буд.

**Озодӣ:** Бо вуҷуди ҳама мушкилиҳо созишномаи сулҳ имзо шуд. Вале имрӯз суҳбатҳое садо медиҳанд, ки начандон одилона ва баробар буд. Шумо ба ин ақидаҳо розиед ё мухолиф ?

**Ҷ. Ниёзов:** Агар дар ҳақиқат созишномаи умумии сулҳ ба пуррагӣ, ба он намуде, ки таҳия шуда буд, иҷро мегардид, мумкин аст ин садоҳо тамоман намебаромаданд. Лекин мутаассифона, дар кори комисиюни оштии миллӣ аз тарафи опозисиюн, чи тавре ки дар замони музокирот ҳам мо ба хотири сулҳ гузаштҳо карда будем, бисёр гузаштҳо кардем. Ва аз ин гузаштҳои мо тарафи ҳукумат истифода бурд ва мо натавонистем ҳамаи рукнҳои он созишномаро ба пуррагӣ иҷро кунем. Ва он мухлате, ки барои иҷрои он рукнҳо ҷудо карда шуда буд, мутаассифона, бисёр кам буданд ва мо наметавонистем онҳоро дар он мухлати муайян иҷро кунем. Чунки танҳо барои гузаштан (реинтегратсия) – и қувваҳои низомии опозисиюн, ки ҳашту ним ҳазор буданд, вақти хеле зиёд гузашт ва дар ин кор саҳлангорию қафокашӣ ҳам карданд. Бар замми ин дар ҷараёни кори комисиюни оштии миллӣ чанд муноқишаи низомӣ дар Душанбеву гирду атрофи он рӯй доданд, ки корро ба қафо мекашиданд.

**Озодӣ:** Аз рӯзҳои аввали кори Комисиюни Оштии Миллӣ шикоят ин буд, ки шароити хуб барои фаъолият вуҷуд надошт. Шумо шоҳиди ин будед ё баракс?

**Ҷ. Ниёзов:** Барои фаъолият шароит вуҷуд дошт. Мо гуфта наметавонем, ки барои гузаронидани маҷлисҳо ягон монеа мегузоштанд. Лекин низоми ҳалли масъалаҳо дар комисиюни оштии миллӣ ба таври консенсус буд. Агар аз 26 нафар узви ин комисиюн як нафар ҳам розӣ набошад, ҳалли масъала қабул намешуд. Ва ҳар як нафари ягон тараф метавонист, ҳалли масъаларо пурра зери назорати худ бигирад ва бо хоҳиш ё фаҳмиши шахсии худ ҳал кунад. Ана ҳамин чиз сабаби кашолкорӣ буд, ки мо рӯзҳо, ҳафтаҳо ва ҳатто моҳҳо наметавонистем қароре қабул кунем. Масалан, сари масъалаи дохил кардани "дунявӣ" будани давлат ба конститутсия мо 6 моҳ баҳсу мунозира кардем. Ин вақти бисёр ғанимат буд, ки мо бояд сари ҳалли бисёр масъалаҳо кору кӯшиш мекардем.

**Озодӣ:** Баъзеҳо мегӯянд, ки бо вуҷуди шукронаҳо ҳукумат дар ҳамин гуфтушуниди сулҳ як опозисиюни қавиро, ки дар сатҳи ҷаҳонӣ обрӯву эътибор дошт, фанд ва фиреб дод, гӯл зад, ба сиёсати худаш кашид, ба чорчӯбе, ки худаш сохта буд, ҷо кард. Шумо ба ин гап розиед ?

**Ҷ. Ниёзов:** То он дараҷае, ки бисёриҳо чунин фикр мекунанд, ман розӣ нестам. Чунки сабаби пурра иҷро нашудани созишнома ба сустии кори худи комисиюни оштии миллӣ ҳам вобаста буд. Мо метавонистем сари иҷрои ҳар масъала пайгирона мубориза барем. Лекин аз ин пайгирии давомнок Тоҷикистон бой медод. Мо мехостем тезтар сулҳ шавад, мо мехостем Тоҷикистон тезтар бо раванди иқтисодӣ рушд намояд. Агар сари ҳалли он масъалаҳо мо солҳои зиёд менишастем, мумкин масъалаҳо ё қувваҳои нав ба нав пайдо мешуданд, ки метавонистанд раванди ин сулҳро боздоранд. Ман як бори дигар мегӯям ва аксари аъзои комисиюни оштии миллӣ аз тарафи опозисиюн ҳам ба ин розӣ ҳастанд, ки мо гузаштҳои беҳад зиёд кардем. Мо дидаву дониста ин гузаштро кардем. Дар дохили худи комисиюни оштии миллӣ нафарони сахтгир ҳам буданд. Масалан, мехостанд созишнома ба пуррагӣ иҷро шавад. Лекин эҳтимоли комилан иҷро шудани ин созишнома беҳад кам буд. Масалан, яке аз якравҳо ман будам ва фаҳмидам, ки ин кор бо саъйу талоши як - ду кас муяссар намешавад.

**Озодӣ:** Дар ҷараёни ин раванд чанд ҳолати бухронӣ ба миён омад, ба ёд биёрем - яке пас аз қатли Отахон Латифӣ буд, яке дигар – вақти тақсими қудрат, кадрҳо, мансабҳо. Ба назари шумо, ин ҳолатҳои бухронӣ то андозае хатарнок буданд, ки метавонистанд раванди сулҳро барҳам зананд?

**Ҷ. Ниёзов:** Он бухронҳоро мо, тарафи опозисиюн "коршиканӣ" меномидем. Қатъи фаъолият дар Комисюни Оштии Миллӣ мекардем. Хато накунам, умуман се бор ҳамин хел коршикании давомнок доштем. Бори якум, охири соли 1997 ё аввали 1998, вақти ҷобаҷокунии вазифаҳои 30-фоиза, ки тӯл мекашид, коршиканӣ карда будем. Бори дуюм ба муносибати куштори устод – Отахон Латифӣ буд, ки бехатарии аъзои комисиюн ба дараҷаи зарурӣ таъмин намешавад. Бори сеюм барои ҳалли кадом масъалаи сиёсӣ коршиканӣ кардем. Ҳамин се коршикании аъзои Комисиюни Оштии Миллӣ аз ҷониби опозисиюн дар ёдам мондааст. Вақте ки ин гуна таҳаввулот мешуд, ҳукумат маҷбур мегардид дар сатҳи боло ба гуфтушунид сар кунад. Ин гуфтушунидҳо бо иштироки президент мегузаштанд. Комисиюни Оштии Миллӣ бевосита ба худи президент муроҷиат мекард. Дар вохӯриҳо бо президент бисёр масъалаҳо ҳалли худро меёфтанд ва мо аз нав ба кор шурӯъ мекардем. Лекин бояд гуфт, ки аз ҳамин коршиканиҳои мо мардуми одӣ, онҳое, ки ба Хатлон, вилояти Қурғонтеппа баргашта буданд, норозигӣ баён мекарданд. Онҳо чанд бор ба мо муроҷиат карданд, ки шумо чӣ кор мекунед,

моро хонасалот мегардонед, боз ба ҷанг маҷбур мекунед. Биёед, аз ҳамон мансабҳо даст кашед ва роҳи сулҳро пеш гиред. Ин омил ҳам сабаби давом додани кори Комисюни Оштии Миллӣ аз тарафи опозисиюн мешуд. Мо, албатта, барои манфиати халқ, ки сулҳу оштиро мехост, ба суханҳо, талаботи онҳо гӯш медодем ва боз ба кор шурӯъ мекардем.

**Озодӣ:** Ба назари шумо, миёнаравҳои байнулмилалӣ, чи намояндаҳои СММ ва чи конфаронси исломӣ, САҲА ва кишварҳои нозир дар раванди сулҳи тоҷикон чӣ нақш доштанд ?

**Ҷ. Ниёзов:** Бо роҳбарии намояндагии СММ дар Душанбе як комисиюн дар ҳайати давлатҳои кафил ташкил карда шуда буд ва мо қариб ҳар моҳ як бор ба онҳо гузориш медодем. Вақте ки байни тарафҳо носозиҳое ба миён меомад, ба онҳо муроҷиат мекардем. Онҳо барои ҳалли он масъалаҳо бо роҳи миёнҷигарӣ кӯшиш мекарданд. Аз ин чиз намешавад чашм пӯшид, - ёрии онҳо дар ҳалли масъалаҳо мерасид. Давлатҳое буданд, ки ба ин кор аз паси панҷа нигоҳ мекарданд, лекин намояндаи бархе давлатҳо ва ташкилотҳои байналхалқӣ ба ин кор аҳамияти ҷиддӣ медоданд.

**Озодӣ:** Ба зоҳир мо як манзараи умумиро медидем, ки тарафҳои музокиракунанда ҳастанду миёнаравҳо ва кафилон. Албатта, боз бисёр чизҳое буданд, ки аз чашми бинандаи одӣ пинҳон ва паси парда мемонд. Чӣ чизҳое буданд, ки аз роҳҳои дигар ҳал мешуданд? Шумо дар ин бора чӣ гуфта метавонед?

**Ҷ. Ниёзов:** Ин масъала умумӣ нест. Мумкин аст, ки гуфтушунидҳои алоҳида, хоса бо баъзе аъзои Комисюни Оштии Миллӣ, намояндаҳои ИНОТ ё ҳайати ҳукумат мешуданд, лекин ин чиз барои ман торик аст. Ман дар ин масъала ягон чизи равшан ва бодалел гуфта наметавонам. Вале дар ҷараёни музокирот бисёр вақт ҳамин хел мешуд, ки як нафар дар роҳи рост роҳашро гум мекард. Танҳо аз дидани ҳамин хулоса кардан мумкин буд - кӣ роҳи ӯро дигар карда бошад? Мо фақат гумон мекардем, вале далеле дар даст надорам. Масалан, дар як масъалаи оддӣ. Иттиҳоди опозисиюн қарор карда буд, ки онҳое, ки бо ризояти худ узви Комисюни Оштии Миллӣ шуданд, бояд аз вазифаҳои 30-фоиза даст кашанд ва то охири кори комисиюни мазкур дар ин бора ҳеҷ даъво накунанд. Лекин чи тавре ки худи устод - Нурӣ гуфт, ин қолаб шикаст. Ин зарбаи бисёр сахт ба кори

Комисюни Оштии Миллӣ гардид; кӣ сабабгор буд, кӣ ба ин роҳ равона кард, Худо медонаду мумкин – худи ҳамон нафароне, ки ин корро карданд.

**Озодӣ:** Аммо интихоби номзадҳо ба вазифаҳои 30-фоиза, ки то охир ҳамааш гирифта нашуд, танҳо як миқдораш гирифта шуд, интихоб ва тартиби пешбарии ин номзадҳо дар Комисиюни Оштии Миллӣ чӣ хел сурат мегирифт?

**Ҷ. Ниёзов:** Тибқи тақсими вазифаҳои 30-фоиза байни ҷиноҳҳои опозисиюн ҳаққи Ҳизби демократ сеяк аз ҳамон вазифаҳои 30-фоиза буд, яъне: аз 9 кас – 3 кас, аз 3 кас – 1 кас. Ҳамин тавр, мо вазифаҳоро, ки бояд ба ихтиёри мо мегузашт, байни ҷиноҳҳои иттиҳоди опозисиюн пешакӣ тақсим карда будем. Раҳбарони ҷиноҳҳо номзадҳоро интихоб ва ҳуҷҷатҳоро пешниҳод мекарданд. Вале пешниҳоди асосӣ аз тарафи ҷаноби Нурӣ ба унвони президент мешуд ва масъала танҳо бо раъйи президент ҳал мегардид.

**Озодӣ:** Аммо ин тавр ҳам мешуд, ки масалан, ҷиноҳи Ҳизби демократ як номзад пешниҳод мекунад, аммо аз ҷониби раиси комисиюн он номзад ба раисҷумҳур пешниҳод нашавад, иваз шавад, ба ҷояш номзади дигар пешбарӣ шавад ?

**Ҷ. Ниёзов:** Чунин як мавриди дар давраи охири кори Комисиюни Оштии Миллӣ буд. Рости гап, ҳалли он масъала кашол ёфт. Баъдан маълум гардид, ки он ҳуҷҷатҳо дастраси президент нашудаанд. Лекин дар аввал ин корҳо бисёр батартиб мегузашт.

**Озодӣ:** Меъёри асосӣ чӣ буд: қонеъ кардани манфиати ҳизби сиёсӣ ё ки интихоби афроди ҳирфаӣ, ки тавонанд сари мансабҳои соҳибшудаашон симои опозисиюн, орзуву омолашро нишон диҳанд ё бо назардошти авзои он давра, ки ҳанӯз ором нашуда буд, мумкин мақсади асосӣ (зимни интихоб ва пешбарии номзадҳо ба гирифтани вазифаҳои 30-дарсадӣ) пешниҳоди афроде буд, ки амнияти бештар дошта бошанд ва аз ин нигоҳ мушкилоти камтар ба вуҷуд биёранд ?

**Ҷ. Ниёзов:** Аз нуқтаи назари Ҳизби демократи Тоҷикистон мо танҳо ба касбияти номзадҳо аҳамият медодем. Яъне, аз уҳдаи иҷрои вазифае, ки барои ишғоли он пешбарӣ мекардем, бояд бароянд. Ва таҷриба ҳам нишон дод, ки аксари онҳое, ки аз ҷониби Ҳизби демократӣ пешбарӣ гардиданд, то муҳлати таъиншуда ва ҳатто баъди он ҳам дар вазифаҳои гирифтаи худ кору фаъолият карданд. Номзадҳои ҷиноҳҳои дигар 2 - 3 ё 5 моҳ кор карда, мансабро партофта рафтанд.

**Озодӣ:** Ба назари шумо,  чӣ сабаб шуд; ихтиёрӣ ё тарҳрезишуда буд, ки ИНОТ, иборат аз чандин гурӯҳи сиёсӣ тақсим шуд ва ҳар кӣ бо роҳи худаш рафт ? Ин як кори аз пеш тарҳрезишуда буд ё вазъияти сиёсӣ инро ба амал овард ё ки бозиҳои ҳукумат ба ин натиҷа расонд ?

**Ҷ. Ниёзов:** ИНОТ ба хотири муборизаи дастҷамъона ва ба даст овардани сулҳи тоҷикон таъсис дода шуда буд. Мақсади асосиаш ҳамин буд. Ҳатто вақте ки Шодмон Юсуф аз музокирот даст кашид, Ҳизби демократи Тоҷикистон дар Алмаато анҷуман гузаронида, иштироки худашро дар кори опозисиюн ва музокироти сулҳу оштии тоҷикон ҳатмӣ ҳисобид ва ин анҷуман Шодмон Юсуфро ба сабаби канораҷӯияш аз ин масъала аз вазифаи раиси ҲДТ барканор кард. Мақсад ин буд, ки мо якҷоя ба ҳалли сиёсии қазияи сулҳи Тоҷикистон бирасем ва вақте ки ин масъала ҳал шуд, он ҷиноҳҳо дар оянда натавонистанд – ман намегӯям, ки зарур надонистанд, балки натавонистанд, он иттиҳодро нигоҳ доранд. Ба ҳамин сабаб ҳам ИНОТ пароканда шуд. Мумкин аст, ки вазъият, шароити ҳамонвақта будани ин иттиҳодро тақозо намекард, мумкин аст сабабҳои дигар буд, ё ки баъзе масъалаҳои дохилии иттиҳоди опозисиюн (ба пароканда шудани ИНОТ) сабаб гардид. Дар ҳар ҳол мо имрӯзҳо шоҳиди он ҳастем, ки ИНОТ пароканда аст.

**Озодӣ:** Имрӯзҳо, вақте ки Рӯзи ваҳдати миллӣ ҷашн гирифта мешавад, бештар хидмати як ҷониби сулҳ зикр мешавад. Дар баъзе нишастҳо танҳо намояндаҳои ҳайати ҳукумат иштирок карда, гуфтаанд, ки мо сулҳ овардем. Аммо бисёри мардум мегӯянд, ки бе ризояти ду ҷониб сулҳ имкон надорад. Дар ин хел ҳолатҳо вокуниши Шумо на ҳамчун сиёсатмадор, балки чун як шаҳванди Тоҷикистон чӣ гуна аст?

**Ҷ. Ниёзов:** Дар ин масъала ман фикри худамро дар ҳама вазъияту дар ҳама ҷо баён мекунам. Сулҳ ин натиҷаи ҷанг аст. Агар ҷанг намешуд, дар бораи сулҳ сухан намегуфтем ва созишномаи сулҳ имзо ҳам намешуд. Чунки сабаби сулҳбандӣ набуд. Ҷанг байни ду тарафи мухталиф меравад ва сулҳ ҳам натиҷаи ба ҳам омадани ақидаҳои ҳамин ду тараф аст. Агар як тараф нахоҳад, ҳеҷ гоҳ ин сулҳ ба миён омада наметавонад. Дар урфият мегӯянд, ки аз як даст даст садои қарсак намебарояд. Агар дасти дуюм намебуд, ҳеҷ гоҳ ин сулҳ, ки имрӯз мо бо даҳони пур дар бораи он сухан меронем ва ифтихор мекунем, ба миён омада наметавонист. Ба ҳамин сабаб онҳое, ки имрӯз саҳми тарафи дигарро аз ҷомеа

пинҳон кардани мешаванд, ба монанди он аст, ки мехоҳанд, офтобро бо доман бипӯшонанд. Вале аз рӯзе, ки ҷаҳон ҳаст, касе пайдо нашудаст, ки офтобро бо доманаш пӯшида тавонад. Ман чунин баҳо медиҳам. Таърих дар вақти зарурӣ ба ин чиз баҳои худро, албатта, медиҳад.

**Озодӣ:** Агар баргардем ба он ки шумо чӣ хел ба зиндон афтодед, чӣ тавр шуд, чӣ ҳодиса рӯй дод ?

**Ҷ. Ниёзов:** Ман ба зиндон баъди иҷлосияи 16 - уми Шӯрои Олӣ, ки дар шаҳри Хуҷанд – он вақт ноҳияи Хуҷанд буд – моҳи нояби соли 1992 баргузор гардид ва Тоҷикистон  ба пуррагӣ ба ду лагери сиёсӣ ҷудо шуд, афтодам.

*Мусоҳиб Салими Аюбзод. 13 августи соли 2006. Хуҷанд*

## Отахон Латифӣ: “Сулҳ бояд механизми иҷро ва назорат дошта бошад”



**Радиои Озодӣ:** Устод Латифӣ, чунин ақида мавҷуд аст, ки ду сабаб метавонад боиси ба имзо нарасидани созишномаи оташбас бошад: якум ин ки тарафҳо ҳанӯз ба ҳамдигар аз таҳти дил бовар надоранд, дуюм ин ки шояд, дар паси пардаҳои музокирот чӣ бозиҳое идома доранд, ки барои расидан ба тавофуқ халал мерасонанд. Ба ақидаи Шумо, кадоме аз ин сабабҳо ба ҳақиқат наздик аст ?

**Отахон Латифӣ:** Албатта, сиёсат, чи тавре ки дар байни худи сиёсатмадорон мегӯянд, як чизи хеле ифлос аст. Ҳар кадомамон дидем, шунидем, аз сарамон гузаронидем, ки ҳар касе, ки дар сиёсат иштирок мекунад, дар дилаш – як чиз, дар забонаш – як чиз, дар амалаш сеюм чиз аст. Ин ҳаст, буд ва хоҳад монд. Дунё ҳамин аст, ки мегӯянд, ҳамин аст. Лекин вақте ки демократияи ҳақиқӣ ғалаба мекунад, шумо, ки рӯзноманигор ҳастед, барои ҳамин мегӯям, ки кадом вақте ки рӯзноманигорон, журналистика ҳокимияти чорум ҳасту мешавад, ин ҳақиқат аст. Фақат озодии сухан, озодии матбуот метавонад, ки озодии баён ва демократияро посбон бошаду ҳарончӣ ҳаст, ошкоро бигӯяд ва назоратгари мансабдорони поён ва боло - дар кадом мансабе, ки ҳастанд, бошад. Бубинед, ки дар мамлакатҳое, ки дар онҳо демократия ҳукмрон аст, рафтори раисҷумҳураш, чигунагии зиндагонӣ, утоқи корӣ, меҳмонсаро, пулу сарватҳо, оё андозашро сари вақт месупорад ё на – ҳамааш ба мардум аён аст. Ҳеҷ чизро пинҳон намекунанд. Барои он ки шахсе, ки

ба раъйдиҳӣ меравад ва овозашро ба ягон номзад медиҳад, худаш одами на он қадар пок бошад ҳам, кӯшиш мекунад, ки сардор пок бошад. Рафтори сардор муайяну рӯшан бошад. Чунки монанди он ки дар ҳар оила сардор ҳаст, ӯ сардори миллионҳо оила аст. Ӯ давлатро идора мекунад. Дар ҳоле ки аксари сиёсатмадорони мо дар замони, намегӯям, ки рукуд, - режими коммунистии шӯравӣ - тарбият ёфтаанд, онҳо кормандони хеле ҷасуранд, инро пинҳон кардан мумкин нест – аз дасташон бисёр корҳо меояд. Лекин вақте ки курсӣ ширинӣ мекунад, чун аз пушти мансаб нон хӯрда омадаанд ва аз мансаб, ки канор шуданд, касбу кори дигар надоранд – аз даст додани мансаб метарсанд. Ё ки моликияти ба ном умумӣ, ба ном халқиро онҳо идора мекарданду аз паси ин кор нон мехӯрданд, метарсанд, ки агар аз сари ин вазифа раванд, пагоҳ намедонанд чӣ кор бикунанд. Ин дар мамлакатҳои демократӣ моҳонаи раисҷумҳур даҳҳо карат аз моҳонаи сардори як ширкат камтар аст. Барои ҳамин, вақте ки ҳамин тур аст, дар пушти парда ҳар хел бозиҳои сиёсӣ меравад. Ҳар кас кӯшиш мекунад дигаронро фиреб диҳад. Ҳар кас кӯшиш мекунад, ки курсиро нигоҳ дорад. Ин, албатта, аниқ аст. Ва шубҳа ҳам ҳаст байни ҳайати опозисиюн, ки барои чӣ мехоҳанд, ин гуфтушунидро тӯл бидиҳанд. Тӯл бидиҳанд ва дар ин байн Сарқонунро қабул кунанд, интихоботро гузаронанд ва гӯянд, ки дидед, халқ тарафдори мост, ҳама иштирок карданд, ҳама овоз доданд. Лек ба як чиз аҳамият диҳед. Мо мегӯем, ки қариб як миллион гуреза аст. Ғайр аз ин мо намедонем, ки дар ин ҷанги бародаркушӣ чӣ қадар одам фавтид. Аз рӯи виҷдон бигирем, вақте ки сулҳу салоҳ ҳам бишавад ва гурезагон ба кишвар баргарданд, мо бояд аҳолиро аз нав рӯйхат бикунем, ки чӣ қадар одам мондааст, зиндагониаш чӣ хел аст. Вақте ки оромишу осоиш ба миён омад, манзили харобашонро каму беш барқарор бикунем, ки сарпаноҳ ёбанд, аз дасти силоҳдорон аслиҳаашронро бигирем, онҳо ҳам ором шаванд, кӯшиши аз якдигар қасос гирифтанро як тараф бигзорем, корҳои таблиғотӣ барем, ки эй мардум, ҳамин хел фоҷиа рӯй дод, ба гузашта – салавот. Дар он вақт мо метавонем ба якдигар бовар кунем. Албатта, нобоварӣ ҳаст. Аз нобоварӣ якдигарро фиреб медиҳем. Бубинед, ки чанд бор оши оштӣ шуд, дар Хоруғ оши оштӣ доданд, баъди ду рӯзаш тирборон шуд. Ҳукумати Муросои Миллӣ шуд, вале бубинед, ки ин ҳам дар зери тиру туфанг монд. Ҷаласаи Хуҷанд доир шуд, оши оштӣ шуд, вале боз - ҳеч чӣ беҳбудӣ нашуд. Барои ҳамин ман ин ҷо як чизро бояд қайд кунам, ки дар ин гуфтушуниди мо чанд бор як чизро таъкид кардем: мехоҳем, ки гуфтушуниди мо ҷиддӣ бошад, қарорҳои

омодакардаи мо ҷиддӣ бошанд, ҳал, иҷро ва назорати онҳо ҳам қатъӣ бошад. Замоне ки мо оташбаси муваққат ё доимӣ эълон мекунем, онро кӣ иҷро ва назорат мекунад? Чӣ тавр мекунад? Бигирем, ки дар марзи Тоҷикистону Афғонистон барои назорат посгоҳҳо гузоштан даркор аст? Барои ин бо ҳукумати Афғонистон гуфтушунид кардан даркор аст? Барои ин бо Русия гуфтугӯ кардан даркор аст? Чунки қувваи асосӣ дар марз аз они Русия аст. Бе ин гуфтушунид посгоҳҳоро гузошта наметавонем. Худи сафири Русия ҳам гуфт, ки ба ҷуз посгоҳҳо нозирон ҳам заруранд ва онҳо бо техникаву зиреҳпӯшу мошинҳо гашта тавонанд. Дар худи дохили ҷумҳурӣ ҳам ин гуна посгоҳҳо, дар ағбаҳои Хобуработ ва Фахробод, ноҳияҳои Кофарниҳон (Ваҳдат), Ғарм (Рашт), Калининобод (Сарбанд), Вахш, Колхозобод (Ҷалолиддини Балхӣ), Панҷ, Шаҳртус даркор аст. Мо инро фикр кунему ба як қарор оем, ки агар ҳатто кумиссиюни муштарак ҳам бошад, дар он намояндагони ҳар ду тараф бошанд, то ки фаъолияти онҳоро назорат кунанд ва санҷанд. Ва албатта, бо нозирони Созмони Милал. Бе ин намешавад. Ба як мувофиқа ҳам расидем, ки бигзор, хулосаи асосиро додгоҳ бигӯяд. Масалан, дар масъалаи вайрон кардани қарордод дар бораи оташбас. Тарафайн метавонанд ахбори худро пешниҳод кунанд. Намояндагии Созмони Милал ба ҳайси додгоҳи асосӣ бошад, ки бубинад, кадом даъво ҳақиқат асту кадом нодуруст аст. Ин созмон хулоса бароварда метавонад ва бояд, ки қарори ҷиддӣ қабул кунад. Ташкил кардани ин хеле душвор аст. Вақт даркор аст. Мо ҳам ҳаминро гуфтем, ки биёед, сабукрав набошем. Масъалаҳо бисёр сангин, дардоншикан аст, сабук нагирем. Бояд ҳаматарафа фикр кунем, ки фардо якдигарро гунаҳкор накунем, айбдор накунем. Барои он ки ин хел нашавад, аз ҳама тараф механизмро фикр кунем. Мошини нав, ки сохтанӣ мешаванд, аввал нақшаи онро мекашанд, баъд онро ба корхонаҳо тақсим мекунанд, ҳар корхона як қисми мошинро тайёр мекунанд, баъд ҳамаашро васл мекунанд, сӯхт мерезанд, мошин омода мешавад ва ҳаракат мекунад. Барои ҳамин бе механизми назорат оташбас як сухани хушку холӣ мешавад. Аз сухани холӣ сулҳу салоҳ намешавад. Мо оғӯш кардану ҷома пӯшондан – ҳама марҳиларо аз сар гузаронидем. Ин хел ба ном оташбас ба халқи тоҷик даркор нест. Ин хел сулҳу салоҳе, ки фақат дар сухан бошад, ба халқи тоҷик даркор нест. Барои халқи тоҷик сулҳу салоҳи ҳақиқӣ, ҷиддӣ лозим аст, ки ҳафт пешояндагонамон ин хел ҷанги бародаркуширо набинанд.

*Мусоҳиб Салими Аюбзод. 14 сентябри соли 1994. Теҳрон. Эрон.*

## Ливиу Бота: “Тоҷикон аҷаб рӯҳу дили шоирона доранд”



*Дигарандеш ва дипломати румин, сафир Ливиу Бота яке аз кормандони Созмони Милали Муттаҳид аст, ки дар саргаҳи талошҳои сулҳи Тоҷикистон қарор дошт. Вай дар соли 1993, замоне ба Тоҷикистон омад, ки мақомоти вақти Тоҷикистон рисолати дипломати ироқӣ Исмат Киттониро рад карданд. Онҳо нахостанд, Киттонӣ фиристодаи вижаи Дабири кулли СММ дар Тоҷикистон бошад, чун гумон мекарданд, ки вай ҳамчун як сиёсатмадори мусалмон метавонад, дар талошҳои сулҳ мухолифини тоҷикро дастгирӣ кунад. Ливиу Бота ба ҳайси роҳбари намояндагии СММ дар Тоҷикистон то соли 1995 кор кардааст. Бархе аз манбаъҳо ба нақши ӯ дар сулҳи Тоҷикистон баҳои начандон баланд додаанд, вале худи ӯ мегӯяд, ҳадди аксари талоши худро кард, то ба расидани сулҳ кӯмак намояд.*

*Музокироти сулҳ байни ҳукумат ва оппозисиюни тоҷик моҳи апрели соли 1994 огоз ёфта, то моҳи июни соли 1997 идома ёфт. Бота дар даври аввал дар Маскав ширкат дошт, аммо дар даврҳои дигар дида нашуд, балки бештар дар иҷрои созишномаҳо дар дохили кишвар масъул буд. Ҳамин тавр, ӯ буд, ки барои омадани аввалин намояндагони оппозисиюн ба Душанбе барои иштирок дар кори комиссияи муштараки оташбас шароит фароҳам овард. Дар ин мусоҳиба, ҷаноби Бота ба ёд меорад, ки ин чӣ гуна буд.*

Ин суҳбат 15 майи соли 2007 сабт шудааст.

**Озодӣ:** Ҷаноби Бота, шумо дар соли 1993 ҳамчун фиристодаи махсуси Дабири кулли Созмони Милал ба Тоҷикистон омадед. Мегӯянд, ин душвортарин давра буд. Тоҷикистонро он вақт чӣ гуна дарёфтед?

**Л. Бота:** Хуб, ман бояд бигӯям. Ки чанд рӯз пешҳ аз омадан ба Тоҷикистон ман дар Сомалӣ будам. Он ҷо барои нигаҳдории сулҳ афв эълон шуд ва ман аз Дабири кулли СММ хоҳиш кардам, маро пас аз муҳлати дарози кор дар он ҷо бозпас хонад. Ва ҳангоме ки ман ба хонаам дар Женев баргаштам, бароям аз Ню Йорк занг заданд. Ҷонишини Дабири кул гуфт, тахминан пас аз сӣ дақиқа Дабири кул дар Шӯрои Амният сухан мекунад ва фиристодани як ҳайатро ба Тоҷикистон пешниҳод хоҳад кард ва мехоҳад номи раҳбари ҳайатро эълом дорад. Ин шоми 23 декабр буд (соли 1992 – идора). Инро гуфт ва пурсид, оё сарварии ин ҳайатро ба зимма мегирам. Албатта, вақте мегӯянд, пас аз сӣ дақиқа Дабири кул бояд номи туро гирад, чӣ посух додан мумкин? Ман дарҳол “хуб” гуфтам, бо он гумон ки шояд ҳайат пас аз чанд моҳ ба роҳ хоҳад баромад. Ин ҷо буд, ки ҷониши Дабири кул гуфт, бояд 5 январ ба Маскав равам ва аз он ҷо ба Душанбе парвоз кунам. Ва ҳамин хел ба суоли шумо посух медиҳам, то одаммон фаҳманд, ки вазъи ман он вақт чӣ гуна буд. Ман бо ду нозири ҳарбӣ, ду сарҳанг, яке аз Дания ва дигаре аз Австрия ва ҳам як корманди мухобиротии СММ, асли баромадаш аз Британиё ва ҳамчунин ҷаноби Горяев, ки масъули ин сафар дар котиботи СММ буд, ба Маскав омадам. Ин ҷо маҷбур шудем, ду ҳафта мунтазир монем, то ки аз он ҷо ба Душанбе парвоз кунем.

**Озодӣ:** Яъне парвозе набуд ё омодагӣ ин қадар ба дарозо кашид?

**Л. Бота:** Умуман ягон парвоз набуд. Ниҳоят қарор карданд, моро дар ҳавопаймои боркаши ҳарбии неруҳои мусаллаҳи Русия фиристанд. Парвозҳои муқаррарӣ аз Маскав ба Душанбе вуҷуд надоштанд. Мо субҳи зуди 21 январ ба Душанбе расидем. Мисли ҳамин ҳоло дар ёд дорам. Бардошти аввал беҳтарин буд! Барфи сафед ҳама ҷоро пӯшонда буд. Хиёбону кӯчаҳо зебо ва дилкаш ба назар мерасиданд. Вале вақте ки рӯзи дигар мо берун баромадем, шаҳр ба таври боварнакарданӣ холӣ буд. Кӯчаҳо сокиту мурда. Одами каме дида мешуд, онҳо ҳам асосан силоҳбадастон. Мо дар меҳмонсарои давлатӣ мезистем. Дар маркази шаҳр, вале дар атроф ҳамеша тирпарронӣ буд. Ҳам рӯз, ҳам шаб. Ман чӣ гуфта метавонам дар ин бора? Баъд аз Сомалӣ вазъи ин ҷо ба чашми ман ваҳшатнок намудор намешуд. Оре, душвор буд, вале на фоҷиавӣ. Дар Сомалӣ ман вазъияти

хеле бадтар аз Душанберо медидам. Аммо намешуд инро ҳаёти одӣ номид. Бавижа барои сокинони қатории шаҳр. Лекин тазоди дигар дар он буд, ки мардум хеле меҳрубон ва хушоянд буданд. Бо ҳар касе, ки муошират мекардем, аз саропояш нури меҳрубонӣ мерехт. Вале ҳамаи онҳо ноором буданд. Онҳо аз вазъият нигарон буданд. Гаштугузор дар кӯчаҳое, кидар онҳо ҷавонони зиёд силоҳ дар даст доштанд, бехатар набуд. Мо дар шаҳр бо муҳофизон мегаштем. Ҳафтаи аввал бо шиносоӣ гузашт, шиносоӣ бо одамон ва вазъият. Рисолати ҳайати мо ин буд, ки бояд аз вазъият дар кишвар хабар медодем ва бо тарафҳои низоъ тамос мегирифтем. Тасвири вазъият осон набуд, зеро ҷудо кардани ончӣ дар воқеъ мегузашт аз чизҳое, ки ба мо гуфта мешуд, мушкил буд. Аммо, бо вуҷуди ин гузоришҳои мо, ростгӯёна буданд. Чанд моҳи аввал мо талош мекардем, аз ҷумла шахсан худам, бо тарафҳои даргир дар тамос шавем, лек ин чиз дар аввал муяссар намегашт.

**Озодӣ:** Шумо онҳоро дар Душанбе меҷустед?

**Л. Бота:** Не, албатта, ин номумкин буд. Ман мебоист ба Хоруғ парвоз мекардам, вале бароям мегуфтанд, ҳавопаймоҳо ба он ҷо парвоз намекунанд. Баъдтар ман донистам, ки мақомот намехостанд, ман ба он ҷо парвоз кунам. Фикр мекарданд, ин бароям хатарнок аст. Барои иҷрои вазифаҳои худ ман роҳҳои дигарро ҷустуҷӯ кардам. Бо ҳарбиёни Русия суҳбат кардам, ки онҳо нерӯҳои ҳомии сулҳ шумурда мешуданд. Як сарҳанги онҳоро ҳамчун мушовири худ ба кор гирифтам. Вай бароям гуфт, ҷаноби Бота, агар умедвор ҳастед, ки мақомоти давлатӣ Шуморо ба Хоруғ мерасонанд, бояд дурудароз мунтазир монед. Беҳтар аст, ба фурудгоҳ равем. Мо ба фурудгоҳ рафтем ва ӯ ду билет ёфт ва ҳамин тавр ба Хоруғ парвоз кардем. Ба Бадахшон, яке аз зеботарин ҷойҳои Тоҷикистон. Ҳавопаймо ба он ҷо дар шароити ғайриодӣ парвоз мекунад. Вале ҳаво боялд соф бошад. Камтарин тағйири боду ҳаво парвозҳоро ақиб меандозад. Нахустин чизе, ки дар Хоруғ ба чашми ман хӯрд, ин ҳузури хеле зиёди гурезаҳо буд. Издиҳоми хеле бузург ҷамъ омада буд ва аз ҳавопаймо интизориҳое дошт. Дар ҳамон ҷо мо бо намояндагони мухолифони сиёсӣ мулоқот кардем. Ҳамчунин бо касоне вохӯрдем, ки онҳоро пешвоёни мардумӣ меномиданд. Яке буд, ёд дорам, бо номи Лёша Горбун, ки хел фаъолона бо мо тамос гирифт. Вале мо бештар бо касоне тамос мегирифтем, ки болои мухолифон таъсир доштанд. Ба мо як сарҳанг, фармондеҳи посгоҳи марзбонӣ ёрӣ расонд. Вай размандагонеро ёфт, ки аз Афғонистон омада, дар

ҷойҳои гуногун ҷобаҷо шуда буданд. Мо бо яке аз намояндагони онҳо мулоқот кардем, ки Мироб ном дошт ва бисёр ҷавони бофаросот буд. Мо ба ӯ фаҳмондем, ки кистем, вазифаи мо аз чӣ иборат аст, чаро ба ин ҷо омадем ва аз ӯ хоҳиш кардем, назари худро баён дорад. Ман аз бозигарони калони сиёсӣ намегӯям, фақат қисса мекунам, ки мо он ҷо чиҳо мекардем.

**Озодӣ:** Яъне чӣ хел корро сар кардед, аз чӣ сар кардед, ман ҳамин хел фаҳмидам.

**Л. Бота:** Бале, яъне аз чӣ сар кардем. Он ҷо боз як духтари ҷавон буд. Хеле боғайрат. Бисёр андешаҳои дақиқ дошт. Онҳо ба ман таъсир хуб карданд. Онҳо касоне буданд, ки мешуд бо онҳо гуфтушунид кард. Вале дареғ, ҳаво дар он ҷо хеле зуд тағйир меёбад. Ман он гуна либос пӯшида будам. Ки пагоҳаш баргардам. Маълум шуд, ин иштибоҳ буд. Ман чанд рӯз он ҷо мондам. Меҳмони марзбонон будам. Аммо ин кӯмак кард, бештар бо одамон гуфтугӯ кунам. Ҳамин хел корро сар кардем. Вале агар дар бораи вазъи мамлакат дар рӯзҳо гӯям, албатта, одамоне буданд, ки ҳанӯз он вақт ин вазъро тасвир кардаанд, лекин аз нигоҳи шахсии ман, қатъи назар аз ҳамаи фоҷианокии вазъият, ман нишонаҳои онро медидам, ки одамон ҳамон роҳҳои зинда монданро меёфтанд. Сахт  буд, вале хонаводаҳо муттаҳид буданд, ба ҳамдигар ёрӣ мекарданд. Биноан, ҳарчанд осон набуд, тоҷикон устуворӣ ва қатъият нишон доданд, ки бо умеди нек он давраро тай кунанд, бо умеди он ки ҳамаи бадбахтиҳо ба поён мерасанд ва давраи беҳтаре фаро меояд.

**Озодӣ:** Вале Шумо, ҷаноби Бота, он замон бештар бо киҳо гуфтугӯ мекардед ва аз киҳо машварат мегирифтед?

**Л. Бота:** Ман вохӯриҳои худро бо ҷаноби Раҳмонов хеле хуб дар хотир дорам, ҳамчунин бо сарвазири вақт ҷаноби Абдуллоҷонов. Ва бо шахсе шинос шудам, ки он замон яке аз қаҳрамонони ҷанг шумурда мешуд, бо Сангак Сафаров. Буд ҳамин хел одам. Агар филмҳои телевизиони Тоҷикистонро бинед, чӣ хел шудааст, ки ҳамеша ӯ дар паҳлуи ман аст. Вай ҳамеша мехост, чизеро ба ман расонад, фаҳмонад. Он ҷо бо дигар ҷангсолорон ҳам шинос шудам. Ман мулоқот бо Файзалиро дар хотир дорам, ки ба як варзишгоҳ омада буд. Бо онҳо низ вомехӯрдам, шинос мешудам. Фикрашонро мешунидам ва дар бораи ақидаашон гузориш медодам ва дар ниҳояти амр вазифаи ман барои тамос бо ҳамаи онҳое, ки ба вазъи дохилии Тоҷикистон таъсир доштанд, самараҳои худро медод,

ҳарчанд бахши асосии мухолифон дар кишвар набуд, дар Афғонистон буд. Агар ягон лаҳзаҳои махсусро ба ёд оварданӣ бошам, бояд аз табодули асирон гӯям. Ин вазифа он вақт дар дӯши ҷаноби Достиев буд, ки бо миёнаравии Кумитаи Салиби Сурх пеш мебурд. Мо мебоист баҳамивазкунии асирони ҳарбиеро, ки дар Афғонистон буданд бо маҳбусоне, ки дар Душанбе буданд, анҷом медодем. Ин як раванди осон набуд, як масъалаи бисёр мураккаб буд. Табодула мебосит дар Хоруғ ба амал меомад. Мо маҳбусонро гирифтем ва аз Душанбе ба Хоруғ парвоз кардем. Аммо асирони ҳарбиро аз Афғонистон ба он ҷо наоварданд. Сафири Эрон, ҷаноби Шабистарӣ барои ёфтани онҳо ба он ҷо рафт. Ошкор гашт, мошинҳои боркаше, ки онҳоро меоварданд, дар роҳ вайрон шудаанд ва ҳамаи раванд зери хатари фурӯпошӣ афтодааст. Бо вуҷуди ҳамаи душвориҳо, дар ниҳояти кор табодула анҷом гирифт ва ин аз сахттарин лаҳзаҳои кори ман дар Тоҷикистон буд. Чеҳраи маҳбусонро хуб дар ёд дорам. Онҳо одамони болиғ буданд, кам ё беш хуб намудор мешуданд, вале ба ҳар ҳол маҳбус буданд. Ман асиронро ҳам дидам, ки аз Афғонистон оварда буданд. Инҳо бачаҳои бисёр ҷавоне буданд ва даркор набуд, ки он ҷо бошанд. Ва ин табодула дар Хоруғ баргузор шуд. Оби чашми маро резонд ва дар ҳамон ҳавопаймо мо асирони акнун собиқро ба Душанбе овардем. Ҳамин гуна лаҳзаи сахте рух дода буд. Албатта, мешавад аз равандҳои сиёсӣ низ гуфт, зеро мо асосан машғули он будем, вале ман ҳоло ба пурсиши Шумо посух медиҳам, ки вазъият чӣ гуна буд ва шахсан ба ман чӣ таъсир мегузошт.

**Озодӣ:** Сипосгузорам, ҷаноби сафир! Вақте ки рисолати худро дар Тоҷикистон оғоз мекардед, бештар ба чӣ меандешидед? Ман рӯзҳои аввали коратонро дар назар дорам. Кадом масъалаҳо Шуморо машғул медошт?

***Л.* Бота:** Эътироф мекунам, ҳамеша ҳайратзада мешудам, ки дар ин ҷо ҷанг рух дод. Аз худ мепурсидам, чаро чунин шуд, чаро ҷанг сар зад? Далел ёфтан барои ин хеле душвор буд. Хуб, ёфтани сабаби бисёре аз низоъҳои ҳамсони дохилӣ душвор аст. Одамоне, ки борояшон суҳбат мекардам, низ наметавонистанд, инро шарҳ диҳанд. Ман бо бисёр афроде робитаҳои хуби дӯстона барпо кардам. Ин на барои он ки ман бисёр ҷӯрабоз ҳастам, балки ин одамон рӯҳу равони шоирона доштанд. Ҳамеша, вақте дар бораи чизе суҳбат мекарданд, Умари Хайёмро мехонданд ё аз Румӣ ва шоирони машҳури дигар байтҳо меоварданд. Ва ҳамин гуна мардум ба бадбахтие гирифтор мешавад. Сахттарин бардошти ман ҳамин буд. Барои ҳамин ман фикр мекардам, бо чӣ чизҳое мешавад ҳамаро ба раванд

ҷалб кард. Дар Душанбе театри опера ва балетро дидам. Касе гуфт, ки он ҷо ҳатто намоишҳо идома доранд. Ман посух додам, ки хуб аст, барои тамошо хоҳам омад. Булаҷаб буд, ки мо дар иҳотаи чаҳор ё панҷ ҷавоне ба театр омадем, ки дар даст автомати Калашников доштанд. Хуб чӣ? Мо дар толор танҳо будем. Баъд тамошогарони дигар низ пайдо шуданд. Ҷамъан камтар аз даҳ нафар. Вале намоиш баргузор шуд. Он ба ман таъсири бузурге гузошт. Ман ошиқи мусиқии классикиям ва биноан, қарор кардам, ки бояд ба ин одамон ёрӣ расонд. Бо мудири театр, оҳангсози машҳур Толиб Шаҳидӣ суҳбат кардам. Вай ба ман гуфт, ки дастаи балети театр пойабзори рақсӣ надорад, барои баъзе аз созҳои мусиқӣ тор намерасад. Ман бо пули худам ҳамаи инро барои дастаи рақсӣ ва оркестри театр харидам. Бисёр фараҳбахш буд, ки пеш аз намоиши баъдӣ, мудир аз саҳна эълон кард, ки оркестр бо торҳои тухфакардаи ман менавозад. Ҳарчанд дар толор одам кам буд, вале хеле бештар назар ба рӯзҳои аввал. Намедонам, ҳоло ин театр ҳаст ё не, вале ман аз рӯйи эҳсосот хеле ба он наздик будам.

**Озодӣ:** Яъне талош кардед, ба воситаи фарҳанг ба дили одамон роҳ ёбед?

***Л. Бота:*** Бале, метавон ҳамин хел гуфт. Ман ҳамчунин бо рассомон вохӯрдам. Дигар касе нигораҳои онҳоро намехарид. Ман он гоҳ ба кормандони худ дастур додам, ба намоишгоҳҳо раванд, наққошиҳоро харидорӣ кунанд, то мададе ба ин одамон шавад. Он вақт бисёриҳо аз корпуси дипломатӣ аз мо пайравӣ карданд ва осори рассомони тоҷикро хариданд ва ҳоло нигораҳои онҳо дар бисёре аз кишварҳои ҷаҳон мавҷуданд. Ман ба фикре омадам, бояд коре кард, ҷаҳон дар бораи Тоҷикистон маълумоти бештаре дошта бошад. Ва азбаски ман корманди СММ дар Вена будам, қарор кардам, як намоиши калони фарҳанги Тоҷикистонро дар Женев созмон диҳам. Дар ин бора бо раҳбари Иттифоқи рассомони Тоҷикистон Суҳроб Қурбонов суҳбат кардам ва мо тавонистем, як намоиши бузургеро баргузор намоем. Расондани нигораҳо аз Душанбе ба Женев хеле душвор буд. Маблағ барои ин набуд ва ман харҷро аз кисаи худ кардам. Вале дар иваз комёбии тарҳ хеле бузург буд. Ҳазорон нафар ба намоишгоҳ омаданд, телевизиони Швейцария онро нишон дод. Бисёриҳо он вақт ҳатто намедонистанд, ки дар ҷаҳон кишваре бо номи Тоҷикистон вуҷуд дорад ва онҳое, ки ба дидани намоишгоҳ меомаданд, ҳатто номи онро дуруст ба забон оварда наметавонистанд. Ба ман ҳатто зарур омад, як донишҷӯро дар толор масъули он кунам, ки дар талаффузи дурусти номи мамлакат ба одамон ёрмандӣ кунад, дар бораи

Тоҷикистон ба онҳо маълумот диҳад. Метавон гуфт, ин калонтарин намоиши осори наққошони Тоҷикистон дар хориҷ аз он буд.

**Озодӣ:** Ба ин роҳ ба ҳалли низоъ кӯмак мекардед? Ҳарчанд мефаҳмам, робита бо мухолифон кори дигар намояндагони СММ, Русия, Эрон в кишварҳои дигар буд, вале Шумо дар паҳлуи ҳукумат будед.

***Л. Бота:*** Розиям. Ҳамаи ин танҳо як тарафи кори мо дар Тоҷикистон буд. Масъалаи меҳварӣ ҳамон раванди сулҳ буд ва талошҳои мо барои иҷрои мандати худ комёбона буданд, ки дар бораашон гуфтам. Аллакай гуфтушунидҳо сар шуда буданд. Шумо аз онҳое мусоҳиба гирифтед, ки машғули музокирот буданд ва таърихнигорон боз метавонанд, он рӯйдодҳоро якояк тасвир кунанд. Вале ба ҳар ҳол қарор шуда буд, ки кумисюни якҷоя таъсис ва дар Душанбе ҷаласа кунад. Масъалаи печида буд. Зарур буд пеш аз ҳама бехатарии мухолифони аъзои онро таъмин намуд. Ва сониян онҳо бояд тавонанд, масъалаҳои заруриро озодона муҳокима кунанд. Ба Душанбе парвоз карда омадани аъзои ҳайати мухолифонро ҳаргиз фаромӯш намекунам. Хуб, ҳавопаймо фуруд омад, мусофирон баромаданд. Фиристодаҳои оппозисюн охирин шуда баромаданд. Дар як лаҳзаи муайян чашмам ба он афтод, ки он ҷо ҳамчунин одамоне бо нимтанаҳои чармӣ пайдо шуда, ногаҳон яке аз аъзои ҳайати мухолифонро дастгир карданд ва хостанд, бо худ баранд. Ман ба ин роҳ дода наметавонистам. Талош кардам, ба онҳо фаҳмонам, натиҷае надод. Он гоҳ ман эълон кардам, ки аз фурудгоҳ намебароям. Як ғалоғулае сар зад, вале дар ниҳояти кор, вакил озод гашт ва ба мо ҳамроҳ шуд. Дареғ, пас аз чанд моҳи рафтанам аз Тоҷикистон шунидам, ки ӯро куштаанд. Вале нахустин ҷаласа, аввалин мулоқот кумисюни муштарак ба сари худ воқеаи бузург буд. Мо онҳоро дар меҳмонсаро ҷой додем, бо нақлиёт таъмин намудем, бисёр вақт якҷоя ҳаракат мекардем. Ибтидо муоширати байни онҳо ба сахтӣ даст медод, ҳарчанд ҳанӯз пеш аз ҷанг ҳамдигарро мешинохтанд. Аммо ҳоло дар як шароити тамоман дигаре буданд. Ман фикр мекунам, дар эҷоди фазои гуфтугӯ нақши шахсии ман ба ҳар ҳол мусбат буд. Албатта, худситоӣ хуб нест, вале воқеият ҳамин буд. Ва албатта, муддати дароз дар меҳмонсаро нигоҳ доштани одамон бе имкони баромадан ба кӯча душвор буд. Ва бо гузашти вақт мо роҳҳое ёфтем, ки онҳо, манзурам, намояндагони оппозисюн, имкон пайдо кунанд, берун бароянд, рафта хешу наздиконашонро зиёрат намоянд ва ғайра. Ин ҳам барои пешрафт кумак мекард. Одамон ҳис мекарданд, ки муносибат дигар мисли

пешина чандон душманона нест ва ин бовареро ба онҳо медод, ки оштӣ имконпазир аст. Пуштибониеро, ки аз мақомоти давлатӣ мерасид, зикр накардан номумкин аст. Аз ҷаноби Раҳмонов сар карда, ҳама, ҷанобон Достиев, Убайдуллоев, хуллас ҳамаи онҳое, ки дар сохторҳои давлатӣ нуфуз доштанд, моро ҳимоят мекарданд. Мо сафарҳои худро ба минтақаҳо сар кардем. Дар Кӯлоб будем, дар Ленинобод, парвозҳоро ба Хоруғ давом додем. Масъулияти ман таъмини ҳамоҳангии кори ҳамаи созмонҳое буд, ки дар Тоҷикистон кор мекарданд. Ин -- пеш аз ҳама Кумиссариати олӣ дар умури паноҳандагон ва ҳамаи созмонҳои дигар, ки ба масъалаҳои башарӣ машғул буданд. Ана, онҳо, метавонам гӯям, мардонавор кор мекарданд, бавижа дар Панҷ, Кӯлоб ва албатта, Бунёди Оқохон дар Хоруғ ва ҳамаи Кӯҳистони бадахшон хуб кор мекард. Ин низ як мавриди бисёр муҳим буд, чун нишон медод, ки созмонҳои байнулмилал ба сарнавишти мардум бепарво набуданд. Росташ, як бахш ҳаст: ҳуқуқи инсон, шарафи одамон. Вазъи ин масъала, бадбахтона, хуб набуд. Ҳарчанд онро ба далелҳои гуногун мешуд шарҳ дод, пазируфтани он номумкин буд. Биноан мо ҳамеша талош доштем дар порлумон, сохторҳои гуногун ин фаҳмишро расонем, ки меъёрҳои муносибат ба ин масъалаҳо бояд чӣ гуна бошад.

**Озодӣ:** Ба ёди ман меояд, ки аллакай дар моҳи март, баъди камтар аз се моҳи сар шудани рисолати худ Шумо дар Душанбе семинори ҳуқуқи башарро созмон додед, то раҳбарон ва намояндагони сохторҳои гуногунро бо Эъломияи умумии

**Л. Бота:** Бале, дақиқан. Ман ба ин масъала муносибати хос доштам, зеро худам дар кишвари худ қурбонии нақзи ҳуқуқи инсон шудаам, ҳарчанд корманди СММ будам ва бароям ин масъала хеле муҳим буд ва наметавонам бо истифода аз фурсат нагӯям, ки беҳбуди вазъ дар Тоҷикистон бароям хушоянд аст. Як замон ман мудири Пажуҳишгоҳи СММ дар масъалаҳои халъси силоҳ будам. Дар соли 1985 ҳукумати Руминия маро ба кишвар даъват кард, вале расидан замон сохторҳои амниятӣ маро боздошт намуданд ва зиёда аз ду сол дар ҳабс нигоҳ доштанд. Вале онҳо дар ниҳояти амр маҷбур шуданд зери фишори байнулмилалӣ маро озод кунанд. Пас аз эътирози Дабири кулли СММ ва тазоҳурот дар Ню Йорк ва Женев. Сафирони хориҷӣ дар Бухорест озодии маро талаб мекарданд ва танҳо моҳи марти соли 1988 маро раҳо намуданд. Ман ба Женев баргаштам ва дар он ҷо мушовири ҷонишини Дабири кулли СММ дар масъалаи ҳуқуқи инсон шудам. Баъд аз он ман дар Сомалӣ, Тоҷикистон ва Гурҷистон кор кардам. Масъалаҳои

ҳуқуқи инсон, шаъну шарафи инсон, мардумсолорӣ дар кишвар барои ман дардҳои шахсиянд, на танҳо масъалаҳои касбӣ. Вақте ки сафири Руминия дар САҲА будам, хабарҳои Тоҷикистонро пайгирӣ мекардам, чун соли 1995 аз он ҷо рафта будам, ҳанӯз ҳам дунбол мекунам, аз таҳкими сулҳ шод мешавам, вале гоҳо аз нокомӣ ва хатоҳо ғам мехӯрам. Аз тоҷикон дар вуҷуди ман меҳрубонии онҳо монд ва ҳар гоҳ ки бо онҳо вомехӯрам, дар ҳар куҷо ки бошад, дарҳол онҳоро одамони худ мешуморам.

**Озодӣ:** Фикр мекунам, тоҷикон низ аз Шумо хотираҳои хуб доранд. Вале баргардем ба замоне ки раванди сулҳи Тоҷикистон оғоз гирифт. Дар даври нахусти гуфтушунид дар Маскав Шумо барои ҳарду ҳайат зиёфат оростед ва ман шунидам, ки меҳмононро на дар ду тарафи миз, балки омехта шинондед ва ҳамеша ёдоварияшон мекардед, ки ҳангоми зиёфат сокит набошанд. Ин дуруст аст!

***Л.* Бота:** Ҳа, ин як лаҳзаи аҷиб буд! Дар ёд дорам, таъмини бехатарии аъзҳои ҳайати оппозисюн бисёр вазифаи мушкил буд. Ин кори мақомоти Русия буд. Вале онҳо ин вазифаро метавонистанд, ҳар гунае иҷро кунанд. Биноан вақте Тӯраҷонзода ба Маскав омад, ман қарор кардам, ки шахсан ба фурудгоҳ равам, ӯро пешвоз гирам ва дар роҳ ба ҷойи будубош ҳамроҳӣ кунам, то бовар дошта бошам, ки бо ӯ ҳодисае рух намедиҳад. Баъдаш мебоист фазоеро сохт, ки ду ҳайат тавонанд бо ҳамдигар муошират кунанд. Барои ҳамин ман онҳоро на дар ду тарафи миз, балки омехта, якдармиён, шинондам ва аз онҳо хостам, суннати тоҷикии суҳбати сари дастархонро фаромӯш накунанд. Тоҷикон вақте сари дастархон мешинанд, бояд бо ҳамдигар суҳбат кунанд, якдигарро ба хӯрдан, чашидани неъматҳои рӯйи он даъват намоянд. Ин дар ҳақиқат кор дод. Онҳо ба суҳбат пардохтанд ва ҳамаи ин як фазои муайянеро ба вуҷуд овард, метавон гуфт, шиддатро аз байн бурд. Ин як ҳилаи озмудашуда буд ва мо нахуст онро дар Душанбе санҷида будем, гоҳе ки барои аъзои кумисюни оташбас зиёфат ташкил карда будем. Он гоҳ ман бовари комил ҳосил кардам, ки тоҷикон метавонанд, бо ҳам забон ёбанд. Барои ин ба онҳо як каме кӯмак кардан даркор буд. Ва ин рисолати мо буд, чизе буд, ки ба он талош доштем. Бо эҳтиром ба ҳар яки онҳо. Барои ман ягон нафари онҳо гунаҳкортар аз дигарӣ набуд. Ҳамаашон одамоне буданд, ки ҷангидаанд, дар ин ҷанг ширкат кардаанд ва мо мебоист, раванди сулҳро на барои он роҳандозӣ мекардем, ки шараф ё манфиатҳои ин ё он тарафро

поймол кунем, балки барои он ки арзишҳои умумӣ пеш бурда шаванд. Дар ниҳояти амр, ин кор вақт мехост ва инак, мо даҳсолагии сулҳи Тоҷикистонро ҷашн мегирем.

Аммо наметавонам дар бораи хориҷиёни дигар, ки дар он ҷо кор мекарданд, чизе нагӯям. Пеш аз ҳама сафирони Русия, Иёлоти Муттаҳида ва Эрон. Онҳо дипломатҳои бисёру бисёр фаъол буданд. Дуруст аст, ки муддате сафорати ИМА аз кишвар рафт. Баъдан бозгашт ва метавон гуфт, як маҳфили одамоне ба вуҷуд омад, ки ҳамеша ин масъалаҳоро баррасӣ мекард. Ман, албатта, бино бар мандати худ мебоист аз ҳама фаъолтар бошем ва мо, бояд бигӯям, ҳама якҷоя барои як мақсад мубориза мебурдем. Биноан натиҷае, ки мо ҳоло мебинем, ин ҳамонест, ки аз ҳамон аввал барояш кор мекардем. Чаро ки аз ҳамон оғоз як фазое сохта шуд, як қатъияте ба миён омад, ки бояд коре кард.

**Озодӣ:** Бар пояи ҳуҷҷатҳое, ки ҳукумат ва оппозисюн имзо кардаанд, раванди сулҳ бо оташбас, халъи силоҳ, тақсими мансабҳо маҳдуд нашуда, ҳамчунин ислоҳоти демократӣ, беҳбуди ҳаёти мардумро низ дар назар дошт. Охир ҳамеша мегуфтанд, ки ҷанг имкон намедиҳад, бо ин масъалаҳо машғул шаванд. Яъне интизориҳо хеле зиёд буданд. Оё тарафҳо ба ин аҳдоф даст ёфтанд?

***Л.* Бота:** Аввалин ва асоситарин интизорӣ ба таъмини бехатарӣ рабт дошт. Ман гуфтам ку, одамони чарминапӯшеро дидам, ки дар фурудгоҳи Душанбе одамонро аз ҳавопаймо мефуроварданд ва ба самти номаълум мебурданд. Чунин бебандуборӣ бо чунин паҳно дигар вуҷуд надорад. Дуруст аст, ки Тоҷикистон ҳанӯз кишваре нест, ки барои дигарон намунаи ибрат бошад, вале ҳамзамон пешрафтеро, ки дастрас кардааст, рад карда намешавад. Албатта, комёбиҳо ҳастанд ва камбудиҳо низ. Ва корҳои зиёдеро бояд ба ҷо овард. Аз ҳама муҳимаш набояд дар дастовардҳо дармонд.

*Мусоҳиб Салими Аюбзод. 15 майи соли 2007. Женева, Швейтсария.*

## Алиашраф Муҷтаҳиди Шабистарӣ: "Ман на сафир, балки як бародар будам."



*«13 ноябри соли 1996 дар Хоруғ миёни ҳукумат ва ИНОТ табодули маҳбусон ва асирон ҷараён гирифт. Ин маъракаро аз шикасти ногаҳонӣ сафири Эрон дар Тоҷикистон наҷот дод." (Аз гузориши СММ)*

Дар Тоҷикистон 54 нафаре ҳастанд, ки ҳамеша орзу доранд, дар Рӯзи иди сулҳ, сафири собиқи Эрон дар Тоҷикистон Алиашраф Муҷтаҳиди Шабистарӣ ҳатман дар манзили онҳо меҳмон бошад ва тикае аз нону гарде аз намаки онҳо бичашад. 27 нафари онҳо асири нирӯҳои оппозисюн ва 27 нафари бақия маҳбусони зиндони давлат буданд.

Онҳо мегӯянд, намедонанд, агар Шабистарӣ намебуд, ҳоли онҳо чӣ мешуд, оё зинда мемонданд ё на. Аммо шарофати Шабистарӣ на танҳо ба ин 54, балки ба садҳо ҳазор нафар низ расидааст. Шояд дар ҷаҳон ин гуна сафирон кам бошанд, ки маъмурияти онҳо ба оғози як ҷанги шаҳрвандӣ шурӯъ шаваду бо созиши сулҳ ба поён расад. Дар рӯзи иди сулҳи тоҷикон ӯро ба воситаи телефон дар Луристони Эрон пайдо кардем ва гуфтугӯи мо бо аввалин сафири Эрон дар Тоҷикистон ин гуна ҷараён гирифт:

**Радиои Озодӣ:** Шумо дар давраҳои сахте сафири Эрон дар Тоҷикистон будед. Тақрибан оғози кори шумо дар ин кишвар бо оғози низоъ дар он дуруст омад. Оё ин ҳол ба фаъолияти Шумо ҳамчун сафири Ҷумҳурии Исломӣ чӣ таъсир дошт?

**Алиашраф Шабистарӣ:** Бо номи худо оғоз мекунам. Арз кунам, ки ҳамчуноне шумо ишора кардед, омадани аввалин сафири Эрон ба Тоҷикистон дар охирҳои соли 1991 ва ибтидои 1992 иттифоқ афтод ва ҳанӯз се ё чор моҳе нагузашта буд, ки тазоҳуроту норозигиҳо ва оқибат бародаркушиҳо шурӯъ шуд ва барои як нафар эронӣ, ки худашро аз Тоҷикистон медонад, бо таваҷҷӯҳ ба иштирокоти зиёде ки дорем, ман фикр намекунам, шумову мо бо ҳамдигар дар ҳақиқат фарқе дошта бошем, ба ҳар ҳол, ман ҳам ба унвони як эронӣ ва як тоҷик ҳамон дард ва ҳамон нороҳатиро эҳсос мекардам, ки бародарон ва хоҳарони тоҷикии ман доштанд. Бино бар ин кор бисёру бисёр сахт буд, яъне дидани ин ихтилофот, дидани ин мушкилот ва аз ҳама болотар дидани бародаркушиҳо барои ман бисёр ранҷу алам дошт ва шумо шоҳид будед, ки ба ҳар ҳол ман дар ҳамон шароит ба ҳамаи сахтиҳо воистодем ва алҳамдуллилоҳ корҳое анҷом шуд, ки натиҷаи хуб дошт.

**Озодӣ:** Талошҳои Шумо ба эҷоди тафоҳум миёни тарафҳои даргир на ҳамеша яксон арзишёбӣ мешуд. Намояндагони давлат мегуфтанд, Шумо бо оппозисюн ҳастед ва мухолифон мегуфтанд, Шумо аз давлати оқои Раҳмонов ҳимоят мекунед. Ба ин мавзеъгириҳо чи гуна бархӯрд мекардед?

**Алиашраф Шабистарӣ:** Усулан ин чизи оддӣ ва маъмулист, ки вақте ду тараф вориди низоъ ё музокирот мешаванд, бо аҳдофи худашон онҳоеро, ки дар миёна ҳастанд, мавриди чунини арзишёбиҳо қарор медиҳанд. Нуктае ки ман ба ҳар ҳол барояш имон доштам ва тамоми нирӯи худро, ҳатто мешавад гуфт, эътибори сиёсии худро дар миён гузоштам ваончи имкон доштам, ин буд, ки хушбахтона, ҳарду тараф, раҳбарони ҳарду тараф, ба манофеъи миллияшон таваҷҷӯҳ доранд. Дар мулоқотҳои хусусӣ, ки билоохира бо ҳарду тараф ҳам доштам, алъон метавонам рӯшан бигӯям, ки аз тарафи давлат хубиҳояшро ба тарафи оппозисюн мегуфтам аз тарафи оппозисюн хубиҳояшро ба давлат мегуфтам, яъне сайъ мекардам, ба наздик кардани қалбҳо ба ҳамдигар ва ин ҳарфҳое ки ба худи ман ҳам мезаданд, ман ба онҳо баҳо намедодам, ба хотири ин ки ҳадафи ман хеле болотар аз ин буд ва ин буд, ончи ки барои мардуми азизи Тоҷикистон метавонистам, анҷом диҳам, анҷом медодам. Ман медонистам, ки имрӯзу фардо ин ҳарфҳо мегузаранд ва рӯзе фаромӯш мешаванд ва онгуна ки мегӯянд, отфобро наметавон бо доман пӯшонд, ҳақиқат пирӯз мешавад. Ман ҳамчун сафири Эрон танҳо аз сабру ҳавсала кор мегирифтам ва ба ин суханҳои давру бар эътибор намедодам, зеро агар эътибор медодам, ман ҳам мешудам, мисли дигарон. Ман аз

ҳеҷ кишвари дигар интизори инро надоштам, ки биёяд ва дар умури сулҳи Тоҷикистон даргир шавад. Воқеъияташ ин аст, ки ҷанги бародаркушро ман тасаввур мекардам, худое накарда, дар Эрон рух медод, ҳеҷ фарқе намекард. Ҳамон тарзе ки дар дохили Эрон ва барои бародару хоҳари худам дар Эрон таваҷҷӯҳ доштам, ҳамон андоза ҳам дар Тоҷикистон таваҷҷӯҳ доштам, ҳоло ҷузъиёташро шумо шояд ёдатон ҳаст. Ба ҳар ҳол дар он рӯзҳои сахте ки ҳамаи дипломатҳо Тоҷикистонро тарк карданд ва рафтанд, ман истодам, барои он ки боз ҳам ман худамро аз тоҷикон медонистам ва ғаму шодияшон барои ман ғаму шодии худам буд ва ҳама чизи марбут ба инҳо бароям муҳим буд.

**Озодӣ:** Ҷаноби Шабистарӣ, Шумо аз кишварҳои дигар ин ҷо ёд кардед. Оё бархӯрди онҳо ба нақши Шумо чи гуна буд?

**Алиашраф Шабистарӣ:** Албатта, шояд дар он рӯзҳо он тафоҳуми лозим дар байни кишварҳои атрофи Тоҷикистон ва кишварҳое, ки дар умури Тоҷикистон дахил буданд, вуҷуд надошт. Ва шояд фурсате зарур буд, ки ин кишварҳо зимни ҳамкории бештар аз мавзеъгирии ҳамдигар огоҳ шаванд. Фикр кунам, ба ҳамин далел гоҳе вақтҳо як ҳисси рақобат ба миён меомад, ки мешавад онро рашки ҳамоиш ё ихтилофи манфиатҳо номид. Аммо батадриҷ, бо гузашти замон мушаххас шуд, ки на, ҳузури Эрон дар Тоҷикистон ба ҳеҷ ваҷҳ хатаре барои кишварҳои ҳамсоя ва дигарон надорад ва ба ҳеч ваҷҳ Эрон ба дунболи тавсеаталабӣ нест, балки хуб, ин муносибатҳои чандинҳазорсолае ки байни мо ҳаст, дар ҳақиқат ин бародарӣ, ки байни мо ҳаст, тақозо мекунад, ки мо робитаҳои бисёр хубе дошта бошем ва ин робитаҳо зидди ҳеч кишвари дигаре набуд. Ин тафоҳум низ сабру ҳавсала ва гузашти замонро мехост.

**Озодӣ:** Он рӯзҳо ва баъдан низ матбуоти Русия менавишт, Русия ба сарони давлати Тоҷикистон таъсири ҳалкунанда дошт ва Эрон ба сарони мухолифин. Оё ин дуруст буд?

**Алиашраф Шабистарӣ:** Албатта, ҳарфи берабте нест. Дуруст аст, чун агар шумо дар ёд дошта бошед, пас аз фурӯпошии Ҳукумати муросои миллӣ дар тирамоҳи соли 1992 бисёре аз сарони оппозисюн пароканда шуданд ва бархе аз онҳо ба Эрон рафта буданд. Нуктаи асосӣ ин аст ки мо аз нуфузи худамон рӯи оппозисюн

ба сурати бисёр мусбате истифода кардем ва шояд, иншоаллоҳ, хотироти ин музокиротро ман як рӯзе расидаму чопаш кардам, он ҷо хоҳед дид, ки тамоми кӯшиши мо барои наздик кардани ду тараф буд, на ин ки, худое накарда, дур кардан. Шояд бад нест, ин ҷо ман ба як намуна ишора кунам. Бубинед, дар достони мубодилаи асирон ва зиндониён. Далеле набуд, ки ман дар иҷрои ин тарҳ даргир шавам. Тарафҳо ба созиш расида буданд ва мебоист ин табодул сурат мегирифт. Вале чун дунболи ин кор будам, рӯзе ки ин табодул мебоист иттифоқ афтад, комилан дар ёдам аст, ин 5-уми ноябри соли 1994 буд ва намояндаи Созмони Милал ба ман гуфт, ки чун ҳамеша мепурсӣ, кай ин тарҳ иҷро мешавад, биё бо ҳам биравему иҷрояш кунем. Ба чархбол савор шудему рафтем ба Хоруғ ва зиндониёнро ҳамроҳ доштем ва аз он тараф ҳам қарор буд, ки оппозисюн низ 27 сарбози ҳукуматро, ки дар асорат нигоҳ медошт, ба мо бидиҳад. Аммо мутаассифона, наомада буданд ва касеро ҳам наоварда буданд. Баъд маълум шуд, ки Ризвон саркашӣ кардаву мегуфт на Тӯраҷонзодаро қабул дораду на Нуриро ва тасмимгиранда худаш аст ва монанди инҳо. Он гоҳ намояндагони Созмони Милал ва Салиби Сурх гуфтанд, дар ин ҳол коре намешавад кард ва бояд ба Душанбе баргашт. Ман мӯътақид будам, ки агар худое накарда, ин раванди музокирот мутаваққиф бишавад, сабаб хоҳад шуд, ки мо бародаркушии бештар дошта бошем ва дубора аз сар гирифтани гуфтушунид хеле тӯл хоҳад кашид ва боз хуни зиёде хоҳад рехт. Ба ҳар ҳол дар ин шароит, дар ҳамон маҳал, дар Хоруғ, ба ҷои баргаштан ба Душанбе ман тасмим гирифтам, ки бо Ризвон сӯҳбат кунам. Намояндаи Созмони Милал ба Душанбе баргашт, аммо ман истодам ва шаб ба воситаи бесим бо Ривзон сӯҳбат кардам, гуфтам, "бобо, мо инҳоро овардем, иваз кунем." Гуфт, "намедиҳам ва аслан омадани шумо як бехудист" ва "чаро Алӣ-Боксёр озод нашуд", хуллас аз ин қабил сӯҳбатҳо. Гуфтам, "бобо, ба ҳар ҳол 27 нафарро овардаем, бояд озод кунем." Гуфт, "аслан ҳеч фоидае надорад." Алорағми инҳо, ман намояндаи Кумитаи байнулмилалии салиби сурхро қабулондам, баъд аз ду рӯз дар ҳоле ки ҳеч чизи омода надоштем, шояд барои шумо аҷиб бошад, гузарномаам низ ҳамроҳам набуд. Бо иттифоқи ду нафар аз кормандони Салиби Сурх аз марзи Ишкошим вориди Афғонистон шудам, рафтем то Баҳорак. Он ҷо чи мусибате буд ва Ризвон чи қадар дашном дод, фарқ надорад. Вале баъд аз ин ман нӯҳ-даҳ соат бо ин мард сӯҳбат кардам ва тавонистам, ӯро розӣ кунам, тавонистам, асиронро биёрам. Хуб ин далелаш чӣ ҳаст? Фақат ин ки эҳсоси бародарӣ ва эҳсоси ин ки он чи сарнавишти Тоҷикистон ва тоҷикон аст,

сарнавишти худи ман аст. Ман як чиро медонистам, ки мебоист барои раванди музокирот дар Тоҷикистон ончиро ки метавонистам бояд анҷом медодам. Чи ба унвони сафири Эрон ва чи ба унвони як инсон. Ҳоло бархе мегӯяд, ки ин корҳо дар чаҳорчӯбаи маъмурияти як сафир набуд. Дуруст аст. Яъне сафир набояд ба ин шакл ва ин қадар даргири чунин масоил бишавад. Аммо воқеъияташ ин аст, ки ман шахсан ин эҳсосро доштам, қатъи назар аз эътибори сиёсиям. Агар ин қазия бо шикаст мувоҷеҳ мешуд, мусалламан ман эътибори сиёсиямро аз даст дода будам. Вале боз ҳам омода будам, ки ба хотири ҳифзи ҷони мардум, ин корро анҷом бидиҳам.

**Озодӣ:** Ташаккур, аммо назари мақомоти олии Ҷумҳурии исломии Эрон ба масъалаи Тоҷикистон чӣ гуна буд?

**Алиашраф Шабистарӣ:** Хушбахтона, онҳо ҳам ҳамин назарро доштанд, ки бояд мо ончи ки аз дастамон бармеояд барои барқарории сулҳ дар Тоҷикистон анҷом бидиҳем. Шумо шояд дар ёд доред, ки ҳамон авоил, дар моҳи майи 1992, дар оғози даргириҳо буд, ки оқои Ҳошимӣ ба оқои Набиев занг зад ва гуфт, агар коре аз даст мо бармеояд, мо омодагӣ дорем. Баъдан ҳам ҳамин тавр дар марҳилаҳои мухталиф мо ҳамин мавзеъро собит кардем. Мунтаҳо, нуктаи асосӣ ин аст, ки будани оппозисюн дар Эрон ва он дастрасие ки мо ба инҳо доштем, сабаб мешуд, ки битавонем, онҳоро таъдил бикунем, мӯътадил гардонем, ки дар музокирот то ҳудуде мутаваҷҷеҳ бошанд, ки ба ҳар ҳол, як миқдор шумо бояд кӯтоҳ биёед, як миқдор тарафи ҳукумат кӯтоҳ биёяд. Тамоми кӯшиши ман ба ин буд, ки байни ду тараф як эътимодсозӣ бишавад. Онгуна ки Шумо гуфтед, дар он аввалҳо роҷеъ ба Шабистарӣ як миқдор гапҳое гуфта мешуд, аммо дар ҷаласаҳои охир Шабистарӣ буд, ки дар маҳрамонатарин сӯҳбатҳои намояндагони давлат ва оппозисюн ширкат меварзид ва каси дигаре дар миёна набуд. Ин нишонаи меҳру луфти онҳо буд ва ҳам шинохти мавзеъгирии хайрхоҳонаи Эрон. Ҳоло ман самимона ташаккур мекунам, аз онҳо барои чунин эътимод ва ҳамеша тоҷикон, ки ба Теҳрон меоянд, меҳмонони азизи мананд ва ман ҳам, ки пеш аз сафари оқои Хотамӣ ба Душанбе рафта будам, аз пазироии онҳо хеле ва хеле шоду сарбаланд будам.

**Озодӣ:** Ба назари Шумо, оё дуруст аст, ки як сафир ин гуна нақше аз худ боқӣ

бигзорад?

**Алиашраф Шабистарӣ:** Воллоҳ, шояд як саволи хеле сахтест, ки аз як сафир чӣ интизороте ҳаст ва воқеан оё ман дар ҳамон маҳдудаи кори сафорат анҷоми вазифа мекардам ё бештар, шояд инро таърих бештар битавонад, қазоват кунад, вале шахсан бояд бигӯям, ки ман Тоҷикистонро, чун тақрибан дар 67 кишвар маъмуриятҳои баланду кӯтоҳмуддат доштам, вале Тоҷикистонро бо ҳеҷ ҷои дунё муқоиса намекунам. Шумо ба Тоҷикистон, ки меоед, эҳсос мекунед, ки ба хонаи худатон омада бошед. Ва он бародарихову наздикиҳое, ки одам бо мардум эҳсос мекунад, ҳеч ҷои дунё Шумо ин эҳсосро нахоҳед дошт. Бо вуҷуди он ки дар 67 кишвар маъмурият доштам, агар алъон бипурсанд, ки беҳтарин маъмуриятат куҷост, боз ҳам мегӯям, Тоҷикистон, агарчи сахт гузашт, об набуд, амният набуд, барқ мерафт...ҳамаи инҳо ба канор, аммо мардуми бисёр дӯстдоштанӣ, мардуми босафо барои ман як неъмате буд ва алъон ҳам боз мегӯям, вақте дӯстони тоҷикиро мебинам, дилам шод мешавад ва баъзе вақтҳо китобҳоеро мехонам, ки аз он ҷо овардаам ва мусиқии тоҷикиро гӯш мекунам ва боз ёди Тоҷикистон мекунам. Дар робита ба саволи Шумо, ман бояд иқрор кунам, ки фавқи, дар ҳақиқат, масъулиятҳоям амал мекардам ва он ҳам ба хотири ин ки эҳсос мекардам, Тоҷикистон аслан чизи дигар аст. Аз он лиҳоз ки баъд аз чандин солҳо мо, мардумон, ба ҳам расидем ва як рисолате ба гардани Шабистарӣ гузошта шуда буд, ки хеле ва хеле бузург буд. Шояд ин "шонс", мегӯянд, "қуръаи фол ба номи ман заданд", ба ҳама дастрас намешуд. Шахсе шуда буд, ки мебоист, баъд аз солҳои тулонии дурию ҷудоиҳо паёми ин тарафро ба он тараф мерасонд. Ва ин рисолат наметавонист дар чаҳорчӯби вазифаҳои як сафир бигунҷад. Агар ёдатон бошад, ман ҳатто дар ҷашнҳои хатнаву арӯсӣ ва дафну азодориҳо ширкат мекардам. Ё ба мактабу мадрасаҳо мерафтам. Ба аёдати беморон. Яъне худамро бахше аз мардум медонистам ва ҳанӯз эҳсоси як шаҳрванди Тоҷикистонро дорам. Бинобар ин посух ба саволи Шумо осон нест. Аз сӯи дигар он чи он рӯзҳо дар Тоҷикистон низ иттифоқ меафтод, дар ягон китоби дипломатия набуд ва кас аз ин лиҳоз низ наметавонист, дунболи протоколу муқаррароти расмӣ гардад. Аммо боз ҳам эҳсосоте ки ман нисбат ба тоҷикон доштам, шояд нақши асосиро бозид. Бояд бигӯям, ки шумо, мардум, дар ҳафтод соли ҳукумати советӣ, воқеан рустамона аз забони форсӣ, фарҳанги форсӣ, фарҳанги тоҷикӣ дифоъ кардед ва онҳоро нигаҳ доштед ва ин кори осоне набуд. Мо ба унвони эрониҳо ва

форсизабонҳо куллан, бояд аз тоҷикон таҳсин кунем ва боз ҳам барояшон тавсия кунем, ки алъон ки мустақил шуданд, ин фарҳангу тамаддуну забонро бештару бештар барояш бичапсанд ва шояд ҳам, яке аз авомили иттиҳоди тоҷикҳои мо гардад, ки нагӯянд, ман инҷоиям, ман онҷоиям, фулонвилоятиям. Дар меҳвари ин фарҳангу забон, иншоолоҳ, ҳамаи тоҷикон якҷоя мешаванд, то кишварро ба ҷойгоҳи шоистаи худаш бирасонанд.

*Мусоҳиб Салими Аюбзод, 27-уми июни соли 2006.*

## Мирзохӯҷа Низомов: "Протоколи Ғарм” таконе барои сулҳ буд."



*16 сентябри соли 1996 дидори як ҳайати баландпояи низомии ҳукумат ва гурӯҳе аз фармондеҳони Иттиҳоди нерӯҳои оппозисиюни тоҷик (ИНОТ) дар шаҳраки Ғарм бо имзои як созишномаи оташбас поён ёфт. Он дар таърихи ҷанг ва сулҳи тоҷикон бо номи “Протоколи Ғарм” маъруф аст. Ба ақидаи соҳибназарон нахустин дидори рӯбарӯи ҳарбиёни ду тараф ва созиши онҳо бе ширкати раҳбарони раддаи аввали ду ҷониб таконе барои дастёфт ба сулҳ будааст. Роҳбари ҳайати фармондеҳони мухолифон, Мирзохӯҷа Низомов, розӣ шуд, ҷузъиёти он дидорро ошкор намояд.*

**Радиои Озодӣ:** Дар робита ба “Протоколи Ғарм”, ки сару садоҳо зиёданд. Аслан ин мулоқотро кӣ созмон дод ва он чӣ гуна ҷараён гирифт?

**Мирзохӯҷа Низомов:** Солҳое, ки мо пушти сар кардем, ҳазорон шукр Худованди покро, бо некӣ бигузаштанд ва мардуми Тоҷикистон имрӯз, худоро шукр, ки аз сулҳу салоҳ ва ободиву осоиштагӣ сӯҳбат мекунанд... Замоне ки даргириҳо дар Тоҷикистон сар шуд, бори аввал дар соли 1993, ман аз як бародаре, ки мо донишгоҳро якҷоя ба итмом расонида, ҳамкор ҳам будем - Зафар Икромов мактуб гирифтам, бо ин мазмун, ки Мирзохӯҷа, агар бихоҳӣ, мо як вохӯрем. Ва ин бародар он замон дар вазифаи мушовирӣ дар ҳукумат кор мекард. Азбас мо

солиёни дароз ҳамдигарро мешинохтем ва бо ҳам нону намакхӯрда будем, бо ӯ вохӯриро рад накардам. Вале аввалин мулоқоти мо бо ӯ соли 1995 рух дод, ки ӯ ҳамроҳ бо Ҳасан Абаза, генерал аз ҳайати нозирони низомии Созмони Милал ва як гурӯҳ аз ҳарбиёни ҳукумати вақт ба Ғарм омад. Баъди адои салом ӯ ду нонро ба дасти ман доду гуфт, ки инҳоро барои Шумо келин фиристодааст. Ман нонро гирифта, бӯсида, изҳори сипос кардам, ки то ҳоло дар ёди аҳли байт ва ҳамсари ӯ будаам. Баъдан сари дастурхон нишаста, як сӯҳбати хеле тӯлонӣ анҷом додем. Аз мавқеъ ва дидгоҳҳои ҳамдигар воқиф шудем. Ба ростӣ, мо бо ҳам зуд забон ёфтем. Вале ман аз ӯ хоҳиш кардам, ки агар Шумо мо, мардуми Қаротегин ва умуман одамони имрӯз бо номи оппозисиюнро шаҳрванди Тоҷикистон бишуморед, ба Эмомалӣ Раҳмонов - раиси давлат бирасонед, ки мо низ ташнаи ҷанг нестем, сулҳу салоҳ мехоҳем, мо низ ташнаи зиндагӣ ҳастем, мо низ ташнаи ҳаёт ҳастем, фарзандонамонро дӯст медорем, ватанамонро дӯст медорем ва мо ҷанг карданӣ нестем. Ва мо бегоҳӣ он кас ва ҳамроҳонашро гусел кардем. Ва ман фикр мекунам, ки ин мулоқот натиҷаи қаноатбахш дод. Баъди чанд вақт мо бори дигар бо Зафар Икромов вохӯрдем. Аммо баъдтар, соли 1996 даргириҳои вазнин сар шуд, ҷангҳои шадид мерафт. Ва ба ростӣ, ин барои тавсиф ё сифаткунӣ нест, гоҳо мо ва гоҳо ҳукуматиҳо ба пешравиҳо ноил мешудем ва махсусан дар он вақт дар Оби Гарм ҷангҳои сахту шадид ҷараён дошт. Он замон як Кумисияи муштараки оташбас аз ҳарду ҷониб ташкил шуда буд ва Ҷалолиддин Маҳмудов - намояндаи Наҳзати исломӣ дар ҳамин кумиссия, ки бо мо рафтуомад дошт, бо Душанбе равуои зиёд дошт ва даргириҳоро аз наздик медид ва вазъи моро ба хубӣ мушоҳида мекард, як рӯз омад ва гуфт, ки комиссар - соҳиб, як гурӯҳи генералҳои ҳукуматӣ мехоҳанд, бо шумо вохӯрӣ кунанд. Шумо розӣ ҳастед ё не? Ман гуфтам, агар ба манфиати халқу миллат бошад ин вохӯрӣ, чаро розӣ набошам? Гуфтам, шумо як каме собир бошед, то ман бо қумондонҳои дигар сӯҳбат ороям, фикру андешаи онҳоро бифаҳмам, сипас натиҷаашро ба шумо хоҳам гуфт. Ва ман ҳамроҳ бо қумондонҳое, ки бо ман буданд ва таҳти итоати ман буданд, нишастем, сӯҳбат кардем, ҳамдигарфаҳмӣ шуд. Вале ростӣ, дар ин сӯҳбат гоҳо нофаҳмиҳо ҳам буданд, тезутундиҳо ва норозигиҳо ҳам мешуданд. Лекин то қадри ҳол ман онҳоро фаҳмонидам, ки оқибати сулҳ чӣ хоҳад буд ва оқибати ҷанг чӣ хоҳад шуд. Албатта, фаҳмиданд, розӣ шуданд ва баъди ризояти онҳо ҳосил шудан ман гуфтам, ки майлаш, оянд, мулоқот хоҳем кард. Гуфтанд, ки роҳбари гурӯҳи ҳукуматӣ Амирқул Азимов аст, ки ман ӯро пештар низ мешинохтам. Хуллас, мо

гуфтем , ки розӣ ҳастем ва фарқаш ҳам нест, ки кӣ меояд, фақат ин ки хоҳиш ва супоришҳои моро иҷро карда тавонад. Сипас рӯзи чаҳордаҳуми сентябр буд ба фикрам, ки дар як чархбол ҳайати ҳукуматӣ бо роҳбарии Амирқул Азимов назди мо омад. Дар ин гурӯҳ аз ҷумла Ғаффор Мирзоев ҳам буд. Аз ҷониби мо Муҳаммадрӯзӣ Искандаров, Аҳмадбек ва намояндагони қумондон Мулло Абдулло ҳам буданд. Мо онҳоро дар Ғарм пешвоз гирифтем. Ва рӯзи дигараш гуфтушунид миёни мо оғоз шуд.

**Озодӣ:** Мулоқот дар чӣ шароите баргузор шуд?

**М. Низомов:** Мулоқот дар меҳмонхонаи ҳукумати ноҳия баргузор гардид. Рӯзҳои аввал он ниҳоят вазнин ҷараён мегирифт. Чунки аз ҳар ду тараф, ҳам нафарони мо ва ҳам нафарони ҳукуматӣ яроқ доштанд ва дар гирди хона низ ҳам бачаҳои мо ва ҳам бачаҳои ҷониби ҳукумат мусаллаҳ буданд. Намояндагони Созмони Милал дар он ҷо буданд, ҳамон нафаронашон, ки дар минтақа буданд, аммо дар мулоқот ширкат надоштанд. Аз ҷониби мо дар ин мулоқот Абдунабӣ Latторзода, узви ҳайати музокиракунандаи оппозисиюн ҳузур доштанд. Ва қариб тамоми ҳуҷҷату асноде, ки таҳия мешуданд аз ҷониби мо, бо дастони Латторзода дуруст мешуданд. Албатта, дар асоси таклифу дархостҳои мо ҳамаи матнҳоро он кас омода мекарданд. Ба ҳангоми гуфтушунид гоҳо асабӣ мешудем, гоҳо доду фарёду ҷанҷол ҳам мекардем. Як маротиба то ҳатто гуфтушуниди мо ба хотири як нафар аз генералҳои ҳукуматӣ, ки ҳоло номаш дар ёдам намондааст, қариб буд, ки қатъ шавад. Зеро дар ин миён, ки дар Ҷиргатол ҷангҳо идома мекард, ӯ хеста, даъвоҳои нодуруст кард. Боз ба ҳар ҳол баъди як-ду соати танаффус, ки асабҳо ором шуданд, мо боз идома додем. Хулоса, ки дар рӯзҳои аввал хело бо мушкилиҳои зиёд якдигарфаҳмӣ мекардем.

**Озодӣ:** Дар ҳамон шароите, ки мулоқот идома мекард, вазъ дар минтақаи Ғарм чӣ гуна буд ва онро кадом тараф назорат мекард?

**М. Низомов:** Аслан, то Оби Гарм минтақа таҳти назорати мо қарор дошт. Танҳо дар дохили худи Ғарм як қисми ҳарбии Сӯҳроб Қосимов буд ва камтар қувваи дигар дар Тоҷикобод аз Горди раёсати ҷумҳурӣ мустақар буд, ки ҳамагӣ дар муҳосираи мо буданд. Ин нерӯҳо аз ҳамон ҳудуди муайянашон баромада наметавонистанд, чунки қувваҳои оппозисиюн хеле нерӯҳои боқувват шуда,

таҷрибаи зиёд низ ҳосил карда буданд. Қувваҳои асосии мо дар Оби Гарм истода буданд. Ба хотири он ки боз ягон нохушӣ ё фалокат рух надиҳад, қувваҳои ман дар болои кӯҳ, дар Оби Гарм ҷой гирифта буданд. Дар тарафи Тавилдара ҳам қувваҳои Мирзо Зиёев хело ҳаракатҳои хуб карда буд. Қувваҳои оппозисиюн аллакай ба Шугнов даромада буданд. Хело пешравиҳо назаррас буданд. Аммо як сухани устоди марҳум - Сайид Абдуллоҳи Нурӣ ба ёдам меояд, ки мегуфт, сулҳу салоҳ ҳама вақт бояд дар ҳолати пешравиҳо шавад. Шахсе, ки пешравӣ надошта бошад сулҳи вай аз маҷбурӣ аст. Шумо, ки имрӯз пешравӣ доред, шумо имрӯз сулҳ карда истодаед, гуфта буд дар яке аз сӯҳбатҳои худ.

**Озодӣ:** Чун аз Сайид Абдуллоҳи Нурӣ ёдоварӣ кардед, оё дуруст аст, ки мулоқоти шумо бо низомиёни ҳукуматӣ дар он вақт бидуни мувофақа бо роҳбарони сиёсиатон сурат гирифтааст?

**М. Низомов:** Бале. Дар ҳақиқат вақте мо бори аввал Протоколи оташбасро дар Ғарм имзо кардем, розигии роҳбариятро ман нагирифта будам. Чунки ман фикр мекардам, ки мумкин дар ҳамон лаҳзаҳо онҳо ба гуфтушунид розӣ нашаванд. Ва пештар ҳам, ки баъзе вақтҳо дар ин масъалаҳо сӯҳбат мекардам, бо мухобира мегуфтанд, ки вазифаи қумондон музокирот нест, вазифаи қумондон ҷанг аст, аммо ба ҳар сурат, шояд ман дуруст карда будам ё нодуруст, вале як чизро аниқ медонистам, ки оқибати ҳамаи ҷанг, аз ҷумла ҷанги мо ҳам сулҳ аст. Аз ин рӯ бояд ақли худро низ кор мефармудам ва танҳо ба силоҳ такя намекардам. Бино бар ин ҳис кардам, ки гуфтушунид ҳам барои ман даркор аст. Ва дар қисми сиёсат ҳам камубеш кор кардани ман даркор аст.

**Озодӣ:** Аммо чун Шумо гуфтед, ки Ҷалолиддини Маҳмуд, узви комиссияи муштараки назорати оташбас, ки намояндаи мухолифин буд, Шуморо ба мулоқот ташвиқ кардааст, шояд, ӯ роҳбаронро қаблан огаҳ карда буд?

**М. Низомов:** Фикр мекунам, хабари мулоқотро ба роҳбарон Ҷалолиддини Маҳмуд баъд аз он дод, ки мо онро шурӯъ кардем. Чунки агар мо пештар гап мезадем, шояд, ягон монеъаҳо мешуд.

**Озодӣ:** Яъне, худи Ҷалолиддин ҳам намехост, ки роҳбарон пеш аз шурӯи мулоқот аз он огаҳ шаванд?

**М. Низомов:** Бале, ба хотири он ки вазъияти дохилиро Ҷалолиддин нисбат ба дигарон беҳтару хубтар медонист. Нисбат ба роҳбарияти мо, ки дар Эрону Афғонистону дигару дигар ҷойҳо буданд, ӯ хубтар медонист.

**Озодӣ:** Дар он мулоқоте, ки доир шуд, дар суҳбатҳои ғайрирасмӣ ва дар шароите, ки ҳамаи манотиқ таҳти контроли шумо қарор дошт, ҳайати ҳукуматӣ аз чӣ боб сӯҳбат мекард ва чӣ пешниҳодҳо дошт?

**М. Низомов:** Баъде, ки ҳамин мулоқот доир шуд, Амирқул Азимов ба ноҳияи мо зиёд сафар карданд. Ва ҳар боре, ки мерафтанд, мо танҳо бо сӯҳбати сари дастархон иктифо намекардем. Ҳамроҳ рафта, аз вазъи қувваҳои ҳукуматӣ ва оппозисиюн хабар мегирифтем. Вақте ки вориди Ғарм шудем, як протокол қабул кардем, ки дар худи ноҳия ҳама бе яроқ гарданд ва фақат бо қарори Шӯрое, ки мо гузаронида будем, даҳ-дувоздаҳ нафар танҳо ҳамроҳи ман ҳуқуқи бо силоҳ гаштанро доштанд, вале дигар қумондонҳо бояд ки ягон одами мусаллаҳро ҳамроҳашон намегирифтанд. Баъдан, вақте ки дар Ғарм ҷойгир шудем, мо бо қувваҳои ҳукуматӣ ҳамкорӣ мекардем. Махсусан, шабҳо барои он ки дуздӣ накунанд, ҳамроҳи милиса бачаҳои оппозисиюнро ба хидмат равон мекардем. Ҳар субҳ сардори раёсати Вазорати корҳои дохилӣ ва КГБ пеши ман меомаданд, сӯҳбат мекарданд. Ягон ҷо рафтанӣ мешуданд, маслиҳат мекарданд. Мегуфтанд, ки мо ягон ҷо рафтанамон даркор, бохабар бошед, ки ҳодисае рух надиҳад. Мо тамоми васоитро кор мебурдем, ки дигар оташкушоӣ нашавад, куштор нашавад. Шабҳо омада, якҷоя дар идораи ҳукумат мешиштем. Дар ҳукумат як утоқи корӣ барои ман ҷудо карда буданд. Ман омада, дар он ҷо мардумро қабул мекардам. Арзу шикояти мардумро мепурсидам. Бисёрии мардум ба ғайри ман ба касе бовар надоштанд дар он шабу рӯз. На ба раиси ҳукумат, на ба милиса, на ба КГБ. Ҳама пеши ман меомад барои шикоят. Ман маҷбур раиси комиҷроияро фарёд мекардам, роҳбарҳои дигарро фарёд мекардам, ки бародар, ҳамин хел гап ҳаст, ҳамин хел кор ҳаст, биёед, роҳбарӣ кунед, биёед, вазифаву корҳоятонро адо кунед. Хулоса, ҳамаи ҳаракатро дар ноҳия мо таҳти назорат гирифта будем. На танҳо дар Ғарм, ман ба Ҷиргатол ҳам мерафтам, Тоҷикобод мерафтам, Ҳойиту Комсомолобод меомадам, то Орҷоникидзеобод меомадам. Аз тарафи ҳукумат ман хоҳиш карда будам ва барои ман як мошини УАЗ-469 ҷудо карда буданд. Бо ҳамин мошин қариб тамоми минтақаи Қаротегинро мо мегаштем. Мақсад, ягон

бетартибӣ, ғоратгарӣ ва дуздӣ нашавад. Чунки он шабу рӯзҳо бо номи оппозисия ҳам дуздӣ мекарданду бо номи ҳукумат ҳам ғорат мекарданд.

**Озодӣ:** Аммо бархе бар инанд, ки ҳамин мулоқоти Шумо боис шудааст, ки роҳбарони мухолифин аз наздикшавии фармондеҳонашон бо ҳукуматиҳо ҳаросида, зудтар дар пайи дастёбӣ ба сулҳ шаванд.

**М. Низомов:** Ин ҷо ман дар бораи тарсидан ё натарсидани онҳо чизе гуфта наметавонам. Чунки роҳбари мо, устод Сайид Абдуллоҳи Нурӣ бисёр одами ботамкин ва оқилу доно буданд. Ҳис мекунам, ки он кас ҳам аз сулҳу салоҳ кардани мо ва протоколи оташбас кардани мо дарк карда буданд, ки дар дохил агар онҳое, ки ҷанг мекунанд, ба сулҳу салоҳ оянд, он гоҳ онҳо чора надоштанд ва маҷбур мешуданд ба ин итоат кунанд, ба ин чиз бештар ва зиёдтар аҳамият диҳанд. Ва дар воқеъ агар исботи фикр ҳам, ки хоҳед, ҳамаи гуфтушунидҳо ва музокиротҳо, ки то ин вақт миёни ҳукумат ва мухолифон ҷараён дошт, баъди ҳамин протоколе, ки дар Ғарм омода шуд, як каме ба таҳрик даромад. Аммо бо вуҷуди имзои "Протоколи Ғарм" ман даст рӯи даст нанишастам. Азбаски бархе аз бародарҳоямон муқобили ин протокол баромаданд, ман ҳамроҳи Абдунабӣ Сатторзода барои фаҳмонидан ба Афғонистон рафтам. Дар Афғонистон Шӯрои Наҳзати исломии Тоҷикистон баргузор гардид. Ман дар ин ҷаласа, ки тақрибан аз шаши бегоҳ то шаши саҳар идома дошт, фаҳмонидам, суханронӣ кардам. Шоҳид Абдунабӣ Сатторзода ҳастанд, ки дар он ҷо чӣ қадар ҷангу ҷанҷолҳо доштем. Дар ин Шӯро ман исбот кардам, ки он чӣ мо кардаем, дуруст аст. Баъди вай боз Тоҷикистон омадам. Боз гапу ҳарфҳо зиёд шуданд ва даъват ба Эрон шудам. Рафта дар Эрон ҳам фаҳмонидам, ки ончӣ ман имзо кардам, онро дуруст мешуморам. Баъди ин протокол, ба ростӣ, сару садоҳои мухталиф зиёд буданд. Маро дар аввал бисёрии рафиқҳо дастгирӣ накарданд, ки сулҳ кардаам. Баъд, баъди муддатҳо дастгирӣ карданд. Аммо онҳое, ки ҳамроҳи мо буданд, ҳамеша розӣ буданд.

**Озодӣ:** Аммо ҳамон вақте ки мулоқотҳо оғоз шуд, роҳбарони Шумо огаҳ шуда буданд ва бо Шумо тамос мегирифтанд?

**М. Низомов:** Бале, огоҳӣ доштанд. Лекин ман тамос намегирифтам. Ман дастгоҳи мухобира ҳам надоштам. Дар ин масъала вайҳо мухобира бо Муҳаммадрӯзӣ

Искандаров доштанд дар ҳамон шабу рӯз. Ҳамагӣ якто дастгоҳи мухобира дар ҳамаи минтақаи мо мавҷуд буд, ки дар дасти ӯ буд. Аммо ростӣ, ӯ чӣ гап мезад ва кай гап мезад, ман хабар надоштам. Баъдтар боз ба Мулло Абдулло фиристода буданд. Мо надоштем. Димоғошон сӯхтагӣ буд, ки мо надоштем, рости гап. Лекин ҳамаи музокироти шударо мо протокол карда, фиристода будем.

**Озодӣ:** Воқеан чунин сару садоҳо ҳам ба гӯш мерасид, ки гӯё қумондонҳои оппозисиюн аз роҳбарони худ норозигӣ карда, мегуфтанд, ки онҳо дар хориҷа дар меҳмонхонаҳои панҷситора кайфу сафо карда гаштаанду мо дар тори кӯҳ азоби ҷанг мекашем.

**М. Низомов:** Бародари азиз, ин гапҳо дар як хоҷагии шахсӣ ҳам мешавад. Масалан, як одам се фарзанд дорад. Яке аз ин фарзандон ба дигараш таъна мезанад, ки ӯро бубин, ки падарам мошинаш гирифтаасту барои ман нагирифт. Ё ки чаро вай дар бари падарам нишастаасту ман - не. Ин ҳарфҳо аз ҳисоби камақлӣ мешаванд. Онҳо ҳам хоҳони он набуданд, ки рафта, дар меҳмонхонаҳои панҷситорадор зиндагӣ кунанду мо дар ин ҷо азоб кашем. Лекин шароит онҳоро маҷбур карда буд. Шароит онҳоро аз ватан берун карда буд. Ман ҳамин хел мефаҳмам. Ман фикр намекунам, ки устод Тӯраҷонзода ё устод Нурӣ барои сархушӣ рафта, дар Теҳрону Афғонистон зиндагӣ ихтиёр карда бошанд. Онҳо муҳоҷир буданд. Онҳо роҳбароне буданд, ки тавонистанд мардуми тоҷикро як ҷо сарҷамъ кунанд. Агар онҳо намешуданд, мумкин, он мардуме, ки гуреза шуда, аз Тоҷикистон берун шуда буданд, то имрӯз дар ба дар, дар ҳар куҷо мегаштанд. Лекин ин заҳмати онҳо буд, ки ин мардумро сарҷамъ карданду намонданд, ки пош хӯрад.

**Озодӣ:** Оё дар воқеъ чунин шуданаш мумкин буд, ки фармондеҳон бо ҳамвор кардани роҳи мустақими гуфтушунид бо ҳукумат аз таҳти фармондеҳии роҳбарони худ берун мешаванд?

**М. Низомов:** Мақсади мо барои итоат накардани роҳбарият набуд. Мақсади мо аз он иборат буд, ки роҳбарият моро мефаҳмад ва моро дастгирӣ мекунад. Ба хотири он ки ман дар хориҷи мамлакат будам ва медонистам, ки чӣ қадар гурезаҳо дар Афғонистон ва дигар ҷоҳо азоб кашида, рӯз гузаронида истодаанд ва медонистам, ки ин мардуми гуреза ҳам моро пурра тарафдорӣ мекунад. Мақсад он набуд, ки мо аз таҳти итоати устод Сайид Абдуллоҳи Нурӣ бароем ё ин ки мо онҳоро гӯш

накунем ё ин ки боз як ҳукумати дигар ва роҳбари дигар ташкил кунем. Мо итоат мекардем, лекин ман метавонистам ва бовар доштам, ки ин одамонро фаҳмонида метавонам. Ман мутмаин будам, ки ин рафтор ва кирдори худро ба ин одамон хоҳам фаҳмонид. Ман сад дар сад ба худам бовар доштам. Ба устод Нурӣ ҳам сахт бовар доштам, ки он кас маро мефаҳманд. Бино бар ҳамин қадам ба ҳамин роҳ мондам. Мо он чизеро, ки он кас фармон медоданд, итоат мекардем, гӯш медодем. Лекин феъли хуби он одам ҳамин буд, ки аввал ӯ моро гӯш мекард. Ва ӯ моро ба хубӣ дарк мекард, ба хубӣ мефаҳмид. Мову устод Нурӣ ҳамдигарро хуб мефаҳмидем. Бино бар ин ман бар ин бовар будам, ки он чизеро, ки кардам, ба устод фаҳмонида дода метавонам.

**Озодӣ:** Оё баъди ин мулоқоте, ки доштед, ҷониби ҳукумат боз талоши такрори чунин мулоқот бо фармондеҳои мухолифон, аз ҷумла Шуморо мекард?

**М. Низомов:** Буд. Бисёрии мулоқотҳо асосан дар бораи бенизомиву бетартибии саркардаҳову фармондеҳони ҳукуматӣ мешуд. Табиист, ки дар чунин вазъ мо муқобил мебаромадем. Вақте бо даъвати мо меомаданд, мо ошкоро масъалагузорӣ мекардем. Барои мисол, дар Сари Пули Тоҷикобод қувваҳои ҳукуматӣ сангар гирифта буданд ва мардумро бисёр ғам медоданд. Мо маҷбур шудем, ки ба Азимов масъаларо қатъиян бигузорем. Аввал ӯ ҳам розӣ нашуд, ки ба ин масъала ҳукумат розӣ намешавад, лекин мо ҳам сахтгирӣ кардем, то ин ки ин қувваҳоро ба дохили худи Ғарм интиқол диҳанд. Ман мефаҳмидам, ки дар Ғарм мушкил мешавад, вазнин мешавад. Лекин ба ҳар ҳол дар роҳ мушкилӣ аз байн меравад, дар як ҷойи дигар сабук мешавад, гуфта, ин қувваҳоро аз он ҷо гирифтем. Ба ҳамин монанд, мо якҷоя чандин қувва ва посгоҳҳоро аз байн бурдем, ба хотири он ки равуои мардум осон шавад. Ду кило картошка ё себеро, ки доранд, баранду бифурӯшанд. Он замон буданд ҳолатҳое, ки аз ду халта орде, ки меоварданд, якеашро дар роҳ кашида мегирифтанд, кисаҳояшонро мекофтанд, пулҳояшонро мегирифтанд. Ин чизҳои паноҳ мекардагӣ набуд.

**Озодӣ:** Гуфтед, ки бо Зафар Икромов, мушовири вақти раиси ҷумҳур пештар мукотиба доштед. Соли 1993 тавассути мактуб ва баъдан дар соли 1995, ки Икромов назди Шумо омадааст, бо вай мулоқоти рӯ ба рӯ низ доштаед. Оё аз ин мулоқотҳо ва муҳтавои онҳо роҳбарони мухолифон огаҳ буданд?

**М. Низомов:** Аз мактубҳои расида ва мулоқотҳо бо он кас ман роҳбаронро хабар медодам. Устод Нуриро хабар медодам. Он кас медонистанд. Замоне ки ба Афғонистон сафар доштам, аз мулоқотҳо бо Зафар Икромов устод Нуриро дар ҷараён гузошта будам. Умуман устод Нурӣ ба ман бисёр бовар дошт. Ва нағз медонист, ки иншооллоҳ, ман ҳеҷ гоҳ ба вай хиёнат намекунам. Ва дар ин масъала ба ман ҳеч монеа намегузошт. Вай медонист, ки ман коре бар зарар намекунам, аз ин рӯ, иҷоза медод, ки чунин мулоқотҳо дошта бошам. Ва мегуфт, ки худат бубин, ки ягон фалокат нашавад.

**Озодӣ:** Аз имзои "Протоколи оташбаси Ғарм" беш аз даҳ сол сипарӣ мешавад. Бо гузашти солҳо ба он чӣ гуна баҳо медиҳед?

**М. Низомов:** Барои сулҳ як протоколи Ғарм асос шуда наметавонад. Чунки барои дастёбӣ ба сулҳ вохӯриҳову мулоқотҳо аз тарафи ҳукумат, оппозисиюн, Созмони Милал ва давлатҳои нозир бисёр ташкил шуда буданд. Пеш аз ҳама, ман як чизро ҳис мекунам, ки ин сулҳ бори дигар нишон дод, ки мардуми тоҷик мардуми бохирад аст. Мардуме ҳастанд, ки ақлу заковаташон ба ҳар чиз мерасад. Дигар протоколи Ғармро ҳам ман чунин меҳисобам, ки як манфиати хубе дошт, як таконе буд. Чунки барои расидан ба сулҳ ин як таконе ҳам ба роҳбарияти оппозисиюн ва ҳам ба худи ҳукумат буд. Чунки ин Протокол дар шароити низомӣ ва бо дастони мардуми низомӣ омода шуда буд. Ва чи роҳбарияти ҳукумат ва чи роҳбарияти оппозисиюн ҳис мекарданд, ки агар ду ҷониби ҷанганда байни ҳам дӯстиву рафоқат бикунанд, созиш кунанд, кӣ дигар ҷанг мекунад? Ҳеҷ кас дигар ҷанг намекунад. Ва чӣ қадру қимати сиёсат мемонад? Ба ҳамин хотир, ман фикр мекунам, ки ин кор як такони ҷиддӣ дар роҳи сулҳ буд ва барои ҳушёр сохтани роҳбарони чи оппозисиюн ва чи ҳукумат муҳим буд.

*Мусоҳиб Абдуқаюми Қаюмзод. 10 апрели 2007. Душанбе*

## Акбар Тураҷонзода: “Ҳадафи асосии мо эҷоди сулҳи воқеӣ ва одилона аст”



**Озодӣ:** Вазъият дар ноҳияи Тавилдара ва гурӯҳи ноҳияҳои Ғарм ҳамеша дар ҳолати гоҳ нимхомӯшу гоҳ сӯхтан буд. Вале имрӯзҳо бад шудани вазъ дар он ҷо, ҳамлаҳову бомбаафканиҳо ба сари мардуми деҳоти осоишта ба назари шумо, ба чӣ бастагӣ дорад ?

**Ҳоҷӣ Акбар Тураҷонзода:** Дар ин ҷо ман гумон мекунам, ки ду сабаб ҳаст. Ва ин фикри на танҳо ҳайати музокиракунандаи оппозиюн аст, балки кишварҳои нозир, ки имрӯзҳо мо бо намояндаҳои онҳо сухбат доштем, бо сафирҳои Ҷумҳурии Исломии Ирон, ки дар Тоҷикистону Туркманистон ҳастанд, бо  сафирони Ҷумҳурии исломии Покистон, ки дар Тоҷикистону Туркманистон ҳастанд, бо намояндагони вазоратҳои Қазоқистону Қирғизистон, бо дигар нозироне, ки ин ҷо ҳастанд, хусусан – бо масъулони туркманҳо. Ҳама ба хулосае омадаанд, ки хусусан баъди он ки дар масъалаи ҳалли қазияи Тоҷикистон раиси ҷумҳурии Русия ёвари худ дар умури байнулмилалӣ – ҷаноби Руриковро фиристод ва онҳо бо ҳайати оппозисиюн вохӯрданд, ин кор он гурӯҳҳои сиёсӣ ва низомии Русияро, ки аз ҷанги Тоҷикистон ҳам манфиатҳои шахсӣ доранд, ҳам манфиатҳои ғоявӣ - ақидавии худро доранд, ба таҳлука овардааст. Онҳо мехоҳанд, ки ин масъала ҳар чи зудтар, мисле ки дар Чеченистон ҳаст, ба як ҷанги саросарӣ табдил ёбад. Дар

он вақт ба Елтсин ва ҳукумати Русия имкони муайян намудани шахси гунаҳкор намешавад. Чунки даргирӣ зиёдтар ва кор бештар фалаҷ мешавад. Аммо дар ҳолати оддӣ, баъди он хабарҳо ва суҳбатҳое, ки оқои Руриков бо мо дошт, имкон буд, ки сиёсати Русия дар баробари Тоҷикистон тағйир ёбад. Ин аз як тараф. Аз тарафи дигар, вақте ки Раҳмонов эълон кард, ки бояд ин музокирот ҳатман дар Ишқобод баргузор шавад, ҳатто баъд аз он ки дар Теҳрон бо устод – Нурӣ суҳбат доштанд ва устод Нурӣ Ишқободро қабул накарданд, гумони яқин дошт, ки опозисиюн аз ин ҳарфи худ ҳаргиз ақиб намегардад. Бинобар ин бо ҷиддият талош кард, ки музокирот ҳатман дар Ишқобод шавад. Гумон дошт, ки ҳаргиз опозисиюн ба ин розӣ намешавад ва аслан музокирот ҳам баргузор намешавад ва ин ба манфиати режими имрӯза аст. Агарчанде дар дохил мардумро фиреб медиҳанд, ки онҳо ҷонибдори сулҳу оромиву осоиштагӣ ҳастанд. Ман гумон мекунам машваратгарони русӣ ҳам дар ин фикр буданд. Аммо эътироф мекунам, ки бо кӯшишҳои зиёди ҷониби Туркманистон, шахсан – раиси ҷумҳур, вазири корҳои хориҷиаш ва ду бор омадани мо ба Ишқобод билозира мо розӣ шудем. Вақте ки рӯзи музокирот аз ҷониби Созмони Милал 30 декабр таъин шуд, диққат диҳед – ин рӯз 12–15-уми ноябр таъин шуд, баъди он иштироки ҳавопаймоҳои Русия барои кӯмак ба нерӯҳои ҳукуматии Душанбе дар Тавилдараву ҷоҳои дигар оғоз шуд. Ва ин ҷанге, ки имрӯз дар Тавилдара меравад, мисли ҳарвақта нест. Ҳатто дар фасли тобистон ҳам нерӯҳои давлатӣ ва Русия, мисле ки имрӯзҳо дорад, пайваста ва пай дар пай ҳуҷум намекарданд. Лекин мо бо ҷиддият мегӯем, ки агарчанде ҳич кишвар аз мо пуштибонии ошкор намекунад, на Ғарбу на Шарқ, лекин худои ин Ғарбу Шарқ бо мост. Бинобар ин мо такя ба ҳамон худо, ба ҳамон ормонҳои миллиамон, ба ҳурмати хуни шаҳидоне, ки рехта шуд, барои ятимон ва ба хотири истиқлолият аз ин ҳуҷумҳо наметарсем. Мо агарчанде ки имрӯз мегӯем - ҷанг хотима дода шавад, на аз он аст, ки ки дар худ заъф ҳис мекунем. Балки мехоҳем, ки хуни мардуми бегуноҳ рехта нашавад, чун аслан муҷоҳидини мо талаф наёфтаанд. Мо боз мегӯем, ки пирӯз мешавем, лекин ин режиме, ки имӯз хуни мардуми худашро мерезад, шармандавор аз саҳнаи сиёсат дур мешавад.

**Озодӣ:** Изҳороти ҳайати музокиракунандаи Тоҷикистон дар рӯзи ифтитоҳи расмии музокирот аз як ҷониб, бевосита ба зидди доираҳои муайяни русӣ нигаронида шуда буд ва дар суханронии ифтитоҳии шумо низ ин нукта таъкид ёфта буд. Ҳамчунин вақте ки ба иштироки ҳавопаймоҳои артиши Русия дар ҷангҳои Тавилдара ишора мекунед, ин ҳам бевосита ба Русия дахл дорад. Мо

медонем, ки намояндаи Русия - ҷаноби Александр Облов ҳамчун нозир дар ин музокирот иштирок менамояд. Оё ӯ чӣ аксуламал ниҳон дод баъди ин изҳороти Шумо?

**Ҳ. А. Тураҷонзода:** Хеле боиси тааҷҷуб аст, ки дар ин се рӯз тамоми намояндаҳои кишварҳои нозир ҳар кадом чанд борӣ  бо мо мулоқот доштанд. Туркманистон дар ин мавзуъ хедле бо ҷиддият муносибат дорад, қариб ҳар рӯз вазири корҳои хориҷиаш бо мо мулоқот дорад. Аммо дар ин 3-4 рӯз, ки аз оғози музокирот мегузарад, намояндаи Русия – Александр Облов ҳатто як бор ҳам назди мо наомад, фикри моро напурсид ва аслан дунболи роҳи ҳалли сиёсӣ нест ва ҳамеша ҳамчун як узви ҳайати ҳукумати Раҳмонов, ҳамчун машвараттару роҳнамои ҳукумати Душанбе аст. Аслан сабаби норозии моро ҷӯё ҳам нашудасту парвое ҳам надорад. Ин моро водор мекунад бигӯем, ки ӯ аз раҳбарони бевоситаи худ - ман баъзе масъулини вазорати умури хориҷии Русияро дар назар дорам, супориш гирифтааст, ки аслан коре кунад, ки музокирот ба ҷое нарасад ва  ба дастоварде ноил нашавад. Вазъи имрӯзаи Тоҷикистон чи хеле ҳаст, ҳамин хел боқӣ бимонад. То ки барои аҳдофи шуме, ки барои оянда доранд  ва он пайвастани Тоҷикистон ба Русия аст ё дар шакли эҳёи муҷаддади иттиҳоди Шӯравӣ ё ки дар шакли Иттиҳоди конфедералӣ ё ҳатто федералӣ роҳ боз бимонад. Мутаассифона, ҳукуматдорони имрӯзии мо ҳозир ҳастанд боз дубора истиқлоли кишвар ва ватаншона ба Русия бифурӯшанд ва  мунтазири интихоботи парлумонӣ ва баъди он – интихоботи раиси ҷумҳур ҳастанд. Ман гумон мекунам ба ҷуз ин дигар ҳеҷ тафсире аз ин бетафовутии масъулини Русия ҳамчун намояндагони кишвари бузург ва манфиатнок дар Тоҷикистон додан намешавад.

**Озодӣ:** Дар ҷараёни музокироти сулҳи Тоҷикистон, ки даври аввалаш дар Маскав шурӯъ шуда буд ва раёсати ҳайати музокиракунандаи опозисиюни тоҷик аз ҷониби шумо бевосита дар Теҳрон шурӯъ шуд ва дар Исломободу Алмаато Маскав идома ёфт,  дар ин байн аз ҷониби муқобил, ҳайати тарафи ҳукуматро асосан муовини аввали раиси Шӯрои Олии Тоҷикистон - Абдулмаҷид Достиев сарварӣ мекард ва баъдан иваз шуд бо ноиби аввали нахуствазири Тоҷикистон – ҷаноби Маҳмадсаид Убайдуллоев. Оё ба назари шумо, бо кадоме аз инҳо суҳбатҳо рӯи сулҳ, вазъи мардуми Тоҷикистон, беҳбуди кишвар осонтар ва хуштар буд ?

**Ҳ. А. Тураҷонзода:** Хуб, музокирот бо ҳамаи онҳо душвор буд ва намояндагони ҳукумати Тоҷикистон, аз ҷумла Убайдуллоев ҳам ин ҳарфро чандин бор такрор

карданд, Абдуллоев, муовини раиси кумитаи амният ҳам ин ҳарфро зад. Инҳо Достиевро барои он ки дар созишномаи оташбаси муваққати Теҳрон, ки имзо кард ва ба истилоҳи худашон, ба як силсила бандҳое мувофиқат кард, ки ба манфиати ҳукумати имрӯза нест, аз раҳбарии ҳайати музокиракунандаи ҳукумат барканор карданд. Ва чандин маротиба гуфтанд, ки ин бандҳо якҷониба аст, ба манфиати опозисиюн аст, хусусан онҳо мухолифи он ҳастанд, ки ин созишнома интиқоли нерӯҳоро аз як минтақа ба минтақаи дигар манъ мекунад. Ва доим мегӯянд, ки чӣ хел, мо кишвари мустақил ҳастем, президент дорем, ҳукумат дорем, дар дохили Тоҷикистон - ҳар ҷо ки хоҳем, нерӯҳои худро интиқол медиҳем. Ҳар вақте ки онҳо ин ҳарфро мезананд, мо созишномаи Теҳронро нишон медиҳем, ки дар ин ҷо имзои намояндаи ваколатдори шумо аст ва қабул кардаст, ки интиқоли нерӯ аз як минтақа ба минтақаи дигар мамнӯъ аст. Онҳо гуфтанд, нодуруст кардааст инро. Ман гумон мекунам, ки онҳо инро ҳаргиз намебахшанд. Инчунин, ризоят ба табодули асирон, маҳбусони сиёсиро. Аз ҳамин хотир, доираҳо, гурӯҳҳои ҷангхоҳе, ки дар ҳукумати имрӯзаи Тоҷикистон ҳастанд, оқои Убайдуллоевро ба хотири он гузоштанд, ки ин кас фақат “не” гуфтанро медонад. Ӯ мисли Громико, вазири умури хориҷаи шӯравии собиқ, ки бо номи “ҷаноби “Нет” машҳур шуда буд, дар ин 2 -3 гуфтушуниде, ки кардем, инъитофпазирӣ (бозгардидан аз ин роҳуравиш, гузашт ) - е ҳаргиз аз худ нишон надоданд. Танҳо як бор, ки як инъитофпазирӣ аз худ нишон доданд, ҳатто дар назди телевизион ҳам эълон карданд. Аммо муовини вазири умури хориҷии Русия – оқои Чернишев омад, шаб гӯши инҳоро тоб дод, фардош аз гапҳои гуфтаи худ ақиб гаштанд. Ва то имрӯзам ман гумон мекунам, ин ҳайате, ки бо сарварии ҷаноби Убайдуллоев омадааст, боварии комил надорам, ки бо ниятҳои хайр омада бошанд. Ва ин бомбаборонкунҳо, ин ҳуҷумҳое, ки имрӯз доранд болои мардуми бегуноҳ мекунанд, барои исботи ин фикри ман далел аст.

**Озодӣ:** Баъди мулоқоти президенти ҷумҳурии Тоҷикистон - ҷаноби Эмомалӣ Раҳмонов ва раҳбари Иттиҳоди неруҳои опозисиюни тоҷик – Сайид Абдуллоҳи Нурӣ дар Кобул ва имзо шудани Протоколи асосҳои густариши сулҳу осоиш дар Тоҷикистон эътибори ҳар ду нафар дар назди коршиносони ғарбиву шарқӣ боло рафт. Оё дар он вақт фаразан, тарафи ҳукумат ба назари шумо воқеан самимӣ буд ва он Протокол воқеан як заминаи гуфтушинидҳову ризоятҳои тарафайни оянда ба ҳисоб мерафт ? Оё ин воқеан баёнгари кӯшишҳои самимонаи тарафи сулҳи Душанбе буд ва ё ин ки як маневри сиёсӣ ва ё шояд - фирор аз масъалаҳои асосӣ ?

**Ҳ. А. Тураҷонзода:** Дар ин ҷо бояд дар як масъала рӯшанӣ андозем. Мутаассифона, ин дар ҳама ҷо такрор мешавад. Ин протоколе, ки дар Кобул имзо шуд, на дар вақти мулоқоти устод – Нурӣ бо Раҳмонов имзо шуд. Балки Раҳмонов дар Душанбе буд, устод Нурӣ бо бародарону устодон: Ҳимматзода, Латифӣ, Худойбердиев ва банда дар Кобул буданд. Ва дар натиҷаи 3 - 4 бор сафари Пирис Баллон , намояндаи махсуси Дабири Кулли СММ дар Тоҷикистон ба Душанбеву Кобул ин Протокол имзо шуд. Бинобар ин бандҳои Протоколро ҳар тараф мехоҳад ба фаҳми худаш шарҳ диҳад. Дар ҳақиқат, як ҳуҷҷати сиёсиву лекин зиёдтар дипломатӣ аст, ки мешавад ба он ҳар гуна назар кард. Ба истиснои он банде, ки шаш моҳ оташбас тамдид шуд ва гумон мекунем, ки хеле иқдоми хубу ҷавонмардона буд, ки шахсан устод - Абдуллоҳи Нурӣ аз худ нишон доданд. Зеро оташбас пеш аз ҳама, ба манфиати Раҳмонов аст, ки эҳтиёҷ ба ин фурсат дорад, ки решаҳои қудрати худро мустаққам кунад ва ғайра ... Пеш аз он ки сулҳи воқеиву одилона дар кишвар барқарор шавад. Ман гумон мекунам, ки Ҳизби Наҳзати исломии Тоҷикистон (ҲНИТ) ва Иттиҳоди нерӯҳои опозисиюни Тоҷикистон обрӯи худро бо талабҳои мантиқӣ, бо пешниҳодҳои одилонаи худ барои ҳалли сиёсии мушкилоти Тоҷикистон ба даст оварда буданд ва эҳтиёҷ ба ҳамкории оқои Раҳмонов ҳам надорем барои баланд бардоштани обрӯву эътибори Иттиҳоди нерӯҳои опозисиюн. Аммо бояд бигӯям, ки мо дар асл думболи ҳеҷ гуна обрӯ нестем. Ҳадафи асосии мо – ин эҷоди сулҳ аст, сулҳи воқеӣ, сулҳи одилона аст - на таслим шудан, на боқӣ мондани як тараф мағлубу як тарафи дигар - ғолиб. Ҳар касе гумон кунад, ки Иттиҳоди нерӯҳои опозисиюни тоҷик, ҲНИТ, муҷоҳидини мо рӯзе мерасад, ки пеш аз расидан ба ҳадафҳои худ таслим мешаванду силоҳи худро, ба замин мегузоранд, ин хаёли пучу хом аст. Мо, иншоаллоҳ, бо кӯмаки парвардигор, бо кӯмаки мардумамон ва тибқи имоне, ки дорем, муборизаи худро идома медиҳем.

**Озодӣ:** Вақте бо мардуме, ки аз Душанбе берун меояд ва ё бо телефон суҳбат мекунем, бисёришон мегӯянд, ки як сабаби асосии шикасти опозисиюн дар соли 1992 ин буд, ки як барномаи мушаххас, ки ҳама онро эътироф кунад, надоштанд. Ва баъзеҳо мегӯянд, ки фаразан – сулҳ мешавад, осудагӣ мешавад, опозисиюн бармегардад, аммо баъд чӣ ? Оё опозисиюн барои фардо, барои оянда барномае дорад ва роҳиояндаи Тоҷикистонро чӣ гуна тасаввур мекунад ?

**Ҳ. А. Тураҷонзода:** Дар соли 1992 ҳадафи опозисиюн, ки он вақт ба шакли дар ҳақиқат як иттиҳод вуҷуд надошт ва иборат аз ҳизбу созмонҳо буд ва банда ҳам ки ба ҳайси раиси идораи қозиёт будем, даст ёфтан ба қудрат набуд. Хусусан, мақсади гирифтани кулли қудрат ба нерӯҳои милливу демократӣ надоштем. Ҳадафи асосии мо ин буд, ки давлат розӣ шавад, дар тирамоҳ ё зимистони ҳамон сол интихоботи ҷадиди парлумонӣ дар як шароити демокративу озод баргузор шавад, то ки ин аҳзобе, ки вуҷуд доранд ва мардум ҳам аз онҳо пуштибонӣ мекунанд, саҳми худро дар харитаи сиёсии ҳамонвақтаи ҷумҳурӣ дошта бошанд. Ба ҷуз ин ҳеҷ гуна ҳадафи дигар набуд. Хуб, баъзе сабабҳо буд, ки баъзе гурӯҳҳову соҳмонҳо бо сабабҳое, ки ҳамон вақтҳо ба ҳама маълум буд, истеъфои баъзе роҳбаронро тааб мекарданд, лекин ҳеҷ вақт истеъфои раиси ҷумҳурро талаб накарда буданд. Мардуме, ки ҷонибдори Аслонов буданд, талаб мекарданд, ки Кенҷаев Сафаралӣ ба истеъфо равад, зеро ӯ сабабгори ба истеъфо рафтани Аслонов буд. Ё ки бадахшониҳо талаб мекарданд, ки Кенҷаев бо он мусоҳибаи телевизионӣ, ки бо Навҷувонов дошт ва дар ҳақиқат дар Президиуми Шӯрои Олӣ ба як шакли таҳқиромез аз ӯ пурсуков мекард, инро ба унвон худ як таҳқир ҳисоб карда буданд ва мехостанд, ки Кенҷаев аз кор биравад. Баъзеҳо истеъфои додситони куллро талаб мекарданд. Ва ин ба хотири он буд, ки гунаҳкорони асосии воқеаҳои моҳи феврали соли 1990 то он рӯз ҳанӯз ошкор нашуда буд. Хуб, ин гуна талабҳо чандон маъқул ва хеле принсипиалӣ ҳам набуданд, - ман қаблан ҳам ҳамин ҳарфро зада будам ва имрӯз ҳам эътироф мекунам. Ба ҳар ҳол, мардуми мо, ки дар он вақт таҷрибаи кофии демократӣ надоштанд, мутаассифона, намешуд онҳоро боздошт. Ва ин гуна талабҳо дар давлатҳои дигар ҳам буд, масалан дар Русия . Ва агар давлати ҳамонвақта ба ҷонибдорони худ дар майдони Озодӣ силоҳ тақсим ва гвардияи президентӣ ташкил намекард, мо гумон мекунем, ки ҷанги ҳамватанӣ дар Тоҷикистон шурӯъ намешуд. Хуб, билохира, ин мусибатҳо омаду 150 – 200 ҳазор шаҳид додем, 35 – 40 ҳазор манзилҳо сӯхта ва мардуми бисёр бехонаву дар шуданд. Имрӯз қариб 1 миллион тоҷикони мо дар хориҷи кишвар, хусусан дар Русияву Қазоқистон, Туркманистону Қирғизистон, Узбакистону Покистон, Эрону Афғонистон, ҳатто бархе ба кишварҳои Аврупо ҳам рафтаанд. Ва аз муҳити фарҳангӣ, миллӣ, исломии худ дур мондаанд. Ин 1 миллион бештар ҷавонон ҳастанд. Ҷавононе, ки умрашон аз 20 болову аз 40 – 45 сола поён аст. Ҷавононе, ки бояд кишварашонро эҳё, зинда кунанд, ба по хезонанд, кор кунанд, обод кунанд, инҳо бо сабабҳои сиёсӣ, амниятӣ, иқтисодӣ

кишварро тарк карданд. Хуб, ояндаи инҳо чӣ мешавад ? Албатта, ин барои мо саволи хеле муҳим аст. Ва мо хатари бисёр бузург, на хатар – фоҷиаи бисёр бузургеро болои сари миллати худ ҳис мекунем, ки ин мардум эҳтимол дигар бознагарданд. Агар бозгарданд ҳам, бо тафаккури дигар, ҷаҳонбинии дигар, бо ахлоқи дигар, бо тарозуву меъёрҳои дигар ба кишвар бозмегарданд. Яъне, он Тоҷикистони пештара дигар намешавад. Ва ин занҳову духтарҳои ҷавонеро, ки дар дохили кишвар мондаанд, ба хотири як пора нон имрӯз аскарҳои рус таҷовуз мекунанд, номуси инҳоро поймол мекунанд. Тоҷирҳои хориҷӣ, чи аз кишварҳои ғарбӣ ва чи аз кишварҳои исломӣ бо пул ба шараф,номуси инҳо таҷовуз мекунанд. Яъне, ахлоқи занҳои мо, духтарони мо хароб шуда истодааст. Ҳамаи ин фоҷиа аст барои миллати мо. Ҳамаи инҳоро ба ҳисоб гирифта, мо гузаштҳое зиёде кардем. Гузашт кардем, ки Раҳмонов дар мансаби худ боқӣ бимонад. Аммо дар дигар масоил қудрат бояд баробар ба ҳамаи минтақаҳо тақсим шавад. Ин аз рӯи мантиқу адолат нест, ки тамоми вазоратхонаҳои муҳими ҷумҳурӣ, вазоратҳои дифоъ, дохила, КГБ, Суди Олӣ, прокуратураҳо, раҳбарони тамоми милисаҳои вилоят намояндагони як минтақа шаванд. Иқтисод дар дасти ҳаминҳост. Ин беадолатӣ аст. Ин наметавонад давом кунад. Ин боиси ҳамин бадбахтӣ шуд. Ана ҳамин сабабҳо буд, ки 1 миллион тоҷик, (мо ҳамагӣ 4 миллион ҳастем!), кишварро тарк карданд. Бинобар ин мо ба гузаштҳои сиёсии бузург омода шудем. Ва табиист, ки мо дар оянда ҳам боз қаноат дорем ва бар инем, ки ҳеҷ гурӯҳ, на танҳо як ҳизб – ҳеҷ гурӯҳе ба танҳоӣ Тоҷикистонро идора карда наметавонад.

Мутаассифона, он симптомҳое, ки дар Афғонистон буд, дар Тоҷикистон ҳам ҳаст. Бинобар ин мо дар оянда ҳам мақсади бо танҳоӣ идора кардани кишварро надорем. Ва ҷойнишини ин ҳукумати имрӯза шуданро ҳам надорем. Аз ҳамин хотир мо мусолиҳаи миллӣ пешниҳод мекунем. Бо дохил кардани тағйиротҳои муҳим ба қонун, бо намояндагии тамоми аҳзоби дигар ва вилоятҳо ҳукумати мусолиҳа, ҳукумати гузариш таъсис шавад. Албатта, мо барномаҳои иқтисодӣ ҳам дорем. Лекин ин маъное надорад, ки ҳар чизро мо ҷо ба ҷо кардем. Мо аслан мо аз вазъи имрӯзаи фоҷианоки иқтисоди Тоҷикистон ахбори дақиқ надорем. Лекин ман мутмаин ҳастам, ки агар дар Тоҷикистон сулҳ барқарор шавад, пеш аз ҳама, кишварҳои исломӣ вазифаҳои исломии худро адо мекунанд ва ба ин мардуми ранҷкашидаи мусалмон кӯмаки лозима мерасонанд. Мо ин ваъдаҳоро дорем. Ва инчунин, Тоҷикистони мо, ки дар маркази Осиё ҷойгир аст, ман гумон мекунам,

ки кишварҳои Аврупо ҳам бетараф намемонанд ва ҳамагӣ якҷоя дар асоси тиҷорати озод мо метавонем Тоҷикистонамонро дубора обод кунем.

*Мусоҳиб Салими Аюбзод. 4 декабри соли 1995, Ишқобод, Туркманистон.*

## Оливер Руа: “Интизорот аз созиши сулҳ зиёда аз ҳад буд”




**Озодӣ:** Ҷаноби Руа, шумо, ки дар солҳои 1993-94 нахустин намояндаи САҲА дар Тоҷикистон будед, оё ба назари шумо, чӣ сабабҳое боиси ба вуҷуд омадани нооромиҳо ва ҷанги шаҳвандӣ дар Тоҷикистон гардид ?

**О. Руа:** Ман фикр мекунам, ки чанд сабаб вуҷуд дошт. Яке - мухолифати аксари мардум ба системи шӯравӣ ва комунистӣ. Мардум озодии бештар мехостанд. Сабаби дуюм - миллатгароии тоҷикӣ. Сабаби сеюм -  мазҳаб, ислом. Ман фикр мекунам, ки ин сабабҳо якҷо шуданд ва опозисиюн ташкил шуд зидди коммунистҳо. Як масъалаи дигар ҳам буд, ки маҳалгароист. Масалан, мардуми Кӯлоб ва Ғарм, ки дар аввал сиёсӣ набуданд, бо мурури замон сиёсӣ шуданд.

**Озодӣ:** Аммо баъзе таҳлилгарон чизҳои дигар, мисли раҳбарияти бад, ҳамсояҳои бад, вазъи бад дар кишварҳои ҳамсоя ва дахолати берунаро сабаби ҷанги шаҳрванди Тоҷикистон меноманд. Дар ин бора чӣ мегӯед ?

**О. Руа:** Ман фикр мекунам, ки дар ибтидо нуфузи хориҷӣ вуҷуд надошт. Аммо бо мурури замон аз тарафи Эрон, Афғонистон, Русия, Узбекистон ба вуҷуд омад. Ва

дар ибтидо ин нуфузҳои мухталиф тарафдори ҷанги дохилӣ шуданд, на оштии миллӣ.

**Озодӣ:** Шумо аввалин касе будед, ки он замон дар Тоҷикистон ҳамчун намояндаи САҲА ба кор сар кардед. Дар нигоҳи аввал Тоҷикистонро чӣ гуна дидед? Вазъият чӣ хел буд ?

**О. Руа:** Вазъият хеле печида ва сангин буд. Чунки ҳукумат хеле суст буд. Опозисиюн шикаст хӯрд ва дар Афғонистон буд, вале аксари ҳукумат, мардуми кӯлобӣ тарафдори оштии миллӣ набуд. Ба ин сабаб солҳо лозим буд, то ки ҳукумати Тоҷикистон оштии миллӣ бисозад.

**Озодӣ:** Опозисиюн ҳам дар ин давра дар ҳолате буд, ки аз як тараф, сулҳ мехост, аз тарафи дигар, дар Тавилдара ва дигар минтақаҳо амалиёти низомӣ пеш мебурд. Оё ба назари шумо, ин ҷангҳо аз тарафи опозисиюн дар воқеъ бо мақсади сулҳ буданд ё опозисиюн мехост бо зӯрӣ масъаларо ҳал кунад ?

**О. Руа:** Ҳозир гуфтам, ки дар ибтидо опозисиюн таслим шуд. Баъзеҳо тарафдори сулҳ буданд, баъзеҳо мухолиф. Ба назари ман, раҳбарияти опозисиюн фаҳмид, ки ҷанг роҳи ҳал набуд. Сабаби дигар, ҷанги дохилӣ дар Афғонистон буд. Опозисиюн лозим дошт, ки дар Афғонистон пойгоҳи собит дошта бошад. Аммо аз он ки дар Афғонистон ҷанги дохилӣ байни миллатҳои мухталиф, байни Толибон ва Иттиҳоди Шимол давом дошт ва аз ифротгароии онҳо пуштибонӣ дар он кишвар надоштанд. Тоҷиконе, ки ба Афғонистон гуреза шуданд, пароканда шуданд ва ба ин сабаб аксари онҳо хостори бозгашт ба ватан буданд.

**Озодӣ:** Ва дар ин байн, ба назари шумо, агар Русия намехост, имкон дошт, ки дар Тоҷикистон сулҳ шавад?

**О. Руа:** Хеле мушкил мебуд. Воқеан дар ибтидо Русия сулҳ намехост. Аммо бо мурури замон нафароне аз Вазорати корҳои хориҷии Русия дар Маскав тарафдори оштии миллӣ шуданд. Аммо намехостанд, ки ҳукумат бо опозисиюн қудратро тақсим кунад. Ва масъалаи дигар ҳам дар иртибот ба муносибати Русия ва Эрон вуҷуд дошт. Русия намехост, ҳамроҳ ва бо кӯмаки Эрон кор бикунад, балки мехост худаш созиши байни тоҷиконро ба вуҷуд биёрад. Эрон ҳам мехост байни ин кишвар ва Русия як ҳамкорие ба вуҷуд биёяд, на фақат дар мавриди (муносибат бо - РО) Тоҷикистон, балки Афғонистон, Узбекистон, баҳри Хазар

(Каспий), Қафқоз. Русия ба ин мухолиф буд. Аммо билохира дар мавриди Афғонистон як созиш байни Эрон ва Русия ба вуҷуд омад.

**Озодӣ:** Дар як марҳалаи гуфтушунидҳо ҳукумат, ки бештар бо Ҳоҷӣ Акбар Тураҷонзода суҳбат мекард, тасмим гирифт бо худи Абдуллоҳи Нурӣ мулоқот кунад. Раҳмонов бо Нурӣ дар Хусдеҳи Афғонистон вохӯрд ва ба ин мулоқот Тураҷонзода даъват нашуд. Ба назари Шумо, чаро ин ҳолат ба амал омад ?

**О. Руа:** Дар ин масъала тааммул накардаам. Аммо ин масъала ҳам буд, ки байни ин нафари опозисиюн, Абдуллоҳи Нурӣ ва ҳукумат иртиботи шахсӣ ба вуҷуд биёяд. Ва муносибати шахсӣ байни ӯ ва ҳукумат ҳам ба вуҷуд омад. Иртиботи байни афрод хеле печида буд. Аз як сӯ ин ба манфиати сулҳу созиш кор кард ва аз сӯи дигар ба прокандагии мухолифин.

**Озодӣ:** Аммо ба назари шумо, дар ҳамин давра байни Нурӣ ва Тураҷонзода чӣ фарқҳое буд ?

**О. Руа:** Фикр мекунам, ки байни онҳо тақсими кор вуҷуд дошт. Тураҷонзода нафари бештар сиёсӣ буд, назари Мулло Нурӣ дар он замон бештар идеоложик буд. Мумкин ки рақобати шахсӣ ҳам вуҷуд дошт. Аммо дар ҳар ҳол кори сиёсӣ бар ухдаи Тураҷонзода буд.

**Озодӣ:** Созиши сулҳ соли 1997 имзо шуд. Баъд шоҳиди он шудем, ки он чизҳое, ки мардум ба майдон баромада, мехост ба даст биёрад: ҳукумати демократӣ, матбуоти озод, интихоботи ҳақиқӣ - барои инҳо майдоннишиниҳову ҷанг ва чи қадар одам кушта шуд, ба даст наомад. Имрӯз Тоҷикистон ба ҳамон даврае баргашт, ки на матбуоти озод, на интихоботи озод дорад ва ҳизбҳои сиёсӣ ҳам фаъолияти озодона ва баробар бо ҳукуматро надоранд. Ин бозгашт ба ақиб нест?

**О. Руа:** Ман фикр мекунам, ки ин камбудии як насли мардум аст. Насле, ки дар солҳои 1990 фаъолияти сиёсӣ карданд, вале ба ҷое нарасиданд. Ва феълан умед ба насли ҷавонтар, ба насли дуввум аст. Аммо синдроми ҷанг қавист ва таъсири худро мегузорад ва ҳамчунин мавриди суистифода қарор хоҳад гирифт.

**Озодӣ:** Тавре баъзе ҳамсуҳбатони мо мегӯянд, гуфтушунид ва созишномаи сулҳи Тоҷикистон ба дараҷаи кофӣ роҳи ояндаи кишварро муайян накард. Фақат мардумро ба ҳам овард, як муддате намояндаҳои опозисиюнро мансабҳои

давлатӣ дод, баъд ҳам нақши худро ҳамчун як роҳнамои ҳамкорӣ ва рушду адолат иҷро накард. Шумо чӣ фикр доред?

**О. Руа:** Тоҷикистон нисбат ба баъзе давлатҳои Осиёи Марказӣ аз нигоҳе фарқ дорад. Кишвари демократӣ нест, иҷтимоӣ нест. Аммо аз назари дигар нисбат ба Узбекистон, нисбат ба Туркманистон бештар боз аст, озодии баён бештар аст. Ба ин сабаб  фикр мекунам, ки натиҷа нисбат ба кишварҳои дигари Осиё Марказӣ он қадар бад ҳам нест. Шояд интизорот аз он беш аз ҳад буд.

**Озодӣ:** Ташаккур устоди арҷманд. Саволи охирин. Яке аз ҳамсуҳбатони мо сулҳи Тоҷикистонро "сулҳе аз ноилоҷӣ" номид, яъне намехостанд, вале маҷбур буданд, ки сулҳ кунанд.  Назари Шумо чист?

**О. Руа:** Фикр мекунам, начандон дуруст аст. Ин ҷо омилҳо дохилӣ асосӣ буданд. Омилҳои хориҷӣ ҳам буданд, аммо на ҳалкунанда ва онҳо монеи он нестанд, ки ҳукумати Тоҷикистон бештар озоду демократӣ бошад. То андозае феълан дунё ба Тоҷикистон кор надорад. Номи Тоҷикистон машҳур нест. Ба ин сабаб, ман фикр мекунам, ки масъулияти оянда ба дасти сиёсатмадорон ва мардуми Тоҷикистон аст.

*Мусоҳиб Салими Аюбзод. 17 сентябри соли 2007. Порис, Фаронса.*

## Бурҳонуддини Раббонӣ : "Сулҳи Тоҷикистон ақибгоҳи моро мустаҳкам кард.”



**Радиои Озодӣ:** Ба назари шумо, даъво ва баҳс дар низои Тоҷикистон чӣ заминаҳо дошт ва бар сари чӣ буд?

**Бурҳонуддин Раббонӣ:** Хуб, табъан аъзову гурӯҳҳои сиёсӣ ҳар кадом барномаҳое доранд. Чунки кишвар (Тоҷикистон – РО) тоза истиқлол гирифта буд, гурӯҳҳои мухталиф дар ин ҷо вуҷуд дошт, ҳар кас ба зуъми худаш, мехост ҳукумати хоси мардумро бунёд бикунад. Ва оқои Нурӣ ва ҳамақидаҳои ӯ ба ин фикр буданд, ки фарҳангу таърихи Тоҷикистонро беҳтар метавонем эҳё бикунем. Ба ин асос ӯ гурӯҳи худро аҳли ин кор медонист ва ба ин фикр буд, ки бақоёи давраи Иттиҳоди Шӯравӣ барои озодиву истиқлоли мардуми Тоҷикистон, гузаштаи таъриху фарҳанги пурифтихори Тоҷикистон зиёд алоқа надорад. Ин, албатта, тасаввури ӯ буд. Табъан худашро оқои раиси ҷумҳур фикр мекард, тоҷики бисёр пурғуруру боэҳсос, ки мехоҳад, миллати худаш, истиқлол, таърих, гузашта ва ояндаашро эҳё бикунад ва бо дарназардошти шароити феълӣ як Тоҷикистони қудратманд бисозад. Аз ҳар лиҳоз: сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ. Ба ин асос теорияҳои мухталиф вуҷуд дошт. Билахира шароит набуд инҳо ба унвони як гуруҳҳои сиёсӣ масоиле матраҳ бикунанд, балки даст ба силоҳ зада шуд ва

мушкилоту проблемаҳое ба вуҷуд омад. Ва ман фикр мекунам маъмулан дар манотиқи кишварҳои мову Тоҷикистону мисли инҳо дастони кишварҳои ҳамсояву дур, ба хотири муташанниҷ сохтани авзоъ, ба хотири ҳифзи манофеашон дар он ҷо тазвин (ҳамроҳ– РО) шуда бошад, шояд. Ин як амри қабулшуда аст, ки дар ин гуна маврид дастҳое аз берун ҳам дароз мешавад.

**Озодӣ:** Чӣ далелҳое Шумо дар миён гузоштед, ки Нурӣ ва Раҳмон розӣ шуданд ва гуфтушуниди сулҳро суръату густариш доданд?

**Б. Раббонӣ:** Умдатарин чизе, ки барояшон  гуфтам, ин ки шумо ҳар ду бародари тоҷик ҳастед, ҳар дуятон  Тоҷикистонро мехоҳед. Ҳар дуятон миллататонро мехоҳед. Аммо агар ҷанг буда бошад, ҳадафи ҳеҷ яке ба даст намеояд. Дар вақте ки миллати тоҷик набошад, миллати кишвари Тоҷикистон набошад, шумо чӣ мекунед?  Фикру андешаҳоятонро бигӯед, девор бизанед, чӣ мекунед дигар? Беҳтар ҳамин ки ҳавои Тоҷикистонро дошта бошед.

**Озодӣ:** Устод, оё ҷанги Тоҷикистон ба вазъият дар Афғонистон низ таъсире дошт? Агар дошт, чӣ таъсире?

**Б. Раббонӣ:** Ҷанги Тоҷикистон таъсироти манфӣ ба Афғонистон мегузошт. Ва яқинан, сулҳи  Тоҷикистон барои мо як пойгоҳе низ эҷод кард, ки дар даврони муқовимат дар шароити бисёр баде ҳукумати Тоҷикистон, мардуми Тоҷикистон сарзамини Тоҷикистон барои истимрор (идома) - и муқовамат ва шикасти мухолифини мо беҳтарин паноҳгоҳе бошад.

**Озодӣ:** Устод, аммо вазъият дар Афғонистон ба ҳалли низои дар Тоҷикистон чӣ таъсир дошт? Махсусан, пешрафтҳои толибон, ки то марзи Тоҷикистон расида буданд.

**Б. Раббонӣ:** То он вақте ки мушкили Тоҷикистон ҳал шуд, Толибон ҳанӯз пешрафти бисёр зиёде надоштанд. Кобулро гирифта буданд – мо дар Кобул набудем. Аммо дар шимол вазъи мо хуб буд. Аммо вақте ки дар Тоҷикистон сулҳ сурат гирифт, мо то ҳадде мутмаин ҳам шудем, ки ин хуб аст аз ин ба баъд кишвари ақибгоҳӣ ва пуштисарии мо муташанниҷ нест. Агар авзоъ бадтар шавад, як теъдод муҳоҷирини мо метавонанд ун тараф бираванд. Ба ин асос яқин аст, ки сулҳи Тоҷикистон ҳам ба нафъи мардуми тоҷик буд, ҳам ба нафъи мардуми Афғонистон.

**Озодӣ:** Устод, ба назари Шумо, мухолифини давлати Тоҷикистон бо Толибон ягон робитае доштанд?

**Б. Раббонӣ:** На хайр. Онҳо қатъан робита надоштанд. Агарчи Толибон мехостанд, қатъан робита надоштанд.

**Озодӣ:** Устод, саволи охирин. Шумо нақши Русияву Эронро дар қазияи Тоҷикистон чӣ гуна баррасӣ мекунед?

**Б. Раббонӣ:** Шакке нест, дар ҷаласае, ки баъд дар Маскав сурат гирифт, нақши Русияву Эрон буд. Яқинан, нақши Русия бисёр умда буд, Эрон ҳам талоши бисёр зиёд мекард. Ногуфта намонад, эрониҳо бисёр кӯшиш мекарданд Ин ҳар ду кишвар асароти бисёр зиёде дар қисмати сулҳ доштанд.

*Мусоҳиб Фарҳоди Милод. Соли 2006. Кобул, Афғонистон.*

## Иброҳим Усмонов: "Агар Тӯраҷонзода раис мешуд...”



Мусоҳиба бо Иброҳим Усмонов, собиқ мушовири давлатии раисиҷумҳури Тоҷикистон, узви ҳайати музокиротии ҷониби давлат дар гуфтугӯи тоҷикон дар замони ҷанги дохилӣ ва узви Комиссияи оштии миллии Тоҷикистон

**Радиои Озодӣ:** Аслан кадом омилҳо сабаби сари мизи гуфтушунид нишастани ҷонибҳо дар соли 1994 шуда буд?

**Иброҳим Усмонов:** Агар аз нигоҳи соли 1993 ва ибтидои соли 1994 ба воқеаҳо нигоҳ кунем, на танҳо ҳукумат, балки тарафи мухолифин ҳам омодаи музокирот набуданд, намехостанд ин чизро. Душворӣ дар ҳукумат он буд, ки мамлакат мутамарказ набуд. Ноҳияҳо ва вилоятҳо на ҳама ба марказ тобеъ буданд дар соли 1993 ва 1994. Пул набуд дар Тоҷикистон. Теъдоди зиёди мардум гашта рафта буданд. Ин душвории ниҳоят сахте буд, ки давлатро маҷбур мекард, то роҳи аз он баромаданро пайдо кунад. Барои мухолифон бошад, саргардонии мардум дар хориҷи кишвар бисёр душвор буд. Тарси он буд, ки онҳо бозгашта ба ватан меоянд ва танҳо роҳбарони сиёсӣ берун аз ватан мемонанд. Махсусан баъди ташкил шудани барномаи «Хоки Ватан» дар Радиои Тоҷикистон ин беҳтар эҳсос мешуд. Аз ин сабаб онҳо ҳам ҳарчанд тайёр набуданд, маҳз бо нияти он ки аз ҳамин варта халос шаванд, омодагии худро ба музокирот эълон карданд. Лекин ҳарду ҷониб ҳам вақте омодагии худро изҳор кард, дар моҳият аслан ин омодагӣ

набуд, маҷбурӣ буданаш маълум шуда меистод. Дар фикри ҳукумати Тоҷикистон пеш аз ҳама музокирот бозгардонидани гурезаҳо ба Тоҷикистон буд на проблемаи дигар. Агар ин масъала ҳал мешуд, албатта, проблемаҳои иқтисодии Тоҷикистон низ роҳи ҳал меёфт. Дар пешниҳоди мухолифин қабл аз ҳама ташкил кардани Шӯрои давлатӣ ва боздоштани фаъолияти Шӯрои олии Тоҷикистон, ки он вақт мақоми ягонаи давлатӣ буд. Яъне раиси Шӯрои Олӣ роҳбари Тоҷикистон буд. Яъне ҳарду ҷониб тавре розигӣ доданд, ки он розигӣ аслан розигимонанд ҳам набуд. Давлатҳое, ки ин ду қувваи ба ҳам зид ба онҳо такя мекарданд, онҳо ҳам кӯшиш мекарданд, ки ҳамин гуфтушунид оғоз шавад. Фаразан, Тоҷикистон сари Русия эътиқод дошт ва Русия кӯмакҳои минбаъдаи худашро ба Тоҷикистон марбут мекард ба он ки музокирот шурӯъ мешавад ё не. Мухолифин такя мекарданд ба Ирон. Ирон ҳам кӯшиш мекард музокирот сар шавад. Зеро дар ҳамин замон манфиати Ирон ва Русия ба ҳамдигар наздик омада буд. Хуллас, инро ҳамин тавр мебояд фаҳмид, ки ихтиёрӣ набуд, омилҳое буданд, ки онҳоро вомедоштанд, ки чашм пӯшанду ба гуфтушунид сар кунанд.

**Озодӣ:** Ҳайати музокиротии мухолифин аз ибтидо то ба охир зери раҳбарии Ҳоҷӣ Акбари Тӯраҷонзода ин равандро ба интиҳо расонид, вале роҳбарони ҳайати музокиротӣ аз ҷониби ҳукумат зуд-зуд иваз мешуданд. Иллаташ дар чӣ буд?

**И. Усмонов:** Дар аввал чуноне медонед, Шукурҷон Зуҳуров, вазири меҳнат роҳбари ҳайати мо буданд. Ва дар ду маҷлиси аввал раҳбарияти мухолифин дар шахси Тӯраҷонзода ва Ҳимматзода қатъӣ талаб карданд, ки то вақте сатҳи тарафи ҳукумат баландтар нашавад, мо дар музокирот иштирок намекунем. Воқеан дар даври якум ва дуюми музокирот Тӯраҷонзода ва Ҳимматзода иштирок накарданд. Отахон Латифӣ роҳбарии ҳайати музокиротро бар дӯш дошт. Ва аслан Зайд Саидов ба сифати парторги ин музокирот дар паҳлуи Отахон Латифӣ қарор дошт, агар ҳамин хел гуфтан мумкин бошад. Барои ҳамин давлат маҷбур шуд, ки онро иваз кунад ва ҷаноби Достиевро фиристад. Ин тибқи хоҳиш ва талаби қувваҳои оппозисионӣ буд. Вале баъди он ки тарафи мухолиф аз интихоботҳои мо дар соли 1994, аз ду интихоботи мо, норозӣ шуданд ва аслан гуфтушунид қатъ шуд, ҳукумат қарор дод, ки шахси боз ҳам ба раҳбарият наздиктар – муовини сарвазири Тоҷикистонро роҳбари ҳайати гуфтушунид таъин кунад. Ва ҳамин тариқ Маҳмадсаид Убайдуллоев, ки роҳбари гуфтушуниди сулҳи тоҷикон буданд, ба ин гуфтушунид роҳбарӣ карданд. Дигар сабаби иваз шудани Маҳмадсаид

Убайдуллоев дар он буд, ки дар марҳилаи дуюми даври панҷум, яъне дар моҳи январи соли 1996 дар Тоҷикистон эътисоб ба муқобили ҳукумат ба амал омад. Ёд доред, ки Ибод Бойматову Маҳмуд Худойбердиеву дигарҳо эътироз карданд ва яке аз шартҳои эътирозашон аз вазифа озод кардани Маҳмадсаид Убайдуллоев буд. Азбаски Маҳмадсаид Убайдуллоев аз вазифаи муовини сарвазир озод шуданд ё дар арафаи озод шудан қарор доштанд, вале гуфтушунидро ба таъхир андохтан номумкин буд, давлат маҷбур шуд, ки роҳбарашро боз нав кунад. Ва аз ҳамин сабаб Талбак Назаров, вазири корҳои хориҷӣ, роҳбари гуфтушунид таъин шуда, то охир ин равандро бурданд.

**Озодӣ:** Дар китоби «Сулҳнома» хотирнишон кардаед, ки дар музокироти Алмаато роҳбарони Осиёи Миёна аз мавқеи мухолифин бештар пуштибонӣ кардаанд. Сабаб дар чӣ буд?

**И. Усмонов:** Дар ҳамон вақт роҳбари Ӯзбакистон ва роҳбари Қазоқистон агар қавле, ки тарафи мухолифин доштанд, дуруст бошад, Ислом Абдуғаниевич ва Нурсултон Назарбоев ақидаро дар бораи ташкил кардани Форуми халқҳои Тоҷикистон пешниҳод ва дастгирӣ карданд ва тарафи мухолифин бо ҳамин пешниҳод омада буд. Ва онҳо, масалан, Отахон Латифии раҳматӣ як рӯз гуфтанд, ки мо меравем Бишкек Аскар Акаевро ҳам мебинем, агар розӣ шаванд, се қувва мешавад ва инҳо моро дастгирӣ кунанд, мамолики дигари ИДМ ҳам моро дастгирӣ мекунанд. Ва ҳукуматро маҷбур мекунанд, ки пешниҳоди ташкили Форуми халқҳои Тоҷикистон қабул шавад. Акаев ин фикрро дастгирӣ накард. Ва Елсин ҳам дастгирӣ накард ва ин фикр дар ҳамон шаклаш боқӣ монд. Форуми халқҳои Тоҷикистонро мо чаро қабул накардем? Барои он мо қабул накардем, ки вай аслан ҳамон Шӯрои давлатӣ бо ном ва механизми дигар пешниҳод шуда буду халос.

**Озодӣ:** Аммо чаро Каримов ва Назарбоев дастгирӣ мекарданд? Яъне муносибаташон бо мақомоти расмии Тоҷикистон тира шуда буд?

**И. Усмонов:** Ман гумон мекунам, ки шояд баъзе нофаҳмиҳо байни роҳбарияти Тоҷикистон ва раҳбарияти Ӯзбакистону Қазоқистон ба амал омада буд. Чун дақиқ ба ин мавзӯъ ворид нестам, ман фақат шубҳа кардаам дар ин мавзӯъ, ки азбаски роҳбарияти мухолифини моро ҳеч вақт раҳбарияти Ӯзбакистон ва Қазоқистон аз ин пеш қабул накарда буд, ҳатто онҳоро интиқод мекарданд, байни марҳилаи

чоруму панчуми музокирот ин чиз ба амал омад, пас ягон ранҷише дар ин миён афтода будааст. Шояд аз ҳамин сабаб ҳам онҳоро дастгирӣ карданд.

**Озодӣ:** Дар яке аз саҳифаҳои ин китоб зикр кардаед, ки Саид Салимов, яке аз аъзои ҳайати ҳукуматӣ, дар яке аз баҳсҳо бо ишора ба зодгоҳатон таъна кардааст, ки Шумо сулҳ кардан намехоҳед. Ӯ гуфтааст, ки инҳо (яъне мухолифин) ҳукуматро гирифта истодаанду вазъияти мо бад шуда истодааст, шумоҳо намехоҳед, ки оштӣ миёни ҷонибҳо шавад. Чаро чунин сӯҳбатҳо пайдо шуданду шумо таҳти шубҳа қарор гирифтед?

**И. Усмонов:** Як ҳуҷҷате ба имзо расида буд дар Маскав, дар моҳи декабр хостанд ҳамин ҳуҷҷатро дар Теҳрон тағйир диҳанд. Тарафи мухолифин ҳамин ҳуҷҷатро тағйир додан мехост. Ман мухолифи тағйир додани ин ҳуҷҷат будам ва Саид Салимов тарафдори тағйир додани он буд. Ва албатта, баъди он ки ҷаласаҳо тамом мешуданд, мо байни ҳам баҳс мекардем. Аммо ин саволе, ки Шумо кардед чӣ сарахбор дорад? Ин воқеа моҳи январи соли 1997 дар Теҳрон рух дода буд. Вале барои он ки ба асли қазия бирасем, нигоҳ бояд кард, ки соли 1996 чӣ ҳодиса рух дода буд. Соли 1996 ҳамон эътисобе буд, ки Маҳмуд Худойбердиев ташкил карда буд. Дар моҳи июли ҳамон сол ӯ амалан муқобили ҳукумат ҷанг эълон карда, ҳамчун полковник ба савганди низомиаш хиёнат карда буд. Он вақт дар сари иддае аз мардум андеша пайдо шуд, ки ин одам аз минтақаи дигар аст. Аз минтақаи Суғд аст. Ҳатто дар баъзе маҷлисҳо ин гапро дар шакли ошкоро мегуфтагӣ шуданд. Ва ман дар иҷлосияи Маҷли Олӣ, дар суханрониам, таъкид кардам, ки ба Маҳмуд Худойбердиев на ҳамчун намояндаи минтақаи дигари Тоҷикистон нигоҳ кардан даркор, ҳамчун ба полковнике нигоҳ кардан даркор, ки ба савганди худаш хиёнат кардааст, ба вазифааш хиёнат кардааст. Чизи дигар вақте, ки дар Хусдеҳ муоҳидаи байни президент ва роҳбари ИНОТ имзо шуд, ҷаноби Тӯраҷонзода аз ин чиз норозӣ монданд. Ва баҳси ҳамин норозигии онҳо дар маҷлиси моҳи январи соли 97 байни устод Тӯраҷонзода ва устод Латифӣ иттифоқ афтода, ҳатто дар маҷлиси умумӣ ҳам давом мекард. Латифӣ ҳатто як маротиба асабиёна зикр карданд, ки ин созишномаро ман имзо накардаам ва имзо ҳам карда бошем, ман ҳам мисли шумо ҳуқуқ дорам, ки фикрамро мустақилона ин ҷо баён кунам. Яъне дар ҳамин авохири соли 1996 ва 1997 як навъ фикрҳои ба маҳалҳо такядошта гоҳ-гоҳе рух медод. Вале ин маънои аз ҳам дур рафтани тарафҳоро ифода намекард. Масалан, ман ҳамеша як чиз доштам,

тарафи ман ҳамеша ҳукумат буд. Маҳал ё чизи дигар набуд. Барои чӣ маҳз Саид Салимовро таъкид кардам? Дар байни музокиракунандагон яке аз боақлтаринҳояш аз тарафи ҳукумат ӯ буд. Вақте дар сари ҳамин одам ҳам ин фикр ба амал омад ман лозим донистам, ки дар китоб инро як дафъа зикр кунам.

**Озодӣ:** Ҳамчунин дар ҷои дигар зикр кардаед, ки президент дар яке аз сӯҳбатҳо гуфтааст, мафия аз Хуҷанд ба мухолифин хурокворӣ кӯмак карда истодааст. Ва имкон дорад А. Абдуллоҷонов дар музокироти Теҳрон ширкат варзад. Оё воқеан чунин ҳаракатҳо аз ҷониби Абдуллоҷонов сурат гирифта буд, ки бо мухолифини мусаллаҳи тоҷик ҳамкорӣ кунад?

**И. Усмонов:** Гумон мекунам буд. Ба кадом маъно? Охири соли 1996 Абдуллоҷонов ба Созмони Милали Муттаҳид нома навишта гуфт, ки ба мо ҳам рухсат диҳед дар музокироти сулҳи тоҷикон иштирок кунем. Муншии умумии СММ ҷавоб дод, ки дар асоси ризоияти ҳарду тараф шурӯъ шудааст ва танҳо ризоияти ду тараф метавонад ширкати қувваи дигар даркор ҳаст ё не, онро муайян кунад. Дар моҳи январи соли 1997 чандин маротиба тарафи мухолиф пешниҳод кард, ки гурӯҳи Абдуллоҷонов ҳам бояд дар музокирот иштирок кунад. Аз ҳамин нуқтаи назар онҳо суроғ доштан роҳи ҳамкорӣ карданро бо Иттиҳоди неруҳои мухолифин. Ин ҳамкорӣ чӣ шакл медошт, инро ман гуфта наметавонам. Лекин онҳо дар он қувва як навъ василаи бозгашти худро ба ҳукумат медиданд.

**Озодӣ:** Дар ҷойи дигар навиштаед, ки мутаассифона, фоҷиаи ҳукумати имрӯзаи мо дар ҳамин аст, ки баъзеҳо барои президент муҳите ба вуҷуд меоваранд, ки рӯҳияи ғайримиллӣ дорад. Барои тоҷик чӣ фарқ дорад, ки ӯ аз куҷост: Хатлон, Хуҷанд, Ғарм ё Бадахшону Ҳисор. Имрӯз ба назари Шумо ҳамин вазъияте, ки дар китоб зикр кардаед, чӣ гуна аст?

**И. Усмонов:** Чанд мусоҳибае, ки вақтҳои ахир дар матбуоти тоҷик чоп шуд, аз ҷумла ҳатто дар мусоҳибаҳои кӯтоҳи он чаҳор нафаре, ки низ даъвогари мансаби президентӣ буданд, ҳамеша як масъала зикр мешуд. Бисёр мехостем, ки масъалаи кадр, интихоби кадр дар Тоҷикистон танзим карда шавад. Моҳияти ин масъала дар ҳамин гуфтаҳо зоҳир мешавад. Яъне интихоби кадр аз рӯи лаёқат буданаш даркор, аз рӯи салоҳият буданаш даркор, аз рӯи донишу фаҳмиш буданаш даркор. Ман дар соли 2001 дар ин бора гуфта бошам, ашхоси дигар, ашхоси расмӣ

дар соли 2006 ин гапро таъкид карданд. Пас ин масъала то ҳанӯз ҳалли пурраи худро пайдо накардааст.

**Озодӣ:** Боз ҳам дар асоси навиштаи китоби «Сулҳнома». Дар як ҷо навиштаед, ки айнан меоварам, «чунин ба назар мерасад, ки боиси қаҳри Тӯраҷонзода аз ҳамсангаронаш дар он буд, ки дар КОМ ӯро неву Нуриро раис монданианд. Ӯ раиси КОМ шудан мехост. Ва агар дар воқеъ ӯ раиси КОМ мешуд, КОМ на он тавре мебуд, ки мо дар амал дидем.» Манзуратон чист?

**И. Усмонов:** Барои он ки манзури маро бифаҳмед, ба ин ҷумлаҳо таваҷҷӯҳ кунед. Ҷаноби Саид Абдуллоҳи Нурӣ инсони бисёр олӣ, донишманди бисёр олии солҳаи дин, шахси бисёр ватанпараст, вале сиёсатмадори комил нестанд, аз нигоҳи ман, набуданд. Ҷаноби Тӯраҷонзода ҳам донишманди соҳаи худашон ҳам донишманди соҳаи сиёсӣ, ҳам амалкунандаи сиёсӣ, ҳам одаме, ки то соли 1993 дар муҳити сиёсии Тоҷикистон аз неруҳои динӣ ба сифати шахси якум намояндагӣ мекард. Пас агар ба сифати роҳбари Комисияи Оштии Миллӣ агар ӯ таъин мешуд, КОМ як мақоми қавитар, бисёр қавитаре на ба манфиати шояд ҳукумат мешуд. Ва он кадрҳое, ки дар замони ҷаноби Нурӣ тасдиқ шуданд, на ҳамаи онҳо таъин мешуданд ба вазифаҳо, ман гумон мекунам. Зеро вазъият хусусияти дигархелтар мегирифт. Ман ҳамин чизро дар назар дорам.

*Мусоҳиб Абдуқаюми Қаюмзод. 24 апрели соли 2007, Душанбе.*

## Ислом Каримов: “Ҳеч гуна неруи сеюм вуҷуд надошт”



*Чанд рӯз пеш рӯзноманигори шинохта Аркадий Дубнов ба Тошканд сафар карда буд ва тибқи супориши Бахши Тоҷикии Радиои Озодӣ дар ин ҷо бо президенти Узбекистон – Ислом Каримов вохӯрда, суҳбате орост дар мавриди раванди сулҳи Тоҷикистон. Мусоҳиба ин гуна ҷараён гирифт:*

**Радиои Озодӣ:** Хуб, оё шумо имрӯз аз ҳолати раванди сулҳи Тоҷикистон қонеъ ҳастед?

**Ислом Каримов:** Мутлақан – на. Зеро ки он ба як раванди такроршаванда табдил ёфтааст. Ҳамон сатҳе, ки якуним сол пеш дар ин гуфтушунидҳо ба даст омада буд, амалан то имрӯз бетағйир мондааст. Мушоҳидакор ё таҳлилгари бодиққат, ки бо пайгирии ҷараёни ин таҳаввулот, агар гуфтушуниди сулҳи Тоҷикистонро таҳаввулот номидан мумкин бошад, машғул бошад, танҳо ба ин натиҷа мерасад, ки баъди дастоварди Теҳрон ва баёнияи муштараки ҷаноби Нурӣ, раҳбари опозисюни Тоҷикистон ва ҷаноби Раҳмонов, раиси ҷумҳури Тоҷикистон, ба ҳайси санади умедворкунанда чизе ба даст наомад. Ҳарчанд ҳамаи барномаҳои баъдина дар пояи ҳамин ҳуҷҷат сохта ва ё пешбинӣ мешуданд. Ба мисли оташбас, қатъи хусумат дар марзҳо ва бархе аз фаъолиятҳои муштарак. Вале баъд зиёда аз ин чизе ба вуқӯъ напайваст. Ва ин ҳама нишастҳои тӯлонӣ дар шаҳрҳои гуногун ва бори

охир дар Ишқобод, ки ба фикрам, ду дафъа буд, агар Шумо ақидаи маро донистан хоҳед, чизи наве ба бор наоварданд. Ба ҷуз ин ки дастовардҳои Теҳронро такрор намуданд.

**Озодӣ:** Сабаб чист? Оё саркашии тарафҳо, агар ба киноя гӯем, сабаб аст?

**И. Каримов:** Ин масъала сода нест. Ва худи Шумо ҳам медонед, ки сода нест. Сухан аз ҳамдигарнофаҳмӣ нест. Сухан аз ин нест, ки касе саркашӣ мекунад ва ё намехоҳад чизеро писанд кунад. Моҳият дар ин нест. Ба назари ман, калиди ҳалли низои Тоҷикистон ва ҳамчунин Афғонистон дар худи Тоҷикистон ё Афғонистон нест. Берун аз марзҳои Тоҷикистон аст. Мехоҳед ман ном ба ном гӯям? Албатта. Хуб, Шумо медонед, ки опозисюн имрӯз дар Теҳрон ситод дорад. Аз ҳамин рамуз бардоред. Бахши дигари опозисиюн дар Маскав аст ва ҷаноби Раҳмонов ҳам зиёдтар ба мавқеи Маскав майл дорад. Аз ин чизҳо рамуз гиред ва биандешед, ки чаро раванди сулҳ пеш намеравад? Вале агар ҷиддитар бархӯрд кунем, ба назари ман, Раҳмонов ҳанӯз пурра омода нашудааст, дарк накардааст, ки фақат гуфтушуниди сиёсӣ, фақат мусолиҳа, фақат бо вуҷуди ин ки чӣ қадар барояш душвор бошад ҳам, ӯ бояд худро маҷбур кунад, ки воқеиятро ба эътибор гирад. Фақат ҳамин чиз метавонад мушкили Тоҷикистонро ҳал кунад. Метавонам аз ин ҳам бештар бигӯям. Агар Раҳмонов ҳанӯз як сол пеш аз он дархостҳое, ки дар нишасти сарони кишварҳои муштаракулманофеъ гуфта шуданд, истиқбол мекард, ман худам шоҳид будам, Елтсин хеле боисрор дар ин бора сухан гуфта буд, Примаков, Черномирдин, дигар сарони кишварҳои муштаракулманофеъ гуфта буданд, ки бояд аз роҳи мусолиҳа ва гузашт рафт. Албатта, на гузашт дар мавзӯи аз ҳама асосӣ. Аммо бо дарназардоши воқеият як сол пеш мавқеъҳо устувортар буданд назар ба имрӯз ва ман метарсам аз ин рӯз, ки агар идроки вазъ даст надиҳад, баъд муддате – ман намехоҳам муҳлатро зикр кунам – мавқеъҳо аз имрӯз дида, боз заифтар хоҳанд шуд.

**Озодӣ:** Вале агар, Ислом Абдуғаниевич, бахши маскавии опозисюни тоҷик ва бахши теҳронии он бо ҳам забони муштарак ёбанд, муттаҳид шаванд, ин ба раванди сулҳ фоида хоҳад овард ё на?

**И. Каримов:** Ман зермаънои саволи Шуморо фаҳмидам. Ман мавқеъҳои бахши маскавии опозисюн ва бахши теҳронии онро таҳлил накардаам. Вале баъзе

намоядагони опозисюн, ки пештар дар Маскав зиндагӣ мекарданд, ба Теҳрон кӯчиданд.

**Озодӣ:** Агар хоҳед, каме шарҳ медиҳам. Ман Абдумалик Абдуллоҷонов ва блоки ӯро бо сарвазирони собиқ дар назар дорам ва ҳамаи опозисюни боқимондаро. Шумо Латифиро дар назар доред ва ман ҳамаи онҳоеро, ки қаблан низ дар Теҳрон зиндагӣ мекарданд. Агар ба ин савол ҷавоб додан нахоҳед, мо метавонем аз он қатъи назар кунем.

**И. Каримов:** Не, Аркадий, ман аз ибтидо мувофиқат карда будам, ки ба ҳамаи саволҳои Шумо ҷавоб хоҳам дод ва ҷавоб медиҳам. Вақти суҳбат ман инро дар назар доштам, ки аз нигоҳи расмӣ ба опозисюн киҳо шомиланд. Онҳое, ки таҳти сарварии ҷаноби Нурӣ ва ҷаноби Тураҷонзода, ки мо бо он кас мулоқот доштем ва  он бахши опозисюн, ки худро ба ҳайси ба ном гурӯҳи ҳамоҳангсозии нерӯҳои демократӣ, таҳти сарварии ҷаноби Латифӣ муаррифӣ мекард. Ба ақидаи ман, опозисюни муттаҳидаи тоҷик аз ҳамин ду гурӯҳ иборат аст. Имрӯз шумо аз Абдуллоҷонов суҳбат мекунед, дар воқеъ оё худи Абдуллоҷонов худашро опозисионер мешуморад ё на? Ӯ дар бораи қувваи сеюм сухан мегӯяд, вале ман фикр намекунам ин нерӯи сеюм дар эътилофи иттиҳоди мухолифони тоҷик бошад.

**Озодӣ:** Не, ман инро тасдиқ намекунам.  Ман гуфтам - агар ин нерӯи сеюм чунин бишуморад, ки имкониятҳои ӯ бо ёфтани таъсири воқеӣ дар сурати эътилофи он ба опозисюни муттаҳида беҳбуд хоҳад ёфт. То ҷое, ки ман медонам, ин нерӯи сеюмро дар Душанбе ҳам чандон хуш надоранд. Вақте ки ҳеҷ кадоме аз ду нерӯ сеюмро мақбул намешуморад, он маҷбур мегардад бо яке аз онҳо бипайвандад.

**И. Каримов:** Бале. Вақте ки ду тарафи даргир ва хасми якдигар ба созиш намерасанд, нерӯи сеюм ба саҳна мебарояд. Ин комилан мантиқист. Вале ба таври куллӣ ман бар инам, ки Раҳмоновро зарур аст бо ҷаноби Нурӣ созиш ёбад. Дар бораи ягон қувваи сеюм ростӣ, ман мавод ва маълумоти кофӣ надорам, ки сухан гӯям. Ман масалан, чунин мешуморам, ки агар гуфтушунидҳои сиёсие, ки байни ҷанобон: Нурӣ ва Раҳмонов баргузор мешаванд, натиҷаи хуб диҳанд, агар онҳо ба гузаштҳои дуҷониба иқдом кунанд, ба такрор мегӯям, гузаштҳои дуҷониба, он гоҳ нерӯи сеюм ҳам маҷбур мешавад ин созишро ба эътибор гирад. Созишеро дар байни ду тарафи даргир, ки аз дер боз ҳама интизор доранд. Як тарафро, ман

медонам, ҷаноби Нурӣ сардорӣ мекунад ва тарафи дигар ҳукумати расмӣ, ки ба он ҷаноби Раҳмонов сарварӣ мекунад. Ман имрӯз намехоҳам ва далел надорам бигӯям, ки дар ин гуфтушунидҳо ё дар саҳна қувваи сеюм пайдо шудааст ва бояд онро ба назар гирифт. Ман чунин далел надорам.

*Мусоҳиб Аркадий Дубнов, 18 сентябри соли 1996, Тошканд.*

## Ҷалолиддини Маҳмуд: «Ҳадафи мухолифон ҷангу ҳукумат набуд...»



*Ҷалолиддини Маҳмуд дар моҳи ноябри соли 1994 ҳамчун узви ҳайати якҷои назорати оташбас вориди Душанбе гашт. Моҳи феврали соли 1996, пас аз он ки ҳамраиси ҳайати якҷои назорати оташбас Музаффар Раҳмонов дар Душанбе бенишон шуд, вазифаи ӯро бар дӯш гирифт. Ин дар ҳоле буд, ки дар кишвар ҷанг идома дошт ва намояндагони мухолиф таҳти таъқиб буданду на ҳар кас розӣ мешуд, ба намояндагӣ аз ИНОТ дар дохили кишвар кор кунад.*

**Радиои Озодӣ:** Интихоби Шумо ба ин вазифа чӣ гуна рух дод?

**Ҷалолиддини Маҳмуд:** Моҳи ноябри соли 1994 буд. Дар шумори ҳазорҳо нафар ҳамватани дигар дар шаҳри Маскав дар ҳолати гурезагӣ ба сар мебурдам. Дар он ҷо дафтари ҲНИТ фаъолият мекард. Рӯзе устоди марҳум Саид Абдуллоҳи Нурӣ занг зада, гуфтанд, ки як Кумиссюни назорати оташбас аз ҳарду ҷониб, яъне ҷониби ҳукумат ва мухолифин ташкил шудаасту чор нафар аз мо бояд шомили он бишаванд. Ду нафар аз Афғонистон омаданд. Ҳоҷӣ Музаффар Раҳмонов ва Муҳиддин Ҳасанов, ки дертар ҳардуи онҳо, дар ҷараёни кор дар ин кумиссюн -- яке дар худи Тоҷикистон ва дигарӣ дар Афғонистон бе ному нишон ғайб заданд. Нафари севвум Саид Мухтор Мирзоев аз Маскав. Хулоса, маро аз Маскав даъват карданд, ки дар кори ин кумиссюн ширкат варзам. Он се нафари дар боло

зикршуда ду ҳафта пештар аз ман омада буданд. Маро аз Маскав Сафорати Тоҷикистон гусел кард ва дар Душанбе ҳам истиқбол гирифтанд. Дар меҳмонхонаи Окятбр («Авесто»-и ҳозира) моро ҷой доданд. Ҳифозати мо ба ӯҳдаи русҳо (дивизияи 201-ум) вогузор шуда буд. Ҳоҷӣ Музаффар ҳамраиси кумисюн буд. Корро сар кардем, аммо мушкили ноамнӣ вуҷуд дошт. Мушкили молӣ ҳам доштем. Дар Русия мо аллакай соҳиби нону шароити хуб ҳам шуда будем. Ба ҳамин минвол то омадани Кумисюни Оштии Миллӣ ба Душанбе бо роҳбарии устод Нурӣ дар ҳайати Кумисюни назорат бар оташбас кор кардам.

**Озодӣ:** Номзадии Шумо танҳо пешниҳод шуд ва ё чанд нафар будеду аз ин миён худатон розӣ шудед ва ё дастур шуд, ки ҳатман Шумо биравед?

**Ҷ. Маҳмуд:** Дар Маскав намояндагии ҲНИТ амал мекард ва муроҷиат ба дафтар шуда буд. Чун Афғонистон телефон надошт, устод аз Теҳрон тамос гирифта буд. Аслан ин кор бар ӯҳдаи устод Ҳоҷӣ Акбар Тӯраҷонзода, раҳбари ҳайати музокирот, гузошта шуда буд. Нафарони узви кумисюнро мебоист он кас пайдо мекарданд, чун зиёдтар дар Теҳрон буданд ва имкони иртиботи телефонӣ доштанд. Дафтари ҲНИТ танҳо намояндагии мухолифин дар Русия буд. Дигар ҳеҷ кадом мухолифини давлатҳои собиқ Шӯравӣ онҷо дафтари худро надошт. Чандин ҷаласаҳо баргузор шуд, аммо касе ин пешниҳодро ба ӯҳда намегирифт. Чун диданд, ки касе ба ӯҳда намегирад, аз мо ду-се бор талаб намуданд, то ба ӯҳдаи худ бигирем. Ман ба устод пеш ҳам наздик будам, шогирд ба ҳисоб мерафтам. Чун узви ҲНИТ будам, супоришро иҷро кардам.

**Озодӣ:** Яъне, Шумо шогирди ҳалқаҳои дарсии устод Нурӣ ҳастед?

**Ҷ. Маҳмуд:** Бале ва ман ҳамеша дар раддаҳаи болоии ҳизб будам.

**Озодӣ:** Азбаски Шумо аз наздик бо фармондеҳон шинос будед, метавонед бигӯед, ки чаро гурӯҳе аз фармондеҳони мухолиф бо сулҳ созиш накарданд ва баъзе аз эшон дар замони ҷанг ҳам саркашу фармоншикан буданд?

**Ҷ. Маҳмуд:** Албатта, ин мушкилоти танҳо худи қумондонҳо набуд. Баъзе аз нафарҳои сатҳи сиёсиву роҳбарият ҳам дар аввал аз оқибати сулҳ дарки амиқ надоштанд, ки то ба куҷо он давом меёбад. Баъзе нафарони сиёсӣ ҳам сулҳро бо

ин шаклу шева намехостанд, аммо дигар махфӣ монданд. Худи Иттиҳоди нерӯҳои мухолифин соли 1995 ташкил шуда буд. Дар аввал як номи муайян ҳам надошт. Як идеяро дар Афғонистон қабул карда буданд, ки на ҳама онро сарфаҳм мерафт ва роҳбарияти устод Нуриро дар аввал на ҳам қабул дошт. Қумондонҳо бо нафарони сиёсӣ алоқаи хос доштанд.

**Озодӣ:** Яъне ҳар қумондон як навъ раҳбари худашро дошту ҳама ба як нафар итоат карданӣ набуданд?

**Ҷ. Маҳмуд:** Дар ибтидо ҳамин тавр буд. Кумисюни назорат бар оташбас соли 1994 ташкил шуд. Чун ин намуд мушкилоту музокироту тақсимоти қудрат миёни ҳукумату мухолифон дар ҷаҳон зиёд иттифоқ афтодааст ва қумондонҳо ҳам ба воситаи расонаҳои хориҷӣ, хусусан радиоҳои "Озодӣ"-ву "Би-би-сӣ" бо оламиён робита пайдо карда буданд. Ҳамеша ҳукуматҳое, ки ғолиб омадаанд, гурӯҳҳоро оҳиста-оҳиста бо ҳар навъ аз байн бурданд. Яъне қумондонҳо аз пеш омадани чунин сарнавишт ҳарос доштанд, зеро кафолатҳои мегирифтаашон шифоҳӣ буд, на хаттиву расмӣ. Як замонати комил надоштанд. Баъзе аз онҳо ба ин сулҳ бовар надоштанд. Устод ҳам даҳонӣ ваъда медод, ки Худо хоҳад, ҳамааш ба хубӣ анҷом меёбад. Баъдтар маълум шуд, ки ин нигарониҳо ва нофаҳмиданҳо дар асл ҳам ҷон доштаанд ва тасдиқи худро ҳам ёфтанд. Баъзе қабулкардаҳо қурбон шуданд. Қабулнокардаҳо ҳам аз байн рафтанд. Яъне он нигарониҳое, ки ин созишҳо баъд аз муддате пароканда мешавад, тасдиқи худашро ёфт. Мо Гурӯҳи Тамос ва Гурӯҳи кишварҳои кафили иҷрои созишномаҳоро низ доштем. Бо омадани Кумисюни Оштии Миллӣ онҳо аз байн рафтанд. Аммо чун мушкилот пеш меомад, намедонистӣ, ки ба кӣ муроҷиат кунӣ. На тарафи ҳукумат, на тарафи мухолифин онҳоро (қумондонҳо) натавонистанд қонеъ кунанд, ки оқибати кор чӣ мешавад. Ахбор даҳон ба даҳон мерасид. То ба як қумондон расидани як амр он сад бор тағйир меёфт.

**Озодӣ:** Созишномаи сулҳ дар ҳоле ба имзо расид, ки мухолифон шарқи кишварро зери итоати худ гирифта буданд. Дар Суғду Ҳисор ҳам тазоҳуроти эътирозӣ нисбат ба ҳукумати марказӣ сурат мегирифт. Дар худи Душанбе низ ИНОТ қувваи худро дошт. Пас, чаро он ба як чунин созиш ризоият дод?

**Ҷ. Маҳмуд:** Аз ҳамон даме ки мухолифатҳову тазоҳурот дар майдонҳо шурӯъ шуд ва ниҳоят задухӯрди мусаллаҳона оғоз ёфт, роҳбарони мухолифин нияти гирифтани ҳукуматро надоштанд. Дар аввал ин эътирозҳо алайҳи ҳукумати Қаҳҳор Маҳкамову Раҳмон Набиев буруз карда буд. То ба имрӯз роҳбарияти мухолифин бар ин ақида аст, ки ҷанги дохилӣ таҳмилӣ буд. Мо ҷанг кардан ва ҳукуматро гирифтан намехостем. Ба мо онро таҳмил карданд ва ҳамеша вазифаи мо дифоъ кардани худамон буд. Дар Афғонистон ҳам устоди марҳум мегуфтанд, ки ягона ҳадафи ман бозгашт ба Ватан аст. На мақсади раҳбар шудан дорам ва на мақсади ҳукумат гирифтан. Дар ҳар шароите, ки моро ба Ватан баргардонанд, мо розием. Рӯзҳои охир, вақте ки дар Маскав Созишнома ба имзо мерасид, хатти пеши неруҳои ҷангии мухолифин дар фурудгоҳи кӯҳна буду дар Роҳи оҳану «сеюм база» задухӯрдҳо мерафт, ки ин хабарҳо, албатта, ба Маскав мерасиданд. Бо вуҷуди ҳамаи ин, устод ҳамеша таъкид мекард, ки барои ман ҳукумат даркор нест. Мақсад ба ватан ва хонаву дар баргардонидани муҳоҷиронест, ки ба хотири мо ҳиҷрат кардаанд. Чанд фоиз ва ё кадом вазифаҳоро медиҳанд, муҳим нест. Муҳим пеши роҳи хунрезиҳоро гирифтан аст. Мақсад идома додани мубориза набуд.

**Озодӣ:** Фикр намекунед, ки мухолифин чандон дар майдони сиёсат обутоб наёфта буданд ва намедонистанд, ки оянда чӣ мешавад?

**Ҷ. Маҳмуд:** Не, баръакс медонистанд. Иттиҳоди нерӯҳои мухолифин ҳарчанд дар сафи худ зиёиёну рӯшанфикрон низ дошт, аммо роҳбарият аслан афроди мазҳабӣ буданд. Онҳо медонистанд, ки ҷаҳони онрӯза омода барои қабули гурӯҳҳои мазҳабӣ дар сатҳи ҳукумат нест. Роҳбарони мухолифин мегуфтанд, ки ин ҳама муборизаҳои мо то ба даст овардани сулҳ идома хоҳад ёфт.

**Озодӣ:** Вақте созиш шуд барои бозгашти роҳбарони мухолифин аз хориҷи кишвар, чаро роҳбарони сатҳи аввал Саид Абдуллоҳи Нурӣ ва Ҳоҷӣ Акбар Тӯраҷонзода баробар наомаданд?

**Ҷ, Маҳмуд:** Агар аҳамият дода бошед, дар худи музокираҳо ҳам мавқеи устод Тӯраҷонзода як зарра дигар буд. Вақте дар бораи афв миёни тарафҳо музокира шурӯъ шуд ва гӯё ки ба як натиҷа расиданд, устод Тӯраҷонзода мегуфт, ки «ман ҷавоби қонеъкунанда нагирифтам аз ҳукумат. Онҳо метавонанд, ҳамаи моро зери

он моддаҳои ҷиноӣ биоваранд. Дар ҳоле ки ду тарафи ҷанг аст ва аз ду тараф сулҳ мешавад, пас, барои чӣ бахшиш яктарафа мешавад. Мо тарафи ҳукуматро на дар кадом сатҳ, балки комилан бахшидем ва мо нагуфтем, ки моддаҳое дорем, ки ин нафаронро намебахшем. Пас бояд тарафи дигар ҳам чунин кунад». Устод Тӯраҷонзода ба тақсими сифоизаи ҳукумат низ бовар надошт ва мегуфт, ҳоло механизми ташкил ва иҷрои он тартиб дода нашудааст. Ваъда шуда буд, ки механизми онро Кумисюни Оштии Миллӣ рӯшан мекунад. Ҳоҷӣ Акбар Тӯраҷонзода мегуфт, ки то ин Комиссия (КОМ) корро шурӯъ мекунаду мустақар мешавад, умри ҳукумати сифоизаи мо, ки ҳамагӣ як солу нӯҳ моҳ - ду сол аст, ба охир мерасад. Фурсат тамом мешавад. Мегуфт, ки биёед ин тақсимотро дар хориҷи кишвар ва қабл аз ворид шудан ба ватан анҷом диҳем. Яъне, ҳамин гуна нигарониҳо дошт устод Тӯраҷонзода.

**Озодӣ:** Ба ҳар сурат зери Созишнома имзо монданд, аммо чаро ин ду нафар ҳамроҳ бо як тайёра барнагаштанд? Мегӯянд, ки ҳукумат махсус ташкил кард, ки ҷаноби Нурӣ бе ҷаноби Тӯраҷонзода вориди Душанбе шавад...

**Ҷ. Маҳмуд:** Дуруст, аммо устод Тӯраҷонзода узви Кумисюни Оштии Миллӣ набуд. Дар аввал аъзои кумисюн бояд меомад. Чунин фикрҳо ҳам буданд, ки роҳбари кумисюн устод Нурӣ набошад, устод Тӯраҷонзода ё ягон нафари дигар бошад. Дар марҳилаи аввал устод Тӯраҷонзода мегуфт, ки чун Созишномаи сулҳро имзо ва дар ҳар ҳамон шакл бовар кардед, биравед, ман ҳоло ба ин бовар надорам.

**Озодӣ:** Яъне ин тасмими шахсӣ буд ва ҳукумат ба бозгашти эшон мухолифат надошт?

**Ҷ. Маҳмуд:** "Ҳукумат мухолифат дошт. Аммо мухолифат, мухолифати расмӣ набуд, чун расмӣ чизе гуфта намешуд. Аммо устод Тӯраҷонзода худаш шахсан омадан намехост, чунки нобовариҳо дошт. Агар мухолифат мекард, ҳамин Кумисюни Оштии Миллӣ ҳам омада наметавонист. Мегуфт, ки ман ҳоло инҷо хоҳам монд, то шароит ва баъзе чизҳоро биомӯзам ва баъд меравам. Аммо тавре вонамуд карданӣ шуданд, ки ӯ ба сулҳ розӣ нест, як нафари ҷангҷӯ аст, ки дигар дертар ҳам бошад, омад."

**Озодӣ:** Аслан ихтилофи миёни ҷанобон Нурӣ ва Тӯраҷонзода бар сари чӣ буд ва оё он нигарониҳое, ки ҷаноби Тӯраҷонзода дошт, баъдан собит шуд ё хайр?

**Ҷ. Маҳмуд:** Ихтилоф миёни ин ду нафар назарӣ буд. Барои мисол устод Нурӣ ба устод Тӯраҷонзода мегуфт, ки биё, вуҷуди физикии ту дар Тоҷикистон муҳим аст, биё, ҳамроҳи мо, канор нагир. Он нафароне, ки роҳбариашонро ба ӯҳда дорӣ намефаҳманд, миёни онҳо нофаҳмиҳо рух медиҳад, ҷаҳониён ҳайрон мешаванд, биё, ҳадди ақал дар хонаи худат нишин. Бо он ҳама норозигиҳое, ки дошт устод Тӯраҷонзода омад. Бо назардошти мушкилоте, ки баъдан болои иҷрои Созишномаи сулҳ, ҷонибдорони як тарафи сулҳ омад, дигар инкор ҳам карда намешавад, ки он нигарониҳое, ки Тӯраҷонзода дошт, ҷой надошта бошад.

**Озодӣ:** Яъне ба ҳар сурат Тӯраҷонзода ояндаро хубтар дарк карда буд ва медонист, ки мухолифин дар оянда бо чӣ мушкилоте рӯ ба рӯ хоҳанд шуд?

**Ҷ. Маҳмуд:** Аслан устоди марҳум Сайид Абдуллоҳи Нурӣ як шахси хушбин (оптимист) буданд. Устодон Ҳимматзодаву Тӯраҷонзода оптимист набуданд. Бо гузашти 14 сол аз замони имзои Созишномаи сулҳ ҳанӯз ҳам баъзе ҷузъиёту баъзе пӯшидагиҳои он баъди 40-50 сол ва бо омадани дигар ҳукуматҳо ошкор мешавад. Мақсади Тӯраҷонзода идома додани ҷанг набуд. Ҳам ӯ ҳам марҳум Саид Абдуллоҳи Нурӣ бо роҳи сиёсӣ баргаштан мехостанд. Устод Тӯраҷонзода бар ин назар буд, ки баъзе замонат ва имкониятҳоро зиёдтар ба даст овардан мумкин аст, саросема шудан даркор нест. Аслан бигирем, шартгузор ҷониби мухолифин буд. Бори дигар мегӯям, ки то ҷое ман устод Тӯраҷонзодаро мешиносаму эҳтиром мекунам, ӯ аслан хостори идома додани ҷанг набуд. Баръакс, ӯ аз сиёсат бештар огоҳ буд. Дар идораи Қозиёт кор мекард, вакили Шӯрои Олӣ буд ва аз ин ҷиҳат аз бозиҳо ва нозукиҳои сиёсӣ бештар хабар дошт. Устоди марҳум Сайид Абдуллоҳи Нурӣ ин нозукиҳоро назариявӣ мефаҳмид, аммо Тӯраҷонзода аз онҳо амалан бохабар буд. Фикр мекунам, ки агар ҷойҳои устодон Тӯраҷонзодаву Нуриро иваз кунем, ӯ ҳам гузашт мекард. Чун нафари аввал ҳамеша гузашт мекунад. Агар ҳадаф сулҳ кардан бошад, ҳатман бояд гузашт кунӣ. Тарафи ҳукумат ҳам гузаштҳои зиёд мекард, аммо он гузаштҳоро амалан иҷро накард. Агар онҳоро анҷом медод, нигарониҳои устод Тӯраҷонзода ҳам аз байн мерафт.”

**Озодӣ:** То ҷое медонем, Шумо дар ҷараёни кори хеш дар Кумисюни назорати оташбас чанд навбат бо раисиҷумҳур шахсан мулоқот доштед. Чӣ боис ба баргузории ин мулоқотҳо шуда буд?

**Ҷ. Маҳмуд:** Бори нахуст банда бо раисиҷумҳур дар соли 1996 мулоқоти як ба як доштам. 9-ум ё 10-уми октябри ҳамон сол овоза паҳн шуд, ки (баъдан тасдиқи худро ёфт) Ризвон вориди Тоҷикистон шудааст. Шоҳидон мегуфтанд, ки Ризвон дар сар тоқиву дар тан ҷомаи тоҷикӣ ҳамроҳи сардори Горди Миллии онвақта Ғаффор Мирзоев (Седой) дар хиёбонҳои шаҳр мегардад. Устод Нурӣ аз чунин ранг гирифтани кор сахт ранҷид, ки аз як тараф бо мо сулҳ карда истодаанду сулҳ ба марҳилаи ниҳоии худаш наздик мешавад, ҳолати имзо кардани он расидааст, аз тарафи дигар ба чунин корҳо даст мезананд. Чун он вақт Ризвон ба душмани сарсахт ва ашаддии роҳбарияти мухолифин табдил шуда буд. Аз ин ҷиҳат устод Нурӣ худро аз музокирот ва мулоқот қафо кашид. Сипас, задухӯрдҳо дар ҷабҳаҳо шиддат гирифт ва Кумисюни назорати оташбас натавонист, ки оташбасро таъмин кунад. Зеро қумондонҳо вақте ба ҳарфи мо гӯш мекаранд, ки аз боло ишора мешуд. Ҳар сафаре, ки мо ба манотиқи таҳти контроли фармондеҳон анҷом медодем, пешопеш аз Теҳрон ё аз Толиқон таъкид мекарданд, ки кумисюн меояд ва онро эҳтиром кунед, ки хостаҳояшон сиёсӣ ва қонунӣ ҳастанд. Мо ризо ҳастем, Шумо низ қабул кунед. Баъд моро ба хушӣ қабул мекарданд. Агар чунин супоришҳо аз боло (Теҳрону Толиқон) намешуд, кори мо чандон пеш намерафт. Ҳамин тавр, устоди шодравон дилмонда шуд ва ӯро ҳеч пайдо накарданд, на бо мухобира ва на бо ягон намуд алоқаи дигар. Аз ҷумла намояндаи СММ ва русҳо ҳам ӯро наёфтанд. Амирқул Азимов, ки дабири Шӯрои амният ва нозири фаъолияти Кумисюни назорати оташбас буд, назди ман омада гуфт, ки раисҷумҳур мехоҳад мулоқот кунад. Онҳо бо ин умед пеши ман омаданд, ки шояд ман бидонам, устод дар куҷост. Дар сӯҳбатҳои ману раисҷумҳур ҳам фақат ҳамин масъала матраҳ буд, ки ман ҳар кореро, ки метавонам, анҷом диҳам, то устодро биёбам ва ба ӯ бирасонам, ки раисҷумҳур хостори мулоқот бо ӯст. Бо вуҷуди он ки ман низ дар воқеъ намедонистам, ӯ дар куҷост. Ҳатто шиноснома ҳам надоштам. Бароям ҳама васоили сафарро омода ва хоҳиш карданд, то устодро бикобаму биёбам. Эрон рав гуфтанд. Мо ҳам дар Теҳрон бо азобҳои зиёде устодро ёфтему паёми раисиҷумҳурро расондем. Аз ин беш ман ҳеч сӯҳбате ҳам надоштаму ҳеҷ рисолати дигар ҳам. Ин мулоқот дар қасри раисиҷумҳур бо талоши Амирқул Азимов сурат гирифт. Баъдан дар Маскав. Зимистон буд, ки он ҷо аз ҳарду ҷониб

ҳам Муҳаммадсаид Убайдуллоеву Ҳоҷӣ Акбар Тӯраҷонзода ба унвони раҳбари гурӯҳҳои музокиракунанда ширкат доштанд ва ҳам ва раисиҷумҳуру устоди марҳум. Боз ҳам як чунин сӯитафоҳумҳо пеш омаданд ва чунин вазъият пеш омад, ки ҷониби мухолифон музокиротро тарк мекунад. Шукурҷон Зуҳуров хоҳиш кард, ки паёми раисиҷумҳурро ба устод бирасонам. Раисиҷумҳур ҳам дар як сӯҳбати кӯтоҳе, ки бо ман анҷом дод гуфт, мо набояд аз ин нишаст дасти холӣ баргардем.

**Озодӣ:** Устод Нурӣ чӣ хел қабул карданд, ки Шумо миёнаравӣ мекунед?

**Ҷ. Маҳмуд:** Устоди марҳумро аз ин хушаш наомад. Аммо маҷбур будам, чун дар меҳмонӣ ва зери назорати ҳукумат қарор доштам. Як навъ таҳдид ҳам шуд аз ҷониби ҷаноби Азимов, ки чӣ хел мешавад, ин хоҳишро рад кард, чун Шумо дар меҳмонхона ва таҳти назорати амнияти ҳукумат ҳастед ва раисиҷумҳур аз ман хоҳиш кард, ки бо кӯмаки Шумо бо Нурӣ мулоқот анҷом диҳад, чӣ гуна “не” мегӯед. Яъне, ин як навъ ишора ба таҳдид буд. Гуфтам, устод мебахшед, аммо илоҷи дигар набуд ва мехоҳанд, ҳамон мулоқоти қатъшударо аз нав барқарор кунанд. Устод гуфт ҳама азхудгузариҳо аз ҷониби мо сурат гирифта истодааст ва ҳамеша талоши вохӯрӣ карданро мо мекардем, ки аз ин корҳои мо, ба истилоҳи тоҷикӣ ҷониби ҳукумат дигар маст шуду аз худ рафт. Омадани худат гувоҳи он аст, ки ниҳоят онҳо ин дафъа мехоҳанд мулоқот барпо шавад.

**Озодӣ:** Вақте бо раисҷумҳур сӯҳбат доштед, эҳсос мекардед, ки ӯ ин мулоқотро ҷиддан мехоҳад?

**Ҷ. Маҳмуд:** “Фикр мекунам, ки ҷиддан мехост. Чун ҳатто ба ман вохӯрӣ кардан хост ва ниҳоят ин ҳама сӯҳбатҳо анҷом ёфтанд. Вақте дар вохӯрӣ бо ман эҳтиёҷ дошта бошанд, пас, маълум аст, ки ҷиддан мехоҳанд ин вохӯрӣ сурат бигирад, аммо таҳи ин хостаҳо чӣ нуҳуфта буд, ман аз онҳо огоҳ набудам.”

**Озодӣ:** Мегӯянд, ки дар масъалаи интихоби раиси КОМ низ баҳсҳои зиёде ба вуҷуд омада буд. Гӯё ҷониби давлат ҳам намехост, ки Ҳоҷӣ Акбар Тӯраҷонзода роҳбари он бошад ва аз ҷаноби Нурӣ ҷонибдорӣ мекард. Барои чӣ?

**Ҷ. Маҳмуд:** "Гуфта наметавонам, ки ҳукумат дар ин бора як чизи ошкор ба касе гуфта бошад, ки раҳбар устод Нурӣ бошанд, на устод Тӯраҷонзода. Агар чунин сӯҳбатҳо шуда бошанд ҳам, на расмӣ, балки маҳрамона анҷом ёфтаанд. Аслан чунин савол ҳам матраҳ набуд, ки устод Тӯраҷонзода раиси КОМ баргузида шаванд. Аммо мегуфтанд, ки Саид Абдуллоҳи Нурӣ як нафари мазҳабӣ аст ва мақоми болотар аз раиси Кумисюни Оштии Миллӣ дошта бошаду аз худаш поён касе дошта бошад, ки ӯ раиси ин кумисюн шавад. Дар сурате, ки раиси Кумисюни Оштии Миллӣ бо мушкилу камбудҳо мувоҷеҳ шавад, устод битавонад, ки онҳоро аз байн барад. Вале агар худаш ба ин мақом ояд, дигар аз он ниҳоди болое нест, ки дар сурати пеш омадани камбудиҳо битавонад, бартараф кунад. Ҳукумат ҳам, албатта инро мехост, ки устод Нурӣ раҳбар бошад, чун ӯ як шахси нармтабиат буд ва зиёд гузашт мекард. Чун ӯ аз аввал эълон карда буд, ки ҷанги ман барои сулҳ аст, на барои гирифтани ҳокимият.

**Озодӣ:** Оё дар давоми фаъолият дар Кумисюни назорати оташбас, ки хеле давраи мураккаб буд аз тарафи фармондеҳон таҳдид мешудед?

**Ҷ. Маҳмуд:** Бале, ин гуна ҳодисаҳо хеле зиёд сурат гирифта буд. Дар Теппаи Самарқандӣ қумондонҳо Раҳмону Мансур саркаш шуда буданд. Онҳо нафарони сиёсӣ набуданд ва намефаҳмиданд. Нафарони эҳсосӣ буданд. Як бор мо рафтем ба назди онҳо, то ки насиҳат кунем. Вақте расидем, шоҳиди амалиёти густардаи нерӯҳои ҳукуматӣ зидди онҳо шудем. Мо аз ин огоҳӣ надоштем. Дар пости аввали зери назорати нерӯҳои ҳукуматӣ боздошт карданд. Чун риш доштем, мавриди шубҳа қарор гирифтем. Хулоса, моро ҳамроҳи Юсуф Ҳакимов ҷудо карданд ва ошкоро гуфтанд, ки мошинро дигар тарафи теппа бареду тарконед, пас ба мо ишора карданд, ин ду нафарро дар дигар тараф парронед. Он вақт муайян карда намешуд, ки онҳо аз вазорати дифоъ ё корҳои дохилӣ буданд, чунки амалиёт муштарак сурат мегирифт. Ронандаро ба дигар самту моро ба самти дигар бурданд. Ягон ҳарфи зиёдатӣ ҳам намегуфтанд, ҷайбҳоро ҳам накофтанд. Моро дар болои БТР бурданд ба тарафи Роҳативу ба дасти нафарони дигар супориданд. Аз он ҷо ҳамроҳи маҷруҳон ба автобус шинонида ба Душанбе гусел карданд. Моро ин ҷо УВД-и шаҳр оварданд. Ба ошёнаи сеюм баровардаанду баъд гуфтанд, ки шом Шуморо бурда, дар Қӯрғонтеппа мепарронем. Ронандаи моро он ҷо як нафар милиса, ки ҳамсояаш будааст, мешиносаду ба оилааш хабар мекунад.

Оилаи ӯ рафта, ба дафтари СММ муроҷиат мекунад. Чунки ӯ ронандаи онҳо буд. СММ ба ВКД муроҷиат мекунад, ки кӣ ин амалиётро гузаронида истодааст. Маълум шуд, ки ин амалиётро УВД-и шаҳри Душанбе доир кардааст. Давоми ин се-чор соате, ки интизори шом ва бурдани худ ба қатлгоҳ будем, пайдоямон карданд. Хулласи калом, ёфтанду халос карданд ва бурданд назди вазири ВКД Ҳумддин Шарифов. Ӯ маъзарат хосту гуфт, бифаҳмед, ки ин як ҳолати ҷангӣ аст.

**Озодӣ:** Шумо бо қумондонҳои ҳарду тараф сӯҳбат меоростед. Кадоме аз онҳо бештар саркашу ба қавле "гизала" буданд?

**Ҷ. Маҳмуд:** Дар самти поён ҳамин Раҳмону Мансур буданд, ки миёни мо ҳеч ҳамдигарфаҳмӣ ба амал намеомад. Дар боло бошад, бо ягон нафар аз қумондонҳои мухолифон мушкил надоштем. Як навбат Раҳмону Мансур мошини моро зада шикастанду ҳамроҳони моро гаравгон гирифтанд ва мо рафта, хостаҳои онҳоро ба ҳукумат расонидему бароварда кардем. Сипас, бо мошини дигар рафта гаравгонҳоро аз онҳо пас гирифтем.

**Озодӣ:** Қумондонҳо ҳама аз як фармондеҳ итоат мекарданд ё ҳар нафари онҳо аз минтақаи худ дифоъ мекарду касеро гӯш намедод?

**Ҷ. Маҳмуд:** Як чунин таҷриба ҳам ба кор гирифта шуда, ҳамаи нерӯҳоро зери назорати Ризвон супорида буданд. Ризвон аз худ рафту мухолифат ва нофармонӣ кард ва дарди сар шуд. Пас аз ин устод чунин тасмим гирифт, ки ҳар фармондеҳ дар алоҳидагӣ бо ӯ ҳамсӯҳбат шаванд, на ба воситаи якдигар. Вақте Мирзохуҷа Низомро мехостанд, фармондеҳи кулли минтақа эълон кунанд, устод аз ин ранҷид, ки ӯ ҳам шояд ба як Ризвони дигар табдил шавад. Устод дастур дод, ки Муҳаммадрӯзӣ, Шайх ё Мирзохӯҷа Низом ҳар кадоме мустақим ба ӯ муроҷиат кунанд. Ҳарчанд онҳо нисбат ба ҳамдигар эҳтиром доштанд, аммо расман якдигарро итоат намекарданд.

**Озодӣ:** Аз имзои созишномаи сулҳ 14 сол гузашт. Ҳам дар дохил ва ҳам дар хориҷ он таҳлил мешавад, вале назарҳо якранг нестанд. Оё фикр мекунед, ки воқеан мухолифон фиреб хӯрданд?

**Ҷ. Маҳмуд:** Аввал ин ки ҳоло Иттиҳоди мухолифон аз байн рафтааст. Дуюм ин ки Гурӯҳи Тамос ва Гурӯҳи кишварҳои кафили сулҳ аз байн рафтанд. Онҳо кафолат дода буданд, ки дар сурати иҷро накардани шартҳо аз тарафи ҳукумат мо кафил хоҳем буд. Мо ҷавоб мегӯем гуфтанду дигар аз онҳо ному нишон боқӣ намондааст. Ҳозир агар як нафар аз собиқ мухолифон бо як мушкилии кӯчак гирифтор шавад, намедонад, ки ба кӣ муроҷиат кунад. Он нафарон куҷо шуданд, ки даъво мекарданд, агар ба сари ту мушкил ояд, мо ҷавоб мегӯем. Иттиҳод пароканда шуд, дигар ҳар нафар чӣ коре, ки хост, дар танҳоӣ анҷом дод. Дигар нафаре пайдо нест, ки ин ҳамаро зери итоати худ дарорад. Ҳозир ҳукумат ҳам дигар ба фиреб кардан ниёзе надорад. Бо роҳи зӯрӣ, бидуни фиреб ҳар нафареро, ки хост, мегирад, маҳкам мекунад. Ҳоло дигар вориси Иттиҳоди нерӯҳои оппозитсион расман ҲНИТ ҳам нест. Агар як нафар болои сараш мушкилӣ ояд, пеши кӣ равад? Пеши Ҳизби демократ, пеши ҲНИТ, «Лаъли Бадахшон"-у "Растохез"? Пеши кӣ биравад?

**Озодӣ:** Дигар тавозуни сиёсӣ ҳам риоя намешавад?

**Ҷ. Маҳмуд:** Бале, як вақт тавозун буд. ИНОТ онро ҳифз карда натавонист, он аз байн рафт. Ҳозир оппозитсия оппозитсияи пешина нест. Дигарон пайдо шудаанд, шояд ягон нафар аз мухолифони собиқ ҳам ҳамроҳашон бошад. На пешинаҳо мехоҳанд, онҳоро роҳбарӣ кунанд ва на ҳозираҳо мехоҳанд, ки аз пешинаҳо ягон нафарро роҳбар бидонанд.

**Озодӣ:** Манзурам ин буд, ки ин сулҳсозиҳо бо гурӯҳи ҳоким ба ҳамин натиҷа овард, ки дигар гурӯҳи ҳоким ҳокимияти мутлақ дорад, ҳеч нерӯи дигарро писанд намекунад ва ин натиҷаи ҳамон сулҳ аст?

**Ҷ. Маҳмуд:** Агар гурӯҳи ҳоким мудирияту таҷрибаи хуб медошт, мебоист сулҳи пешинаро муҳтарам медонист. Барои чӣ? Барои он ки шояд гурӯҳҳое пайдо шаванд ва боз нафари дигар ин ҷо лозим меояд, ки миёни онҳо сулҳ кунад. Яъне дигар гурӯҳи нав мегӯяд, ки мо ба сулҳи ҷониби ҳукумат бовар намекунем, чунки дидем натиҷааш бо чӣ анҷомид. Акнун тоза, вақте қонуни афвро қабул карданд, ба ин натиҷа расиданд, ки гурӯҳҳову афроди ҳамроҳ бо Маҳмуд Худойбердиев дар ҳаводиси водии Ҳисору Хуҷанд ширкатдошта ҳам шомили афв шаванд. Дигар

тоза эҳсос карданд, ки намешавад ҳамеша бо зӯриву саркӯбгарӣ ба ҳадаф расид ва амниятро таъмин кард. Маҷбур шуданд. Аз сулҳ дар маҷмӯъ миллати тоҷик бурд кард, аммо аз он истифодаи хуб карда натавонист. Сулҳро ҳамчун муқаддасот натавонистанд ба ҷаҳониён муаррифӣ кунанд, ки ҳар кӣ сулҳ мекунад чунин натиҷа ва фоидаҳоро ба даст меорад. Баръакс, ба ҷаҳониён чунин муаррифӣ карданд, ки ҳаркӣ сулҳ мекунад чунин зарарҳоро ба даст меорад.

*Мусоҳиб Абдуқаюми Қаюмзод. 30 август,соли 2011. Душанбе.*

## Рамазон Мирзоев: "Ҳарду тараф мехост, ки сулҳ шавад"



*Созишномаи умумии сулҷи Тоҷикистон дар Маскав дар давре имзо шуд, ки Рамазон Мирзоев, сафири Тоҷикистон дар Русия буд ва аз рӯйи вазифааш дар ҳар лаҳзаи гуфтугӯҳо ширкат доштаву шоҳиди воқеаҳои он будааст. Мусоҳибаи мо бо ӯ дар остонаи таҷлил аз 15-умин солгарди имзои Созишномаи сулҳи тоҷикон баргузор гашт ва нахустин суол ҳам ин буд, ки аз он рӯзҳо чӣ хотираҳое дорад ва имзои ин созишнома чӣ гуна ба даст омадааст.*

**Рамазон Мирзоев:** "Он лаҳзаҳоро ман ҳеҷ гоҳ фаромӯш намекунам. Ҳайати ҳукуматӣ бо роҳбарии президент Эмомалӣ Раҳмон рӯзҳои 23-24-уми июн барои омода кардани асноди гуфтушунид ва имзои қарордод ба Маскав омаданд. Роҳбарии ҳайати музокиротӣ аз ҷониби ҳукумати Тоҷикистонро Талбак Назаров, ки он замон вазири умури хориҷӣ буданд, бар ӯҳда доштанд. Аз ҷониби мухолифон Сайид Абдуллоҳи Нурӣ ва Ҳоҷӣ Акбар Тӯраҷонзода роҳбарии ҳайатро бар дӯш доштанд ва дар рӯзҳои 24, 25, 26-ум, ки даври мизи музокирот ҳарду ҷониб нишаста буд, сӯҳбатҳои душвору баҳсҳои печ-дар печ сурат мегирифт. Гуфтугузорҳо то ҳадде пуршиддат ҷараён мегирифт, ки одам ба чунин хулоса меомад, ки шояд он чизе ки мо дар ниҳоят мехоҳем, ба даст наояд."

**Озодӣ:** Баҳси асосӣ сари кадом масъала сурат мегирифт?

**Р. Мирзоев:** "Агар дар ёд дошта бошед, он шабу рӯз дар минтақаи Қаротегин кадом як гурӯҳи мухолифинро ҳукумат боздошт карда буд. Ҳоло ман ҷузъиёти онро фаромӯш кардаам, вале сари ин масъала ба ҳадде баҳсу даъво сурат гирифт, ки қариб буд, музокирот комилан қатъ шавад."

**Озодӣ:** Яъне ҷониби мухолифон мехост, ки ин гурӯҳ озод карда шавад?

**Р. Мирзоев:** "Бале, мақсад озодсозии онҳо буд. Аммо ҷониби ҳукумат мегуфт, ки ҷиноят содир кардаанд ва расидагӣ ба сарнавишти онҳо ба воситаи қонун ва додгоҳ сурат мегирад."

**Озодӣ:** Баҳс байни киҳо сурат мегирифт?

**Р. Мирзоев:** "Баҳс байни тарафҳо, аз тарафи ҳукумат Талбак Назаров, Шукурҷон Зуҳуров, Саид Салимов, Иброҳим Усмон ва аз тарафи мухолифин Сайид Абдуллоҳи Нурӣ, Ҳоҷӣ Акбар Тӯраҷонзода, Отахон Латифӣ ва дигарон. Ногуфта намонад, ки дар ин баҳсҳо Борис Патухов, муовини аввали вазири умури хориҷии Русия ҳам иштирок мекард. Намояндаҳои давлатҳои нозир ҳам ҳузур доштанд. Албатта, ин ҷо масъалаи дастгиршавии танҳо он гурӯҳ набуд. Масъалаҳои дигар, аз ҷумла масъалаи сифоиза ва доду гирифти мансабҳо ҳам буд, вале баҳс бештар болои ҳамон гурӯҳ буд. Хуллас, то соатҳои се ба натиҷае нарасидем."

**Озодӣ:** Ҷаноби президент ҳам буд?

**Р. Мирзоев:** "Ҷаноби президент ҳам буданд. Он кас аз тарафи мухолиф ва ҳам аз давлатҳои нозир хоҳиши онро мекарданд, ки бояд дар ин ҷо ба як хулосае оем. То ки субҳ дар Кремл бо иштироки Борис Елтсин, раисиҷумҳури Русия, ин қарордод имзо шавад. Чун ба натиҷа расида натавонистем, маслиҳат шуд, ки субҳ соати шашуними бомдод дар дафтари ҷаноби Примаков бояд ҳарду тараф ҷамъ шаванд. Зеро соати имзошавии қарордод дар Кремл таъйин шудааст. Соати шашуним 7-и субҳ дар дафтари Евгенийий Максимович Примаков-вазири умури хориҷии Русия гуфтшуниди тарафҳо бо роҳбарии Эмомалӣ Раҳмон, раисиҷумҳури Тоҷикистон ва Саид Абдуллоҳи Нурӣ, роҳбари ИНОТ, ва бо

ширкати Примаков ва Борис Пастухов -- муовини ӯ шурӯъ шуд. Ин ҷо бояд як нуктаро ишора намоям, ки дар баъзе аз марҳилаҳои гуфтушунид мо низ иштирок карда наметавонистем. Танҳо ҳайати ду тараф ва намояндаи СММ ва кишварҳои нозир ширкат мекарданд. Хуллас, гуфтугузору гуфтугузору гуфтугузор, ҳеч не, ки мухолифон сар фуроранд. Як лаҳзааш ҳеҷ аз хотирам намеравад. Примаков дасти Сайид Абдуллоҳи Нуриро гирифта ба як кунҷ бурда, кадом нуктаеро фаҳмонд. Пас аз он дар онҷо нишаста, лоиҳаи қарордодро омода карданд, ҳарду тараф ризоият доданд ва соати 10 санади Созишномаи умумии сулҳ ва ризоияти миллӣ ба имзо расид."

**Озодӣ:** Дар он шабу рӯзҳо миёни роҳбарони ду ҷониб сӯҳбатҳои ғайрирасмӣ ҳам сурат мегирифт?

**Р, Мирзоев:** "Ин гуна сӯҳбатҳо на танҳо байни ду нафари аввал, балки байни бақия аъзои ҳайатҳо ҳам баргузор мешуданд. Он вақт ҳарду ҷониб талош мекарданд, ки зудтар сулҳу салоҳ ба даст ояд. Ман сафир будам ва ёдам ҳаст, ҳамин Зайд Саидов, ки он вақт дар ҳайати мухолифин буд, меомад сафорат барои шиноснома ва ё виза. Мо талош мекардем, ки дар корҳо таъхир нашавад, тез анҷом ёбад, чун чи хеле гуфтам, ҳама дар фикри сулҳу суботи кишвар будем. Зимнан, оши оштии аввалини баъди имзои Созишномаи сулҳ ҳам дар сафорат баргузор шуд. Ҳарду тараф соатҳои 12 дар бинои сафорат ҳозир шуданд. Мисле, ки ҳама ба хонаи худаш омад. Рӯҳия ва чеҳраҳои ҳарду тараф тамоман дигар шуда буд. Зеро ҳарду тараф ба мақсади худ, ба мақсади деринаи миллати худ расида буданд."

**Озодӣ:** Ҷонибҳо пушти дастархон чӣ тавр менишастанд?

**Р. Мирзоев:** "Мо барои тарафҳо ҷо ҷудо карда будем, аммо вақти нишастан дигар ҳама ба ҳам омехт ва ҳар кас ҳамсӯҳбати худро ёфта бо ӯ менишаст. Рости гап, барои ман, ки мизбон будам, ин лаҳзаҳои бисёр аҷиб фаромӯшношуданист. Воқеан, ба қадри сулҳ бояд бирасем. Ман аз соли 1975-ум то 1978-ум дар Кобул дар давраи Довуд кор кардаам. Хеле ободу пурию серӣ буд. Баъдтар замони сафирӣ дар Эрон дар як ҷаласа бори дигар ба Кобул рафтам. Аммо он Кобул фарқ дошт аз он Кобуле, ки сӣ сол пеш дида будам. Худо нишон надиҳад. Беш аз сӣ сол аст, ки дар кишвари ҳамсояи мо ҷанг давом дорад. Аз ин ҷиҳат коре, ки

Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон ва Саид Абдуллоҳи Нурӣ, роҳбари Иттиҳоди нерӯҳои мухолифини тоҷик барои миллат анҷом доданд, ин қаҳрамонӣ аст."

**Озодӣ:** Вақте Созишномаи сулҳ дар Кремл ба имзо расид, ҷонибҳо қадаҳ бардоштанд. Дар дасти роҳбарони мухолифон ҳам қадаҳҳо буданд?

**Р. Мирзоев:** "То омадани меҳмонҳо, рости гап, болои миз машрубот гузошта будем. Вақте ҳама ҷамъ шуданд, аз ҷумла оқои Нурӣ ва оқои Тӯраҷонзода аз сари миз нӯшокиҳои спиртиро гирифтем. Мо аз рӯи эҳтирому ҳурмати он тараф ҳама нӯшокиҳои спиртиро аз рӯйи миз гирифтем ва як мизи тоҷикӣ шуд бо чою бо қаҳваву ҳар гуна нӯшобаҳо. Аммо барои бародарони рус ва дигарҳое, ки майл доштанд, хонаи алоҳида дуруст карда будем. Хуллас, коре кардем, ки шароит барои ҳама мувофиқ бошад ва ягон кас ягон мушкилот ҳис накунад."

**Озодӣ:** Вақте Борис Елтсин дастони роҳбарони ҳару тарафро мефишурд, бо роҳбарони мухолифин ҳам чизе радду бадал кард?

**Р. Мирзоев:** "Сӯҳбат он ҷо аз таҳти дил буд. Борис Елтсин ҳам бо Раҳмон ва ҳам бо Нурӣ баробар гап мезад. Бо ҳарду тараф як хел муносибату рафтор мекард."

**Озодӣ:** Вале тавре худ зикр кардед, роҳбарони ҳарду ҷониб ба ҳам омаданд ва ин сулҳ ба даст омад. Аммо ҳоло як тарафи сулҳро гӯё фаромӯш кардаанд...

**Р. Мирзоев:** "Рости гап, чандин сол дар хориҷ аз кишвар фаъолият мекардам ва дар рӯзҳои ҷашни Ваҳдату маросимҳои вобаста ба он кӣ иштирок мекард, кӣ иштирок намекард, киро даъват мекарданд, намедонам. Имсол, ки 15-солагии имзои ин санади тақдирсозро бо ҳам таҷлил мекунем, хоҳем дид, ки кӣ иштирок мекунад ва кӣ не."

*Мусоҳиб Абдуқаюми Қаюмзод. 25 июн,соли 2012*

## Давлат Усмон: “Иҷлосияи Хуҷанд дуҳокимиятиро дар кишвар аз байн бурд”



**Радиои Озодӣ:** Ташаббуси баргузор кардани иҷлосияи Хуҷанд аз куҷо бархост? Назарҳои давлат, мухолифин ва Фронти халқӣ дар ин бора чӣ буд?

**Давлат Усмон:** Ҷаласаи Хуҷанд ҳам заминаҳои сиёсӣ дошт, ҳам заминаи дахолати унсурҳои хориҷӣ. Заминаи сиёсӣ ин буд, ки дар тӯли бештар аз ним аср ҳукумати сиёсӣ дар дасти мардуми шимол буд ва табиист, ки аксарияти парлумони кишвар ҳам дар дасти мардуми шимол буд. Ташкили Иҷлосияи Хуҷанд имкон медод намояндагони аз манотиқи ғайришимол, аз манотиқи оппозисиюнро дар он ҷо дар ҳолати ғайриозод нигоҳ бидоранд. Яъне дар сурати дилсӯзии онҳо аз тарафи оппозисиюн, ки аксарият аз тарафи ҷануб буданд, раъйи онҳоро чӣ (ҳисоб – идора) накунанд. Ҷиҳати сиёсӣ ин буд. Яке аз заминаҳои дигари сиёсиаш шояд ин буд, ки вақте иҷлосияи августии 15 – ум дар Душанбе доир гардид, ҳадаф аз баргузор намудани он бартараф кардани дуҳокимиятӣ ё ҳараҷу мараҷ дар ҳукумати муросои миллӣ буд. Дар тӯли се моҳи баъд аз ташкили ҳукумати муросои миллӣ маълум шуд, ки оқои Набиев наметавонад давлатро идора ва раҳбарӣ кунад. Ва ин хулосаи оппозисиюн буд. Дар иҷлосияи 15 – ум Раҳмон

Набиев ба тариқи қонунӣ, бо раъйи намояндагони парлумон бояд ба истеъфо мерафт. Ва касе ки парлумон ӯро пешниҳод мекарду ҳукуматро дар даст мегирифт ва вазъиятро ором мекард, бояд ба сари қудрат меомад. Афроди ғайриопозисиюни дохили ҳукумат, ки бо оппозисиюн як бозӣ пеш мебурданд, бо муқобилони оппозиюн бозии дигар роҳ андохтанд, бо ин бозиҳои пинҳон, он ваъдаеро, ки дар Иҷлосияи 15 – ум доданд, иҷро накарданд. Набиев бо он ҳукумати фалаҷгаштааш дар сари қудрат монд. Баъд аз он ки вазъият хеле вазнин шуд ва ҳукумат маҷбур шуд ба раиси ҷумҳур нобоварӣ эълон кунад, раиси ҷумҳур шарт гузошт, ки  истеъфои худро дар Хуҷанд эълон кунад. Аз аввал ибтикори Раҳмон Набиев буд, ки ҷаласа дар Хуҷанд барпо шавад. Қарор шуд, ки раёсати парлумон якҷоя бо ҳукумат ба Хуҷанд биравад, намояндагоне, ки хоҳиш доранд, дар ин ҷаласаи муштарак иштирок кунанд ва дар ҳузури онҳо оқои Раҳмон Набиев истеъфои худро эълон кунад. Ва мо бояд якҷоя парвоз мекардем ва рафтем ба майдони ҳавоӣ.  Ва иғвое, ки дақиқ тарҳрезӣ шуда буд, дар он ҷо анҷом шуд ва оқои Раҳмон Набиевро мабур карданд, ки аризаи ба истеъфо рафтани худро имзо кунад. Ин ғайриқонунӣ буд дар он рӯзҳо ва авзои кишварро боз ҳам вахимтар кард. Фикр мекунам ин яке аз заминаҳои доир кардани Иҷлосияи Хуҷанд буд. Як заминаи дигар ҳам, мувофиқати яктарафаи оқои Акбаршоҳ Искандаров буд, ки  гӯё ӯ ташкили Иҷлосияи Хуҷандро бар ӯҳда гирифтааст. Дар ин бора дар қароргоҳи фирқаи 201 – и Русия байни оқои Сафаралӣ Кенҷаев ва Акбаршоҳ Искандаров як санаде имзо шуда буд. Ин ҳам заминаи дигар барои ташкили Илосияи 16 - ум дар Хуҷанд буд.

**Озодӣ:** Иҷлосияи 16 – ум дар Хуҷанд чӣ гуна ҷараён дошт? Оё фишоре аз дохил ё хориҷро ба ҷараёни иҷлосия эҳсос мекардед ?

**Д. Усмон:** Ин як чизи табиӣ аст, ки вақте як гурӯҳ бо гурӯҳи дигар дар ҳолати ҷангу хунрезӣ қарор дорад, як гурӯҳ ба минтақаи зери контроли гурӯҳи дигар биравад, худро озод ҳис намекунад. Лекин рӯзи 16 - уми ноябр, ки иҷлосия шурӯъ шуду дар кори он як нофаҳмӣ ба миён омад ва 2 рӯз  танаффус эълон шуд, (ин гапи ҷои дигар аст), худи ҳамон рӯз бар ҷони ман сӯиқасд сурат гирифт. Субҳи рӯзи 17 ноябр Ҷӯрабек Аминов, муовини вазири амният дар шаҳри Душанбе террор карда шуд. Шаби дигар, ки мо аз ҷаласаи иҷлосия хориҷ шудем ва бо мошини раиси вилоят, ки моро - ҳамчун муовини нахуствазир ҳамроҳӣ мекард, ба Хуҷанд бармегаштем, бар ҷони ман сӯиқасд сурат гирифт. Мо бо  мушкил аз ин

сӯиқасд наҷот ёфтем ва субҳ ман маҷбур шудам сареъ (зуд) ва пинҳонӣ Хуҷандро тарк кунам. Яке аз депутатҳои  парлумон, ки номаш ҳамон вақтҳо ба ҳама маълум буд, ба Эмомалӣ Шарипович Раҳмонов, ки ҳамон вақтҳо тоза раиси парлумон интихоб шуда буд, хат равон кардааст, ки Давлат Усмон аз ин ҷо фирор карда, дар Маскав аст, ӯро ҳабс кунед, ки  ба хориҷа фирор накунад.

Дар Маскав маро сафири ҳамонвақтаи Тоҷикистон дар Русия - Ҷамшед Каримов пешвоз гирифт ва рафтем ба сафорат. Оқои Каримов гуфт, ки алъон дар Иҷлосияи Хуҷанд ҳамин хел хабар ба ҷаноби Эмомалӣ Шарипович расидааст, ки шумо мехоҳед ба хориҷа фирор кунед. Ман аз телефон ба Абдумалик Абдуллоҷон, ки он вақт раиси Шӯрои вазирон буд, занг задам. Гуфтам, ки чунин ҳарфе садо додааст, ки он дуруст нест. Ман ҳеч ҷо фирор накардаам. Ман омода ҳастам, ки дубора ба Хуҷанд баргардам. Агар амният таъмин шавад.  Ва оқои Абдумалик Абдуллоҷонов,  фикр мекунам, ки баъди машварат бо оқои Эмомалӣ Шарипович Раҳмонов, ки тоза раиси Шӯрои Олӣ интихоб шуда буд, ба ман гуфт, ки метавонам ба Хуҷанд баргардам. Ҳамин буд, ки ман 22 ноябр дубора ба Хуҷанд бозгаштам.

**Озодӣ:** Чаро дар ҳайати ҳукумате, ки ба ҷои ҳукумати муросои миллӣ дар ин иҷлосия ташкил шуд, ба намояндагони оппозисиюн ягон мақоме дода нашуд?

**Д. Усмон:** Раиси тозаинтихоби парлумон, ки иҷрокунандаи вазифаи раиси давлат ҳам буд, фикрҳои хеле хуб дошт. Масалан, вақте ки дар майдони ҳавоӣ қумондонҳоро гусел мекард, ҷаноби Эмомалӣ Шарипович Раҳмонов гуфт, ки мехоҳад ҳукумате биёяд, ки сулҳу салоҳ биёрад. Аммо дар он вақт фишор болои ҷаноби Раҳмонов ҳам хеле зиёд буд. Тамоми қумондонҳои Фронти халқӣ ҳавои реванш, қасосгирӣ доштанд. Ниқор доштанд. Аммо оқои Раҳмонов, ки нияти хуб дошт, наметавонист он вақт онро амалӣ кунад. Ҳарчанд кӯшиш кард. Аммо ман фикр мекунам, ки агар он вақт ҷаноби Эмомалӣ Шарипович ҳам дохил кардани тарафи мухолифро ба ҳукумат мехост, барояш хеле мушкил буд. Ягон пешниҳоде ҳам нашуда буд. Шахсан ба ман ягон пешниҳоде нашуда буд, ки дар ҳукумати оянда бошам. Ҳукумате, ки дар он вақт ташкил мешуд, ҳукумате буд, ки Фронти халқӣ худро дар маснади пирӯзӣ медид ва намехост, ки ҳукумати мусолаҳа ё муросои  миллӣ дубора эҷод шавад. Яъне, ҳукумати коалитсиониро намехост. Ҳеҷ як пешниҳоде ҳам барои ягон мухолиф нашуд.

**Озодӣ:** Дар бораи нопадид шудани Сафаралӣ Кенҷаев сару садоҳо зиёд буданд. Махсусан ки Кенҷаев дар ҳоле аз иҷлосия ғайб зад, ки фармондеҳони ҳар ду тараф: ҳам оппозисиюн, ҳам Фронти халқӣ  ба Хуҷанд омаданд. Оё ин ҷо ягон робитае вуҷуд дошт?

**Д. Усмон:** Ман ҳам аз овозаҳо дар он ҷо, баъдан ҳам аз эътирофи худи Кенҷаев фаҳмидам, ки ӯ дар он рӯзҳо гӯё назарбанд, ҳабси хонагӣ шудааст - барои он ки дар иҷлосия, дар вақти интихоби раиси парлумон халал ворид накунад. Чунки ӯ даъвогари асосии ин буд, ки оқои Набиев ба ҳайси раиси ҷумҳур ва оқои Кенҷаев ба ҳайси раиси парлумон барқарор шаванд. Иддаои оқои Кенҷаев ин буд. Ҳатман ӯ намехост, ки дар Хуҷанд каси дигар раиси парлумон шавад. Фикр мекунам, аз ин ки ӯ воқеияти ҳамонрӯзаро намехост дар назар бигирад ва мехост қудратро ба даст бигирад Фикр мекунам, ки тавофуқи умумие, ки шуда буд, ба фоидаи ӯ набуд. Аз ҳамин лиҳоз  фикр мекунам, ӯро назарбанд (ҳабси хонагӣ) карданд.

Вақте ки Иҷлосия шурӯъ шуд, дидем, ки  раиси қонунии парлумон, Акбаршоҳ Искандаров ҷаласаро шурӯъ накард. Ба ҷои ӯ Ҳабибулло Табаров, ки яке аз аъзои парлумон буд, ҷаласаро шурӯъ кард. Дар ин вақт аз ин рафтор, ки ғайриқонунӣ буд, мо, аъзои ҳукумат эътироз карда, аз толори ҷаласа хориҷ шудем, яъне нахуствазир бо муовинон ва дигар аъзои ҳукумат. Баъд аз ин дар кори ҷаласа як мушкил эҷод шуд ва дурӯза танафус эълон шуд. Талаби мо ин буд, ки бояд ҷаласаро раиси кунунии парлумон – Акбаршо Искандаров, ки раиси қонунӣ буд ва ҳоло аз мансабаш барканор нашуда буд, ӯ ифтитоҳ кунад ва пеш барад. То он даме ки парлумон ба ӯ раъйи ғайриэътимод надиҳад, тибқи қонун, ҷаласаро бояд раис бубарад.

**Озодӣ:** Эътирози шумо ба инобат гирифта шуд ?

**Д. Усмон:** Эътирози мо ба инобат гирифта шуд. Ва мушкилоти дигаре ҳам буданд. Оқои Сафаралӣ Кенҷаев ҳам даъво мекард, ки Акбаршоҳ Искандаров ғайриқонунӣ раиси парлумон интихоб шудааст, раиси воқеии  парлумон худи ӯст. Шояд, ӯ ҳам даъво дошт, ҷаласаро ӯ бубарад. Ва шояд ин ҳам сабаб шуд, дар ҷараёни ҷаласа танаффус эълон шавад.

**Озодӣ:** Ва дар ҳамин вақти танаффус Сафаралӣ Кенҷаев  нопадид шуд?

**Д. Усмон:** Дар аввали ҷаласа Кенҷаев буд. Кай нопадид шуданашро ман намедонам. Тахмин мекунам, ки шояд, яке аз мушкилоти дар ҷаласа иштирок накарданаш ҳамин  буд.

**Озодӣ:** Чунин ба назар мерасад, ки Раҳмон Набиев, раиси ҷумҳури вақт намехост истеъфо диҳад. Як чизи дигар ин аст, ки масалан - иддаои Фронти халқӣ ин буд, ки бояд ҳукумати қонунӣ ва конститутсиониро барқарор кунад. Ба назари шумо, чаро Раҳмон Набиев оварда, дар ҷояш барқарор карда нашуд?

**Д. Усмон:** Ман фикр мекунам, ки барқарории Раҳмон Набиев вазъро тағйир дода наметавонист. Чунки дар тӯли 4-5 моҳе, ки Раҳмон Набиев раиси ҷумур буд, оҳиста – оҳиста ҳукумати Тоҷикистон фалаҷ шуд –  ӯ натавонист қудратро ба даст бигирад. Яъне амниятро дар кишвар таъмин кунад. Ӯ обрӯву эътибори худашро ҳамчун раиси ҷумҳур аз даст дода буд, дигар на парлумон, на мардум ба ӯ эътимод надоштанд. Яке аз сабабҳои барқарор нашуданаш ҳамин буд. Шояд, сабабҳои дигаре  ҳам бошад, аммо сабаби аслии воқеӣ ин буд, ки ӯ ҳамчун раиси ҷумҳур дигар мавриди эътимод набуд.

**Озодӣ:** Манзурам ин ки вақти суханронии Набиев эҳсос мешуд, ки аз мансаб даст кашиданӣ нест. Чандин бор такрор мекард, ки раиси ҷумҳур ҳастаму қисмати маро шумо, вакилони муҳтарам, метавонед ҳал кунед.

**Д. Усмон:** Албатта, агар ҳамон вақт парлумон қарор қабул карда бошад, ки оқои Раҳмон Набиев ҳамчун раисҷумҳури бесалоҳият барканор шавад, фикр мекунад, дигар – тамом. Агар ин қарор нашуда бошад, ин ҳам як иштибоҳи қонунӣ буд. Лекин агар парлумони ҳамонвақта дар бораи барканории оқои Раҳмон Набиев қарор қабул карда бошад, тибқи қонуни онвақта ин ҳақро дошт.

**Озодӣ:** Ба назари Шумо, оё иҷлосияи 16 –ум миссияи таърихии худро то кадом андоза иҷро кард ва чаро ин иҷлосия натавонист пеши роҳи ҷанги шаҳрвандиро гирад ?

**Д. Усмон:** Бубинед, як миссияи таърихии иҷлосияи Хуҷанд дар ин аст, ки дуҳокимиятиро дар Тоҷикистон расман бекор кард. Ҳукуматро як тараф ба даст гирифт, ҳукумати муросои миллиро аз байн бурд. Ва ҳукумате, ки сари қудрат омад, дар ибтидо қасд дошт тамоми нерӯҳои мухолифинро халъи силоҳ кунад ё ки дар сурати бесилоҳ нашудан аз байн бубарад. Баъд аз як–ду соли муқовимат

дарк кард, ки ин роҳи иштибоҳ аст. Дубора сари мизи музокира омад, ки дар натиҷа ҷараёни мусолиҳа дар кишвар шурӯъ шуд. Ва яке аз вазифаҳои иҷлосияи 16-ум дар Хуҷанд ҳамин бартараф кардани дуҳокимиятӣ дар Тоҷикистон буд. Иҷлосияи Хуҷанд бештар кишварҳоеро, ки аз ҳукумати ҷадид, аз нерӯҳои ҷадид эҳсоси хатар мекарданд, дар Тоҷикистон манфиат доштанд ва ҳукумати мусолиҳаи миллиро эътироф накарда буданд, мисли Узбакистон ва Русияро қаноатманд кард, ки дигар нерӯҳои ҷадид сари қудрат нестанд.

*Мусоҳиб Абдуқаюми Қаюмзод. 22 ноябри соли 2005. Душанбе*

Радиои Озодӣ

Ин китоб аз суҳбатҳое гирд омадааст, ки дар даврai гуфтушунидҳои сулҳи тоҷикон бо чеҳраҳои намоёни ин раванд анҷом ёфтаанд. Бахши умдаи онҳо бори аввал нашр мешавад ва дорои арзиши бузурги таърихӣ буда, роҳи сахту сангини сулҳи Тоҷикистонро нишон медиҳад.

Нахустин бор хонанда имкон пайдо мекунад бо матни пурраи мусоҳибаҳои Эмомалӣ Раҳмон, Саид Абдуллоҳи Нурӣ, Бурҳонуддин Раббонӣ, Гердт Дитриҳ Меррем, Ҳоҷӣ Акбар Тӯраҷонзода, Абдулмаҷид Достиев, Ливиу Бота, Иброҳим Усмонов, Анатолий Адамишин, Алиашраф Маҳмуди Шабистарӣ, Владимир Горяев, Ислом Каримов, Рамазон Мирзоев ва дигарон дар бораи раванди сулҳ ошно шавад.

Радиои Озодӣ дар эҷоди сулҳи Тоҷикистон, ки ба ҷанги хонагии солҳои 1992-97 поён гузошт, нақши муҳим ва созанда доштааст. Нахустин гуфтушуниди тарафҳо соли 1994 рӯйи амвоҷи ин расона ба амал омада, бо оғози музокирот таҳти раҳбарии СММ бозтоби мавзеъгирии онҳо, иҷрои созишҳо ва эҷоди сулҳу тафоҳум аз рисолати асосии он дар мусоидат ба сулҳ ва нигориши таърихи он будаанд.

ozodi.org

ISBN: 978-0-929849-23-2